ISSN 2226-9355

Паёми

ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО

1(49)
2023

Силсилаи илмҳои: филологӣ педагогӣ таърих

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УМУРЗОДА

ДБЗХТ

ISSN 2226-9355

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО

(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)

2023. № 1(49)

ВЕСТНИК

УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ

(серия филологических, педагогических и исторических наук)

2021. № 1(49)

HERALD

OF THE LANGUAGES UNIVERSITY

(the series of Philological, Pedagogical and Historical sciences)

2023. № 1(49)

Душанбе – Dushanbe, 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Маҷалла соли 2011 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Гулназарзода Жило Бурӣ — *доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Муовини сармуҳаррир:
Камолзода Илҳом Икром — *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

10.00.00 – Филология	
Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷамшедов Парвонахон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Турсунов Файёзҷон Мелибоевич	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Восиева Рухшона Қурбоновна	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
Олимӣ Хосият Ҳоким	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шосаидзода Сафар Ҳасан	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
07.00.00 – Таърих	
Ҳотамов Намоз Басарович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Муллоҷонов Сайфулло Кучакович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Рачабов Саиднеъмон Муллоҷонович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*
Икромов Ғайбулло Холович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2021 ворид гардидааст.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст (http: //elibrary.ru).

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:

Дар соҳаи илмҳои филологӣ: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

Дар соҳаи илмҳои педагогӣ*: 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Дар соҳаи илмҳои таърих: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.payom.ddzt.tj).

Паёми Донишгоҳи забонҳо.
Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – 2023. – № 1 (49). ISSN 2226-9355.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи №189/МҶ-97 аз 19.02.2021 сол.

Нишонии маҷалла: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

© ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 2023

ВЕСТНИК УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
Серия филологических, педагогических и исторических наук
Учредитель журнала:
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода
Журнал основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор журнала:
Гулназарзода Жило Бури — *доктор филологических наук, профессор, ректор Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода*

Заместитель главного редактора:
Камолзода Илхом Икром — *кандидат юридических наук, доцент, проректор по науке и инновации Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

10.00.00 – Филология	
Мухаммадджонзода Олимджон Обиджон	*доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм	*доктор филологических наук, профессор*
Джамшедов Парвонахон	*доктор филологических наук, профессор*
Турсунов Файёзджон Мелибоевич	*доктор филологических наук, профессор*
Восиева Рухшона Курбоновна	*доктор филологических наук, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*кандидат филологических наук, доцент*
Олими Хосият Хоким	*кандидат филологических наук, доцент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктор педагогических наук, профессор*
Шосаидзода Сафар Хасан	*кандидат педагогических наук, доцент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*кандидат педагогических наук, доцент*
07.00.00 – История	
Хотамов Намоз Басарович	*доктор исторических наук, профессор*
Муллоджонов Сайфулло Кучакович	*доктор исторических наук, профессор*
Раджабов Саиднеъмон Муллоджонович	*кандидат исторических наук, доцент*
Икромов Гайбулло Холович	*кандидат исторических наук, доцент*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 30.03.2021.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки (http: //elibrary.ru).

Журнал принимает научные статьи по следующим научным областям:

В области филологических наук: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

В области педагогических наук: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

В области исторических наук: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.payom.ddzt.tj)

Вестник университета языков.
Серия филологических, педагогических и исторических наук. – 2023. – № 1 (49).
ISSN 2226-9355.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство № 189/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
Адрес журнала: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30
© ТМУИЯ им. С. Улугзода, 2023

HERALD OF THE LANGUAGES UNIVERSITY
The series of philological, pedagogical and historical sciences
Founder of the journal:
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
The journal is established in 2011. Issued 4 times a year.

CHIEF EDITOR:
Gulnazarzoda Zhilo Buri — *Doctor of Philology, Professor, Rector of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Kamolzoda Ilhom Ikrom — *Candidate of Law, associate Professor, vice-rector on Science and Innovations of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

10.00.00 – Philology	
Muhammadjonzoda Olimjon Obidjon	*Doctor of Philology, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum	*Doctor of Philology, Professor*
Jamshedov Parvonakhon	*Doctor of Philology, Professor*
Tursunov Fauyozjon Meliboevich	*Doctor of Philology, Professor*
Vosieva Rukhshona Qurbonovna	*Doctor of Philology, Professor*
Karimov Amonullo Fayzulloevich	*Candidate of Philology, associate Professor*
Olimi Khosiyat Hokim	*Candidate of Philology, associate Professor*
13.00.00 – Pedagogy	
Sherboev Saidboy	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Ne'matov Sa'dullo Ergashevich	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Shosaidzoda Safar Hasan	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
Tovbaeva Mavluda Musulmonovna	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
07.00.00 – History	
Hotamov Namoz Basarovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Mullojonov Saifullo Kuchakovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Rajabov Saidnemon Mullojonovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*
Ikromov Ghaybullo Kholovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 30.03.2021.

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library (http: // elibrary.ru).

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field philological sciences: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

In the field pedagogic sciences: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

In the field historical sciences: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.payom.ddzt.tj).

Herald of the Languages University.
The series of Philological, Pedagogical and Historical sciences. – 2023. – № 1 (49).
ISSN 2226-9355.
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate № 189/JR-97 от 19.02.2021 г.
Address of the journal: 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan.
Web site of the journal: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Phone: (+992 37) 232-87-30

© TIUFL named after S. Ulughzoda, 2023

ТДУ: 809.155.0

МУҚОИСАИ АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ РУСУ ТОҶИК ДАР БАХШИ НАҲВИ ЗАБОНШИНОСӢ

Гулназарзода Ж.Б., Юсупова Б. Ғ.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар баррасӣ, омӯзиш ва густариши масъалаҳои мухталифи илми забоншиносӣ саҳми муҳаққиқони рус бориз буда, онҳо тавассути таҳқиқоти хеш тавонистанд, ки барои муқоисаи афкору андешаҳои илмӣ, дар қисмату бахшҳои забоншиносӣ бо афкору пешниҳоди олимону забоншиносони дигар халқу миллатҳо замина ва шароити мусоид фароҳам оранд. Бо ҳамин тартиб, дар забоншиносии рус наҳв ҳамчун ҷузъи таркибии забон ва асоси мубодилаи афкор дар мадди аввали муҳаққиқон қарор дорад.

Меҳвари асосии наҳв ҷумла буда, онро дар давраҳои ҷудогонаи тараққиёти илми забоншиносӣ ба тарзи гуногун муайян мекарданд. Назарияи наҳвро юнониҳои қадим аз лиҳози мантиқӣ муайян намуда, ҷумларо бо муҳокимаи мантиқӣ як шуморида буданд. Яъне, байни шаклҳои фикру шаклҳои грамматикӣ ё субъект ва предикати мантиқӣ, мубтадову хабар фарқе намегузоштанд. Ин ақида то нимаи дуюми қарни XIX давом карда, ба муқобили ақидаи мантиқӣ ҷараёни психологӣ баромад намуд, ки намояндагони машҳури ҷараёни психологӣ Г. Штейнтал ва А.А. Потебня буданд. Ба ақидаи ин забоншиносон мундариҷаи ҷумла на ҳама вақт фикри пурраро ифода мекунад, яъне ҷумлаҳои амриву саволӣ на ҳамеша бо муҳокима мувофиқат мекунанд. Аз рӯйи қоидаи грамматика ҷумла дуруст, лекин мантиқан ғалат шуданаш мумкин аст. Бо ин далел намояндагони ҷараёни психологӣ ҷумларо асос ё муҳокимаи психологӣ мешумориданд.

Аз нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX намояндагони забоншиносии сохторӣ ба муқобили ҳам ҷараёни мантиқӣ ва ҳам психологӣ баромада, таъкид мекунанд, ки ҷумларо бояд аз рӯйи сохти он муайян намуд. Маҳз аз ҳамин давра сар карда, ҷараёни муайян намудани хусусиятҳои вижа ва сохтори наҳвӣ дар тартиби грамматикаи забони русӣ ба миён омад. Мусаллам аст, ки вазифаи ҷумла ифодаи фикр аст. Фикр ба воситаи ҷумла амалӣ мегардад, аз ин рӯ, ҷумла бо муҳокима, ки яке аз воҳидҳои фикр аст, алоқаи зич дорад. Ин маънои як будани онҳоро надорад, зеро фикр ва ҷумла қонуну қоидаҳо ва категорияҳои хоси худро доранд.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти илмии забоншиносони рус дар робитаи зич бо ақида ва назарияҳои забоншиносии Аврупои Ғарбӣ, асосан, бо ақидаҳои муҳаққиқони олмонӣ инкишоф ёфтааст.

Аввалин маълумот дар бораи масъалаҳои илми наҳв дар “Грамматика”-и Мелетий Смотритский ҷой дорад [20]. Мелетий Смотритский дар асараш дар бораи ба ҳам омадани сифат бо исм, ҷонишин, феъл ва дигар ҳиссаҳои нутқ ва инчунин, мувофиқати исм бо падежҳои гуногун маълумот додааст. Ҳамин тавр, дар аввалин грамматикаи русӣ наҳв ҳамчун илм дар бораи ибораҳо муаррифӣ шудааст.

Ба ибораи дигар, забоншиносони рус омӯзиши муқоисавӣ-таърихии забонҳоро бо омӯзиши хоси забонӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-таърихӣ ва дигар падидаҳо алоқаманд карданд.

Таърихи илми забоншиносӣ гувоҳ аст, ки давраи ташаккулёбии илми наҳви рус ба миёнаи асри XVIII ва ибтидои асри XIX рост меояд, ки дар илми забоншиносии рус ин давраро бо номи Ломоносов ихтисос додаанд. Вобаста ба ин, асари бунёдии М.В. Ломоносов «Грамматикаи рус» ибтидои таҳқиқи як қатор сохторҳои грамматикӣ гардид, ки дар забоншиносӣ то ҳол ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Наҳви Ломоносов дар таърихи тафаккури грамматикии рус на танҳо як давраи томро ташкил дод, балки ба туфайли дурустӣ

ва дақиқии тавсифи грамматикии хусусиятҳои наҳвии забони русӣ барои мо қисман аҳамияти худро гум накардааст.

Ҳамзамон, Н. Курганов намояндаи мактаби М.В. Ломоносов дар зери таъсири грамматикаи “ломоносовӣ” китоби “Грамматикаи ҷомеаи россиягӣ ё навиштори умумӣ” (“Российская универсальная грамматика или всеобщее письмословие”)-ро таълиф намуда, шаклҳои робита ва сохтори ҷумлаҳои сода ва мураккабро таҳқиқ мекунад. Дар асари мазкур нахустин маротиба сухан дар бораи ҷумлаҳои тасдиқӣ, инкорӣ, саволӣ ва хитобӣ рафтааст, аммо ҳадафҳои грамматикаи Н. Курганов амалӣ мебошад. [22].

Забоншинос А.Х. Востоков гуфтор ва ҷумларо чунин шарҳ медиҳад: “Калимаҳои ба ҳам алоқамандро, ки барои баёни фикр хизмат мекунанд, гуфтор меноманд. Аммо, вақте ки гуфтор танҳо як фикрро ифода мекунад, он гоҳ ин ҷумла мешавад” [4, с.51]. Ҳамчунин, А.Х. Востоков нишони асосии ҷумларо дар мавҷуд будани феъл медонад. Ба андешаи ӯ, тамоми ҷумлаҳои забони русӣ феълӣ мебошанд.

Дар мавриди дигар А.Х. Востоков қонунҳои ташкили ҷумларо чунин баён кардааст: “Миёни мубтадо ва хабар бояд робита бошад. Ҳангоми аз феъли сода иборат будан, хабар бо мубтадо бо бандаки худ пайваст мешавад, ки шахс, шумора ва замонро ифода мекунад” [5, с. 52].

Ҳамин тавр, бо номи А.Х. Востоков таълимоти нав дар бораи навъҳои сохтори серистеъмоли ҷумлаҳои дутаркибаи забони русӣ алоқаманд аст. Инчунин, ӯ калимаҳои муайянкунанда ва пуркунандаро ҷудо мекунад, аммо бо вуҷуди ин, таълимоти ӯ бисёр дар шакли умумӣ, бидуни таҳлили гунаҳои мухталифи ҷумлаҳо сурат гирифтааст. Мавриди тазаккур аст, ки А.Х. Востоков ба таълимоти нави ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар забоншиносии рус асос гузоштааст.

Ҳамчунин, намояндагони намоёни назарияи забон оид ба наҳв Ф.И. Буслаев «Опыт исторической грамматики русского языка (Таҷрибаи грамматикаи таърихии забони русӣ)», А.А. Потебня «Из записок по русской грамматике (Аз ёддоштҳо оид ба грамматикаи рус)», А. Пешковский «Русский синтаксис в научном освещении (Синтаксиси забони русӣ дар инъикоси илм)», Д.Н. Овсянико-Куликовский «Синтаксис русского языка(Синтаксиси забони русӣ)» ва дигарон бо таҳқиқоти ҷудогонаи хеш ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои мухталифи наҳв корҳои зиёдеро анҷом додаанд.

Забоншиноси барҷастаи рус Ф.Ф. Фортунатов низ ба ҷиҳати расмии забон аҳамият дода, ба наҳв ҳамчун илм дар бораи ибора баҳо гузоштааст. Кори назаррасе, ки Фортунатов кард, шарҳи дуруст ва амиқи ҷумлаҳои нопурра мебошад [24, с. 100].

Забоншиносони дигар М.Н. Петерсон ва Н.Н. Дурново ба ақидаҳои Ф.Ф. Фортунатов такя намуда, ибораро асоси наҳвӣ ҳисоб кардаанд. Дар баробари ин, Ф.Ф. Фортунатов ҷумлаҳоро ибораҳои мукаммал, ибораҳои дигарро нопурра ва М.Н. Петерсон тамоми наҳвро ҳамчун таълимоти фразаҳо ҳисобида, дар зери ин мафҳум ҷумлаҳои сода ва ҷумлаҳои мураккабро муттаҳид кардааст. Асарҳои асосии ин забоншиносон «Дар бораи таълими грамматикаи русӣ дар мактаби миёна»-и Ф.Ф. Фортунатов ва «Очерк оид ба синтаксиси забони русӣ»-и М.Н. Петерсон мебошад. Назари дигар доир ба наҳв дар асарҳои академикҳо В.В. Виноградов ва Л.В. Шерба оварда шудааст. Аз натиҷаи хулосаи онҳо бармеояд, ки дар наҳв ду объекти баробар, яъне ибора ва ҷумла омӯхта мешавад.

Вобаста ба омӯзиши илми наҳв А.М. Пешковский (1878-1933), ки идомадиҳандаи мактаби Ф. Фортунатов мебошад, дар асараш “Шарҳи илмии наҳви забони русӣ” (Русский синтаксис в научном освещении) навъҳои ҷумлаҳои содаро омӯхта, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо тасниф намудааст: “ҷумлаҳои феъли бешахс, ҷумлаҳои феъли номуайяншахс ва ҷумлаҳои умумишахс, ҷумлаҳои унвонӣ, ҷумлаҳои масдарӣ, ҷумлаҳои инкорӣ ва ҷумлаҳои нопурра” [18]. Ӯ ҷумлаҳои содаро аз рӯйи баёни мақсад ба хитобӣ, амрӣ ва саволӣ ҷудо кардааст.

Ҳамзамон, саҳми забоншиноси маъруфи охири асри XIX ва аввали асри XX А.А. Шахматов (1864-1920) низ дар илми грамматикаи рус назаррас буда, ӯ дар асари “Наҳви забони русӣ” (“Синтаксис русского языка”) масъалаҳои таълимот дар бораи ҷумла, сохтор ва навъҳои онро баррасӣ намудааст. А.А. Шахматов ҷумларо чунин шарҳ медиҳад: “Ҷумла

воҳиди нутқ аст, ки барои гӯянда ва шунаванда аз лиҳози грамматикӣ комил буда, барои баёни тафаккур хизмат мерасонад” [25].

Зикр кардан ба маврид аст, ки забоншиноси тоҷик М. Норматов қайд намудааст, ки “ибора ва ҷумла аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд: ибора наметавонад чизеро иртибот кунад, яъне он воҳиди коммуникативӣ нест, аммо ҷумла воҳиди муошират буда, тамоми хабарро ифода мекунад. Ҳар яке аз ин воҳидҳо қонунҳои ташкил, вазифа, маъно ва сохтору вазифаҳои грамматикии худро доранд” [16].

Забоншинос Д.Н. Овсянико-Куликовский объекти асосии омӯзиши наҳв ҷумларо медонад ва мегӯяд: “...Дар синтаксис дар мадди аввал таълимот дар бораи ҷумла ва ҳиссаҳои нутқ меистад, ки ба вазифаи аъзои ҷумла меоянд” [17, с. 5].

Таҳқиқгарони рус аз самти мантиқӣ-грамматикӣ дур шуда, барои таърифи ибораю ҷумлаҳо хусусиятҳои хоси худро пайдо намуда, тамоми назарияҳоро, ки пешгузаштагони худ ба даст овардаанд, интихоб намуданд. Фаҳмиши дигари наҳв дар зери таъсири фаъолияти олимон Ю.Д. Апресян, И.А. Мелчук, Т. П. Ломтев ташаккул ёфтаанд. Дар таълимоти онҳо наҳв аз як тараф, ҳамчун илм дар бораи қоидаҳои тавлиди ҷумлаҳо фаҳмида шавад, аз тарафи дигар, он ҳамчун илм дар бораи табдил додани як ҷумла ба ҷумлаи дигар дида мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки барои баёни фикр алоқаи байни аъзои ҷумла муҳим буда, вобаста ба ин, В.В. Виноградов қайд намудааст, ки “байни аъзои ҷумла алоқа мавҷуд буда ва ҳатто, дар натиҷаи ин алоқа онҳо ба ҳам таъсир мерасонанд [21].

Аз забоншиносони асри ХХ Л.В. Шерба гарчанде асари ҷудогонае дар наҳв надошта бошад ҳам, фикрҳои ҷолиберо дар ин ришта дар осораш баён намудааст. Аз ҷумла, ӯ таъкид намудааст, ки “гуфтореро ҷумла номидан мумкин аст, ки субъект ва предикат дошта бошад, яъне ҷумла муҳокимаи мантиқӣ аст” [18, с. 500].

Вобаста ба ин, забоншиноси маъруфи тоҷик Ш. Рустамов дар китоби “Мушкилоти синтаксис” масъалаҳои умдатарин ва баҳсталаби грамматикаи забони тоҷикиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳад. Ӯ масъалаи мувофиқати хабар бо мубтадоро мӯшикофона таҳқиқ намудааст [18, с.340.].

Ҳамзамон, китоби “Аъзои ҷумла ва ҳиссаҳои нутқ” (“Член предложения и части речи”)-и И.И. Мешанинов ба масъалаҳои умумии наҳв дахл дорад. Мешанинов наҳвро чун таълимот дар бораи ҷумла медонист, аз ин рӯ, вай ба сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла диққат медод [14].

Зикр кардан ба маврид аст, ки забоншиноси барҷастаи муосири рус В.А. Белошапкова ду самти таҳлили сохтори ҷумлаи сода, яке тартиби ҷумлаҳо ва дигаре намуди номинативиро муайян намуда, бо ҳамин исбот кард, ки ду самти таҳлили сохтори ҷумлаи сода метавонад ҷузъҳои як таълимоти «Синтаксис»-и китоби дарсии «Забони муосири рус» бошанд. Инчунин, ӯ дар омӯзиши воситаҳои алоқаи байни ҷумлаҳо ва таҳияи таълимоти парадигма хизмати зиёде кардааст. [2. 236]. Ба ақидаи ӯ, ҷумла чун воҳиди асосии наҳв дорои **унсурҳои доимӣ ва тағйирёбанда,** маъно ва шакли грамматикӣ буда, ҷанбаҳои коммуникативӣ ва муносибати предикативиро ифода мекунад.

Вобаста ба ин, забоншиноси тоҷик Б. Камолиддинов ба назарияи забоншиноси рус В.А. Белошапкова такя намуда, чунин қайд менамояд: ”Шаклҳои калима, бандакҳои изофӣ, феълӣ ва хабарӣ, пешоянду пасояндҳо, калимаҳои модалӣ **унсурҳои доимии** ҷумла буда, калима, таркиб ва ибораҳое, ки ба вазифаи аъзоҳои ҷумла омада, мафҳумҳои ҷудогона ё мураккабро ифода намуда, мундариҷаи асосии фикрро дар бар мегиранд, **унсурҳои тағйирёбанда** ба шумор мераванд [11, с. 18].

Забоншиноси муосири асри ХХI Г.А. Золотова, ки офарандаи грамматикаи мухобиротӣ ё ба ибораи дигар «грамматикаи зинда» мебошад, сухангӯйро дар маркази таҳқиқоти худ гузоштааст. Ба ақидаи ӯ, ҷумла аз синтагсемаҳои ҷудонашаванда таркиб ёфта, маҳз онҳо воситаи мухобиротии ҷумла маҳсуб меёбанд. Бо ин хулосаи худ забоншинос Г.А. Золотова хулосаи забоншиносони дигарро, ки дар сохтмони ҷумла ибораро маводи асосӣ

мешуморидaнд, инкор намуда, синтагмаро дар вазифаи мухобиротии ҷумла зарур донистааст [10].

Ҳамин тавр, қобили қайд аст, ки дар омӯзишу баррасӣ ва шинохти илми наҳв саҳми як қатор забоншиносони рус, аз қабили М.В. Ломоносов, А.Х. Востоков, В.В. Виноградов, Ф.И. Буслаев, Ф.Ф. Фортунатов, Т.И. Сусов, М.Н. Петерсон, Ю.Д. Апресян, И.А. Мелчук, Т. П. Ломтев, А.А. Шахматов, Л.В. Шерба, И.И. Мешанинов, М. Смотритский, М. Пешковский, Д.Н. Овсянико-Куликовский, К.С. Аксаков, Н.И. Греч, А.А. Потебня ва дигарон бағоят назаррас аст, ки онҳо дар таҳқиқоти хеш оид ба заминаҳои асосии зуҳури ҷумла дар низоми наҳви забони русӣ осори мондагоре таълиф намудаанд, ки то ҳол мавриди амал қарор доранд.

Дар омӯзиш ва ташаккули паҳлуҳои гуногуни забоншиносии тоҷик на танҳо саҳми олимону забоншиносони тоҷик, балки олимону забоншиносони рус низ хеле назаррас аст. Аз ҷумла, дар таҳқиқи забони тоҷикӣ нақши олимони шарқшиноси рус, аз қабили, В.М. Григориев, М.С. Андреев, А.А. Семёнов, И.И. Зарубин, Е.Э. Бертелс, А.А. Фрейман, А.Н. Кисляков, И.М. Оранский, В.С. Расторгуева ва дигарон хеле калон аст, аз ҷумла онҳо ҷиҳати ба табъ расидани китоби хеле муҳимми забоншиносии тоҷик "Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик", ки ҳамаи қисматҳои забони тоҷикиро дар бар мегирад, саҳми худро гузоштаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар илми забоншиносии тоҷик вобаста ба фаслҳои алоҳидаи наҳв дар асарҳои донишмандон ва мутафаккирони тоҷик назарияҳои гуногун оварда шуда, бо мисолҳои мушаххас тасдиқи худро ёфтаанд. Вобаста ба ин дар забоншиносии тоҷик як гурӯҳ шоирону нависандагон аз қабили Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абуалӣ Сино, Асадии Тусӣ, Носири Хусрав, Шамси Қайси Розӣ, Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, Воҷидалихони Муҷмалӣ дар асарҳои худ оид ба илми наҳв ва воҳидҳои он масъалагузорӣ намудаанд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ (865-925) баҳси тулонии марди дар илми сарфу наҳв мукаммалеро ба устодаш оварда, дар охир хулоса менамояд, ки “ҳар кас ки дар улуми сарфу наҳв маҳорат дорад, қобил аст, ки ба ҳар суоле ҷавоб диҳад [9].

Барои рушди забоншиносии муосири тоҷик саҳми устод Садриддин Айнӣ, Абдурраҳуфи Фитрат, Саидризо Ализода хеле бориз аст. Абдурраҳуфи Фитрат китобе бо номи “Қоидаҳои забони тоҷикӣ” [23, с. 13] ва Саидризо Ализода “Сарфу наҳви забони тоҷикӣ”-ро таълиф намудааст [1].

Агар дар асрҳои миёна ва аввалҳои қарни ХХ ҷумла (калом, сухан)-ро аз нигоҳи мантиқӣ таърифу шарҳ медоданд, солҳои минбаъда шарҳу таърифи ҷумла комилан қабои забоншиносӣ ба бар кард. Аз ҷумла, дар китоби “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (Ибора ва наҳви ҷумлаҳои сода)” шарҳи ҷумла чунин зикр ёфтааст: “Ҷумлаи сода категорияи алоҳидаи наҳвӣ буда, аломатҳои хоси грамматикӣ дорад, ки тафовути онро аз дигар категорияҳои наҳвӣ нишон медиҳанд. Аломати асосии ҷумла хусусияти коммуникативии вай ба шумор меравад” [7].

Дар даврони шуравӣ дар натиҷаи зуҳур ёфтани ҷараёну равишҳои нави илму пажуҳиш ба масъалаҳои омӯзиши забоншиносӣ, аз ҷумла ба забоншиносии тоҷик низ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Забоншиносони тоҷик дар даврони шуравӣ барои боз ҳам рушду равнақ додани илми забоншиносӣ ва қисматҳои он, хусусан наҳв ҷидду ҷаҳд намуда, дар ин самт асарҳои илмии мукаммалу муҳимро ба қалам додаанд.

Баъдан, забоншиносон Т. Зеҳнӣ, Ҳ. Бақозода, М. Белинитский, Б. Ҳодизода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М. Қосимова, Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов, А. Мирзоев, Д. Хоҷаев, Ф. Зикриёев, М. Норматов оид ба паҳлуҳои мухталифи наҳв пажуҳиши зиёде кардаанд.

Ба ақидаи забоншинос М. Норматов доир ба таърихи наҳви имрӯза се ақида вуҷуд дорад: (1. Наҳв чун илм доир ба ҷумла ва аъзоҳои он фаҳмида мешавад ва ибора ба ин дахл надорад; 2. Наҳв гуфта, ибораро мефаҳманд (намояндагон Ф.Ф. Фортунатов, В.К. Поржезинский, М.Н. Петерсон, А.М. Пешковский); 3. Предмети наҳв ҳам ибора ва ҳам

ҷумла мебошад (намояндагон В.В. Виноградов, Н.Ю. Шведова, В.А. Белошапкова, В.Н. Ярсева, О.С. Ахманова) [15, с. 160].

Забоншиноси тоҷик Д. Тоҷиев оид ба наҳви ҷумлаҳои содаю мураккаб беш аз 100 мақолаю маводи илмӣ, аз қабили «Ҷумлаи мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (1981), «Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои тобеъ дар забони тоҷикӣ» (1971) таълиф намудааст. Ҳамчунин, Ш. Рустамов доир ба мавзуъҳои мухталифи наҳв маҷмуаи илмӣ бо номи «Мушкилоти синтаксис», «Ҷумлаи пайрави сабаб дар забони адабии тоҷик», «Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик», «Забон ва замон», забоншиноси шинохта Қосимова М. «Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи а. Х1», «Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик», «Ифодаи мафҳуми тасдиқ дар ҷумлаҳои содаи забони адабии ҳозираи тоҷик» таълиф намуда, барои рушди забоншиносии тоҷик замина гузоштаанд.

Калимаҳо бо ҳам бо ёрии воситаҳои дастурӣ алоқаманд гардида, соҳиби вазифаҳои муайяни наҳвӣ мешаванд. Маҳз воситаҳои дастурӣ, ки онҳо аз калимаҳои ёвар (ғайримустақил), бандакҳову пасвандҳои ҷамъбандӣ, ҷойи ҷузъҳо (калимаҳо ва ҷумлаҳо) иборатанд, калимаҳо ё ҷумлаҳои содаро бо якдигар алоқаманд карда, дар ибораорӣ ва ҷумласозӣ хизмат менамоянд.

Ҳамзамон, Н. Маъсумӣ дар мақолаи хеш “Оид ба ҷумлаҳои сода ва тарзи ифодаи аъзоҳои синтаксисӣ” ба ҷумла чунин таъриф медиҳад: “Воҳидҳои асосӣ ва ташкилкунандаи сухан ҷумла мебошад, ки вай фикри томеро дар бораи ҳаёти воқеӣ ифода мекунад, бо ягонагии ботинӣ (мазмунан) ва хориҷиаш (сохт ва вазифа) тарзи баён ва хусусиятҳои гуногуни суханронии касро равшан менамояд” [13, с. 234.].

Шинохти ҷумла дар забоншиносии муосири тоҷик доимо рӯ ба такмил дорад, таркиби он марҳила ба марҳила аниқтар, пурратар ва васеътар шуда истодааст. Дар давраи нави омӯзиши наҳви забони муосири тоҷики саҳми забоншиносон шинохта Д. Тоҷиев, М. Қосимова, С. Атобуллоев, Б. Камолиддинов, М. Норматов, Д. Хоҷаев, А. Абдулазизов, М. Абдураҳмонова, Ф. Шарифова назаррасанд.

Мавриди зикр аст, ки доир ба таърифи ҷумлаи мураккаб забоншиносони тоҷик ақидаҳои гуногун иброз намудаанд. Вобаста ба ин, профессор М.Н. Қосимова қайд намудааст, ки “ҷумлаи мураккаб аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода иборат буда, бо ҳам бо ёрии воситаҳои алоқаи грамматикӣ меоянд ва як фикрро ифода мекунанд [12, с. 292.].

Ҳамчунин, М. Норматов ҷумлаи мураккабро чунин таъриф додааст: “Ҷумлае, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи ягонагии маънодошта таркиб меёбад, мураккаб номида мешавад [15, с. 171]. Дар “Грамматикаи забони адабии тоҷик” зери таҳрири Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов оид ба ҷумлаи мураккаб чунин омадааст: ”Ҷумлаи мураккаб воҳиди олиташаккули синтаксис аст, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва интонатсия мебошад” [8, с. 3].

Забоншинос М. Норматов дар китоби ”Ҷумлаҳои сода дар забони адабии тоҷик” якчанд аломатҳои хоси ҷумларо муайян намудааст, ки инҳоянд: 1) хусусияти предикативӣ, 2) интонатсияи хабардиҳӣ, 3) ҷиҳати модалии ҷумла, 4) тартиби калимаҳои дохили ҷумла [16, с. 23.].

Шарҳи муфассали ҷумларо Б. Камолиддинов чунин маънидод кардааст: “Ҷумла ҳамчун воҳиди асосии наҳвӣ дорои маъно ва шакли грамматикӣ аст. Ифодаи муносибати предикативӣ, ки ба воқеъ шудани амалу ҳолати ҷумла далолат намуда, хусусияти хабардиҳӣ дорад, маънои грамматикии ҷумларо дар бар мегирад. Вобастагии мундариҷаи ҷумларо ба воқеият, ки бо шаклҳои грамматикӣ ифода ёфтааст, муносибати предикативӣ меноманд, ки он ба василаи се категорияи грамматикӣ: модалият, замон ва шахс зуҳур мекунад” [11, с. 18.].

Асосҳои бунёдии таърифи ҷумла умумият дошта, шинохти сохтори дохилӣ ва маънояш дар муносибат ба субъекту объект такмил ёфтаанд. Дар маҷмуъ, шинохти таърихии таълимоти ҷумла марҳилаҳои хоси худро дорад. Дар асрҳои миёна ҳудуди ҷумла (калон) ба анҷоми мавзуъ вобаста дониста мешуд. Аъзои каломро иборат аз исм, феъл ва ҳарфи рабт медонистанд. Дар илми забоншиносии муосир ҷумларо аз маъно ва шакли он мешиносанд.

Ҷумла дар забони имрӯза нисбат ба осори навиштории асрҳои миёна содатар аст ва назарияи он ҳам шакли содатар ва мушаххастар дорад.

Аз ин бармеояд, ки ҷумла яке аз воҳидҳои асосӣ ва маҳаки марказии илми наҳв ба шумор меравад, зеро вазифаи аввалиндараҷаи забон муносибати байни одамон аст. Муносибатро ҷумла ифода мекунад. Пас, яке аз аломатҳои муҳимтарини ҷумла ҷиҳати мухобиротии он аст. Ҷумла бо ин хусусияти худ аз дигар воҳидҳои забон – калимаю ибора фарқ мекунад.

Хулоса, мақоми забоншиносони рус дар густариши ҷанбаҳои забонии халқу миллатҳои мухталиф, бавижа тоҷикон калон буда, дар як баробар, такомули забоншиносии рус аз густариши масъалаҳои мухталифи илми забоншиносии Аврупо сарчашма мегирад.

Меҳвари асосии наҳв аз назари забоншиносони тоҷик ва рус ҷумла буда, ҷанбаҳои мухобиротӣ, маъно ва шакли грамматикӣ ва ифодаи муносибати предикативии онро муҳаққиқон дар давраҳои ҷудогонаи тараққиёти илми забоншиносӣ ба тарзи гуногун муайян кардаанд.

Аз ин бармеояд, ки ҷумла дар низоми наҳви забон дорои вижагиҳои махсус аст, ки бо вижагиҳои грамматикӣ, сохтор, маъно ва тарзи корбурд аз дигар воҳидҳои наҳвӣ фарқ мекунад.

Адабиёт:

1. Ализода С.С. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ.- Душанбе. - 2006, 79 с
2. Белошапкова В.А. Современный русский язык. -М.: Высшая школа, 1989, с. 292.С. 236.
3. Виноградов В.В. История языкознания.- М.,1974. – 127с
4. Востоков А.Х. Русская грамматика. СПб. - М., 1831. – 221 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, Дониш.- 1989. – 274 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷ.1.Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷ. 2. - Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.
8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе: Дониш, 1989. - 224 с.
9. Закариёи Розӣ.Мунтахаби осор. –Душанбе: Адиб,1989. – 156с.
10. Золотова Г.А. Коммуникативные аспекты русского синтаксиса. -М., 1982].
11. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ .-Душанбе: Собириён, 2010. – 279 с.
12. ҚосимоваМ.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. - Душанбе, 2011. - 568 с.
13. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик .-Сталинобод, 1959
14. Мешанинов И.И. Члены предложения и части речи. – М., 1945
15. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе, Матбуот, 2007. – 240 с.
16. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Матбуот. – 183 с.
17. Овсянико – Куликовский. Синтаксис русского языка.Спб . – М., 1912, -127 с.
18. Пешковский А.М. Русский синтаксис в научном освящении. – М., 1956, 511 с.
19. Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. / Ш. Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1988. - 344 с.
20. Смотриткий М. Грамматики словенския правильное, синтагма. - 1618. – 535с.
21. Современный русский язык. Синтаксис. – М: Московский университет, 1958. – 515с.
22. Сусов Т.И. История языкознания. Тверь,1999. – 147с.
23. Фитрат А.Қоидаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе:Сино, 2009. -127.
24. Шарифова Ф.Х. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ. Қ.1. – Душанбе, 2012, 224с.
25. Шахматов А.А. Синтаксис русского языка. – Ленинград, 1941. – 621с.

МУҚОИСАИ АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ РУСУ ТОҶИК ДАР БАХШИ НАҲВИ ЗАБОНШИНОСӢ

Мақола ба таҳлилу баррасии наҳви забони русӣ ва таъсири он ба наҳви забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои назариявии ҷумла дар муқоисаи афкори забоншиносии тоҷику рус ҳаллу фасл гардидааст. Тамоми нишонаҳои ҷумла муайян шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо нишонаи категорияи предикативият, категорияи модалият, шахс ва замон мебошад.

Дар раванди муқоисаи афкори забоншиносон муайян гардид, ки назарияҳои умумӣ вобаста ба мавқеи ҷумла дар илми наҳв яксон бошад, вижагиҳои маъноиву сохтории ҷумла дар забони мушаххас фарқкунанда аст.

Дар илми забоншиносии муосир ҷумларо аз маъно ва шакли он мешиносанд. Ҷумла дар забони имрӯза нисбат ба осори навиштории асрҳои миёна содатар аст ва назарияи он ҳам шакли содатар ва мушаххастар дорад.

Ба ақидаи муаллифон забоншиносӣ ҳамчун илм дар ду садсола пажуҳиш ва такмил меёбад. Аммо баҳс дар атрофи қоидаҳои забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз идома дорад. Давра ба давра доираи таҳқиқот густариш ёфта, хусусиятҳои нав ба нави забон омӯхта шудаанд.

Муаллифон ба чунин хулоса омадаанд, ки меҳвари асосии наҳв аз назари забоншиносони тоҷик ва рус ҷумла буда, ҷанбаи мухобиротӣ, маъно ва шакли грамматикӣ ва ифодаи муносибати предикативии онро муҳаққиқон дар даврахои ҷудогонаи тараққиёти илми забоншиносӣ ба тарзи гуногун муайян кардаанд.

Калидвожаҳо: *забоншиносӣ, забоншиносии тоҷик, забоншиносии рус, наҳв, ҷумла, субъект, предикат, хусусият, исм, феъл.*

СОПОСТАВЛЕНИЕ РУССКОЙ И ТАДЖИКСКОЙ ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ В ГРАММАТИКЕ

Статья посвящена анализу и обсуждению грамматики русского языка и ее влияния на грамматику таджикского языка. Теоретические проблемы предложения решены при сопоставлении мнений таджикских и русских языковедов. Установлены все признаки предложения, среди котрых выделяются признаки категории предикативности, категории модальности, лица и времени.

В процессе сопоставления мнений лингвистов было установлено, что общие теории, касающиеся положения предложения в языкознании, совпадают, но смысловые и структурные особенности предложения в конкретном языке различны.

В современной лингвистике предложение распознается по его значению и форме. Предложение в современном языке проще, чем в письменных произведениях Средневековья, и его теория имеет более простую и конкретную форму.

По мнению авторов, лингвистика как наука развивалась и совершенствовалась на протяжении двух столетий. Однако споры вокруг правил таджикского языка продолжаются со средних веков до наших дней. Время от времени сфера исследований расширялась, изучались новые особенности языка.

Авторы пришли к выводу, что основным стержнем грамматики с точки зрения таджикских и русских языковедов является предложение, а его коммуникативный аспект, значение и грамматическая форма, выражение его предикативных отношений определялись исследователями в разные периоды развития лингвистической науки.

Ключевые слова*: языкознание, таджикское языкознание, русское языкознание, грамматика, предложение, субъект, предикат, признак, существительное, глагол.*

COMPARISON OF RUSSIAN AND TAJIK LINGUISTIC THOUGHT IN GRAMMAR

The article is devoted to the analysis and discussion of the grammar of the Russian language and its influence on the grammar of the Tajik language. The theoretical problems of the proposal are solved by comparing the opinions of Tajik and Russian linguists. It is distinguished that all the signs of the sentence are established, among which the signs of the category of predicativity, the category of modality, person and time.

In the process of comparing the opinions of linguists, it was found that the general theories regarding the position of the sentence in linguistics coincide, but the semantic and structural features of the sentence in a particular language are different.

In modern linguistics, a sentence is recognized by its meaning and form. The sentence in modern language is simpler than in the written works of the Middle Ages, and its theory has a simpler and more concrete form.

According to the authors, linguistics as a science has developed and improved over the course of two centuries. However, disputes over the rules of the Tajik language have been going on since the Middle Ages to the present day. From time to time, the scope of research expanded, new features of the language were studied.

The authors came to the conclusion that the main core of grammar from the point of view of Tajik and Russian linguists is the sentence, and its communicative aspect, meaning and grammatical form, the expression of its predicative relations were determined by researchers in different periods of the development of linguistic science.

Keywords: *linguistics, Tajik linguistics, Russian linguistics, grammar, sentence, subject, predicate, sign, noun, verb.*

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Гулназарзода Жило Бурӣ*** – Донишгоҳи байналмилаии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректор. ***Нишонӣ****: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+99237) 2325000; E-mail:* ddzt@ddzt.tj

Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна *– Донишгоҳи байналмилаии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ.* ***Нишонӣ:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992) 987532524*

Сведения об авторах: Гулназарзода Жило Бури *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор, ректор. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.:(+99237) 2325000; E-mail:* ddzt@ddzt.tj

Юсупова Бибижон Ганижоновна *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры таджикского языка. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6, тел.:(+992) 987532524*

Information about the authors: Gulnazarzoda Zhilo Buri *- Tajik International University of Foreign Languagesnamed after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philology, Professor, Rector. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6Muhammadiev str., phone: (+99237) 2325000; E-mail: ddzt@ddzt.tj*

Yusupova Bibijon Ghanijonovna *- Tajik International University of Foreign Languagesnamed after Sotim Ulughzoda, researcher of the Department of Tajik Language. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 987532524*

ТДУ 801

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ДИСКУРСИ СИЁСӢ ВА РОҲҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО АЗ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Турсунов Ф.М., Иматова М.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар забоншиносии муосир таҳқиқоти марбут ба мавзуи дискурс мавқеи хоса дорад. Мафҳуми дискурс ва таҳлили дискурсивӣ аз нимаи дуюми садаи ХХ чун бахши ҷудогонаи забоншиносӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Дар давоми 60 соли охир, пас аз он ки дискурс чун як самт ва ё бахши ҷудогонаи забоншиносӣ муаррифӣ гардид, корҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ, ба монанди рисолаҳои илмӣ, дастуру китоб ва монографияҳо бо теъдоди зиёд интишор гардиданд. Истилоҳи «дискурс» бори аввал аз тарафи муҳаққиқони аврупоӣ - З. Ҳаррис ва Э. Бенвенист шуруъ аз солҳои 50-уми садаи бист ба риштаи таҳқиқу баррасӣ кашида шудааст. Аввалин истифодабарандагони истилоҳи «дискурс» М.Фуко ва файласуфу сотсиологи олмон Ҷ. Хабермас мебошанд.

Шинохти дискурс аз нигоҳи илмӣ душвор аст ва дар ин маврид забоншиноси нидерландӣ Т.А. ван Дейк ба таври зерин қайд менамояд: “Ин мафҳум ба мисли мафҳуми забон, ҷомеа як андоза зеҳнӣ ва норавшан аст”. Ба ақидаи ӯ, аксар вақт омӯзиш ва шинохти ба ҳамин монанд “мафҳумҳои номуайян” кори душвор ва печида дониста мешаванд, ки мафҳуми мавриди омӯзиши мо низ, яъне “дискурс”, марбут ба ҳамин гуна масъалаҳост” [11, с. 305]. Баррасии масъалаҳои марбут ба дискурс аз нигоҳи тарҷумашиносӣ аҳаммияти омӯзиши мавзуъро дучанд мегардонад.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили баъзе хусусиятҳои фразеологии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума дар мисолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳамчунин, масъалаи мазкур шомили бознигарии маълумоти назариявӣ оид ба фразеология аст. Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъной ба ҳам алоқаманд, ки маъной бутун ва образнокро ифода мекунанд, ибораи фразеологӣ ё воҳиди фразеологӣ номида мешаванд

Фразеологизмҳо дар услуби гуфтугӯйӣ мавриди истифодаи зиёд қарор мегиранд ва гуфтан мумкин аст, ки фразеологизмҳо қариб ҳар рӯз дар ҳаёти рӯзмарра ба сифати воситаи осони баёни фикр истифода мегарданд. Воҳидҳои фразеологӣ бо тарзи тафаккури одамон робитаи зич дошта, аз мероси аҷдодӣ ё худ мероси миллии халқ шаҳодат медиҳанд. Аз ин лиҳоз, фразеологизмҳо хазинаи миллии халқ, мероси тамомнашавандаи миллӣ ба шумор рафта, дар радифи жанрҳои эҷодиёти даҳонакии халқ - афсона, ҳикоёт, мақол, зарбулмасал ва ҳоказо байни одамон мавқеи хос доранд. Фразеология калимаи юнонӣ буда, phrasis – ифода ва logos – таълимот буда, фразеология маҷмуи ифодаву ибораҳои рехтаву устувори ҳар як забонро ташкил намуда, маъной маҷозии фразеологизм аз таркиби умумии онҳо бармеояд.

Фразеология яке аз қисмҳои муҳимми лексикология буда, нисбат ба соҳаҳои дигари забоншиносӣ соҳаи ҷавонтарин ба шумор меравад. Ҳамаҷониба омӯхтани фразеология, дар умум, агар баъзе қайдҳои ба идиома, ибораҳои маъмули вирди забонгашта, зарбулмасал ва мақолҳои дар китобҳои дарсӣ, мақола ва фарҳангҳо чопшударо ба ҳисоб нагирем, ҳамоно мубрам боқӣ мемонад [17, с. 88].

Дар бобати фразеология, агарчи соҳаи ҷавонтарини забоншиносӣ мебошад, тадқиқоти солҳои охир собит месозанд, ки соҳаи мазкури забоншиносӣ ба илми мустақил табдил ёфтааст. Инчунин, воқеияти пурғановат будани захираи фразеологии забон, алалхусус, забони тоҷикӣ гуногунӣ ва қонуниятҳои хоси инкишофи он торафт соҳаи махсуси забоншиносӣ қарор гирифтани фразеологияро таҳозо менамоянд.

Фразеологизмҳои ҳар забон, ҷараёни ташаккули онҳо ба таърихи ҳамон забон, бо таърихи ҳамон халқе, ки бо ин забон гуфтугузор мекунанд, вобаста буда, ба фаъолияти маърифатҳосилкунии одамон бевосита алоқаманд мебошанд.

Чӣ тавре ки доктори илмҳои филологӣ, профессор Б. Камолиддинов таъкид мекунад, “фразеологизмҳо дар шакли тасдиқӣ, инкорӣ ва озод мушоҳида шуда, ба мисли ҷумлаҳои

сода, ибораҳои феълӣ ва ҷумлаҳо сохтори грамматикӣ дошта, таркиби онҳо дигарношуданист” [14, с. 128].

Забоншинос Б. А. Ларин чунин қайд мекунад: "Фразеология чун соҳаи забоншиносӣ дар инкишофи ниҳонӣ буда..., ҳоло чун самари расида қайд нашудааст... Азбаски ба ҳамагон бемаҳоратии ҳаваскорӣ ихтилоф ва бенатиҷавии таҳлили ногаҳонии маводи мазкур дар лексикография, услубшиносӣ ва синтаксис равшан аст, алоҳида намудани чунин соҳа ба мо лозим мебошад. Бинобар ин, олимон В.Л. Архангелский, О.С.Ахманова, А.М.Бабкин, С.Г.Гаврин, С.И.Ожегов ва дигарон фразеологизмҳои як гурӯҳ забонҳоро мавриди тадқиқ қарор додаанд. Дар ҳақиқат, донистани воҳидҳои фразеологӣ далели ғановати забонии нависанда мебошад. Надонистани забони модарӣ, чӣ тавре ки Р. Ғамзатов мегӯяд, мисли ҳолати "...девонаест, ки шиновар несту худро ба дарёи пурталотум меандозад", мебошад [3, 1993, с. 45]. Дар ҳама давру замон фаъолияти сиёсӣ дар ҳаёти ҷамеа нақши муҳим мебозад ва аз мавқеи муайяни сиёсии давлат, ҷойи он дар арсаи байналмилалӣ вобаста аст. Вақте ки давлат сиёсати дурустро пеша менамояд, муносибатҳо бо дигар кишварҳо густариш меёбанд ва давлат мавқеи худро дар байни давлатҳо пайдо менамояд. Дискурси сиёсӣ (ДС) дар забоншиносӣ ҳамчун як падидаи бисёрҷанба ва муҳим қайд гардидааст. Дар бораи дискурси сиёсӣ А.Н. Баранов чунин қайд намудааст: “Ҳамаи он ҳодисаҳои нутқ ва қоидаи оммавии сиёсие, ки дар мубоҳисаҳои сиёсӣ истифода бурда мешаванд, аз таҷрибаҳои озмуда ва анъанаҳои сиёсӣ гирифта шудаанд ” [9, 13].

Мақсади дискурси сиёсӣ ба даст овардан, муҳофизат ва ба амал овардани қудрати сиёсӣ ва таъсиррасонӣ ба аҳли ҷомеа мебошад

Бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои фразеологии дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо мо ба матни баромадҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ такя менамоем.

Баррасии ибораҳои устувори ДС дар заминаи мисолҳои ҷамъовардаи мо аз рӯйи сохтор ва мансубияти калимаҳои калидии онҳо ба ҳиссаҳои нутқ ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, миёни мисолҳо намунаҳое ба назар мерасанд, ки калимаҳои калидии онҳоро феъл ва исмҳо ташкил медиҳанд. Инак, дар байни мисолҳои ҷамъоваринамудаи мо воҳидҳои устуворе ба назар расиданд, ки калимаҳои калидии онҳоро феълҳо ташкил медиҳанд:

Дар робита ба ин, қабл аз ҳама, зарур аст, ки аз истифодаи “меъёрҳои дугона” дар мавқеъгирӣ нисбат ба созмону гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро ***даст кашида шавад.*** *- It is first and foremost important* ***to refrain*** *from the application of ‘double-standard policies’ with regard to positions towards terrorist and extremist groups and organizations (17.05.2019).*

Дар мисоли мазкур диққати моро воҳиди ***даст кашидан*** ба худ ҷалб менамояд, ки калимаи калидии он мансуб ба феъл буда, амалро мефаҳмонад. Маънои калимаи мавриди назар аз коре ва ё чизе худдорӣ намудан, бетараф мондан ва иштирок накардан мебошад. Дар матни англисӣ калимаи мазкур ҳамчун ***refrain*** тарҷума шудааст, ки маънои он низ ба забони тоҷикӣ *аз коре ва ё чизе худдорӣ намудан, бетараф мондан ва иштирок накардан* буда, воҳидҳои забон аз ҷиҳати маъно ба ҳамдигар мувофиқанд. Фарқ дар он аст, ки варианти тоҷикӣ *аз чизе даст кашидан* воҳиди фразеологӣ буда, маъноро ба таври маҷоз ва образнок ифода менамояд ва аз нигоҳи тарҷума таҳлил намоем, ба тарҷумаи маъноӣ рост меояд.

Мисоли дигар оид ба феъл: *Тоҷикистон, ки дар таърихи навини худ оқибатҳои фоҷеабори зуҳуроти даҳшатовари терроризму ифротгароиро* ***пушти сар кардааст,*** *бо чунин ҳадафҳои пасипардагии онҳо аз наздик шинос аст.*

Tajikistan, which ***has experienced*** *devastating consequences of terrorism and extremism in its new history, is very well familiar with such undercover objectives of them* (17.05.2019).

Чунонки мебинем, дар ин мисол як фразеологияи феълӣ истифода шудааст, ки он ***пушти сар кардан*** мебошад. Он маънои маҷозӣ дошта, барои ифодаи ин ё он кори таҷрибашуда истифода мешавад. Дар тарҷумаи забони англисӣ фразеологияи мазкур ҳамчун ***has experienced*** тарҷума шуда, маъноях санҷидашуда, озмудашуда ва таҷрибакардашуда мебошад. Тавре ки мебинем, варианти англисӣ маънои фразеологияи феълии забони тоҷикиро

дар шакли тарҷумаи тасвирӣ пурра баён менамояд. Аз таҳлил ва баррасии ин ду мисол ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар дискурси сиёсӣ барои расидан ба мақсадҳои худ аз ҷониби суханварон фаровон истифода мегарданд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар дискурси сиёсӣ ибораҳои устувор ва ё фразеологияҳо бо калимаҳои калидии феъл ва исм фаровонанд. Ин ҳам табиист, зеро ин ду ҳиссаи нутқ аз ҳиссаҳои нутқи пурмаҳсул ва муҳимми забон маҳсуб меёбанд. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, одатан, дар фразеология маънои маҷозӣ мушоҳида карда мешавад. Вале дар мисолҳои зикрнамудаи мо маънои маҷозӣ кам ба назар мерасад. Аксарияти ин гурӯҳи мисолҳои ибораҳои устувор бештар дар дискурси сиёсӣ истифода мегарданд ва мафҳумҳои сиёсиро ифода менамоянд.

Чунонки дар боло ишора рафт, миёни мисолҳо намунаҳое ба назар мерасанд, ки калимаҳои калидии онҳоро исмҳо ташкил медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки оид ба воҳидҳои фразеологии исмӣ (ВФИ) таҳқиқоти махсус анҷом дода шудаанд. Масалан, Г.Н. Аслонова қайд менамояд, ки «ВФИ мисли ҳамаи ВФ ва таркибҳои рехтаву устувори забон дорои ду паҳлу - шакл ва мазмун аст ва дар баробари ифодаи мафҳумҳои мухталиф, инчунин, дорои шакл ва қолабҳои гуногун мебошанд» [4, с. 42].

Тавре маълум аст, исм ҳиссаи нутқест, ки номи ашё ва мафҳумҳои ашёшударо ифода менамояд ва ба саволҳои чӣ?, чиҳо? ва кӣ? киҳо? ҷавоб мешавад. Инак, мисолҳои ин гурӯҳро баррасӣ менамоем.

Дар нимаи дуюми соли 2000-ум рӯйдоди хеле муҳим, ки дар даврони истиқлолият ба вуқуъ пайваст, ба муомилот баровардани яке аз нишонаҳои давлати соҳибистиқлол - пули миллӣ, яъне сомонӣ буд, ки он ба болоравии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ва раҳоии кишвар аз ***буҳрони иқтисодӣ****, инчунин, беҳдошти ҳолати молиявӣ, муътадил гардидани буҷети давлатӣ ва вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишвар мусоидат намуд. In the second half of 2000 very important development of independence has occurred, which was associated with the issuance of one of the symbols of an independent state – the national currency somoni. This development has contributed to greater macroeconomic indicators in all sectors of the economy, pulled the country out of the* ***economic crisis****, helped to strengthen financial situation, normalize the public budget and improve socio-economic situation of the country (*07.09.2013*).*

Дар ин мисол ибораи ***буҳрони иқтисодӣ*** истифода шудааст, ки бевосита калимаи калидии он исми - ***буҳрон*** аст, зеро гунаҳои дигари воҳидҳои монанд маҳз бо ҳамин калима таркиб меёбанд – буҳрони равонӣ, буҳрони муносибатҳо, буҳрони экологӣ ва ғ. Дар тарҷумаи забони англисӣ ибораи қайдгардида ***economic crisis*** тарҷума шудааст, ки воҳидҳои забон аз ҷиҳати сохтор ва маъно ба ҳамдигар мувофиқанд.

Бояд тазаккур дод, ки “Забоншиносон ба қатори ВФИ таркибҳоеро дохил менамоянд, ки аз рӯйи вазифа ба ибораҳои исмии номӣ монандӣ доранд. Исм дар ВФИ ҳамчун унсури асосӣ дар меҳвари сохтор ва маъно қарор дорад” [1-М].

Мисоли дигари мо низ гуфтаҳои забоншиносонро тасдиқ менамояд: *Гузашти вақт беш аз пеш собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа, рушди озодона ва* ***сарбаландии*** *ҳар як фарди он маҳз ба истиқлолияту озодӣ ҳамчун кафолати асосии бақои миллатҳо вобастагии мустақим дорад..... - The passage of time undeniably proves that the existence of any state, society and the free development and* ***pride*** *of every member are inseparably linked with independence and freedom as a basic guarantee of eternity of nations...* (07.09.2013).

Дар мисоли мазкур як фразеологияи дуҷузъаи бепешоянди навъи исму сифатӣ ба ҳамдигар васл гардида омадааст, ки дар натиҷа як калимаи мураккаби идиоматикиро ташкил додаанд, ***яъне сари баланд - сарбаландӣ.*** Дар тарҷумаи забони англисӣ калимаи мавриди назар ***pride-*** тарҷума шудааст, ки маънои ***ифтихор, шаъну шараф, ғурур***-ро дорад. Тавре ки мушоҳида мешавад, калимаи истифодашуда муодили пурраи забони тоҷикӣ шуда метавонад.

Мисоли дигар оид ба фразеологияи исмӣ:

Ба Шумо сиҳатмандии комилу ***комёбиҳои рӯзафзун*** *ва ба мардуми бародари Покистон сулҳу субот ва рифоҳу шукуфоӣ орзумандам. I wish you good health and* ***great***

***success**, and peace, stability, well-being and prosperity to the fraternal people of Pakistan (12.04.2022).*

Оригинальные метафоры, которые характеризуются высокой степенью эмоциональной оценочности, употребляются наряду со стертыми метафорами: *«*This man mission is to **savagely butcher the British coal industry**. 40 percent (rise of pound) is the **true assassin of British economy.** Whole sale **slaughter of the mining industry» (***«Миссия этого человека состоит в том, чтобы жестоко уничтожить британскую угольную промышленность. 40 процентов (рост фунта стерлингов) - это истинный убийца британской экономики. Весь убой продаж горнодобывающей промышленности», «Вазифаи ин одам аз он иборат аст, ки саноати ангишти британиро бераҳмона нобуд созад. 40 фоиз (афзоиши фунт стерлинг) – қотили ҳақиқии иқтисодиёти британӣ аст»)* [30, с. 9-10].

Другие примеры: «Can you **heal the wounds?** But Bush is convinced that his powers of persuasion are unique and irresistible that he will succeed in **healing the nation and building consensus**. And now at the and, by **putting the country through terrible trauma** to serve his own (Kerry's) needs and retain personal power, he shows that if he is not a complete Bush Senior» *(«Можешь ли ты залечить раны? Но Буш убежден, что его сила убеждения уникальна и*

непреодолима, что он преуспеет в исцелении нации и достижении консенсуса. И теперь в итоге, подвергая страну ужасной травме, чтобы удовлетворить свои собственные (Керри) потребности и сохранить личную власть, он показывает, что если он не полный Буш-старший», «Оё ту метавонӣ захмро муолиҷа намоӣ? Вале Буш боварӣ дорад, қувваи муътақидкунии вай нотакрор ва рафъонопазир буда, ӯ ҷиҳати шифоёбии миллат ва ба даст овардани созиш, кишварро ба захми ваҳшатнок дучор карда, ҷиҳати қонеъ сохтани талаботи шахсӣ (Керри) ва ҳифзи ҳокимияти шахсӣ, вай нишон медиҳад, ки гӯё вай Буши калонии нопурра аст») [31, с. 7]

Метафоры, созданные на перенесение отдельных слов, нередко употребляются в газетно-публицистическом стиле, и конкретных выражений из определенной ситуации, в которой они используются в своих предметно-логических смыслах, в другую сферу: 1. «Which of the two men is more likely to conduct a **steady and steadfast foreign policy**? And which of them has the asbestos backbone to stick it out in the four-year heat of the **White House Kitchen.** 2. «The president's aide takes his place at the big table leaving the presidential counsel to preside, but the aide's **presence spills beyond his chair**. He is recognized as the ascendant power» (1. *«Кто из двух мужчин с большей вероятностью будет проводить устойчивую и последовательную внешнюю политику? И у кого из них есть асбестовая основа, чтобы выдержать четырехлетнюю жару на кухне Белого дома»,* «*Кадом аз ду мард, аз рӯйи эҳтимолияти бештар сиёсати хориҷии устувор ва мураттабро роҳандозӣ хоҳад кард? Ва кадоме аз онҳо асоси асбестӣ дорад, ки ба гармии чорсола дар ошхонаи Қасри Сафед тоқат намояд?* 2. *«Помощник президента занимает свое место за большим столом, оставляя президентского советника председательствовать, но присутствие помощника выходит за пределы его кресла. Он признан восходящей силой», «Ёвари Президент ҷойи худро сари мизи калон ишғол карда, мушовири Президентро раис таъин менамояд, вале ҳузур доштани ёвар аз ҳудуди курсии ӯ мебарояд. Вай қувваи болоӣ эътироф мегардад»)* [32, с. 6].

В первом предложении накаленная атмосфера в Белом доме становится наиболее существенной при помощи таких метафор, как *хулқи оташбардор* и *ошхонаи Қасри сафед*.

В предложении со вторым примером образ создается путем оригинального употребления глагола spill – *пошидан, чошидан* в неестественном словосочетании.

В газетных заголовках и текстах также прослеживаются случаи использования развернутых метафор, которые включают некоторые образы: *«*The environment Secretary is preparing a package of **first-aid measure**…Britain doesn't need **first-aid –it** wants major surgery» [33, с. 6]. В данном предложении терминоединицы first-aid – *ёрии аввалиндараҷа* в терминословосочетании first-aid measure – *чора оид ба ёрии аввалиндараҷа* превращается в метафору first-aid *(первая помощь, оказываемая до прибытия врача; скорая неотложная помощь)* из сферы медицинской терминологии, которая приобретает дальнейшее развитие в метафоре major surgery, что оказывает содействие в создании интенсивного образа, концентрирующего необходимость принятия экстренных мер по предохранению окружающей среды, аналогичным тому, как появляется необходимость неотложного хирургического вмешательства в медицине.

Использование метафоры также наблюдается в заголовках таджикской прессы, однако, из анализируемых газет стало известно, что стертые метафоры часто встречаются в таджикоязычной периодической печати: «Махзани андарзу ҳикмат» [13, с.11] *(«Сокровищница афоризмов» «Treasury of aphorisms»*). «Марде аз табори хирад» [8, с.1], *(«Мужчина из рода мудрых», «A man from the family of the wise»)*, «Конститутсия – бахтномаи миллат» [2,с.4], *(«Конституция – книга счастья нации», «The Constitution – the book of happiness of the nation»*) «Чароғи равшани муҳаббат» [16, с.4] *(«Яркий светильник любви», «A bright lamp of love»*) «Қасри сулҳу ваҳдати миллӣ» [3, с.10] *(«Дворец национального мира и единства», «Palace of National Peace and Unity»*), «Пушти девори сангини одоб» [1, с.10]. *(«За каменной стеной морали», «Behind the stone wall of morality»*).

Часть подобных метафорических выражений использованы в отдельных строках стихотворения, которые выбраны в качестве заголовка:

«Нори хандон боғро хандон кунад» [14, с.4]; *(«Blooming pomegranate colors the garden» Цветущая граната красит сад»,* «*Намаки ишқ шӯр шавад, хона хароб месозад»* [9, с.14]. («*Если соль любви не по рецепту, то дом разрушится», «If the salt of love is not according to the recipe, then the house will collapse»*).

Таким образом, многозначные слова чаще встречаются в заголовках таджикской прессы чем в английских, и служат в качестве выразительных средств языка. Их употребление в заголовках придаёт заглавию своеобразность и эффект.

Литература

1. Ализода, Х. Пушти девори сангини одоб / Х. Ализода // Минбари халқ.- 2018. – 2 апрел – № 18. – С. 10.
2. Асомиддин, Ш. Коститутсия-бахтномаи миллат / Ш. Асомиддин // Ҷавонони Тоҷикистон.- 2017. – 9 ноябр. – № 45. – С. 4.
3. Иномов, А. Қасри сулҳу ваҳдати миллӣ / А. Иномов // Садои мардум.- 2017. –16 ноябр. – № 134-136. – С. 10.
4. Качаев, Д.А. Социокультурный и интертекстуальные компоненты в газетных заголовках (на материале российской прессы 2000-2006 гг.): автореф. дис. …канд. филол. наук / Д.А. Качаев. – Ростов н/Д, 2007. – 25 с.
5. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. Ҷ.1. – 242 с.
6. Мизроб, С. Дасташ гул аст / С. Мирзоб / СССР.- 2018.- 12 июл -№ 28.- С 16.
7. Носиров, С. Хуршеди нурполои сулҳ / С. Носиров, К. Сатторова // Омӯзгор.- 2017. – 5 октября. – №40. – С. 5.
8. Раҳмон, А. Марде аз табори хирад / А. Раҳмон // Ҷумҳурият.- 2020. – 16 ноябр. – С.1
9. Рӯзимадӣ, Т. Намаки ишқ шӯр шавад, хона хароб месозад / Т. Рӯзимадӣ // Чархи гардун.- 2018. – 17 январ. – № 3. – С.14.
10. Рӯзимадӣ, Т. Дили беишқро маргаш беҳ / Т. Рӯзимадӣ // Чархи гардун.- 2017. – 6 сентябр. – № 36. – С. 12.
11. Рӯзӣ, А. Парвонаҳои шамъи дил / А. Рӯзӣ, С. Фатҳуллоев // Адабиёт ва санъат.- 2018. – 12 июл. – № 28.– С. 10.
12. Савриддин, А. Махзани андарзу ҳикмат / А. Савриддин // Омӯзгор.- 2017. – 9 ноябр. – № 45. – С.11.
13. Сатторова, М. Нори хандон боғро хандон кунад / М. Сатторова // Омӯзгор.- 2017. – 26 октябр. – № 40. – С. 4.
14. Сулаймон, Э. Ду гули як чаманем / Э. Сулаймон // Омӯзгор.- 2017. – 5 октябр – № 40. – С.10.
15. Толибшоҳӣ, Д.Н. Назъи ҷон / Д.Н. Толибшоҳӣ // Ҷавонони Тоҷикистон.- 2017. – 7 декабр. – №. 49. – С.14.
16. Ҳалилӣ, Т. Чароғи равшани муҳаббат / Т. Ҳалилӣ // Адабиёт ва санъат.- 2018. – 31 май. – № 22. – С.4.
17. Ҳангома, Д. Сифати сару либоси хонандагон беҳтар мегардад / Д. Ҳангома // Мароми пойтахт.- 2017. – 30 август – № 32. – С. 8.
18. AFP in Paris. Million-year-old mammoth genomes set record for ancient DNA[Электронный ресурс] /AFP in Paris // the guardian, 2021. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/science/2021/feb/17/million-year-old-mammoth-genomes-set-record-for-ancient-dna (*дата обращения:* 23.03. 2021)
19. Bethan, Mc. Turkey drought: Istanbul could run out of water in 45 days [Электронный ресурс] / Mc. Bethan // The Guardian, 2021. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/world/2021/jan/13/turkey-drought-istanbul-run-out-water-45-days (*дата обращения:* 23. 01.21)

20. Caleb, Q. Thailand's empty beach resorts hope vaccines will put them back in the sun [Электронный ресурс]/ Q. Caleb // The Guardian, 2021. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/world/2021/mar/20/thailands-empty-beach-reso 2rts-hope-vaccines-will-put-them-back-in-the-sun (*дата обращения:* 20.03.21)
21. Di, M. A river used to run through it: how New Mexico handles a dwindling Rio Grande [Электронный ресурс]/ M. Di // the Guardian, 2021. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/environment/2021/jan/12/rio-grande-new-mexico-river-water (*дата обращения:* 23. 03. 2021)
22. David, R. Fail productively… how to turn yourself into a super-learner [Электронный ресурс]/ R. David / The Guardian, 2020. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/science/2020/feb/16/neuroscience-become-a-super-learner-scientific-research-better-learning-long-term-memory (*дата обращения:* 21.03.2021)
23. Gurpreet, N. Children hit hard by fall in income during pandemic [Электронный ресурс] / N. Gurpreet // The Times, 2021. – *Режим доступа:* URL:https://www.thetimes.co.uk/article/children-hit-hard-by-fall-in-income-during-pandemic-ng3wr7xz6 (*дата обращения:* 22.03.21)
24. Jada, B. Matthew McConaughey 'seriously considering' run for Texas governor [Электронный ресурс]/ B. Jada // the Guardian, 2021. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/film/2021/mar/11/matthew-mcconaughey-texas-governor (*дата обращения:* 22. 03. 2021)
25. Kate, W. Experience: I grew up on a TV set [Электронный ресурс] / W. Kate // the Guardian, 2021. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/lifeandstyle/2021/mar/05/experience-i-grew-up-on-a-tv-set (*дата обращения:* 24. 03. 2021)
26. Morton, M Not-so-silver fox: I tried to go grey, but my courage failed me [Электронный ресурс] / M. Morton // The Guardian, 2022. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/fashion/2020/aug/06/not-so-silver-fox-i-tried-to-go-grey-but-my-courage-failed-me (*дата обращения:* 5.08.2022)
27. Oliver, B. 10 of the best novels set in Portugal – that will take you there [Электронный ресурс]/ B. Oliver // The Guardian, 2020. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/travel/2020/jun/02/10-best-novels-set-in-portugal (*дата обращения:* 02.10.2020)
28. Saima Mir. I let go of cleaning the house and embraced the mess. [Электронный ресурс] / Mir. Saima // The Guardian, 2022. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/commentisfree/2022/aug/16/let-go-cleaning-house-embrace-mess-caring-creative (*дата обращения:* 16 08. 22)
29. William, K. When will we get Brexit's Black Wednesday? [Электронный ресурс]/ K.William //The Guardian, 2021. – *Режим доступа:* URL: https://www.theguardian.com/business/2021/mar/21/when-will-we-get-brexits-black-wednesday (*дата обращения:* 21.03.2021)
30. The Times.- 2006.- № 19, 9- 0.
31. The Daily Mirror. – 2005.- № 24. - P 7.
32. Newsweek.- 2004.- №9, 6.
33. Dailly Mirrow.- 2002.- № 35. – P 61

СЕРМАЪНОИИ КАЛИМАҲО ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАТБУОТИ ТОҶИК ВА АНГЛИС

Сарлавҳа яке аз унсурҳои муҳимми ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба мавод мебошад. Сарлавҳаи моҳирона таҳияшуда барои рӯзноманигоре, ки ҳамеша талош мекунад, ҳадафи худро муассир ва ба таври хос баён кунад, муваффақият меорад. Дар ин роҳ воситаҳои ифодакунандаи забон, ки категорияҳои семантикиро дар бар мегиранд, нақши асосӣ

мебозанд. Сарлавҳа бояд ба мазмуни мавод мувофиқ бошад ва фикри асосии матнро қатъиян мухтасар ва саҳеҳ баён кунад ва таъкид кунад, ки талаботи асосӣ нисбат ба сарлавҳа хос аст.

Тавре дар мақола қайд гардидааст, бисёрмаъноии калимаҳо дар ҳарду забон - англисӣ ва тоҷикӣ истифода мешавад. Бештар вожаҳои англисӣ сермаъноянд ва дар сарлавҳаҳо назар ба тоҷикӣ бештар истифода мешаванд ва дар бештар ҳолатҳо онҳо ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд.

Калидвожаҳо: *сермаъноӣ, номуайянӣ, сарлавҳа, мақола, рӯзнома, истиора, киноя, маҷози мурсал.*

МНОГОЗНАЧНОСТЬ В ЗАГОЛОВКАХ ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ПРЕССЫ

Заголовок является одним из важных элементов привлечения внимания читателей к материалу. Мастерски созданный заголовок является гарантией удачи журналиста, который всегда стремится эффектно и своеобразно выразить свою цель. В этом ключевую роль играют выразительные средства языка, к которым относятся и семантические категории. Заголовок должен отвечать содержанию материала и давать определенно сжатое и меткое выражение главной идеи текста и подчеркивать, что главным требованием, предъявляемым к заголовку, является конкретность.

Как отмечается в статье, многозначность слов употребляется в обоих языках и в английском, и в таджикском. Больше всего многозначны английские слова и они употребляются в заголовках чаще, чем таджикские, и чаще всего они употребляются в переносном значении.

Ключевые слова*: многозначность, неопределенность, заголовок, статья, газета, метафора, метонимия, синекдоха*

THE HEADLINES POLYSEMY WORDS IN TAJIK AND ENGLISH PRESSES

The headline is one of the important elements of attracting the reader's attention to the material. Professionally headlines have been created a guarantee of good luck for the journalist, who always seeks to express his goal effectively and in a unique way. In this situation, the key role-play by the expressive means of the language, which include semantic categories. The headlines should correspond to the content of the material and give a definitely concise and accurate expression of the main idea of the text and emphasizes that the main requirement for the headlines is specificity.

As said in the article, the polysemy of words use in both languages in English and in Tajik. However, most of all, English words are very ambiguous and they use in headlines more often than Tajik do. However, most of all they use in a portable sense.

Keywords: *ambiguity, title, article, newspaper, metaphor, metonymy, synecdoche.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоева Меҳрангез Масруровна *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. тел.: (+992) 985220707.*

Сведения об авторе: Абдуллоева Мехрангез Масруровна *– Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. тел.: (+992) 985220707.*

Information about the author: Abdulloeva Mehrangez Masrurovna *- Tajik National University, assistant of the University-wide Department of English. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.: tel .: (+992) 985220707*

ТДУ: 801.5

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАҲОИ СОМАТИКӢ ДАР «АНВОРИ СУҲАЙЛӢ»-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Азимова С.Н.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таърихи забони адабии тоҷик яке аз шохаҳои илми забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад ва ҳамвора бо забони асарҳои классикон сарукор дорад. Вазифаи таърихи забони адабӣ дараҷа ба дараҷа, марҳила ба марҳила омӯхтан ва таҳлилу таҳқиқ кардани таркиби луғавӣ, хусусиятҳои маъной, фразеология, наҳв ва меъёрҳои забон дар давраҳои гуногун аст. Дар натиҷаи ба таври илмӣ таҳлилу таҳқиқ кардан ва омӯхтани таърихи забони адабии тоҷик забоншиносон онро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардаанд, ки зина ва марҳилаҳои гуногуни таърихиро дар бар мегирад [12, с. 8].

Зинаи чаҳоруми марҳилаи якум (замони зисти Ҳусайн Воизи Кошифӣ) осори хаттии асри XV-ро дар бар мегирад. Хусусияти барҷастаи ин зинаи забони адабӣ аз он иборат аст, ки калимаву таркиб, ибораю ҷумлаҳои арабӣ бештар истифода мегардиданд. Вале Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар“Анвори Суҳайлӣ”, ки мавриди омӯзиш ва баррасии мо қарор дорад, дар баробари луғоти гуногуни иқтибосӣ аз калима ва таркибҳои аслии тоҷикӣ хеле фаровон истифода бурдааст.

Калимаҳои аслии тоҷикӣ, ки аз замонҳои хеле қадим дар забонамон вуҷуд доранд, аз гурӯҳҳои дигари вожаҳои таркиби луғавӣ бо қабатҳои таърихии худ, хосияти фарқкунандаи лингвистӣ ва мансубияти лексикиву грамматикиашон ба куллӣ фарқ карда, гурӯҳи махсуси калимаҳои забонро ташкил медиҳанд. Аксарияти он калимаҳо ҳоло дар забонамон ба сифати вожаҳои фаъол мавриди корбурд қарор доранд. Онҳоро вобаста ба хусусиятҳои маъноияшон ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо кардан мумкин аст. Яке аз ин гурӯҳ, вожаҳои ифодакунандаи узвҳои бадан мебошанд, ки ҳам дар нутқи Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ҳам дар нутқи имрӯза доираи истифодаи васеъ доранд. Дар ин асос, аз нуқтаи назари олимони тоҷик, ба мисли М.Н.Қосимова, Х.Маҷидов, С. Ҳалимов, Т.Зеҳнӣ, Н.Маъсумӣ, А. Мӯминов, С. Айнӣ, К.Тоҳирова метавон мисол овард, ки доир ба калимаҳои аслӣ ва мавқеи онҳо дар забоншиносӣ тадқиқотҳои ҷолиберо ба анҷом расонидаанд. М. Саломиён низ роҷеъ ба вожаҳои ифодагари узвҳои бадан таваҷҷуҳ намуда, мавқеи семантикии онро дар сохтори ифодаҳои маҷозӣ ба роҳ мондааст [9, с. 193].

Дар ҳамин замина, Саъдуллоев У.Қ. (Хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ) ва Қодирова Ф.Р. (Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии “Ҷаҳоннома”- и Муҳаммади Бакрон) дар рисолаҳои номзадии худ гурӯҳи вожаҳои ифодакунандаи узви баданро мавриди назар қарор додаанд.

Ҳамчунин, доир ба вожаҳои соматикӣ дар муқоиса бо забонҳои дигар мақолаю асарҳои илмию тадқиқотӣ интишор ёфтаанд. Аз ҷумла, Раҳмонова Наргис Шарифовна рисолаи номзадияшро дар мавзуи “Сомотические фразеологические единици в таджикском и русском языках” , ки бобҳои он вобаста ба вожаҳои соматикии **сар, даст** ва **гӯш** (дар муқоисаи забони тоҷикӣ ба забони русӣ мебошад), ба риштаи таҳқиқ кашидааст [14, с. 165].

Дар мавриди дигар, ин муҳаққиқ мақолаи илмие бо унвони “Мафҳуми “сар” дар романи “Гардиши гирдбод”-и Абдулҳамид Самад таълиф намудааст. Дар ин мақола сохтори маъноии калимаи «сар» таҳлил шудааст [16, с. 121-129].

Мо низ дар радифи андешаҳои ин муҳаққиқон, хостем тобишҳои маъноии вожаҳои соматикиро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, дар атрофи маъной аслию маҷозии ин вожаҳо аз дидгоҳои семантикӣ ва зебошинохтии сухан баҳс намоем.

Бояд зикр кард, ки дар ташаккули калимаҳои сермаъно низ маҷоз нақши аввалиндараҷа дорад. Аксари калимаҳои сермаъно бештар хоси забони гуфтугӯйи буда, қисми зиёди онҳо ба калимаҳои ифодакунандаи узви бадани инсон ва мафҳумҳои марбут ба инсон сурат мегиранд [9, с. 182].

Дар Анвори Суҳайлӣ низ бештари номгӯйи узвҳои бадан калимаҳои тоҷикианд. Дар забони тоҷикӣ як нишонаи барҷастаи онҳо дар он аст, ки қариб ҳамагӣ якҳиҷоӣ мебошанд: сар, рӯй, гӯш, чашм даст, дил, пой... Аз ин гуна калимаҳо калимаҳои зиёди дигаре сохта мешаванд: сарбаланд [16, с. 22], сарфароз [16, с. 13], чобукдаст, пешдаст [16, с. 106], тиҳидаст[16, с. 121], пойкашон [16, с. 117], пойдор [16, с. 138], ошуфтамӯй, мушкинмӯй, дилҷӯй, дилкушо [16, с. 429]...

Вожаҳои мансуб ба узвҳои бадан таърихи қадима дошта, дар забон мавқеи устуворро ишғол намудаанд. Махсусан, вожаҳои соматикии **сар, гӯш, чашм, забон, даст, пой, дил** аз забони авестоӣ маншаъ гирифта, дар асар фаровон истифода шудаанд.

Сар. Вожаи «сар» дар асар сермаъно буда, дар матн маъноҳои гуногунро ифода намудааст. Маънои асосии **сар** дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: "Бахше аз бадани ҷонварон, ки шомили мағз ва гирандаҳои ҳиссӣ аз қабили чашм, гӯш, бинӣ, забон, даҳон аст. Вожаи «сар» дар забони форсӣ ва дарӣ سر (sar), авестоӣ- sarak, санскритӣ - siras, суғдӣ- sar, хоразмӣ- sar, паштуӣ- sar, осетинӣ- sar, толишӣ- sarah, ки маънои асосии ин калима дар ҳамин забонҳо як маъноро ифода мекунад, қисми болоии бадан аст". Чунончи:

*...Агар тавонистаме косаи **сари** ӯро обхӯрди дадони саҳро сохтаме [16, с. 111].*

Дар ин ҷумла, таркиби ***"косаи сар"*** омадааст, яъне косахонаи сар, ки дар қисми болоии сар ҷойгир аст, устухони сар.

Аммо ҳамчун як ҷузъи калимаҳои мураккаб ва гардишҳои фардӣ он ибораҳои дигари маъноӣ ба даст меорад.

*Заган гуфт, ин хаёл, ки ту дар **сар дорӣ,** ба муҷаррад пиндорӣ вуҷуд нагирад ва ин деги савдо ба таманнои беҳосил ба ҷӯш наёяд, ҳеҷ коре бе он, ки асбоби он муҳайё бошад, аз пеш наравад ва ҳеҷ натиҷа бе он ки тартиби муқаддамот кунанд, рӯй нанамояд [16, с. 50].*

*Он гаҳ, Бараҳман **сари дарҷи асрор** боз карда, садафи гӯши Ройро аз ҷавоҳири ҳикмат пур сохт ва чанд рӯз аз муҳиммоти худ бартараф шуда, ба тарбияти ӯ пардохт[16, с. 61].*

Дар ҷумлаи якум, ***"хаёл дар сар доштан"*** ба маънои ***"фикру андеша доштан"*** ва дар ҷумлаи дуюм, ***"сари дарҷи асрор боз кардан"*** ба маънои ***"ба кушодани сирру асроре оғоз кардан*, яъне *ба гуфтани сухани махфие оғоз кардан"*** омадааст. Ё ҷойи дигар:

***Сар** то ба пойи ту ҳама матбуи табъи мост,*

Гӯё, барои хотири мот офаридаанд[16, с. 52].

Ин ҷо ***"сар то ба пойи ту",*** дар асл, далолат ба маънои аслӣ мекунад, чун***"аз сар то поят ба ман писанд омадааст".*** Лек , шоир дар ин мисраъҳо ба маънои шакли ҷамъи ҳама узвҳои бадан ***"аз қисмати сар тонӯги пой"*** –ро дар назар дорад, яъне на ба маънои як қисме аз узвҳои бадан "***сар"***, балки ба шакли исми кул омадааст.

Раҳмонова Н.Ш. дар мақолаи худ [ниг. Н.Раҳмонова]вожаи "сар"- ро дар таркиби ибораҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ барои ифодаи мафҳумҳои хавотир шудан, тоқат кардан, бемор шудан, марг, бераҳмӣ, куштор, эҳтиром, афзалият, самимият ва монанди ин истифода намуда,бо лексемаи «сар» дар роман беш аз 100 калимаро бо маъноҳои гуногуни маъноӣ муайян кардааст [12, с. 4].

Мӯй. Вожаи «мӯй» таърихи қадима дошта, пайдоиши онро ба давраи тоҷикии қадим нисбат додаанд: **mos, mauda** форсии қадим**<mōy** форсии миёна. «**Мӯй**» низ яке аз калимҳои сермаъноии забони тоҷикӣ, ки маънои аслии он риштаҳои борик ва нозуке, ки ба рӯйи пӯсти бадани инсон ва бархе аз ҳайвонҳои пистондор зоҳир мешаванд, мебошад.

*Зани ҷавон дар маҳосини ӯ чанд **мӯйи сафед** дид, бо худ андешид, ки ин **мӯйҳои сафедро** бар бояд канд, то тамоми риши ӯ сиёҳ намояд...[16, с. 483].*

*Димна гуфт, сайёде рӯзе дар саҳро мегузашт, рӯбоҳе дид бағоят чусту чолок, ки дар фазои он дашт мегашт ва бозикунон дар ҳар ҷониб ҷилва менамуд, сайёдро **мӯйи**ӯ хуш омад...[16, с. 134].*

Дар ҷумлаи аввал, “***мӯйи сафед”*** дар шакли танҳову ҷамъ дида мешавад ва дар ҳарду шакл ба маънои аслӣ омадааст. Яъне, вақте ки инсон давраҳои ҷавонии худро сипарӣ кардан мегирад, мӯйҳои сиёҳи ӯ мубаддал ба сафедӣ мегардад. Ҳамин сафедиро Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҷойи дигар аз поён ёфтани умри инсон ва ба марг наздик шудани он медонад.

Мӯйи сафед *аз аҷал орад паём,*

Пушти хам аз марг расонад салом [16, с. 62].

Дар мисоли дигар,*“**мӯй” ӯ*** ишора ба исми ғайри шахс мекунад, яъне мӯйи рӯбохро дар назар дорад. Ин вожаба ҷойи муродифи худ *“**пашм”*** омадааст. Айни замон барои ҳайвонот калимаи ***“пашм”*** бештар истифода мешавад. Инчунин, вожаи мӯй дар асар ғайр аз маънои аслӣ бо маъниҳои маҷозӣ низ дида мешавад. Ин вижагиро дар мисоли ***“ду мӯй будан”*** мебинем, ки маънои “***ду қисм будан”***-ро дорад.

*Гуфт, овардааанд, ки шахсе ду аврат дошт, яке пиру дигаре ҷавон ва худ **ду муй буд** ва ҳарду авратро дӯст медошт [16, с. 482].*

Барои ифодаи узви босира вожаҳои **чашм** ва **дида** истифода шудаанд:

Чашм. Ин калима аз шакли вожаи забони эронии қадимии **ćašman** сарчашма гирифта, сурати он дар порсии қадим **ĉašma-**, порсии миёна **čašm** (порсии миёнаи монавӣ **čšm**), портии монавӣ **cšm**, форсии классикӣ **čašm**, форсии муосир **čäšm**, тоҷикӣ **čašm** мебошад. (Ҳамчунин, муқ.: хоразмӣ **cm**, сакоии хутанӣ **tçeiman**, суғдӣ **čšm**). Дар луғат чунин маънидод шудааст: яке аз узвҳои бадани инсон ва ҳайвон, ки дар сар қарор гирифтааст ва барои дидани чизҳо хизмат мекунад (6, с. 530). Ба ҷуз маънии аслӣ дигар маъниҳоро низ ифода мекунад: назар, нигоҳ; *маҷозан* умед, таваккуъ; чашмзахм, чашми бад ва ба монанди ин истифода мешавад. Дар асар ба маънии аслӣ ва маҷозӣ омадааст:

*Ба айш кӯш, ки то **чашм** мезанӣ бар ҳам,*

Хазон ҳамерасад ва навбаҳор мегузарад[16, с. 16].

*Зоғ гуфт, эй малик, ҳеҷ кадомро **чашм** аз гуруснагӣ кор намекунад ва қуввати ҳаракат низ намонда, аммо ваҷҳе ба хотир расида аст, ки агар малик бад-он ризо диҳад, ҳамаро рафоҳияти тамом ва неъмати муставфӣ ба ҳосил ояд[16, с. 137].*

*Моро зи ту **чашми бади** айём ҷудо кард,*

Чашми бади айём чӣ гӯям, ки чиҳо кард[16, с. 142].

Вожаи «**чашм**» дар намунаи аввал ба маънои аслӣ ***“чашм бар ҳам задан”,*** ба маънои ***“чашм пӯшидан, мичгон таг кардан”*** ва дар ҷумлаҳои сонӣ ба маънои маҷозӣ ***“чашми гурусна”*** ба маънои ***“ҳарис”*** , аз ҳад афзун талабкунанда ва ***“чашми бади айём”*** ба маънои ***“нотавонбинии мардум”“назари бад”*** омадаанд.

Муҳаммаддовуд Саломиён вожаи “чашм”- ро дар робита бо вожаҳои дигар, хусусияти семантикии он дониста, ҳар ду паҳлуи ин вожаро дар якчанд абёт мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи ӯ “ин вожа дар робита бо калимаҳои дигар барои ифодаи маъноҳое омадааст, ки ин маъноҳо ба маънои аввалаи он аз ягон ҷиҳат наздикӣ доранд [14, с.171-172].

Гӯш. Вожаи «**гӯш**» дар фарҳанг ба се маънӣ омадааст: 1) узви шунавоии инсон ва ҳайвон; 2) гӯшаки асбобҳои мусиқии тордор; 3) номи рӯзи чордаҳуми ҳар моҳи шамсӣ, ки форсиён онро ҷашн мегирифтанд (6, с. 185, 305-306). Дар матн ба маънии узви шунавоии инсон корбаст шудааст. Вожаи мазкур таърихи тӯлонӣ дошта, дар забони порсии қадим дар шакли **gauša,** авестоӣ **gaoša,** порсии миёна **gŏš** ва дар забони тоҷикӣ ва дар порсии нав шакли **gŭš**-ро гирифтааст.

*...Шахсе бар умеди маҳсули тухм дар замини шӯра пароканда кунад, ё дар **гӯши** кари модарзод аз ғаму шодӣ фурӯ гӯяд, ё бар рӯйи оби равон ғазалҳои тару тоза нависад, ё бар сурати гармоба ба ҳавас таволуд ва таносули ишқбозӣ кунад [16, с. 135].*

*Рӯбоҳ ба зери дарахт мурғи хонагӣ дид, ки минқор дар замин мезад ва қуте металабид ,дар камин нишаста, хост ӯро сайд намояд, ки ногоҳ овози табл ба **гӯши** ӯ расид, нигоҳ кард ва ҷуссае дид ба ғоят фарбеҳ ва овози вай муҳиби истимоъ афтод, томаи рӯбоҳ дар ҳаракат омада, бо худ андешид, ки ҳар оина гӯшт ва пӯсти ӯ фарохӯри овоз хоҳад буд [16, с. 87].*

*Он кас, ки суханҳои азизон накунад **гӯш**,*

Бисёр бихояд сари ангушти надомат [16, с. 144].

Вожаи ***“гӯш”***дар ҷумлаи якум ба маънои аслӣ ва дар мисолҳои баъдӣ,***“ба гӯш расидан”*** ба маънои *“**шунидан**”ва **“гӯш накардан”*** ба маънои***“итоат накардан”*** омадаанд.

Вожаи «даҳон» маъниҳои 1) узви инсон ва ҳайвон, ки забон ва дандонҳо дар он ҷойгир аст; 2) қисми саркушодаи зарф, тӯп, шиша ва ғ.; ҷойи даробарои баъзе чизҳои миёнковок, мадхал: даҳониғор ва монанди инҳоро дорад.

*Димна гуфт, овардаанд, ки Зоге дар камари кӯҳе хона гирифта буд ва дар шикофи санге ошёна сохта ва дар ҳаволи он сӯрохӣ Море буд, ки оби **даҳонаш** заҳри ҳалок ва мамот будӣ...[16, с. 103].*

Ин ҷо **“*оби даҳонаш”*** ба маънои аслӣ омада, вобаста ба даҳони мор сухан меравад.

*Нуктае дорам ниҳонӣ бо **даҳони** ту вале,*
Вақт танг асту намеёбам маҷоли фурсате [16, с. 378].

Дар ин байт бошад, вожаи «даҳон» шакли маҷозиеро касб мекунад, зеро суханро на бо даҳон, балки ба гӯши касе бояд гуфт. Вожаи «даҳон»-ро шоир барои пурра гаштани вазни шеър истифода кардааст. Мақсади шоир ***“ бо даҳони ту”*** Яъне ***“барои ту”*** як розе (сухани пинҳонӣ) дорам”, гуфтан аст.

Лаб. Шакли авестоии вожаи «**лаб» <law** эронии қадим ва <**lapa** паҳлавӣ буда, шакли аввалаи он то кунун дар шеваҳои ҷанубӣ маъмул аст [6, с. 14].

*Гул ба зери **лаб** намедонам, чӣ мегӯяд, ки боз,*
Булбулони бенаворо дар фиғон меоварад[6, с. 131].

Дар ин байт, сухан аз***“зери лаби гул”***меравад, аммо мақсади мо, *аз **“зери лаб”*** маънои аслии***“таги лаб”***мебошад.

*Айши ман талх асту гар ёр аз **лаби** шакарфишон,*
Шарбате бахшад маро, коми дилам ширин шавад [6, с. 170]

Ин ҷо***“лаби шакарфишон”***маънои маҷозӣ дошта, ишора аз лаби маъшуқа мекунад.

*Шаҳол гуфт, Моҳихоре буд, бар **лаби** об ватан карда ва аз ҳама муҳимот рӯйи дил ба сайди моҳӣ оварда ва ба қадри ҳоҷат моҳӣ мегирифт ва рӯзгор дар рафоҳият мегузаронид[16, с. 104].*

Дар ин ҷумла калимаи «**лаб»** ба маънои ***назди...***омадааст.

Вожаи **“лаб”** ифодакунандаи маънои аслӣ ва маҷозӣ буда, дар асар бештар ба макони об нисбат дода шудааст; **лаби об[16, с. 141], лаби чашма[16, с. 80], лаби ҷӯй [16, с. 241], лаби дарё [16, с. 467], лаби ҳавз[16, с. 487]** ва амсоли ин истифода гардидааст.

Забон. Ин вожа дар “Анвори Суҳайлӣ” ба тарзи фаровон истифода шудааст ва дар осори дигар адибон низ корбурди васеъ дорад.

Ин вожаро дар луғат ба се маънӣ меоранд: 1) узвест иборат аз порчаи гӯшти мутаҳаррик дар даҳон, лисон; 2) воситаи ифодаи фикр ва алоқа бо мардум, нутқ; 3) нӯги чизе. Дар матн ба маънии воситаи ифодаи фикр ва алоқа бо мардум, нутқ ба кор рафтааст:

*Бузурге гуфтааст: “**Забон** тарҷумони дил аст ва дил волии вилояти бадан ва сухан ъарзкунандаи ҷавоҳири ганҷинаи вуҷуд, то дар дарҷи гӯёӣ ба мисмори хомӯшӣ баста бошад” [16, с. 122].*

Дили пургавҳари асрор дорам,
*Валекин бар **забон** мисмор дорам [16, с. 176].*

Зи пинҳон кардани розам, ҷигар чандонки месӯзад,
*Зи бими душманон пайваста муҳре бар **забон** дорам [16, с. 177]*

Вожаи “**забон”** хусусияти сермаъноӣ дошта, дар асар маъниҳои гуногунро ифода мекунад. Дар мисолҳои боло***“бар забон мисмор доштан”*** ба маънои ***“забон маҳкам будан,*** яъне “ ***забони бо мех дӯхташуда”*** омадааст ва ***“муҳре бар забон доштан”*** низ айнан ҳамин мазмунро дорад.

Хун мехӯрад чу теғ дар ин давр ҳар ки ӯ,
Як рӯву **як забон** бувад аз покгавҳарӣ.[16, с. 157].

Дар хусуси ***“як рӯву як забон будан”*** метавон аз сифатҳои хуби инсонӣ: ростқавлию поквиҷдонӣ сухан кард. Муқобили ҳамин мазмун, вожаи дурӯя мавҷуд аст, ки ба маънои дуҷониба ва дусамта омадааст. Мақсади шоир теғ ки як рӯ ва як забон бувад (дами шамшерро дар назар дорад), хун хӯрдан кори ӯст.

Дандон. Дар забоншиносӣ маънои калимаи «дандон» (dan. Dān)-ро ҳар яке аз андомҳои сахти дохили даҳон, ки барои хойидан, газ гирифтан, буридан ва монанди онҳо ба кор меравад, шарҳ додааст. Қобили қайд аст, ки ин вожа дар эронии бостон dantānam, забони форсии миёна ба гунаи dandān, санскрит dànt, ҳиндуаврупоӣ dont, авастоӣ dantan, портӣ dandān, суғдӣ dnt, сакоӣ dandaa мавриди истифода қарор дорад.

Бар-ин хон кас нахойид луқмае нон,
*Ки санге н-оядаш дар **зери дандон**[16, с. 142].*
*Ман низ худро фидои малик сохта, орзумандам, ки малик хандон- хандон аҷзои маро дар буни **дандон**ҷой созад...[16,с. 139]*

Дар ин мисолҳо вожаи дандон дар шакли таркибии ***“зери дандон”,*** яъне ***“ таг васӯрохии дандон”*** ва ***“буни дандон”*** ба маънои ***“бо рағбати тамом”, “аз таги дил***” омадааст.

Гардан. Он қисми бадан, ки сарро бо китфҳо мепайвандад, яъне унуқ ё унқ. Кошифӣ вожаи «гардан»-ро бо маъниҳои гуногун дар асар истифода бурдааст.

*Пас, Харчанг хештанро ба **гардани** Моҳихор афканд ва ҳалқи ӯро маҳкам фишурдан гирифт, Моҳихор пиру заиф буд, ба андак ҳалқафишорӣ беҳуш шуда, аз ҳаво дарафтод ва бо хок яксон гашт [16, с. 106].*

Гардане *ки ба силсилаи ҳирс баста шуд, оқибат ба теғи надомат бурида гардад [16, с. 134].*

*Касе ба **гардани мақсуд** даст ҳалқа кунад,*
Ки пеши тири балоҳо сипар тавонад буд [16, с. 56].

*Ва фоидаи ин масал он аст, ки ҳар ки сарриштаи вафо аз даст бигзорад, банди уқубат дар пойи дил ниҳода бошад ва тавқи бало дар **гардани ҷон** афканда [16, с. 388].*

*Ва агар иродаи эзидӣ ба маҳсули он тааллуқ нагирад, ҷидду ҷаҳд ҳеҷ фоида надиҳад, пас ҳукми илоҳиро бар **гардан***бояд *гирифт ва сари таслим бар хати тақдир бояд ниҳод [16, с. 564].*

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки вожаи , ***“гардан”*** дар ҷумлаи аввал ба маънои аслӣ омадааст, *“гардан”-и* дуюм барои ифодаи***“шахс“(****шахсе, ки ба вартаи ҳирс афтод)*дар ифодаи*“**гардани мақсуд**”*ба маънои***“барои ба мақсад расидан”*** ва “ даст ҳалқа кардан” ба маънои ***“кӯшиш кардан , талош варзидан”,*** дар ифодаи ***“гардани ҷон”***маънои*“**мубтало”** ва дар ифодаи* ***“бар гардан гирифтан”*** ба маънои ***“итоат кардан”*** омадааст. Бояд қайд кард, ки ин ифода ба маънои *иқрор шудан, ба уҳда гирифтан* низ меояд. Маврид ба зикр аст, ки дар ифодаи маъно таносуби маъноӣ мавқеи муҳим дорад. Чунончи, дар ифодаи маънои аслӣ таносуби яксамтаи маъноӣ ба кор рафтааст, яъне гардан, ҳалқ, фишурдан, ҳалқафишорӣ, беҳуш шудан. Дар мавриди дуюм, алаккай, таносуби маъноӣ чандсамта мешавад: гардан, силсила (банд, занҷир), бастан, теғ, буридан ва самти дигар вожаҳои ҳирс ва надомат. Дар мавриди сеюм, таносуби маъноии сесамта гардан - даст ҳалқа кардан, даст ҳалқа кардан - сипар кардан, тири балоҳо – сипар кардан. Дар ҳолати дигар *гардани ҷон-тавқи бало- афканда*н ва билохира *гардан-гирифтан* омадаанд.

Тамоми вожаҳои мансуб ба узвҳои бадан бударо, дар маҷмуъ, **«тан»** меноманд. Тан аз қисми поёни гардан оғоз мешавад. Вожаи тоҷикӣ буда, дар забони эронии қадим **tanu**, дар паҳлавӣ дар шакли **tan** вуҷуд доштааст, ки маънои бадан,ҷисмро дорад.

Мурда будам, бӯйи ёри дилнавоз омад ба ман,
*Бори дигар **ҷони аз тан** рафта боз омад ба ман[16, с. 169].*

Ба номи неку гар бимирам равост,
*Маро ном бояд, ки **тан** маргрост[16, с. 140].*

Дар ин мисраҳо вожаи «тан», ки ҷон дар он қарор ба маънои аслӣ омадааст. Ин вожа дар асар ба маънои **нафар,шахс, кас** низ дида мешавад.

*... Ва ҳукамо гуфтаанд, ки дӯстии **ҳазор тан** дар муқобилаи душмании як шахс наёд[16, с. 146].*

*... Агар **як тани** дигар дар ин қазия гувоҳӣ диҳад, бемузоиқа бад-ин бало **тан дардода** ба қазои ҳақ розӣ шавам...[16, с. 238].*

Ифодаи "***тан дардодан"*** маънои таслим шуданро дорад.

Дил. Вожаи «**дил**» аз шакли забони тоҷикии қадим **darda** пайдо шуда, ба сурати **dil** \\ **del** ривоҷ ёфтааст **.** Дар фарҳанг узви хунгардонӣ (ба шакли халтачаи мушакӣ), ки дар тарафи чапи сари синаи инсон ва ҳайвон воқеъ аст, қалб омадааст, дар **маҷоз** дарун, дохил, миёни чизеро мегӯянд. Вожаи «**дил**» дар асар ба маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ ба таври фаровон истифода шудааст:

Тухми такаббур мафишон синаро,
*Ҷой мадеҳ дар **дили худ** кинаро [16, с. 285].*

*Ман ҳамеша аз муҷоварати ту тарсон будаам ва пайваста мусоҳибати туро ба **дил** инкор мекардам [16, с. 178].*

Дар мисоли боло вожаи «**дил**» ба маънои аслӣ омадааст.Зеро мо ҳама ғаму шодиро бо дил қабул мекунем ва дар мисоли дигар, ***" ба дил инкор кардан"*** ба маънои "***рад кардан"***омадааст.

*... Димна ба фаросат аз шер дарёфт, ки хавфе бар ӯ муставлӣ шуда ва аз **мамарри дил** машғуле дорад, бо Калила гуфт, дар ҳоли мулк чӣ гӯйӣ, ки нишоти ҳаракатро гузоштааст ва бар як ҷое қарор гирифта.*

Ин ҷо ***"мамарри дил"*** ба маънои ***"бо майли худ"*** омадааст:

Осори малолат аз ҷабинаш,
*Дода хабар аз **дили ҳазинаш**[16, с. 74].*
*Шоир **"дили ҳазин"**-ро ба маънои **"ғамгин шудан"** истифода намудааст.*

Сина. Фарҳангнигорон чунин маъноҳои калимаи «сина»-ро шарҳ додаанд: 1.Қисми болоии бадани инсон аз тарафи пеш, ки дилу шуш дар таги он воқеъ аст, садр 2. дил, қалб, замир [Фарҳанги забони тоҷикӣ 1969, с. 240]. Вожаи "мазкур" ибтидои худро аз sēnak-и форсии миёна гирифта, дар эронии бостон ба гунаи sainaka истифода гардидааст. Дар санскрит вожаи мазкур ба гунаи śyenà, авастоӣ saēni, балуҷӣ sina дучор меояд. Дар осори Кошифӣ вожаи мазкур ба маъноҳои зайл мавриди истифода қарор гирифтааст:

*Шабе бо паланг ҳам аз ин мақула суханон мегуфт ва сӯзи **сина** ва ошуфтагии дил шарҳ медод [16, с. 168].*

"Сӯзи сина" ба маънои ***"ҳоли табоҳ"*** омадааст.

*Дил рафту **сина** низ тиҳӣ шуд зи ҷон кунун,*
Эй сабр, бозгард, ки ин хона ҷойи туст [16, с. 195].

Дар ифодаи ***"синатиҳӣ шудан"*** низ маънои ***"ҳолатиногувор"*** баён шудааст.

Вожаҳои «даст» ва «пой» низ ба ҷуз маънои аслиашон, бо маъноҳои гуногун дар асар фаровон истифода гардидаанд.

*Қадарро гардан ниҳода, ҳангоми саҳар аз дарди **даст пой** бетоқат шуда фарёд оғоз*

кард[16, с. 552].

Даст. Ин вожа дар забони авестоӣ дар шакли **zasta** ва дар порсии миёна дар шакли **dast** вуҷуд дошт [6, с. 136], то имрӯз дар ин шакл ба кор меравад ва яке аз вожаҳои сермаъност. Яъне ба ҷуз маънии аслӣ (узви бадани инсон аз шона то нӯги ангуштон, каф ва панҷаи даст) боз маъниҳои маҷозии паҳлу, тараф, ғалаба, бартарӣ, мансаб, рутба, карат, дафъа ва дигар маъниҳоро ифода мекунад. Дар асар ба маънии аслӣ ва маҷозии худ корбаст шудааст:

Ва ин масал бадон овардам, то ту низ гӯша ва ошёнаи маро ғанимат донӣ ва қадри туъма ва луқмае, ки бемашаққат ба ту ҳам мерасад, бишносӣ ва ба андаке қаноат намуда, афзунталабӣ накунӣ, мабодо, ки бад-он поя нарасӣ ва ин мартаба низ аз ***дасти*** *ту биравад [16, с. 50].*

Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ бояд кард,
Дарег суд надорад, чу рафт кор аз ***даст*** *[16, с. 116].*

Писар гуфт, эй падари бузургвор, онро, ки ман мехоҳам ***дасти паймон*** *омода кардаам ва кобини ӯ нуқуд ниҳода, шуморо дар он боб таклифе наменамоям ва аз шумо мардӣ ва ионате таваққуъ надорам [16, с. 51]*

Ва ин масал ба ҷиҳати он эрод кардам, то маълум шавад, ки ман ҳарифи ***дасти қазову қадар*** *нестам ва ҷуз он ки, сари таслим бар хатти ҳукми илоҳӣ ниҳам, чора надорад [16, с. 11].*

Ғолиб онаст, ки ***даст*** *дили худ реш кунад,*
Ҳарки аз рӯйи ҷадал мушт занад бар девор[16, с. 119].

Дар мисолҳои боло ***"аз даст рафтан"*** *ба маънои* ***"маҳрум шудан аз чизе"*** ,***"дасти паймон"*** ба маънои "***аҳд кардан",***"***дасти қазову қадар"*** *ба маънои* ***"тақдир"*** ва ***"даст реш кардан"*** ба маънои ***"ранҷ кашидан"*** омадааст. Маврид ба зикр аст, ки вожаи "даст" дар бунёди ифодаҳои маҷозӣ дар асар нақши муҳимме гузоштааст.

Пой. Ба ҷуз маъни аслиаш, боз ба маъниҳои: 1) бо изофат – қисми поёнӣ ва зерини ҳар чиз; таг, зер, бун; 2) *маҷозан* - охир, анҷом, интиҳо; 3) *маҷозан* - истодагарӣ, тоқат, тобоварӣ; 4) *маҷозан* - поя, мартаба, қадр; 5) *маҷозан* - бунёд, асл [6, с. 67] меояд. Калимаи **pāy**, ки дар забони муосири тоҷикӣ дар шакли **pā (по)** низ ба кор меравад, идомаи таърихии вожаи эронии қадим ***pāda-** аст, ки сурати решаи он дар забони порсии қадим ***pād-,** порсии миёна **pāy** мебошад (ҳамчунин, муқ.: авестоӣ **pād**, суғдӣ **p′δ**).

Сар то ба ***пойи*** *ӯ ҳама руҳи муҷассам аст,*
Руҳе бад-ин латофату покизагӣ кам аст [16, с. 170].

То тавон бар маснади иззат ниҳодан ***пойи*** *хеш,*
Аз чӣ бояд кард, дар хоки мазаллат ҷойи хеш [16, с. 170].

Кошифӣ дар ҳудуди як ҷумла калимаҳои **дида, забон, ангушт, дандон** ва **зонуро,** ки номи узвҳои бадананд, тобишҳои маъноии муассире додааст ва ба ин васила фасоҳати нутқашро таъмин ва диққатангез сохтааст. Чунончи:

Ва мисдоқи ин қавл ҳикояти Шеру Димна аст, ки чун ғадри ӯ вуқуф ёфт ва бар макру фасоди ӯ мутталиъ гашт, ӯро ба навъе сиёсат фармуд, ки ***дидаи*** *эътибори дигарон бад-он рӯшан шуд ва ояти "****фаътабиру ё ули-л-абсор"*** *вирди* ***забон*** *сохтанд ва сурати ин қазия бар он ваҷҳ буд, ки чун Шер аз кори Гов бипардохт ва ба таъҷил, ки дар он кор намуда буд, пушаймон шуда,* ***ангушти*** *надомат ба* ***дандони*** *маломат мегазид ва* ***сари*** *ҳасрат бар* ***зонуи*** *ҳайрат мениҳод[16, с. 168].*

Дар ифодаҳое, ки калимаҳои соматикӣ мавҷуданд, чунин маъноҳо омадаанд: ***дидаи эътибор рӯшан шудан*** *- муайян шудан;****вирди забон сохтан*** *- овоза шудан,* ***ангушти надомат ва дандони маломат газидан****- пушаймон шудан****, сари ҳасрат ба зонуи ҳайрат ниҳодан*** *- ноилоҷ мондан.*

Зону. Ин вожа дар форсии қадим **«zānūka»**, дар паҳлавӣ **«zānūk»** буда, банди байни устухони рон ва соқи пойро ташкил медиҳад. Дар асар бо маъниҳои гуногун истифода шудааст.

Он беҳ, ки баъд аз ин сари фароғат бар ***зонуи узлат*** *ниҳам ва хатти батолат бар сафҳаи касб ва ҳирфат кашам, ки "****ар-ризқу ъалаллоҳи таборак ва таъоло"****он гаҳ даст аз асбоби дунявӣ шуста ва дар гӯшае нишаст ва дилдар иноятиеиллатӣ****мусаббабу-л-асбоб*** *баст [1, с. 68].*

Вожаи «зону» дар асар ба маънои ғайриаслӣ омадааст. Дар мисоли боло ***"зонуи узлат ниҳодан"*** ба маънои канорачӯйӣ, гӯшанишинӣ кардан омадааст, ки айнан далели ин гуфтаҳост.

Чунонки аз баррасӣ муайян гашт, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар "Анвори Суҳайлӣ", калимаҳои соматикии **сар, мӯй, гӯш, даҳон, забон, дандон, чашм, гардан,тан,сина, даст,пой, зону** ва **ангуштро** ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ мавриди корбурд қарор додааст.

Мусаллам аст, ки ҷумла ва матн имконоти бештари нишон додани вижагию тобишҳои маъноиро доранд, аммо дар доираи имконоти мавҷуда намунаи ифодаҳои бо калимаҳои соматикӣ сохташударо интихобан бо маъноҳояшон дар ҷадвали зер ба тарзи мухтасар овардем.

Ҷадвали 1

Калима	Дар ифодаҳо	Маъно	Миқдор(якҷо бо шаклҳои калимасозӣ)
САР	Сари теғ (15) Сар то по (15) Сар бар зада (15) Сар кашидан (49) Сари хон (49) Сари сандуқ (30) Сариангушти тадбир (34-35) Сар фурӯд овардан (44) Сар бар ошён гузоштан (44) Сари таҳсин (57) Сари иродат (65) Сари фароғат (68)	*Нӯги теғ* *Тамоми бадан* *Падид шуда* *Пайдо шудан* *Назди хон* *Болои сандуқ* *Оғози чорачӯйи* *Қоилшудан, таъзим кардан* *Ба макон ворид шудан* *Офарин* *Ҷуръат* *Лаҳзаи осойиш...*	1331
ДАСТ	Дасти мурофиқат (19) Дасти мурод (52) Дасти талаб (20) Дасти муборак (30) Дасти лутф (33) Дасти вафо (18) Дасти умед (55) Дасти исроф (62) Дасти изтироб (72) Дасти тороҷ (73) Дасти макр (95) Дасти исён (102) Дасти қазо (101) Дасти паймон (52) Дасти андӯҳ (119)	*Муносиб кардан* *Мақсад* *Орзу* *Хайрхоҳ* *Меҳрубонӣ* *Меҳр* *Ният* *Сарф* *Безобита* *Талаф* *Ҳилла* *Шӯриш* *Тақдир* *Аҳд* *Ғам*	685

ЗАБОН	Забони таъна (72) Забони пок (96) Забони маломат (96) Забони ниёз (145) Забони мукофот (146) Забони эътироз (163)...	*Таъну маломат* *Сукхани рост* *Сарзаниш* *Эҳтиёҷ* *Миннатдорӣ* *Норизойӣ...*	223

Забони адабиёти бадеӣ хусусияти зебоишинохтӣ дорад, аз ин рӯ, дар он калимаҳо вобаста ба хусусияти сермаъноии худ дар истифодаи як шакли ифода метавонанд чанд маъноро ба худ гиранд. Калимаҳои аслии тоҷикӣ ин имкониятро бештар доранд. Калимаҳои соматикии аслии тоҷикӣ низ аз ин вижагӣ орӣ нестанд. Дар равиши баррасии мавзуъ дар намунаи “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ин ҳолат мушаххасан ба назар расид. Як калима дар ифодаи маънои маҷозӣ чанд тобиши маъноиро инъикос намудааст. Муайян гардид, ки дар асар вожаҳои соматикии **«сар», «даст», «забон»** барои ифодаи тобишҳои маъноии гуногун саҳми бештар доранд.

Адабиёт

1. Бобоҷонова, Д. Ҷанбаи луғавию сохтории вожаҳои сермаъноии соматикӣ (дар заминаи маводи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ) / Д. Бобоҷонова. – Хуҷанд: Хуросон. 2011. –168 с.
2. Гулназарова, Ж. Назарияи маъно дар маъношиносӣ, “Маҷмуи мақолаҳо, забон рукни тоат” / Ж. Гулназарова. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2011. - № С.16-22.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 452 с.
4. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX/X) Ҷилди 1. / М.Н. Қосимова.- Душанбе: Матбааи ДМТ, 2012. – 568 с.
5. Муҳаммад, Муин. Фарҳанги форсӣ /Муин Муҳаммад. – Теҳрон, Ҷ.1. - 1996. –1472 с.
6. Муҳаммади, Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷ.1,2,3,4. /Ҳасандӯсти Муҳаммад. –Теҳрон, 1393 ҳ.
7. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидав. – Душанбе: Деваштич, 2007. - 243 с.
8. Масъалаҳои мубрами забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2017. - 368 с.
9. Муслимов Ҳ.А. Вижагиҳои осори Манучеҳрии Домғонӣ / Ҳ.А. Муслимов. – Душанбе: ДМТ. – 2017. - 162с.
10. Раҳмонова, Н.Ш. Соматические фразеологические единицы в таджикском и русском языках / Н.Ш.Раҳмонова – Душанбе, 2006.– 165с.
11. Раҳмонова, Н.Ш. таҳлили семантикии вожаи “чашм” дар осори М.Турсунзода. (маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ба муносибати 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода) / Н.Ш.Раҳмонова. – Душанбе: АМИТ, 2021.– С.146.
12. Раҳмонова, Н.Ш. Мафҳуми “сар” дар асари Абдулҳамид Самад “Гардиши гирдбод” / Н.Ш.Раҳмонова // Паёми ДДБ ба номи Носирӣ. – Бохтар, 2020. - №1(85). – С.121-129 .
13. Саломиён, М. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV / М. Саломиён. – Душанбе, 2020. – 158 с.
14. Саломов, М. Қ. Вижагиҳои савтӣ, маъной ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ / М.Қ. Саломов. - Душанбе: Пойтахт, 2017. - 266 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди I-II. - М., Сов. энсиклопедия, 1969.
16. Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Калила ва Димна ё Анвори Суҳайлӣ. Чопи дувум. Баҳори 1341 ш. Чопи мавсуӣ.
17. Шамсиддин, К. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / К. Шамсиддин. – Душанбе, 1993. - 146 с.

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАҲОИ СОМАТИКӢ ДАР “АНВОРИ СУҲАЙЛӢ”- И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Дар мақолаи мазкур тобишҳои маънои вожаҳои соматикии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ - “Анвори Суҳайлӣ” мавриди таҳлил қарор гирифтааст.Таърихи забони адабӣ ташаккул, устуворшавӣ, инкишофу густариш ва таҳаввули забони хаттиро дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ меомӯзад. Дар адабиёти асрҳои XV- XVI навиштани асарҳои ахлоқӣ вусъат ёфтааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таърихи адабиёт бо асарҳои ахлоқиаш, ки яке аз онҳо“Анвори Суҳайлӣ” мебошад, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудааст. Забон ва тарзи баёни он мувофиқ ба шавқу рағбати хонанда аст. Зеро, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар баробари истифодаи калимаҳои иқтибосӣ, аз вожаҳои аслии тоҷикӣ фаровон истифода намудааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки вожаҳои аслан тоҷикӣ, ки тамоми давраҳои таърихии инкишофи забони тоҷикиро сипарӣ кардаанд, пойдевори ин забонро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи вожагон аз луғоти қадимаи забонҳои эронӣ маншаъ гирифта, баъзе аз онҳо дар забонҳои имрӯзаи эронӣ низ роиҷ мебошанд.

Муаллиф вожаҳои аслан тоҷикии “Анвори Суҳайлӣ”-ро аз рӯйи маънои лексикиашон ба гурӯҳҳои маъной-луғавӣ тасниф намуда, баъзе вожаҳои соматикиро, аз қабили **сар, мӯй, гӯш, даҳон, з абон, дандон, чашм,** ки аъзои дар **сар** ҷойгиршударо ифода мекунанд ва гардан, ки сарро бо ҷисм мепайвандад, сипас **тан, сина, ноф, даст, пой, устухон, зону** ва **ангуштро** дар асар ҳам аз нигоҳи баромади калима ва ҳам маънои луғавияшонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Таҳқиқот аз рӯйи таърихи баромади калимаҳо ва фарҳангҳои мавриди назар қарордодашуда нишон дод, ки аслан вожаҳои соматикӣ дар асар калимаҳои тоҷикианд ва табиист, ки дар дигар забонҳо низ аксарияти номгӯйи узвҳои баданро вожаҳои аслӣ ташкил медиҳанд.

Муҳаққиқ ҳадафи асосии пажӯҳишро вобаста ба таҳлилу тадқиқ намудани вожаҳои соматикӣ дар он медонад, ки аз пешрафту инкишофи забони адабии тоҷик дар асрҳои XV-XVI ва махсусан, аз инкишофи вожаҳои аслан тоҷикии китоби “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ бархӯрдор бошем.

Калидвожаҳо: *Анвори Суҳайлӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, калимаҳои аслӣ, маънои аслӣ,маънои маҷозӣ,номгӯйи узвҳои бадан, соматизмҳо.*

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ЗНАЧЕНИЯ СОМАТИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ В «АНВОР СУХАЙЛИ» (СИЯНИЕ СУХАЙЛА) ХУСЕЙНА ВОИЗА КАШИФИ

В данной статье анализируются значения соматической лексики в творчестве Хусейна Войза Кашифи – «Сияние Сухайли».История литературного языка изучает становление, закрепление, развитие и эволюцию письменного языка на определенных исторических этапах.В литературе XV-XVI веков расширилось написание нравоучительных произведений. Хусейн Вайиз Кашифи получил всемирную известность в истории литературы своими моральными произведениями, одним из которых является «Сияние Сухайла».

Язык и стиль произведения соответствуют интересам читателя. Потому что Хусейн Воиз Кашифи, наряду с использованием цитат, использовал много исконно таджикских слов.Автор отмечает, что исконные таджикские слова, прошедшие все исторические этапы развития таджикского языка, составляют основу этого языка. Эта группа слов берет свое начало из древних словарей иранских языков, а некоторые из них используются и в современных иранских языках.

Автор классифицирует исходные таджикские слова «Сияние Сухайли» по их лексическому значению на лексические группы, а некоторые соматические слова, такие как голова, волосы, ухо, рот, язык, зубы, глаза, которые расположены в голове и т.д. на., шея, которая соединяет голову с туловищем, а затем туловище, грудь, пупок, руки, ступни, кости, колени, пальцы рассматриваются в произведении как с точки зрения происхождения слова, так и с точки зрения их лексическое значение. Исследования по истории происхождения рассматриваемых слов и культур показали, что соматические слова по своей сути являются таджикскими словами в произведении, и естественно, что и в других языках большинство названий частей тела являются исходными словами.

Главной целью исследований по анализу и изучению соматических слов исследователь считает развитие таджикского литературного языка в XV-XVI веках и, в частности, развитие исконных таджикских слов в книге «Сияние Сухайла». " Хусейна Воиза Кашифи.

Ключевые слова: *Сияние Сухайла, Хусейн ВаизаКашифи, исконные слова, исконное значение, переносное значение, список частей тела, соматизмы.*

SEMANTIC MEANINGS OF SOMATIC VOCABULARY IN "ANVOR SUHAILI" (SHINE OF SUHAIL) BY HUSSEIN VAIZ KASHIFI

This article analyzes the meanings of somatic vocabulary in the works of Hussein VoiziKashifi - "Shine of Suhaili". The history of the literary language studies the formation, consolidation, development and evolution of the written language at certain historical stages. In the literature of the XV-XVI centuries, the writing of moralizing works expanded. Hussein Wazir Kashifi has gained worldwide fame in the history of literature for his moral works, one of which is the Shining of Suhail.

The language and style of the work correspond to the interests of the reader. Because Hussein VazirKashifi, along with the use of quotations, used a lot of original Tajik words. The author notes that the original Tajik words, which have passed all the historical stages of the development of the Tajik language, form the basis of this language. This group of words originates from the ancient dictionaries of the Iranian languages, and some of them are also used in modern Iranian languages.

The author classifies the original Tajik words "Shine of Suhayli" according to their lexical meaning into lexical groups, and some somatic words, such as head, hair, ear, mouth, tongue, teeth, eyes, which are located in a hat, etc. on., the neck that connects the head to the body, and then the torso, chest, navel, hands, feet, bones, knees, fingers are considered in the work both in terms of the origin of the word and in terms of their lexical meaning.Studies on the history of the origin of the words and cultures under consideration have shown that somatic words are essentially Tajik words in the work, and it is natural that in other languages, most of the names of body parts are the original words.

The main goal of research on the analysis and study of somatic words, the researcher considers the development of the Tajik literary language in the XV-XVI centuries and, in particular, the development of the original Tajik words in the book "Shine of Suhail". Hussain WaizaKashifi.

Keywords: *Shining Suhail, Hussein VaizKashifi, original words, original meaning, figurative meaning, list of body parts, somatisms.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Азимова Сайёра Назриевна – Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. Нишонӣ: ш. Душанбе, к.Саид Носир 33. Телефон: (+992) 986067979; E-mail: 04.s.a@mail.ru*

Сведения об авторе: *Азимова Сайёра Назриевна – Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры таджикского языка и делопроизводства. Адрес: г.Душанбе, ул. Саид Носира 33. Тел.: (+992) 986067979; E-mail: 04.s.a@mail.ru*

Information about the author: *Azimova Sayora Nazrievna – Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant of the Department of tajik language and Offik work. Address: Dushanbe, 33 Said Nosir str. Phone : (+992) 986067979; E-mail: 04.s.a@mail.ru*

ТДУ: 801.3.3

МУБРАМИЯТИ ТАРҶУМАИ ИХТИСОРАҲОИ СИЁСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Асоева Д.Х.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Забони давлатӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ мебошад ва танҳо забон аст, ки ба дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад. Яке аз вижагиҳои аслии муҳимми забони мо хосияти баҳамоварӣ ва ё ваҳдатофаринии он буда, ин хусусият, сипас, дар ташаккули он ба унвони як забони умумӣ барои мардуми эронитабор нақши муассир бозид. Сифати дигари забони мо тавоноӣ ва рақобатпазирии он аст. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки нуфуз ва тавоноии ин забон ба ҳадде буд, ки на танҳо дар ҳавзаи илму фарҳанг, балки дар сиёсат ва давлатдорӣ низ ҳеҷ забони дигар бо вай рақобат карда натавонист ва қавму миллатҳои мухталифе, ки асрҳо дар ин сарзамин ҳукмронӣ карданд, онро на танҳо ҳамчун забони илму фарҳанг, балки ба ҳайси забони сиёсат ва давлату дарборҳои худ пазируфтанд.

Имрӯзҳо барои рушд кардани забони тоҷикӣ истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам овардааст, вале бо назардошти рақобати иқтисодии ҷаҳонӣ, ки талаби донистани забонҳои ҷаҳониро тақозо менамояд, як қатор тоҷикон майли донистану корбариро ба забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, русӣ, арабӣ ва хитойӣ пеша мегиранду дар тараққиёти забони модарии худ кам ҳиссагузор мешаванд.

Асарҳои забоншиносии солҳои охир аз шавқу ҳаваси рӯзафзуни мутахассисон ба омӯзиши типологии забонҳои гуногун гувоҳӣ медиҳанд, зеро ин гуна тадқиқот барои амалӣ гардонидани мақсадҳои мушаххаси амалӣ: муайян намудани шабоҳат ва тафовутҳои байнизабонӣ, сарфи назар аз робитаи ирсӣ ва умумияти системавии забонҳои муқоисашаванда, такмили методологияи таълими забони ғайримодарӣ, рафъи зуҳуроти дахолат, инкишофи назария ва амалияи тарҷумонӣ, эҷоди асарҳои лексикографӣ ва ғайра ҳанӯз ҳам дар бораи моҳияти мақсадҳо ва принсипҳои омӯзиши муқоисавӣ ва муқоисавии забонҳо хизмат мекунанд.

Таваҷҷуҳ ба роҳҳои гуногуни пур кардани лексикаи ин ё он забон, ба принсипҳои моделсозии воҳидҳои нав, эҷоди шаклҳои нави забонӣ, ки сохторҳои нави донишро дар забон мустаҳкам мекунанд, дар забоншиносӣ суст намешавад. Муроҷиат ба маводи забоншиносӣ ҳамеша ба муҳаққиқ мавзуи кореро, ки бо пур кардани камбудиҳои мавҷудаи тавсифи як забон вобаста аст, тавсия мекунад.

Ҳамин тариқ, яке аз онҳо ин набудани тадқиқот дар забони тоҷикӣ мебошад, ки ба ихтисорот ҳамчун роҳи эҷоди воҳидҳои нав бахшида шудааст. Дар адабиёти забоншиносӣ ҷиҳатҳои сохтории ихтисорот, таснифоти навъҳои гуногуни он, баъзе хусусиятҳои семантикии ихтисорот мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, вале хусусиятҳои баҳодиҳӣ ва ҳиссиётии онҳо пурра тавсиф карда нашудаанд. Дар ҳамин ҳол, истифодаи воҳидҳои ихтисоршуда ҳамчун воситаи ифодаро метавон як тамоюли оммавии фаъолияти онҳо дар забони англисии муосир арзёбӣ кард.

Дар айни замон, ихтисорот ба яке аз роҳҳои маъмултарини эҷоди воҳидҳои забонӣ табдил ёфтааст. Чунин як зуҳурот қариб дар тамоми кишварҳо ва забонҳои миллӣ мушоҳида мешавад, ки ҳам монандӣ ва ҳам фарқи роҳҳои инкишофи онро ошкор мекунад. Дар даҳсолаҳои охир дар забонҳои муосири аврупоӣ теъдоди ихтисорот зиёд ва басомади корбурди онҳо зиёд шуда, он ба яке аз роҳҳои пешбари калимасозӣ табдил ёфтааст. Шиддат ва мураккабии ин раванд аҳаммияти масъалаи ихтисорот, зарурати рӯ овардан ба омӯзиши ҳамаҷонибаи онро муайян мекунад. Таваҷҷуҳ ба вижагиҳои эҷоди ихтисорот дар забонҳои гуногун ва вижагиҳои корбурди онҳо дар навъҳо ва жанрҳои гуногуни нутқ аз он вобаста аст, ки ихтисорот яке аз роҳҳои тавлиди калима мебошад.

Ба ифодаи махсуси чунин воҳидҳо, аз ҷумла, тавассути “бозӣ”-и забонӣ, ки дар шакли умумии он ҳамчун як шакли рафтори нутқ, ки ба ноил шудан ба таъсири муайяни муоширатӣ нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад, ба даст оварда мешавад. Тасвири

графикии ихтисорот ва имкониятҳои рамзии онҳо барои ба вуҷуд овардани чунин воситаҳои таъсиррасоние, ки рафтори муайяни нутқро ба вуҷуд меоранд, хеле қулай мебошанд. Набудани таҳқиқи ҳамаҷониба, ки ҳамин ҷониби ихтисороти сиёсии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода бошад, боиси пайдо шудани мақолаи мазкур гардид.

Тавре ки медонем, сиёсат санъати идоракунии давлат ва ҷомеа аст, яъне соҳаи фаъолияти инсон, ки бо муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ё шакли шуури иҷтимоӣ алоқаманд аст. Мутаносибан, дар асар мафҳуми «муҳокимаи сиёсӣ» ҳамчун маҷмӯи матнҳои муоширати хаттӣ ва шифоҳӣ дар соҳаи идоракунии давлат ва ҷомеа фаҳмида мешавад. Инҳо на танҳо матнҳои қонунгузории сиёсӣ, баҳсҳои сиёсӣ, балки матнҳои сиёсӣ низ мебошанд. Ҳар матни иҷтимоӣ-сиёсӣ табиист, ки ба муҳокимаи сиёсӣ дохил мешавад.

Истилоҳоти сиёсӣ ин воҳидҳои махсуси лексикӣ, калима ва ибораҳое мебошанд, ки мафҳумҳои мушаххаси алоҳидаро дар низоми қабулшудаи сиёсӣ ифода намуда, дар матнҳои сиёсӣ истифода мешаванд ва дорои сифатҳои кӯтоҳӣ ва номуайянӣ мебошанд.

Ихтисораи сиёсӣ воҳиди луғавӣ аст, ки аз унсурҳои ҷудогонаи (ихтисоршудаи) вожа ё ибораи аслӣ иборат буда, дар матнҳои сиёсӣ ба кор бурда мешавад ва ҷузъи ҷудонашавандаи гуфтугӯйии сиёсӣ мебошад.

Солҳои охир матнҳои сиёсӣ ҳамчун ҷузъи мубоҳисаи сиёсӣ ё муоширати сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд [9, с. 5]. Мафҳуми гуфтугӯ (дискурс)-ро олимони зиёде мавриди омӯзиш қарор додаанд: А.Н.Баранов, Е.Г.Казакевич, Е.И.Шейгал, П.Серио, Ю.С.Степанов, В.Е.Чернявская, М.Фуко ва дигарон.

В.Е. Чернявская ду мафҳуми гуфтугӯро пешниҳод мекунад: 1) гуфтугӯ ҳодисаи мушаххаси муоширатиро ифода мекунад, ки дар матнҳои хаттӣ ва нутқи шифоҳӣ сабт гардида, дар фазои муайяни муошират сурат мегирад; 2) гуфтугӯ ҳамчун маҷмӯи матнҳои аз ҷиҳати мавзуӣ алоқаманд фаҳмида мешавад. [8, с. 74-75] Чунин ба назар мерасад, ки омезиши ин ду равиш табиати аслии гуфтугӯро муайян мекунад.

Ба акидаи мо, гуфтугӯ маҷмуи матнҳои нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ мебошад, ки дар вазъияти муайяни муошират истифода шуда, ба як мавзуи умумӣ равона карда шудааст.

Мафҳуми «гуфтугӯи сиёсӣ» бо сиёсат алоқаи зич дорад. Яъне, «гуфтугӯйи сиёсї»-ро мо маҷмуи матнҳои иртиботи хаттӣ ва шифоҳӣ дар соҳаи идоракунии давлат ва ҷомеа мефаҳмем. Аз ин рӯ, матнҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба таври табиӣ ба гуфтугӯйи сиёсӣ ворид мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ оид ба мафҳуми «истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ» ақидаи аниқ ва қатъӣ мавҷуд нест [10, с. 7] Масалан, А.Н.Баранов ва Е.Г.Казакевич бар ин назаранд, ки забони сиёсӣ низоми махсуси аломатҳост, ки махсус барои муоширати сиёсӣ пешбинӣ шудааст [2, с. 63]. Ба ақидаи А.П.Чудинов, таҳқиқоти забоншиносон дар соҳаи истилоҳоти сиёсӣ, пеш аз ҳама, маводи мавриди омӯзишшударо муттаҳид месозад. [9, с. 6]

Ба андешаи мо, инкор кардан душвор аст, ки дар матнҳои сиёсӣ шеваи хоси сиёсат истифода мешавад, сарфи назар аз он ки бисёре аз вожаҳо ва ибораҳо, аллакай, маъмул гаштаанд, зеро «сиёсат ягона соҳаи касбӣ аст, ки дар он муошират мухотиби оммавӣ» дорад [10, с. 5]. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки дар соҳаи сиёсат на танҳо луғатҳои аз ин пеш муқарраршуда мавҷуданд, балки бисёр воҳидҳои нави луғавӣ низ ба вуҷуд омаданд. Ин ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва ба вуҷуд омадани созмонҳои сершумори байналмилалӣ ва мувофиқан номҳои онҳо дар шакли ихтисороти аз ҷониби умум қабулшуда вобаста аст. Матнҳои марбут ба гуфтугӯйи сиёсӣ одатан кӯтоҳ буда, луғати ихтисоршуда ба вижагиҳои ин гуна матнҳо мувофиқ аст.

Бисёре аз ихтисороти сиёсиро, ки ҳангоми истифода дар матнҳои сиёсӣ дорои чунин сифатҳо ба монанди мухтасарӣ ва номуайянӣ мебошанд, метавон истилоҳҳои сиёсӣ арзёбӣ кард, яъне вохидҳои махсуси луғавӣ, ки мафҳумҳои алоҳидаи мушаххасро дар низоми аз тарафи умум қабулшудаи мафҳумҳои сиёсӣ ифода мекунанд.

Такрибан, дар ҳама матнҳои таҳлилшудаи сиёсӣ калимаҳои ихтисоршуда дида мешаванд, ки метавон танҳо ба се гурӯҳи асосии ихтисораҳо ҷудо намуд:

1. **Ихтисораҳои овозӣ**: UNESCO - United Nations Educational, Scientific and Cultural Organisation (Созмони умумиҷаҳонии ЮНЕСКО); UNICEF - United Nations International Childrens Emergency Fund (Созмони умумичаҳонии ЮНИСЕФ)
2. **Ихтисораҳои ҳарфӣ:** WHO - World Health Organisatoin (ТУТ - Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ); BBC-British Broadcasting Corporation (БИ-БИ-СИ); MP-Member of Parliament (Аъзои парламент);
3. **Ихтисораҳои навъи омехта:** ECOSOC UNO - Economical and Social United Nations Organisation (Шурои иқтисодӣ – ҷамъиятии СММ).

Хулоса, воҳидҳои ихтисоршуда на танҳо ҷузъи таркибии истилоҳоти ҷамъиятию сиёсӣ, балки хусусияти фарққунандаи он буда, ин услуби гуфторро аз ҷиҳати истилоҳот нишон медиҳанд. Илова бар ин, бояд таъкид кард, ки ихтисораи истилоҳоти сиёсии байналмилалӣ, асосан, ба ихтисороти забони англисӣ асос ёфтааст ва дар бисёр ҳолатҳо дар асли тоҷикӣ мувофиқат намекунад. Ин боиси душворихои тарҷума мегардад. Барои ҷилавгирӣ аз мушкилоти эҳтимолӣ, сиёсатмадорони сатҳи баланд,, инчунин, тарҷумонҳо бояд оид ба ихтисороти сиёсии муосир дониши васеъ дошта бошад.

Ихтисораҳо на танҳо ҷузъи таркибии матнҳои гуфтугӯйии сиёсӣ мебошанд, балки ин услуби гуфторро низ аз ҷиҳати истилоҳӣ нишон медиҳанд.

Адабиёт:

1. Абдулфайзов, С. Истилоҳи дипломатӣ дар забони тоҷикӣ / С. Абдулфайзов. – Душанбе, 2013. - 174 с.
2. Баранов, А. Н. Парламентские дебаты: традиции и новации / А.Н. Баранов, Е.Г. Казакевич. - М.: Знание, 1991. - 63 с.
3. Калонтаров, Я.И. Исследования в области таджикской терминологии. Наука Советского Таджикстана / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Дониш, 1974. -250 с.
4. Куткина, А.Ю. Аббревиация как способ образования современной общественно-политической терминологии / А.Ю. Куткина // Вестник Московского университета. Серия 19. Лингвистика и межкультурная коммуникация. – 2011.- №2,.- С.104-109.
5. Лейчик, В. М. Терминоведение: предмет, методы, структура / В.М. Лейчик. - 2-е изд., испр. и доп. - М.: Ком-Книга, 2006. - 256 с.
6. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ / С. Назарзода. – Душанбе: Даҷиқӣ, 2013. – 368 с.
7. Нуров, П. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ / П.Нуров. – Душанбе, 2006. – 324 с.
8. Чернявская, В. Е. Власть дискурса и дискурс власти. Проблемы речевого воздействия / В. Е. Чернявская. - М.: Наука, 2006. - С. 74-75.
9. Чудинов, А.П. Метафорическая мозаика в современной политической коммуникации / А. П. Чудинов. - Екатеринбург : Изд-во УГПУ, 2003. - 248 с.
10. Шейгал, Е. И. Семиотика политического дискурса: дис. ... д-ра филол. наук / Е. И. Шейгал. - Волгоград, 2000. - 431 с.

МУБРАМИЯТИ ТАРҶУМАИ ИХТИСОРАҲОИ СИЁСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола масъалаи хусусиятҳои забонии тарҷумаи ихтисораҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф зикр намудааст, ки дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҳаҷми луғавии забони тоҷикӣ ба зинаи баландтар баромад, ки ҳаҷми иттилооти ба ҷомеаи муосир воридшударо инъикос намуда, фазои забонро хеле васеъ мекунад.

Яке аз манбаҳои фаъоли ба вуҷуд омадани воҳидҳои нави луғавӣ ихтисорот ба шумор рафта, имкон медиҳад, ки маълумоти зиёдро бо кӯшиши ҳадди ақали бо фаъолияти нутқ алоқаманд, интиқол ва қабул карда шавад. Ихтисороти муосир натиҷаи як раванди муайяни таърихӣ мебошад, ки онро ба қадри кофӣ тӯлонӣ номидан мумкин нест, аммо дар айни замон рушди босуръати ин равандро қайд кардан лозим аст.

То имрӯз, бешубҳа, дар омӯзиши аббревиатура пешравӣ ба даст омадааст. «Монеаи нобоварӣ» ба ихтисорот, ки барои амиқтар омӯхтани онҳо халал мерасонд, бартараф карда

шуд. Ин вазъият гувоҳӣ медиҳад, ки дар омӯзиши ин раванд самтҳои нав кушода мешаванд. Дар забони адабии муосири тоҷик ихтисорот, воситаи калимасозӣ ва аз ҳама муҳиммаш, имкониятҳои семантикию грамматикии он боиси зуҳури равияҳои нави муоширатии забон гардид, ки дар амалияи имрӯзаи забон аз он сарфи назар кардан мумкин нест. Барои дуруст шарҳ додани ихтисорот ва аҳамияти тарҷумаи ихтисороти сиёсӣ, албатта, асоснокии равшани назариявии моҳияти мафҳуми таҳқиқшаванда низ зарур аст.

Дар мақолаи мазкур нақш ва ҷойгоҳи ихтисорот дар гуфтугӯйи сиёсии муосир баррасӣ ва мафҳуми «гуфтугӯйи сиёсӣ» мушаххас шарҳ дода шудааст.

Калидвожаҳо: *гуфтугӯйи сиёсӣ, забони сиёсӣ, луғати сиёсӣ, ихтисорот***,** *муҳокимаи сиёсӣ, ихтисораҳои овозӣ, ихтисораҳои ҳарфӣ, ихтисораҳои навъи омехта.*

АКТУАЛЬНОСТЬ ПЕРЕВОДА ПОЛИТИЧЕСКИХ АББРЕВИАТУР НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В статье рассматриваются лингвистические особенности перевода аббревиатур.

Автор отмечает, что в конце XX и начале XXI века лексика таджикского языка вышла на более высокий уровень, что отражает объем информации, поступающей в современное общество, и значительно расширяет пространство языка.

Одним из активных источников появления новых словарных единиц является аббревиатура, позволяющяя передавать и получать большой объем информации с минимальными усилиями, связанными с речевой деятельностью. Современная аббревиатура являются результатом определенного исторического процесса, который нельзя назвать достаточно длительным, но в то же время необходимо отметить быстрое течение этого процесса.

На сегодняшний день, несомненно, достигнут прогресс в изучении аббревиатуры. Устранено «препятствие недоверия» к аббревиатурам, мешавшее их глубокому изучению. Такая ситуация свидетельствует о том, что открываются новые горизонты в изучении этого процесса. В современном литературном таджикском языке аббревиатуры, средства словообразования и главное его семантические и грамматические возможности привели к возникновению новых коммуникативных тенденций языка, которые нельзя не учитывать в современной языковой практике. Для правильного объяснения аббревиатур и значения перевода политических аббревиатур, безусловно, необходимо и четкое теоретическое обоснование сущности исследуемого понятия.

В настоящей статье рассматриваются роль и место аббревиатур в современном политическом дискурсе, уточняется понятие «политического дискурса».

Ключевые слова**:** *политический дискурс, политический язык, политическая лексика, аббревиатуры, звуковые аббревиатуры, буквенные аббревиатуры, аббревиатуры смешанного типа.*

THE RELEVANCE OF THE TRANSLATION OF POLITICAL ABBREVIATIONS IN THE TAJIK LANGUAGE

At the end of the 20th and beginning of the 21st century, the vocabulary of the Tajik language reached a higher level, which reflects the amount of information entering modern society and significantly expands the space of the language. One of the active sources of the emergence of new vocabulary units are abbreviations that allow you to transmit and receive a large amount of information with minimal effort associated with speech activity. Modern abbreviations are the result of a certain historical process, which cannot be called long enough, but at the same time, it is necessary to note the evolution of this process.

Nowadays, undoubtedly, progress has been made in the study of abbreviations. Removed the "obstacle of distrust" to abbreviations that prevented their deep learning. This situation indicates that new horizons are opening up in the study of this process. In the modern literary Tajik language, abbreviations, word-formation means and, most importantly, its semantic and grammatical capabilities have led to the emergence of new communicative language trends that cannot be

ignored in modern language practice. For a correct explanation of abbreviations and the meaning of the translation of political abbreviations, of course, a clear theoretical justification of the essence of the concept under study is also necessary.

This article discusses the role and place of abbreviations in modern political discourse. The concept of political discourse is specified.

Keywords: *political discourse, political language, political vocabulary, abbreviations, sound abbreviations, letter abbreviations, mixed type abbreviations.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Асоева Дилангез Хоҷибековна *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти (PhD) кафедраи филологияи англис. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 502167445.*

Сведения об авторе: Асоева Дилангез Ходжибековна – *Таджикский международный универститет иностранных языков имени Сотим Улуғзода, докторант (PhD) кафедры английской филологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел: (+992)5021674 45.*

Information about the author: Asoeva Dilangez Khojibekovna *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, doctoral student (PhD) of the Department of English Philology. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992)502 16 74 45.*

УДК: 801

КЛАССИФИКАЦИЯ РЕАЛИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Нагзибекова М.Б., Баротов А.Т.,

Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода

Известно, что усвоение безэквивалентной лексики вызывает большие затруднения в силу ее основного свойства: эта лексика не имеет эквивалентов в системе родного языка учащихся. Е.М. Верещагин и В.Г. Костомаров характеризуют безэквивалентную лексику следующим образом: «Иногда план содержания русского слова или номинативного словосочетания невозможно сопоставить с каким-либо иноязычным лексическим понятием, так что их нельзя семантизировать с помощью простого перевода. Эти слова называются безэквивалентными, и все они отражают типично отечественную действительность, т.е. именно их лексическим понятиям присущ своеобразный специфический культурный компонент» [1, с. 32-36].

В безэквивалентную лексику включают довольно разнородные классы слов и словосочетаний. Сюда относят реалии, собственные имена, обращения, междометия, звукоподражания, некоторые фразеологизмы, иноязычные вкрапления, аббревиатуры, отступления от литературной нормы и случайные лакуны, т.е. безэквивалентную лексику в узком смысле слова (крыльцо, простенок и т.п.) [2, с. 41].

Исследователь В.В. Виноградов дает следующую классификацию реалий [5, с. 54]: 1) Бытовые реалии – жилище, имущество, одежда, пища, виды труда, денежные знаки, единицы меры, народные танцы и песни, праздники, обращения. 2) Этнографические реалии – этнические и социальные общности и их представители, божества, сказочные существа, легендарные места. 3) Реалии мира природы – животные, растения, ландшафт. 4) Реалии государственно-административного устройства и общественной жизни – административные единицы и государственные институты, партии, предприятия, воинские и полицейские подразделения, должности, профессии, титулы Ономастические реалии – антропонимы, топонимы, имена литературных героев, названия компаний, музеев, театров и т.п. 6) Ассоциативные реалии – символика, фольклорные и литературно-книжные аллюзии.

Наиболее часто в научной литературе по безэквивалентной лексике встречается термин «реалия», но в языкознании не сложилось однозначного понимания этого термина. Традиционно под словом «реалия» понимается материально существующая вещь. Реалиями считают то, что свойственно, принадлежит одному народу и отсутствует у другого или других.

Само слово «реалия» — латинское прилагательное среднего рода множественного числа (realis, мн. realia — «вещественный», «действительный»), превратившееся (в русском языке) под влиянием аналогичных лексических категорий в существительное женского рода. Им обозначают (главным образом в филологических текстах) предмет, вещь, материально существующую или существовавшую, нередко связывая по смыслу с понятием «жизнь»; например «реалии европейской (общественной) жизни». Согласно словарным определениям, это «всякий предмет материальной культуры», «в классической грамматике разнообразные факторы... такие как государственное устройство данной страны, история и культура данного народа, языковые контакты носителей данного языка и т.п. с точки зрения их отражения в данном языке», «предметы материальной культуры, служащие основой для номинативного значения слова» [9, с. 281].

Как утверждает Г.Д. Томахин, реалии — это «названия присущих только определенным нациям и народам предметов материальной культуры, фактов истории, государственных институтов, имена национальных и фольклорных героев, мифических существ» [7, с. 13]. По сравнению с другими словами языка отличительной чертой реалии является характер ее предметного содержания, т.е. тесная связь обозначаемого реалией предмета, понятия, явления с народом (страной), с одной стороны, и историческим отрезком

времени, с другой. Отсюда следует, что реалии присущ соответствующий национальный колорит.

Понятие «колорит» имеет значение «совокупность особенностей (эпохи и местности), своеобразие чего-либо». Это та окрашенность слова, которую оно приобретает благодаря принадлежности его денотата к данному народу, определенной стране, конкретной исторической эпохи [2, с. 21]. Реалиям присущ и временной колорит. Как языковое явление, наиболее тесно связанное с культурой, эти лексические единицы быстро реагируют на все изменения в развитии общества; среди них всегда можно выделить реалии — неологизмы, историзмы, архаизмы. Неологизмы — слова, обозначающие возникшие в данный период реалии. Историзмы — слова, обозначающие мертвые реалии. К реалиям относят также цитаты, крылатые слова и выражения (реалии афористического уровня), различного рода обращения.

Многие авторы, которые занимались исследованием реалий, дают приблизительные и неполные определения, говоря лишь о тех или иных признаках, и используют различные термины для их определения. Одни авторы к реалиям относят слова, которые обозначают особенности государственного устройства, быта, нравов и т.д.

Другие, например Л. Соболев, определяют реалии как «бытовые и специфические национальные слова и словосочетания, которые не имеют эквивалентов в быту, а значит и в языках других стран, и слова их национального быта, которых нет в других языках, потому что нет этих предметов и явлений в других странах» [9, с. 290].

В. Россельс видит в реалиях «иностранные слова, которые обозначают понятия, предметы, явления, которые не используются тем народом, на язык которого произведение переводится». Он считает, что «реалия — это предмет, понятие, явление, характерное для истории, культуры, быта, жизни того или иного народа страны, которое не встречается у других народов» [5, с. 169].

На наш взгляд, глубже всего эту переводоведческую категорию (реалии) изучили болгарские переводоведы С. Влахов и С. Флорин. В книге «Непереводимое в переводе» (1980) они, как мы считаем, дали наиболее точное определение реалиям: «Это слова (и словосочетания), называющие объекты, характерные для жизни (быта, культуры, социального и исторического развития) одного народа и чуждые другому; будучи носителями национального и/или исторического колорита, они, как правило, не имеют точных соответствий (эквивалентов) в других языках, а следовательно, не поддаются переводу «на общих основаниях», требуя особого подхода» [3, с. 47].

Решающим фактором при отнесении каких-либо явлений к реалиям является национальная окрашенность их референтов, которая настолько очевидна, что их никак нельзя отнести к национальным особенностям культуры каких-либо иных стран, кроме страны, породившей эти реалии. Наблюдения показали, что в подавляющем большинстве своем реалии — имена существительные. Среди реалий почти не встречаются отглагольные существительные, что объясняется отсутствием содержания реалий «определенного действия». Но существуют производные от реалий. Особую группу таких производных составляют отыменные прилагательные, например: вершковый, аршинный, саженный, копеечный, рублевый. Значение их связано со значением реалии, от которой они произошли.

Количество реалий, каждая из которых характеризуется определенной формой, лексическими, фонетическими и морфологическими особенностями, в любом языке велико. Встает вопрос об их упорядочении, т.е. необходима классификация реалий, поскольку она дает возможность, во-первых, охарактеризовать эту специфическую лексику, дать ей определение, во-вторых, она способствует более верному решению вопросов, связанных с переводом реалий с одного языка на другой, так как место, занимаемое конкретной реалией в классификации, может показать переводчику степень значимости ее для того или иного контекста. О видах реалий, о делении их по тем или иным признакам упоминается у многих авторов, но более или менее оформленные классификации созданы лишь несколькими авторами.

У А.Е. Супруна реалии делятся главным образом по предметному принципу на «несколько семантических групп» [3, с. 52—53].

Таблица А.А. Реформатского [4, с. 139], составленная для курса введения в языкознание, построена на предметно-языковом принципе: отмечается, из каких языков в русскую лексику вошли иноязычные слова, обозначающие: 1) имена собственные, 2) монеты, 3) должности и обозначения лиц, 4) детали костюма и украшения, 5) кушанья и напитки, 6) обращения и титулы при именах.

Детальная классификация реалий, предложенная С. Влаховым и С. Флориным, позволяет рассматривать реалии по их коннотативным значениям, т.е. в зависимости от местного (национального, регионального) и временного (исторического) колорита.

Объединение таджикских реалий в тематические группы дает возможность в концентрированном виде показать национальное своеобразие языка и общества, обслуживаемого этим языком. Общая схема данной классификации имеет следующий вид.

1. **Имена религиозных личностей:** Например: Абу-Муслим – видный политический деятель и военачальник, возглавивший в VIII в. борьбу против господства Омейядской династии арабских халифов. Убит арабским халифом Аль-Мансуром в 755гг. С именем Абу-Муслима связаны легендарные сказания; Ходжа Абдулхалик Гиждувани (ум. В 1179 или 1180 г.) – известный мусульманский мистик, глава и наставник местных дервишей. Гробница Ходжи Абулхолика была местом паломничества; Хаджхадж – крупнейший представитель арабского халифата конца VII начала VIII в., известный своей жестокостью, Правил Ираком при арабских халифах Абдулмалике и Валиде. В период правления Хаджахаджа значительная часть Средней Азии была завоевана арабским полководцем Ибн Муслимом Кутейба.

2. **Имена исполнителей, певцов, музыкантов**. Например: Бобокул Файзуллоев (1897-1964) – народный певец Таджикистана, один из крупнейших знатоков и исполнителей классического музыкального наследия Таджикского народа «Шашмаком». Под его руководством и при его участии была произведена нотная запись «Шашмакома» в редакции крупнейшего музыковеда профессора В. Беляева в шести томах; Шохназар Сохибов (1903-1973) – популярный исполнитель и один из самых лучших знатоков «Шашмакома». Окончил Московскую консерваторию им. П. И. Чайковского в 1941 году, искусно играл на дутаре и тамбуре. Шохназар Сохибов был удостоен звания заслуженного деятеля искусств Узбекской и Таджикской ССР; Ходжи Абдулазиз (1852-1936) – выдающийся таджикский и узбекский певец и музыкант, выключавший в свой репертуар более двухсот вокальных и инструментальных произведений, крупнейший исполнитель и знаток классического музыкального наследия «Шашмаком».

3**. Имена эмиров, шейхов, царей**. Например: Абдулахад – эмир Абдулахад – предпоследний бухарский эмир из Мангытской династии, правивший в период 1885-1910 гг. Абдулахад сам писал стихи и поэтому привлекал ко двору поэтов и учёных, порою и насильственно; Бахоуддин Накшбанд (1318-1389) – крупнейший шейх суфийского направления, на основе учения которого образовалась одна из ветвей суфизма – Накшбандия – по его имени. На первых этапах своего появления и развития накшбандия считалось сравнительно прогрессивным направлением суфизма, куда входили такие крупнейшие фигуры таджикской и узбекской литератур, как Абдурахман Джами и Алишер Навои; Раус уль-Азам - прозвище известного суфийского шейха Абдул Кадыра Гелани, основателя суфийского ордена «Кадырия» пользовалось широкой популярностью в Средней Азии.

Так в общих чертах выглядит классификация реалий в русском языке.

В персидском языке вопрос характеристики реалий затронут весьма поверхностно, а классификация реалий нигде нами не встречена. Реалиями в персидском языке называются в основном присущие определенному языку «элементы культуры», не встречающиеся в других языках. Данное определение более подходит к существующему в русском языке определению «культуронимы».

Следуя приведенному выше примеру классификации попытаемся классифицировать реалии или культуронимы таджикского языка.

1.**Архитектура:** Например: Медресе Мирзы Улугбека – прекрасный архитектурный памятник, самое старое медресе, построенное астрономом и математиком Улугбеком в 1417 г. в Бухаре; Кукалташ – одно из наиболее крупных медресе Средней Азии, построенное в 1518 г. братом и влиятельным сановником Абдуллаханом Шайбани Кульбобо Кукалташем, Расположенное на площади Лабихауз Диванбеш медресе Кукалташ посчитывало около ста шестидесяти худжр, имело богатую библиотеку. Славится как великолепный архитектурный памятник; Самаркандские ворота – ворота старой части города. Вообще в окружавшей Бухару стене было одиннадцать ворот.

2. Игры и обряды. Например: Перед заходом солнца пришла Ситора. – Игра слов. Под солнцем рассказчик подразумевал девушку, которую ждал, а имя пришедшей девушки «Ситора» означает звезду; Как старый царедворец, но бедняк. Имеется в виду обычай, по которому чиновник эмирского двора, даже обеднев, должен одеваться так, как одевался занимая должность, т.е. хорошо, дабы не показывать бедность. Говоря это, Шарифджан – махдум имея в виду Мирзо Азима Сами, изгнанного из двора Эмира и живущего бедно.

3. **Название растений**. Например: Банг – наркотик из индийской конопли, широко распространённый в Бухарском ханстве; Рейхан – базилик, благовонная трава, употребляемая и в пищу; Кукнар – наркотик, изготовляемый из сока мака.

4. **Одежда.** Например: Карбос – вид хлопчатобумажной ткани, производившейся в те времена кустарным образом; Алоча – сорт грубой хлопчатобумажной ткани местного производства, предназначавшийся преимущественно для верхнего халата.

5. Слова, обозначающие блюда национальной кухни, напитки и т.д. Например: Ҳамдам - зани калони бой аз пеши шавҳараш дар ҳолате, ки дар дасташ як хуша набот буд, баргашта омад ва онро ба чойник андохта истода. [1, с. 191]. - Старшая жена вернулась от мужа с куском набата, бросила его в чайник [1, с. 8]; Зани хурдӣ бо ин худтасаллидиҳӣ қадре кушода шуда, наботчои дар чойник мондагиро ба ду пиёла кашид. [1, с. 193].

Нишалла – сладкое блюдо, приготовляемое из сбитых личных белков, виноградного сока и пшеничной муки; … жирный малочный чай. – Имеется в виду «ширчой» - чай, кипяченный с молоком, в который добавляют сливочное масло, соль, перец: пьют ширчой, набросив в него сухую лепёшку.

В таджикском языке ввиду широкого распространения кустарной промышленности и изделий народного ремесла можно особо выделить реалии, относящиеся к этой сфере искусства.

Жизнь иранцев тесно переплетена с исламской религией. В таджикском языке существует множество реалий, связанных с исламскими традициями, обычаями, праздниками, ритуалами. К бытовым реалиям мы добавили подгруппу «брак, семья», в которую входят многочисленные традиции, соблюдаемые иранцами при заключении или расторжении брака. Следует особо подчеркнуть произведения великих таджикских писателей, которые представляют собой энциклопедию народной жизни. В ярких, подлинно народных характерах писатели раскрыли историю борьбы таджиков за свободу и независимость, извечное стремление народа к свету и счастью. В этих произведениях не могли не использоваться реалии, характеризующие самобытность древнего таджикского народа.

Исламская Революция не только изменила политический строй в Иране, но и принесла в иранское общество новые понятия, а в персидский язык — новые реалии. Эти реалии мы выделили в подгруппу «Исламская Революция» в группе «Общественно-политическая жизнь».

Таким образом, классифицируя реалии в таджикском языке, можно прийти к выводу, что непереводимые лексемы в анализируемом языке встречаются довольно много и большинство из них относятся к устаревшей лексике. Благодаря исламской религии в таджикском языке существуют реалии, касающиеся быта таджиков. Большое разнообразие

музыкальных инструментов и изделий народного промысла, а также богатство таджикской поэзии способствовало обогащению таджикского языка реалиями в данных сферах.

ЛИТЕРАТУРА

1. Айни, С. Куллиёт. - Сталинобод: Нашриёти Давлатии Точикистон, 1961. – 316 с.
2. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г. Русское слово в сознании иностранца // Социально-лингвистические исследования. — М.: Наука, 1976. - 350 с.
3. Влахов, С. Безэквивалентная лексика в переводоведении // Болгарская русистика. — 1978. - 190 с.
4. Влахов, С., Флорин С. Непереводимое в переводе. – М.: Международные отношения, 1980. – 343 с.
5. Виноградов, В.С. Введение в переводоведение (общ. и лексические вопр). – М. : Изд-во ин-та общего среднего образования РАО, 2001. – 224 с.
6. Реформатский А.А. Введение в языковедение. - М., 1967. - 180 с.
7. Россельс, В.М. Перевод и национальное своеобразие подлинника. Вопросы художественного перевода .- М.: Международные отношения, 1955. - 235 с.
8. Соболев, Л.Н. Пособие по переводу с русского языка на французский. — М.: Изд. лит. на иностр. яз., 1952.- 450 с.
9. Соболев, Л.Н. Пособие по переводу с русского языка на французский. — М.: Просвещение, 1952. - 285 с.
10. Томахин, Г.Д. Лингвистические аспекты лингвострановедения. М., 1986. – 150 с.
11. Томахин Г.Д. Америка через американизмы.- М.: Высшая школа, 1982. - 345 с.

КЛАССИФИКАЦИЯ РЕАЛИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье отмечется, что к реалим относятся цитаты, крылатые слова и выражения (реалии афористического уровня), различного рода обращения.

Многие авторы, которые занимались исследованием реалий, дают приблизительные и неполные определения, говоря лишь о тех или иных признаках, и используют различные термины для их определения. Одни авторы к реалиям относят слова, которые обозначают особенности государственного устройства, быта, нравов и т.д.

Авторы пришли к выводу, что в таджикском языке существует множество реалий, связанных с исламскими традициями, обычаями, праздниками, ритуалами. К бытовым реалиям авторы добавили подгруппу «брак, семья», в которую входят многочисленные традиции, соблюдаемые иранцами при заключении или расторжении брака.

Установлено, что реалии таджикского языка изучены и классифицированы не многими учеными. В таджикском языке изучению и классификации реалий не уделено должного внимания. В представленной статье представлена классификация реалий таджикского языка на основе художественных текстов.

Ключевые слова: *русский язык, таджикский язык, реалии, классификация, предметное деление, брак, нрав, исследование, традиция, цитата, крылатые слова.*

ТАСНИФИ РЕАЛИЯҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Реаклияҳо иқтибосҳо, калимаҳо ва панду андарзҳо (воқеиятҳои дараҷаи афористӣ) навъҳои гуногуни муроҷиатро дар бар мегиранд.

Бисёр муаллифоне, ки реалияҳоро таҳқиқ намудаанд, танҳо дар бораи аломатҳои алоҳида сухан ронда, таърифҳои тахминӣ ва нопурра медиҳанд ва барои муайян кардани онҳо истилоҳоти гуногун истифода мебаранд. Баъзе муаллифон реалияҳоро калимаҳое меноманд, ки хусусиятҳои сохти давлатӣ, тарзи зиндагӣ, расму оин ва ғайраро ифода мекунанд.

Муаллифон ба хулосае омадаанд, ки дар забони тоҷикӣ реалияҳои зиёде мавҷуданд, ки бо урфу одат, расму оин, идҳо, ойинҳои исломӣ алоқаманданд. Муаллифон ба реалияҳои

рӯзмарра зергурӯҳи «издивоҷ, оила»-ро илова кардаанд, ки дар онҳо суннатҳои сершумори эрониҳо ҳангоми бастани аҳди никоҳ, ё бекор кардани аҳди никоҳ риоя мешаванд.

Муайян карда шудааст, ки реалияҳои забони тоҷикӣ ҳанӯз пурра таҳқиқ ва тасниф нашудаанд ва дар забони тоҷикӣ ба омӯзишу таснифи реалияҳо эътибори зарурӣ дода намешавад. Дар ин мақола таснифоти реалияҳои забони тоҷикӣ дар асоси матнҳои адабӣ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: *забони русӣ, забони тоҷикӣ, реалия, тасниф, тақсими мавзуъ, издивоҷ, характер, таҳқиқот, анъана, иқтибос, панду андарзҳо.*

CLASSIFICATION OF REALIA IN THE TAJIK LANGUAGE

Realities also include quotations, winged words and expressions (realities of an aphoristic level), various kinds of appeals.

Many authors who have studied realities give approximate and incomplete definitions, speaking only about certain signs, and use various terms to define them. Some authors refer to realities as words that denote features of the state structure, way of life, customs, etc. In the Tajik language, there are many realities associated with Islamic traditions, customs, holidays, rituals. To everyday realities, we have added the subgroup “marriage, family”, which includes numerous traditions observed by Iranians when entering into or dissolving a marriage. The realities of the Tajik language have not been studied and classified by many scientists. In the Tajik language, the study and classification of realities is not given due attention. This article presents a classification of the realities of the Tajik language based on literary texts.

Keywords: *Russian language, Tajik language, realities, classification, subject division, marriage, character, research, tradition, quotations, winged words.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Нагзибекова М.Б. - *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори факултети филологияи рус, Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. тел.: (+992) 904156317.*

Баротов А.Т. - *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, ассистенти кафедраи забоншиносии умумӣ, Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6. Тел: (+992) 90 439 3959; E-mail: anvar_barotov92@mail.ru*

Сведения об авторах: Нагзибекова М.Б. - *Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор факультета русской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. тел.: (+992) 904156317.*

Баротов А.Т. *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, ассистент кафедры общего языкознания. 734019, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6 Тел: (+992) 90 439 3959 E-mail: anvar_barotov92@mail.ru*

Information about the authors: Nagzibekova M.B. *– Tajik National University, Doctor of Philological Sciences, Professor of the faculty of Russian Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.: tel .: (+992) 904156317.*

Barotov A.T. - *Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Assistant of the Department of General Linguistics. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6. Tel: (+992) 90 439 3959; E-mail: anvar_barotov92@mail.ru*

ТДУ: 802.0+809.155.0

РОҶЕЪ БА ВАЗИФАҲОИ НАҲВИИ МАСДАР ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ғиёсова С. Ғ.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки вазифаҳои наҳвии масдар дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлил ва муқоиса қарор дода шуда, ҷиҳатҳои монандӣ ва тафовутнокии он ошкор карда шавад.

Масдар яке аз шаклҳои муҳимми феъл мебошад, ки мафҳуми ҳам протсесс ва ҳам предметро ифода намуда, хусусиятҳои феъл ва исмро дар худ таҷассум менамояд [6, с. 143]. Аз ин лиҳоз, масдар хусусияти номбар кардани предметро дорост, ки ин масдарро ба предмати ба худ хос мубаддал намуда, бо вазифаҳои наҳвии исм ба ҳам наздик мекунад. Масдар дар баъзе забонҳои қадимаи германӣ ва инчунин дар забони англисии қадим нишонаҳои тасрифро дошт, ки аз исм пайдо шудани онро гувоҳӣ медиҳад. Дар забони англисии давраи қадим масдар ду шакли падежиро дошт: падежи номӣ, ки бо пасванди “–an” (Мисол: drinkan- нӯшидан) ва падежи дателний, ки бо пасванди “–enne” ба охир мерасид (Мисол: drinkenne). Падежи дателний, аз рӯйи қоида бо пешоянди “to” дар маънои ҳоли мақсад ва макон истифода бурда мешуд. Мисол: Maniʒe comen to bycʒenne pa pinʒ - many (people) came to buy those things [10, с. 112].

Инкишофи минбаъдаи масдар аз он иборат буд, ки пасвандҳои падежии масдар дар асоси гум кардани хусусиятҳои исмӣ ва ба даст овардани хусусиятҳои феълӣ аз байн рафт. Дар забони англисии миёна мувофиқоии ду шакли масдар - сода ва пешоянддор ба амал омад. Масдари пешоянддори қадима, ки шакли падежи дателнийро бо пешоянди “to” ифода мекард, дар давраи миёнаи забони англисӣ ин хусусиятро гум карда, дар натиҷа бо шакли содаи масдар мувофиқ меояд. Пасвандҳои *-an* ва *-anne*, ки дар давраи қадим ба назар мерасиданд, дар давраи миёна ба *–en* мубаддал ёфта, дар давраи нави забони англисӣ шакли мазкур маънои падежии худро гум мекунад. Пешоянди “to” на чун пешоянд, балки чун ҳиссачаи махсус пеш аз масдар дарк карда мешавад [10, с. 245].

Ҳамин тавр, пешоянди “to” маънои аввалаи худро чун мақсад ва самт гум карда, ҳамчун нишондиҳандаи масдари забони англисӣ истифода бурда мешавад.

Дар забони тоҷикӣ масдар аз асоси замони гузаштаи феъл бо пасванди “–ан” сохта мешавад: омадан, рафтан, кор кардан ва ғайра [1, с. 136]. Чунин калимашакл мустақил ба вазифаи наҳвии хабар омада наметавонад. Аз ҳамин лиҳоз, бо осонӣ дарк кардан мумкин аст, ки масдар бо морфемаи “–ан” чун шакли аввали феъл дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, қисми номии хабар ва дигар аъзоҳои пайрави ҷумла меояд. Муқоиса кунед:

1. Марҳамат, ба **дидани** разведкачиёни худ омадед? [15, с. 27]
2. Маълум шуд, ки даҳон ба даҳон сабаби **гурехтани** маро фаҳмида будааст [11, с.51].
3. It's extremely funny for me **to be consoling** you [20, с. 132].
4. Why not **start** earlier? [19, с. 47]

Мисолҳои тоҷикӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бархилофи забони англисӣ масдарро бе душворӣ аз шакли тасрифии феъл фарқ кардан мумкин аст: дид- дидан, гурехт- гурехтан.

Аз муқоисаи мисолҳои англисӣ ва тоҷикӣ бармеояд, ки монандии шакли масдар бо шакли тасрифии феъли забони анлисӣ ва тафовути шакли масдар бо шакли тасрифии феъли забони тоҷикӣ фарқҳои муайян дар забонҳои муқоисашаванда ба назар мерасанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар таркиби ҷумлаи англисӣ бе назардошти тартиби калима фарқ кардани масдар аз шаклҳои тасрифии феъл ғайриимкон аст.

Ҳиссачаи “to” маънои мустақили худро надорад, зада гирифта наметавонад ва одатан бевосита пеш аз масдар меояд: to go home- ба хона рафтан, to speak loudly – баланд сухан кардан. Аммо ин қонуни умумӣ баъзан вақт риоя карда намешавад, вақте ки дар байни ҳиссачаи “to” ва масдар зарф ё ҳиссачаи муассир меояд. Ин навъи масдар “масдари

таҷзияшуда” (Split Infinitive) номида мешавад ва бештар ба услуби китобӣ хос мебошад [9, с. 254].

1. They were seen **to** just **touch** each other’s hands [19, с. 49]. - Дасти якдигарро ҳамоно фишурдани онҳоро диданд.

2. He was unable, **to** long **keep** silence [19, с. 123]. - Ӯ дуру дароз ором буда наметавонист.

Агар дар ҷумла ду масдар бо пайвандаки “and” ё “or” пайваст шуда бошанд, ҳиссачаи **to** пеш аз масдари дуюм партофта мешавад. Мисол:
There was something in her whole appearance one felt inclined to be half provoked with, and half amused at [16, с. 63].

Аммо ҳангоми дар ҷумла ба вазифаи як аъзо истифода шудани ду ё зиёда масдарҳо ҳиссачаи **to** одатан танҳо дар он ҳолат такрор мешавад, ки агар он муқобилгузорӣ ё интихобро ифода намояд. Мисол:
…yet he remained silent and even motionless, for at the instant he neither knew what **to say** nor what **to do** [16, с. 32].

Масъалаи вазифаи наҳвии масдарро яке аз аввалинҳо шуда О. Есперсен ба миён гузошта, вазифаҳои зеринро ҷудо менамояд: аввалин (To live is to struggle), дуюмин (There isn’t a book to give her) ва сеюмин (I am here to help you), ки дар истилоҳҳои назариявӣ ин аъзоҳои ҷумла ба саръазоҳо, муайянкунанда ва ҳол мувофиқ меоянд [3, с. 112-113].

Забоншиноси тоҷик М.Т. Ҷабборова дар кори тадқиқотии худ “Сохти шаклҳои ғайритасрифии феъл дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ” оид ба масъалаҳои синтаксии масдар дар забони муосири тоҷикӣ баҳс намуда, қайд менамояд, ки масъалаи мазкур дар забоншиносии тоҷик то ҳол ҳамаҷониба тадқиқ нашудааст [2, с. 13].

Аз рӯйи далелҳои забоншиносони англис ва тоҷик масдари забонҳои муқоисашаванда метавонад дар ҷумла ба вазифаи мубтадо ояд. Дар ин вазифа масдари англисӣ ҳамеша бо нишондиҳандаи худ “to”, ки муодили тоҷикии он “-ан” мебошад, истифода бурда мешавад. Мисол:

To acquire knowledge and to acquire it increasingly is the first duty of the artist [20, с. 56]

Ёфтану муқаррар кардани миқдори ангишти ин ҷо аз солҳои бисту ҳафт сар шуда, то қариби чил давом кард [15, с. 234].

Дар ин мисолҳо хусусиятҳои исмиро на танҳо шакли аввали калимашаклҳои “to acquire”, “ёфтан”, “мукаррар кардан”, ки ба мубтадои забонҳои муқоисашаванда мансуб мебошанд, балки ҷонишинҳои “чӣ?” ва “what?”, ки аз хабарҳои ҷумлаҳои дар боло зикршуда бармеоянд, муайян мекунанд.

Чӣ тавре ки В.С. Расторгуева ва А.А. Керимова таъкид менамоянд, масдар дар вазифаи мубтадо бештар дар он ҳолатҳое ба назар мерасад, ки агар хабари ҷумла хусусиятҳои гуногуни амалро ифода кунад: мумкин аст, намешавад, даркор аст, лозим аст, ҳоҷат нест, душвор нест ва ғайра [5, с. 98]. Мисол: Баҳрро дар пиёла чой додан мумкин нест (зарбул.).

Масдари англисӣ, инчунин, метавонад ба вазифаи наҳвии мубтадои мураккаб ояд, ки дар забони тоҷикӣ арзи вуҷуд надорад. Истилоҳи “мубтадои мураккаб” чунин масдареро дар назар дорад, ки он баъди хабар ҷойгир шуда, ба ҳолат ё амали мубтадо (субъект) далолат мекунад. Чунин масдар баъди шакли мафъулии феълҳои ифодакунандаи дарки ҷисмонӣ (to feel, to see, to hear), фаъолияти фикрӣ (to believe, to think, to know, to expect), фаъолияти нутқ (to say, to declare, to inform, to report), инчунин, баъди феълҳои “to seem, to prove, to chance, to appeare” ва ғайраҳо истифода мешавад [8, с. 175-176]. Мисол:

1. Two months are supposed to have elapsed [17, с. 87]. - Гумон меравад, ки ду моҳ гузашта рафтааст.

2. He was expected <u>to take</u> the place of other boys [18, с. 35]. – Гумон меравад, ки ӯ ҷойи дигар бачагонро ишғол мекунад.

Дар мисоли якум мубтадо исми “months” мебошад, ки хабари он таркиби “are supposed” ба шумор меравад. Масдари перфектии “to have elapsed” бошад, аломати моҳҳо

(months)–ро ифода менамояд. Дар байни мубтадо (months) ва масдар предикативияти дуюмдараҷавӣ амал мекунад. Бинобар он, вожаҳои “months” ва “to have been discovered”- ро дар якҷоягӣ чун мубтадои мураккаб таҳлил меноманд.

Дар мисоли дуюм ҷонишини “He” ва масдари “to take”-ро дар якҷоягӣ метавон чун мубтадои мураккаб таҳлил намуд, зеро дар байни вожаҳои “he” ва “to take” муносибати предикативии дуюмдараҷа мавҷуд аст, яъне “he” мубтадои дуюмдараҷа ва “to take” хабари дуюмдараҷа маҳсуб меёбад. Ин муносибат аз тарҷумаи тоҷикии ин сохтори наҳвӣ хуб аён мегардад. Масдари англисӣ ба забони тоҷикӣ тавассути шакли тасрифии феъл (ишғол мекунад) тарҷума шудааст, ки дар он ҷонишини “ӯ” мубтадои ҷумла мебошад. Он ҷумларо метавон таҳтуллафзан чунин тарҷума кард: Ӯ гумонбари ишғол кардани ҷойи дигар бачагон мебошад.

Аз тарҷумаи ҷумлаҳои болоӣ маълум мешавад, ки масдар дар вазифаи мубтадои мураккаб ба забони тоҷикӣ аксаран тавассути шакли тасрифии феъл тарҷума карда мешавад: to have elapsed - гузашта рафтааст, to take – ишғол мекунад.

Масдари забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун исм метавонад вазифаи наҳвии пуркунандаро адо намояд. Мисол:

1. You will allow me to see you again….? [17, с. 84].
2. Мавридҳое мешуд, ки вай аз ранҷонидани падар худдорӣ намекард [14, с. 168].

Дар мисоли аввали англисӣ масдари “to see” ба саволи “What will you allow me?” ҷавоб медиҳад ва хабари “will allow”-ро шарҳ медиҳад. Аз ҳамин сабаб, масдари мазкур вазифаи пуркунандаи бавоситаро адо менамояд. Дар мисоли тоҷикӣ бошад, масдари “ранҷонидан” ба саволи “Аз чӣ худдорӣ намекард?” ҷавоб медиҳад (ҷавоб – “аз ранҷонидан”). Ин ибораи пешояндцор ба сифати қисмати хабари “худдорӣ намекард” истифода бурда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, “аз ранҷонидан” бояд пуркунандаи бавосита шуморида шавад.

Дар грамматикаи забони англисии В.Д. Каушанская ва дигарон қайд карда шудааст, ки пас аз феълҳои to allow, - иҷозат додан, to order- фармон додан, фармоиш додан, to ask – пурсидан, to beg – илтимос кардан, to request - хоҳиш, дархост кардан, to implore – зорӣ кардан, to instruct – омӯзонидан ва ғайраҳо бештар ду пуркунанда омада метавонад, ки яке аз онҳо бо масдар ифода меёбад [4, с. 231]. Мисол:

She *begged to be excused* from having any dinner [19, с. 91].

You will *allow* me *to see* you again….? [17, с. 84].

Дар забони англисӣ масдар метавонад ба вазифаи наҳвии пуркунандаи мураккаб низ омода бошад, ки хилофи масдари забони тоҷикист. Пуркунандаи мураккаб, яъне *complex object* тавассути якҷояшавии масдар бо исм дар падежи умумӣ ё ҷонишини шахсӣ дар падежи объектӣ ифода меёбад. Дар ин вазифа масдар ба амали предмет (-ҳое)-е далолат мекунад, ки номи он (онҳо) ба вазифаи пуркунанда омадааст. Аз ҳамин сабаб, дар забони англисӣ якҷояшавии исм (ҷонишин) бо масдар бояд чун як аъзои ҷумла – пуркунандаи мураккаб таҳлил карда шавад. Чунин масдар бо пуркунандаҳое меояд, ки хабараш ба хабари тавассути воситаи феълҳои навъи to see, to feel, to hear, to notice, to watch, to observe, to allow, to make, to cause, to request, to intend, to suffer, to let, to order, to command, to induce, to persuade, to beg, to recommend, to promise, to want, to wish, to desire, to hate, to like, to expect, to believe, to proved, to understand, ё таркибҳои навъи “I won’t have …… , would you have….?” ва ғайраҳо ифодагардида тобеъ аст [7, с. 188]. Мисол:

1. Nobody has ever known him to tell a lie [12, с. 46]. – Ҳеҷ кас ягон маротиба дурӯғ гуфтани ӯро надидааст [22, с. 44];
2. I never ask anybody to believe me [19, с. 55]. - Ман ҳаргиз аз касе хоҳиш намекунам, ки ба ман бовар кунад [тарҷумаи муаллиф].

Дар ҷумлаи аввал “him” пуркунандаи бевоситаи феъл-хабари “has ever known” маҳсуб мешавад. Масдари “to tell” аз дурӯғ гуфтани ӯ дарак медиҳад, яъне “him” ва “to tell” дар муносибати мубтадою хабарӣ қарор доранд. Бояд зикр кард, ки аз сабаби ҷудонашаванда будани амал (to tell) аз соҳиби амал (him) онҳо дар якҷоягӣ чун пуркунандаи мураккаб

таҳлил карда мешаванд, яъне “him to tell a lie” пуркунандаи мураккабро ташкил менамояд. Чӣ тавре ки аз тарҷумаи ҷумлаи мазкур ба забони тоҷикӣ аён мегардад, ҷонишини “him” “ӯро” тарҷума шудааст, ки ба вазифаи пуркунанда омадааст, яне тарҷумаи сохтори наҳвии “ дурӯғ гуфтани ӯро” муодили бевоситаи “him to tell a lie” аст. Дар ҳар ду забон ҳам масдар (to tell - гуфтан) ва субъекти ин амал (him - ӯро) бо ҳам омадаанд ва онҳо пуркунандаи мураккабро ташкил мекунанд, зеро ин сохтор ба саволи “чиро надидааст?” ҷавоб мешавад. Лекин муодили тарҷумавӣ бояд чунин бошад: Ягон маротиба надидаанд, ки ӯ дурӯғ гуфта бошад.

Дар ҷумлаи дуюм низ ҷонишини “anybody” ба вазифаи пуркунанда омадааст. Баъди он масдари “to believe” ҷойгир шудааст ва ин масдар амалеро ифода менамояд, ки иҷрокунандаи он ҳамон ҷонишини “anybody” мебошад. Азбаски вожаи “anybody” ба вазифаи наҳвии пуркунанда омадааст, масдари ба он қаробатдошта низ пуркунанда шуморида мешавад ва ин ду пуркунандаро (anybody ва to believe) дар якҷоягӣ чун пуркунандаи мураккаб (Complex Object) таҳлил менамоем. Масдар дар ин ҷумла ба забони тоҷикӣ ба воситаи шакли тасрифии феъл ифода карда шудааст: to believe –бовар кунад.

Аз далелҳои дар боло қайдкардашуда бармеояд, ки масдари англисӣ чун калима бо хусусиятҳои исмӣ метавонад ба вазифаи наҳвии натанҳо пуркунандаи сода (бавосита ва бевосита), балки ба вазифаи пуркунандаи мураккаб, ки дар забони тоҷикӣ мавҷуд нест, омада бошад.

Сеюм, хусусияти исмии масдар дар забонҳои муқоисашаванда ин вазифаи наҳвии он ба сифати қисми номии хабари таркибӣ дар ҷумла мебошад. Мисол:

1. The duties of a postman are to deliver letters and newspapers [20, с. 31].
2. Аз абрӯвони ба ҳам омадааш пай бурдан душвор набуд [14, с. 168].

Дар ин мисолҳо масдарҳои забонҳои муқоисашаванда “to deliver” ва “пай бурдан” чун исм метавонанд ба вазифаи қисми номии хабари таркибӣ оянд. Фарқ дар он аст, ки дар забони англисӣ феълҳо (бандакҳо) пеш аз қисми хабарӣ маскан мегиранд, дар забони тоҷикӣ бошад, онҳо пас аз хабар меоянд.

Масдари тоҷикӣ чун исм метавонад дар ҷумла ба вазифаи наҳвии намудҳои гуногуни ҳол ояд [1, с. 278]. Дар ин сурат масдари тоҷикӣ метавонад пешоянд дошта бошад, ки як бори дигар аз мавҷудияти хусусиятҳои исмии он гувоҳӣ медиҳад. Чунин хусусият ба масдари забони англисӣ бегона аст, аммо масдари англисӣ бе пешоянд метавонад дар ҷумла ба вазифаи наҳвии ҳоли мақсад, ҳоли натиҷа, қиёс ва тарзи амал ояд:

Ӯ баъд аз бой шуданаш ҳам маро фаромӯш накардааст ва гоҳо суроғ карда меистад [11, 92].

1. Фирдавсӣ бо дидани он ба даҳшат афтод: бар бисту чанд шутур одамони нимбараҳнае, дастҳояшон ба пушт ва танашон ба шутур баста, савор буданд [14, 113].

3. The door was partly opened **to admit** air….. [17, 97]. - Барои даромадани ҳаво дарро қисман кушода буданд.

4. He was so weak as **to be unable to work** [18, 63]. - Ӯ чунон беққуват буд, ки кор карда наметавонист.

5. She nervously moved her hand towards his lips as if **to stop** him… [17, 126]. – Ӯ асабиёна дасти худро ба лабҳои ӯ дароз кард, гӯё ки ӯро боздоштан мехост.

Дар мисоли аввал масдари “бой шудан” бо пешоянди таркибии “баъд аз” чун исм ба вазифаи ҳоли замон омадааст.

Дар мисоли дуюм масдари “дидан” бо пешоянди “бо” дар вазифаи ҳоли сабаб мебошад.

Ин таркибҳои пешояндцори забони тоҷикӣ ба герундийи пешояндцори забони анлисӣ мувофиқ меоянд: баъд аз бой шуданаш - after growing rich, бо дидани- on seing.

Дар мисоли сеюм масдари англисии “to admit” бо қисматҳои худ вазифаи ҳоли мақсадро адо менамояд. Бар хилофи забони тоҷикӣ, дар ин вазифа масдари англисӣ бе ягон пешоянд истифода бурда мешавад. Баръакс, ҳангоми тарҷумаи ин масдари англисӣ дар

вазифаи ҳоли мақсад ба забони тоҷикӣ, пеш аз масдари тоҷикӣ бояд пешоянди «барои» ё «бо мақсади» истифода бурда шавад: to admit air – барои даромадани ҳаво. Дар мисолҳои 4 ва 5-ум масдари “to be unable to work” ба вазифаи ҳоли натиҷа ва масдари “to stop” ба вазифаи ҳоли қиёс омадаанд.

Бояд қайд кард, ки мувофиқ омадани масдари пешояндцори тоҷикӣ бо герундийи пешояндцори англисӣ ба он вобаста аст, ки герундийи англисӣ ҳамчун масдар дорои хусусиятҳои исм ва феъл мебошад. Аммо бар хилофи масдари англисӣ, герундий чун масдари тоҷикӣ қодир аст, ки бо пешоянд истифода шавад.

Аз рӯйи қайди М.А. Ганшина ва Н.М. Василевская дар китоби худ English grammar, масдари англисӣ дорои боз як вазифаи наҳвие мебошад, ки хоси исм нест [9, 251]. Он метавонад вазифаи наҳви муайянкунандаро адо намояд. Ин вазифа басо маҳдуд аст ва дар он ҳолатҳое дучор мешавад, ки агар масдар бо ҳиссачаи “to” баъд аз ягон исм маскан гирифта бошад. Дар ин ҳол масдар дар шакли тарзи фоил истифода шуда, ин шакл маънои мафъулро ифода мекунад. Аз ин бармеояд, исме, ки ба он масдар тааллуқ дорад, иҷрокунандаи амали масдар нест. Дар чунин ҳолатҳо сухан дар бораи масдари ретроактивӣ меравад. Таҳти масдари ретроактивӣ истифодаи шакли тарзи фоили масдаро дар маънои мафъул мефаҳманд. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар забони англисии қадима (асрҳои 8-9) масдар дорои фақат шакли актив (фоил) буд, ки метавонист ё маънои фоил ва ё мафъулро ифода кунад. Бо мурури замон шакли тарзи мафъул инкишоф меёфт. Нишонаҳои думаъногии шакли активи масдар имрӯзҳо низ ба назар мерасанд [9, с. 251]. Масдари ретроактивӣ маҳс ҳамин шакли думаъногиро дар бар мегирад. Мисол:

1. “I have no time **to lose**” [16, с. 46].
2. “There is only one thing **to be done**” [19, с. 78].

Дар мисоли аввал “to lose” масдари ретроактивӣ мебошад ва вазифаи наҳвии муайянкунандро адо менамояд. Масдари “to lose” калимаи “time”-ро эзоҳ медиҳад. Аммо исми “time” амали бо феъли “to lose” ифодашударо иҷро намекунад. Баръакс, амал бояд аз тарафи каси дигар иҷро карда шавад. Ин аз он далолат медиҳад, ки масдари «to lose» дар шакли тарзи фоил истодааст, вале маънои мафъулро дорад. Ин масдар вазифаи наҳвии муайянкунандро ба сомон мерасонанд.

Масдари ретроактивии англисӣ дар вазифаи муайянкунанда ба забони тоҷикӣ тавассути шакли тасрифшавандаи феъл дар шакли мафъул тарҷума карда мешавад, зеро дар мисоли аввал “вақт” (time) мустақилона сарф карда намешавад, он бояд аз тарафи ягон шахс ба иҷро расад: “I have no time **to lose**.”- вақти ман набояд беҳуда сарф карда шавад.

Дар мисоли дуюм, масдари “to be done” на масдари ретроактивӣ, балки соф актив аст, зеро ин масдар дар шакли мафъул буда, маънои мафъулро низ ифода менамояд. Ин намуди масдар ба забони тоҷикӣ тавассути ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо феъли тасрифӣ дар шакли мафъул тарҷума мешавад:

“There is only one thing to be done” [17, с. 78]. - Танҳо як коре ҳаст, ки бояд иҷро карда шавад.

Ҳамин тавр, масдар дар забонҳои муқоисашаванда шакли луғавии феъл буда, номи амалу ҳолатро ифода мекунад: **to send** – фиристодан (номи амал), **to be** – будан (номи ҳолат). Масдари забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун исм дар ҷумла ба вазифаҳои наҳвии мубтадо, пуркунанда, қисми таркибии хабар ва намудҳои гуногуни ҳол меояд. Масдари англисӣ бошад, дар ҷумла метавонад вазифаи муайянкунандаро адо намояд, ки хоси масдари забони тоҷикӣ нест.

Адабиёт:

Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика ва морфология. Монография. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
2. Джабборова, М.Т. Система неличных форм глагола в русском и таджикском языках. Диссертация на соискание ученой степени доктора филологических наук. / М.Т. Джабборова. Душанбе: РТСУ, 2005. - 300 с.
3. Есперсен, О. Философия грамматики / О. Есперсен. -М.: Рус. яз., 1982. - 403 с.

4. Каушанская, В.Л. Грамматика английская языка. Пособие для студентов педагогических институтов / В.Л. Каушанская, Р.Л. Конвер, О.Н. Кожевникова и др.-М.: Айрис-пресс, 2008. - 384с.
5. Расторгуева, В.С., Керимова А. А. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А. А. Керимова. – М.:Наука, 1964. -291 с.
6. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ. Китоби дарсӣ / К. Усмонов. - Душанбе, 2009. – 235 с.
7. Усмонов, К. Грамматикаи амалии забони англисӣ. Китоби дарсӣ / К. Усмонов. - Душанбе, 2012. – 284 с.
8. Усмонов, К. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Китоби дарсӣ / К. Усмонов. -Хуҷанд, 2017. -372 с.
English grammar. Ninth edition revised. M.: Higher school publishing house, 1964. -540 с.
10. Rastorgueva, T.A. A history of English / T.A. Rastorgueva. -M.: Vysshaja skola,1983.-346 p.

Сарчашмаҳо:

11. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 3 / С. Айнӣ. -Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1955. – 470 с
12. Войнич, Э.Л. Ғурмагас /Тарҷумаи С.Улуғзода / Э.Л.Войнич. - Душанбе: Маориф, 1982. - 320 с.
13. Стивенсон, Р.Л. Ҷазираи ҷавоҳирот / Р.Л. Стивенсон. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон,1952. -264 с.
14. Улугзода, С. Фирдавсӣ / С. Улугзода. -Душанбе: Адиб, 1988. -266 с.
15. Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди II / Р. Ҷалил. -Душанбе: Адиб, 1988. - 463с.
16. Brontë, Sh. Shirley / Sh. Brontë -M.: Foreign languages publishing house,1956. – 218p.
17. Dickens, Ch. Oliver Twist / Ch. Dickens. –M.: Wordsworth Classics, 2000. -398 p.
18. Dreiser, Th. Sister Carrie / Th. Dreiser. - M.: Bantam Classics, 2007. -560 p.
19. Galsworthy, J. A Modern Comedy. Book 3 / J. Galsworthy. -M.: Progress publishers, 1976. - 304с.
20. London, J. Martin Eden / J. London. -M., 1981. - 434p.
21. Stevenson, R.L. Treasure Island. Third Edition / R.L. Stevenson. -M.: Foreign languages publishing house,1963. -318p.
22. Voynich, E.L. The Gadfly / E.L. Voynich. -M., 1954. -343 p.

РОҶЕҲ БА ВАЗИФАҲОИ НАҲВИИ МАСДАР ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур вижагиҳои вазифаҳои наҳвии масдар дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтаанд.

Зикр гардидааст, ки масдар дар ҷумлаҳои забонҳои муқоисашаванда ба вазифаҳои гуногуни наҳвӣ омада метавонад. Масдари забони англисӣ бар хилофи масдари забони тоҷикӣ вазифаҳои синтаксисии мубтадои мураккаб ва пуркунандаи мураккаб, ки дар забони тоҷикӣ арзи вуҷуд надоранд, адо менамояд.

Инчунин, масдари англисӣ ба вазифаи муайянкунанда меояд, ки чунин масдарро дар забони англисӣ масдари ректроактивӣ меноманд. Масдари забони тоҷикӣ бошад, ба вазифаҳои гуногуни ҳол: ҳоли замон, ҳоли макон, ҳоли мақсад, ҳоли натиҷа ва ғайраҳо омада, бо пешоянд истифода мешавад.

Калидвожаҳо: *масдар, вазифаҳои наҳвӣ, мубтадо, мубтадои мураккаб, хабар, қисми номии хабар, пуркунанда, пуркунандаи мураккаб, ҳол, муайянкунанда, масдари ретроактивӣ*

К ВОПРОСУ О СИНТАКСИЧЕСКИХ ФУНКЦИЯХ ИНФИНИТИВА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье анализируются и сравниваются особенности синтаксических функций инфинитивов в английском и таджикском языках.

Отмечается, что инфинитив может иметь разные синтаксические функции в предложениях сопоставимых языков. Инфинитив английского языка, в отличие от инфинитива таджикского языка, выполняет синтаксические функции сложного подлежащего и сложного дополнения, которых нет в таджикском языке.

Также английский инфинитив может выступать в качестве определения и такой инфинитив в английском языке называется ретроактивным инфинитивом. Инфинитив таджикского языка может употребляться с предлогом в функции различных обстоятельств: обстоятельство времени, места, цели, результата и др.

***Ключевые слова**: инфинитив, синтаксические функции, подлежащее, сложное подлежащее, сказуемое, именная часть сказуемого, дополнение, сложное дополнение, обстоятельство, определение, ретроактивный инфинитив*

ON SYNTACTICAL FUNCTIONS OF THE INFINITIVE IN THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article throws light upon the peculiarities of the grammatical functions of infinitives in the English and Tajik languages. It is noted that the infinitive can have different syntactic functions in the sentences of the languages comparared. The infinitive of the English language, unlike the infinitive of the Tajik language, performs the syntactic functions of complex subject and complex object, which do not exist in the Tajik language.

The English infinitive can act as an attribute and such an infinitive is called a retroactive infinitive in English. The infinitive of the Tajik language can be used with prepositions and performs the functions of various types of adverbial modifiers: adverbial modifier of time, place, purpose, result and etc.

***Keywords:** infinitive, syntactical functions, subject, complex subject, predicate, predicative, object, complex object, adverbial modifier, attribute, retroactive infinitive.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Ғиёсова Сурайё Ғайбуллоевна** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, докторант аз рӯйи ихтисос (PhD), муаллими калони кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ. Нишонӣ: ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27; E-mail: sultonova9090@mail.ru*

***Сведения об авторе: Гиёсова Сурайё Гайбуллоевна** – Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, докторант по специальности (PhD), преподаватель кафедры перевода и грамматики английского языка. Адрес: г. Худжанд, 27 мкр-н. E-mail: giesova 82@mail.ru*

***Information about the author: Ghiyosova Suraiyo Ghaybulloevna -** Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, doctorant (PhD), senior teacher of the translation and English Grammar. Address: Khujand city, 27 district. **E-mail:** giesova 82@mail.ru*

ТДУ: 801.8

ТАҲЛИЛИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ВОЖАГОНИ ОРОИШОТИ ЗАНОНА (ДАР АСОСИ МАВОДИ ФАРҲАНГҲО)

Ғуломалиева Р. Қ.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Санъати заргарии тоҷик анъанаҳои амиқ дорад, ки ба пайдоиши тамаддунҳои бостонии Осиёи Марказӣ бармегардад. Санъати заргарии аҷдодони тоҷикон аз қадимулайём дар раванди густариши робитаҳои дарозмуддати этникӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии халқҳои минтақа ташаккул ёфтааст. Дар ҷараёни муколамаи фарҳангҳо анъанаҳои заргарии ниёгони тоҷикон ғанӣ гардиданд. Санъати заргарӣ, мисли дигар намудҳои санъат, пайваста таҳти таъсири мутақобилаи фарҳангӣ қарор дошт.

Дар ибтидо ҷавоҳирот ҳамчун ашёи маросимӣ ва ҷодугарӣ ба вуҷуд омадааст, ки инсонро аз таъсири манфии қувваҳои табиат инсон муҳофизат мекард. Вазифаи муқаддас дар заргарӣ аз ибтидои пайдоиши онҳо қавӣ буд ва то имрӯз дар баъзе навъҳои заргарӣ аҳаммияти худро гум накардааст.

Дар либоси асримиёнагӣ ва анъанавӣ ҷавоҳирот нақши муҳим дошт ва ҳамчун нишондиҳандаи вазъи моддии шахс, категорияи ҷинс ва синну сол, мавқеи ӯ дар ҷомеа, мансубияти касбӣ ва маҳаллӣ баромад мекард. Бо мурури замон арзиши эстетикии онҳо дар заргарӣ афзуда, вазифаи сакралию сеҳрнокӣ суст шуда бошад ҳам, аҳаммияти худро тамоман гум накардааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии вожагони марбут ба ҷавоҳирот ҳамчун ороишоти занона аз назари этнолингвистӣ муҳим мебошад.

Зикр бояд кард, ки омӯзиш ва таҳқиқи этнолингвистӣ дар забоншиносии ҷаҳонӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми асри гузашта арзи ҳастӣ намуд. Дар таҳқиқоти ватанӣ этнолингвистика шохаи ҷадиди забоншиносӣ буда, паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби муҳаққиқон мавриди пажуҳиш қарор гирифта истодааст. Аз ҷумла, дар забони шуғнонӣ низ урфу одат, расму анъана ва дарки олами атроф аз ҷониби соҳибзабонон аз назари этнолингвистӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Аммо вожаҳои марбут ба ороишоти занона дар забони шуғнонӣ то ҳанӯз мавриди таҳлил ва таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода нашудаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур маҳз ба таҳлили этнолингвистии бархе аз вожагони ороишоти занона дар забони шуғнонӣ бахшида шудааст.

Албатта, таҳқиқоти Андреев М.С. “Тоҷикони водии Хуф (болооби дарёи Ому)” [1] ва Кисляков Н.А., Писарчик А.К. “Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз”-ро [10] метавон осори бунёдӣ дар ин самт шумурд. Асарҳои нашршуда натиҷаи экспедитсияи этнографӣ доир ба Қаротегин ва Дарвоз дар солҳои 1952-1957 мебошанд. Ин экспедитсия аз ҷониби сектори этнографияи Институти таърих ба номи А. Дониши АИ ҶШСТ ташкил шуд, ки дар он олимони шинохта Кисляков Н. А., Неменова Р. А., Писарчик А. К., Розенфелд З. А., Ершов Н. Н., Муҳиддинов И., Ҳомидҷонова А. М., Широков А. З. ва ғ. ширкат варзида, маводи гаронбаҳое ҷамъоварӣ намуданд.

Гарчанде таҳқиқоти мазкур ба ҷанбаҳои гуногуни таърихӣ, фарҳангӣ, этнографӣ ва дигар соҳаҳо равона гардида бошад ҳам, пажӯҳиши этнолингвистиро дар онҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Мавриди зикр аст, ки этнолингвистика ҳамчун як самти мустақили забоншиносӣ минбаъд дар забоншиносии тоҷик низ реша густурда, дар таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқони ватанӣ роҳ меёбад. Хусусан, муҳаққиқони забоншиноси ватанӣ, аз қабили Назарзода С., Исмоилов Ш., Маҳмадҷонов О., Мирбобоев А., Аламшоев М., Матробиён С. К., Бобомуродова М., Зоолшоева Ш., Булбулшоев У., Броимшоева М., Некушоева Ш., Худоиева Х. М. ва дигарон ба пажӯҳишҳои этнолингвистӣ таваҷҷуҳи масхус зоҳир намуда, дар ин самт таҳқиқот анҷом додаанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки нахустолимони ин самт чун Ф. Боас ва Э. Сепир дар таҳқиқоти этнолингвистика саҳми назаррасе дошта, дар заминаи он муҳаққиқони баъдӣ тавонистанд, ки пояҳои этнолингвистикаро устувор созанд. Дар ин

кор, хусусан, саҳми олимони хориҷӣ А. А. Шахматов, С. Ф. Корский, Д. К. Заленин, Н. П. Гринкова, Б. А. Ларин, В. М. Жирмунский, Н. И. Толстой ва дигарон хеле барҷаста мебошад.

Ҳанӯз аз охирҳои асри гузашта корҳои тадқиқотӣ оид ба этнографияи тоҷикон ба анҷом мерасанд, ки дар онҳо доир ба ороишоти занона низ ишораҳо рафтааст. Маҳз таҳқиқоти марбут ба оришоти занона дар забони тоҷикӣ ба қалами муҳаққиқи тоҷик Бобомуродова М. тааллуқ дорад.

Дар фарҳанги халқҳои ҷаҳон яке аз унсурҳои он ин тарзи либоспӯшӣ ва ороишӣ мебошад, ки гуногунӣ ва тафриқаю бартарии ҳар якеро тарҷеҳ медиҳад. Оростагии либос, ранг, намуд ва шакли он тамаддун ва фарҳанги башариятро таҷассум мекунад. Вобаста ба ҳамин масъала ба забонҳои гуногун рисолаву монографияҳо чоп шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки забони шуғнонӣ ба шохаи шарқии забонҳои эронӣ дохил шуда, соҳибзабонони он дар ду тарафи дарёи Панҷ ва водиҳои Ғунду Шоҳдара ва Поршиневу Дарморахт умр ба сар мебарад.

Мардуми ин диёри кӯҳистон аз қадим анъана, расму русум ва одоти худро нигоҳ доштаанд. Либос ҳам, чун як намуди ороишот, баёнгари ҳувияти миллӣ ва фарҳангию таърихии мардум ба ҳисоб меравад. Чунончи, дар урфият мегӯянд: “Одаму либос – хонаю палос”. Сокинони ВМКБ на фақат бо гуногунзабонии худ, балки бо фарҳанги гуногуни либоспӯшиашон ҷолиби диққатанд.

Аз ин рӯ, дар баробари ороиши рӯю мӯю дасту гардан, занон ба ороиши либос низ диққати ҷиддӣ медиҳанд, ки ҳардуи ин масъала нуктаи муҳимми таҳқиқоти мо ба ҳисоб мераванд.

Фарҳанги ғанию бойи тоҷикон то кунун дар гуногунрангии либосашон, баръало, мушоҳида мешавад. Ҳар як вилоят ва ҳатто ноҳияҳои алоҳида аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавӣ, ташаккулёбии фарҳанги хос бо либоси анъанавиашон аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, агар дар вилояти Суғд атласу адрас маъмул бошанд, дар вилояти Хатлон куртаи чакан мақому манзалати хоса дорад. Дар Бадахшон бошад, либоси анъанавии рамзомези сурху сафед маъмул аст.

Бинобар ин, омӯхтани ин хусусиятҳои хоси либоси анъанавии тоҷикон, тарғибу ташвиқи онҳо, ҳифз ва рушди онҳо аҳаммияти махсус дорад.

Доир ба либоси мардуми Бадахшон аввалин маълумотҳо дар қайдҳои сайёҳони Чин (дар ибтидои асрҳои миёна) ва аврупоӣ (асрҳои миёна, аз он ҷумла Марко Поло) нишон дода шудаанд. Аммо омӯзиши амиқи ин масъала аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз гардидааст. Шарқшиносони маъруфи рус Бобринский А. А., Зарубин И. И., Андреев М. С. доир ба либоси мардуми Бадахшон маълумоти пурарзише додаанд.

Дар асоси маводи гирдоварда ва такя ба маъхазҳои мавҷудаи илмӣ як қатор калимаҳое, ки ба ороишоти занона, хусусан, ороишоти либоси мардуми Шуғнонзамин тааллуқ доранд, мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

Маъмултарин ороишоти занонаи шуғнонизабонҳо вожаҳои *печак* (банди махсус, ки бо мӯйи занон ва духтарон печида бофта мешавад, маъмулан, ранги сурх дорад), *шероз* (шероз, ё шероза ороишоти махсус, ки бо нақшҳои гуногун бофта шуда, дар қисмати поёни тоқӣ дӯхта мешавад), *пулк* (як навъи ороишот аз ришта, ки дар тоқиҳо ва ҷӯробҳои бадахшонӣ бо рангҳои гуногун ҳамчун ороишот дӯхта мешавад), *тӣтак* (рӯймоли хурд), *шол* (рӯймоли калон), *сифҷ* (муҳра), *ҷемак* (муҳраҳои хурдтарини гуногунранг, ки дар матои махсус бофта шуда, аз он ороишоти гуногун бо нақши гулҳо ҳосил мегардад) ифода меёбанд.

Калимаи *печак* ба ороиши мӯй хос аст. Вожаи *печакро* Д. Карамшоев дар “Луғати шуғнонӣ -русӣ” “кокули бофтаи занон” маънидод кардааст [7, 398].

Печак - ин ҷуфти сунъии бофтаи мӯйи сари занон буда, аз пашми гӯсфанд тайёр мешавад. Он дорои ранги сурх ва сиёҳ мебошад. Ранги сурх (*рӯшт*) таърихан дар ҳаёти мардуми тоҷик, махсусан, сокинони Бадахшон аҳаммияти махсус дорад. Ранги сурх аз нуқтаи назари таърихӣ ва фарҳангӣ рамзи муҳаббат, шавқу рағбат, шаъну шараф, муқаддасот, ҷашну шодмонӣ ва ғ.-ро ифода мекунад [6, 22].

Дар миёни сокинони Шуғнон ин ранг мафҳумҳои гуногунро ифода менамояд. Истифодаи ранги сурх дар ороишоти мардуми Шуғнон, махсусан, занон аҳаммияти вижа дорад. Ғайр аз ин, дар ороишоти занона, махсусан, оро додани арӯс тоқии сурх, куртаи сурх, шоли сурх ва ғайра истифода мегардад.

Истифодаи ранги сурх дар ороишоти занона, сараввал, ифодакунандаи дурахшандагӣ ва зебу зиннат мебошад ва баъдан, нишонгари ҷавонӣ, зебогӣ ва покдоманӣ аст.

Дар замонҳои пеш занон ва духтарон ҳамеша *печакро* истифода мебурданд. *Печаки* сурх барои духтарони ҷавон ва *печак*-и сиёҳ, асосан, ба занони калонсол хос мебошад. Бо гузашти замон корбурди чунин ороишот дар байни ҷавонон аз истифода баромада истодааст. Истифодаи он танҳо дар тӯю маъракаҳо ба назар мерасад. Лекин, ҳамчун калима он дар таркиби луғавии забони шуғнонӣ мақоми худро нигоҳ доштааст ва ба соҳибзабонон маълум аст. Вожаи *печак* аз феъли *печ* (печидан) ва пасванди хурдию навозиши -ак сохта шудааст. *Печак* ном гирифтани ин намуди ороишот аз он шаҳодат медиҳад, ки мӯйи сари занон ба се қисм тақсим шуда, печак дар гирди он печонда шуда, бофта мешавад. Аз калимаи *печак* ба воситаи пасванди ҷамъбандии забони шуғнонии -*ен* шакли ҷамъи он сохта мешавад: *печак – печакен – "печакҳо".*

Пакол ё *тоқӣ* ва *титак* (рӯймол) ҳам навъе аз пӯшоки занона буда, ба сару рӯй пӯшида мешавад. Онҳо аз замонҳои хеле қадим вуҷуд доштанд ва аз тарафи мардум васеъ истифода шуда, ороишоти махсуси худро доштанд. Агар намуди зоҳирии тоқиҳо аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофии минтақаҳо доирашакл бошад, аз ҷиҳати нақшу нигори шерозҳо ва пастию баландӣ аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд.

Тоқии шуғнонӣ (инчунин рӯшонӣ) бо шакли доира ва тагпаҳнии худ [12, 54] ва рангу шерозиаш аз тоқиҳои дигар минтақаҳои Тоҷикистон фарқ мекунад.

Пакол (тоқӣ) бо *шероз* оро дода мешавад. *Шероз* дар рӯйи матои сафед бо ресмонҳои пахтагӣ, абрешимӣ ва нахҳои заррину нуқрагин гулдузӣ карда мешавад. Дар забони шуғнонӣ онро *шерозӣ* низ меноманд, ки дар забони тоҷикӣ ин маъноро намедиҳад. Вожаи *шероз* дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" бо калимаи *шероза* тафсир шудааст: "шероза - ҳошия, зеҳе, ки ба даври тоқӣ, бари ҷома, гирди остин *ва ғ.* медӯзанд". *Шероз,* ки дар забони шуғнонӣ истифода шудааст, аз шерозаи забони тоҷикӣ иқтибос шудааст. Қисми паҳлуии тоқӣ ба воситаи *пулкак,* ки аз риштаи абрешимӣ тайёр карда шудааст, оро дода мешавад. *Пулкакро пулак* ва *пулк* низ меноманд. Маънои луғавии *пулк* аз рӯйи шарҳи "Луғати шуғнонӣ-русӣ"-и Карамшоев Д. *пӯпак* мебошад. Ғайр аз ин, маъноҳои дигари вожаи *пулк* дар луғат нишон дода шудаанд [7, 453].

Занон ҳангоми пӯшидани тоқӣ *пӯпак*ро аз тарафи чап ва мардон бошанд, аз тарафи рост мемонанд. Дар давраҳои пеш занон тоқиро ҳаррӯза истифода мекарданд. Баробари баромадан аз хона, *шол* (рӯймоли калон)-ро аз болои он мепартофтанд.

Чунонки дар боло қайд кардем, *титак* (рӯймоли хурд) ва *шол* (рӯймоли калон) ҳам аз навъҳои ороишоти занона мебошанд.

Ба ин монанд вожаи *лемолак* ҳамчун "дастпоккун" дар забон пайдо шудааст [11,144].

Дар луғатномаи Карамшоев Д. вожаҳои мазкур ба таври зер шарҳ ёфтаанд: *титак*-рӯмоли занона; варианти дигари он *селак* низ қайд гадидааст [8, 92]; *Шол* – рӯмоли пашмин шарҳ ёфтааст [8, 438]. Муаллиф дар хусуси ҳаҷми *шол* ягон ишорае накардааст.

Шол - рӯймоли калон буда, мавқеи махсуси худро дар либоспӯшии занони бадахшонӣ дорад. Дар замонҳои пеш онро бо вожаи "*ланзӣ*" истифода мебурданд. Айни ҳол маънои ин калима ба ҳама маълум нест ва онро дар гуфтугӯйи баъзе шахсони калонсол вохӯрдан мумкин. *Шол* дар тӯйи арӯсии халқи Бадахшон нақши муҳимро мебозад. Дар тӯйи арусӣ яке аз суннатҳои арусӣ -*шайчӣд* (оро додани арӯс бо ҳафт навъи шол ҳангоми гусел намудан ба хонаи домод), анҷом дода мешавад.

Яке аз маъмултарин ороишоти либоси занони Шуғнонзамин *цемак* (гарданбанд) мебошад. Ин калима аз ду ҷузъ: *цем* ва -*ак* ташкил ёфтааст. *Цем* ба маънои "чашм" ва -*ак* вазифаи пасванди хурдӣ ва навозишро ифода менамояд. Нақшҳое, ки дар *цемак* ифода меёбанд, шакли чашми одамро доранд, аз ин рӯ, онҳоро чунин ном мебаранд. Аввал ин

ороишот бо *сифҷ* (муҳра)-ҳои сиёҳ ва сафед дар якчанд қатор ришта кашида мешуданд. Ранги сафед дар тасаввур ва боварҳои мардуми дунё рамзҳои гуногун дорад, ки ба мавқеи ҷуғрофӣ, урфу одат ва дину оини онҳо вобастагӣ дорад. Рамзҳои умумии ин ранг, ки қариб мафҳуми умумии одамони дунёро таҷассум менамояд, инҳо умед, ҳаёт, ҳақиқат, озодагӣ, осоиштагӣ, хурсандию шодӣ мебошанд. Ранги сиёҳ (*тэр*) дар тасаввури сокинони Шуғнон ба мисли мардумони дигари дунё ифодагари ғаму андӯҳ, марг ва яъсу навмедиро дорад. *Тэр* (сиёҳ) аз забони эронии қадим *tavrya,* ки аз решаи ҳиндуаврупоии *tem* (сиёҳ) ташаккул ёфтааст, ва форсии миёна *tar, tarik* (торик, тира) сарчашма гирифта, рамзи бадбахтӣ, марг, маъюсӣ ва нокомиро ифода менамояд [5, 13].

Дар мавриди дигар, ранги сиёҳ дар забони шуғнонӣ маъниҳои мусбатро низ ифода менамояд. Махсусан, он ба ороишоти табиии занон ва духтарон тааллуқ дорад.

Айни ҳол ҳангоми ба ришта кашидани *ҷемак* (гарданбанд) устодон муҳраҳои ҳархела ва нақшу нигорҳои гуногунро истифода мекунанд. Дарозии ин ороишот ченаки муайян надорад. Он метавонад дарозӣ ва кутоҳии дилхоҳ дошта бошад. Аз муҳраҳо гарданбанд, гӯшвор ва дастпона дар шакли *ҷемак* тайёр карда мешавад. Инчунин, муҳрабофӣ дар ороиши куртаҳои занонаи тоҷикӣ васеъ истифода бурда мешавад. Гуфтан ҷоиз аст, ки нақшҳои офаридаи чеварон гуногун буда, ифодакунандаи рамзу маъноҳои гуногунанд. Ин намуди ороишот дар байни сайёҳони хориҷию ватанӣ маълуму машҳур мебошанд.

Таҳқиқи мухтасари истилоҳоти марбут ба ороишоти занона дар забони шуғнонӣ ба нитиҷаҳои зер оварда мерасонад:

- истилоҳоти марбут ба ороишоти занона дар забони шуғнонӣ аз қадимӣ будани забон ва фарҳанги мардумии маҳалии кӯҳистони тоҷик далолат мекунад;

- гуногунии навъҳои либосҳои занона, аз як ҷиҳат, агар табъу завқи мардуми маҳалли Бадахшонро инсъикос кунад, аз ҷониби дигар, лексикаи он барои такмилу тартиб додани фарҳанги забони шуғнонӣ ва тоҷикӣ мусоидат мекунад;

- дӯхтан ва бофтани либос ва дигар ороишоти занона, истифодаи рангҳои гуногун ва мутобиқати онҳо баёнгари аз даврахои қадим вуҷуд доштани ин ҳунар дар миёни тоҷикони кӯҳистон мебошад.

Адабиёт

1. Андреев, М. С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи)/ М. С. Андреев. - Сталинабад, издательство АН Тадж. ССР, 1953. – 526 с.
2. Бахтибеков, Т. Грамматикаи забони шуғнонӣ / Т. Бахтибеков. - Душанбе, 1979. - 149 с.
3. Бобомуродова, М.У. Пажӯҳиш (таҳқиқ)-и этнолингвистии вожагони ороишии занон / М. Бобомуродова. – Душанбе, 2014.-167 с.
4. Зоолшоева, Ш. Семантика красного цвета в шугнанском языке / Ш. Зоолшоева // Школа молодого востоковеда. - СПб – 2004.- С. 27-29.
5. Зоолшоева, Ш. Цветообозначения в шугнано-рушанской языковой группе в этнолингвистическом освящении / Ш. Зоолшоева. АКД.- СПб, 2005.- 16 с.
6. Иматшоева, М. Б. Выражение цветообозначения в разносистемных языках (на материале шугнано-рушанской группы языков, таджикского и английского языков) / М.Б. Иматшоева.- Душанбе, 2013.-139 с.
7. Карамшоев, Д. Шугнано-русский словарь / Д. Карамшоев. Т-2 – М., 1991.- 615 с.
8. Карамшоев, Д. Шугнано-русский словарь / Д. Карамшоев. Т-.3. – М., 1991.-568 с.
9. Карамшоев, Д., Хушенова С. В. Памирские языки и фольклор / Д. Карамшоев, С. Хушенов. - Душанбе, 1972.- 187 с.
10. Охониёзов, В. Д. Рамзи рангҳо дар назми классикии форсии тоҷикӣ / В. Д. Охониёзов. Дисс. докт. илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2010.- 215 с.
11. Стеблин-Каменский, И.М. Очерки по истории лексики памирских языков: названия культурных растений/ И. М. Стеблин-Каменский. – М., 1982.
12. Усманова, С. Лексика орнаментация текстиля в таджикском языке / С. Усманова // Дисс.канд. филолог. наук. – Душанбе, 1971- 159 с.

ТАҲЛИЛИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ВОЖАГОНИ ОРОИШОТИ ЗАНОНА (ДАР АСОСИ МАВОДИ ФАРҲАНГҲО)

Дар мақола вожагони марбут ба ороишоти занона дар забони шуғнонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Забон яке аз ғановатҳои бемисли инсоният аст, ки дар он, пеш аз ҳама, мероси маънавии ӯ инъикос меёбад ва ҳамин мероси маънавӣ, албатта, тавассути вожаю истилоҳоти махсус ифода меёбанд, ки хоси ин ё он забони этнос мебошанд. Вожагони ороишоти занона дар забони шуғнонӣ як бахши муҳимми ҳунармандии мардуми кӯҳистонро ифода мекунанд, ки дар онҳо тамоми хаёлот ва зебоипарастии ҳамин мардум инъикос меёбанд. Инчунин, вожагони ороишоти занона дар забони шуғнонӣ таҷассумгари олами маънавии занони водии Шуғнон буда, аз он дарак медиҳанд, ки дар шароити душвори кӯҳистон тавонистаанд аз имкониятҳои табиат ва зебоии он истифода бурда, дунёи худро рангорану зебо гардонанд.

Бо усулу равишҳои этнолингвистӣ таҳлил шудани вожагони марбут ба ороишти занона, дар баробари муайян гардидани калимаю вожаҳои марбут ба ҳамин масъала, инчунин доир ба мавриди истифодаи ороишоти мазкур ва тарзу усулҳои тайёр намудани онҳо маълумот дода шудааст.

Муаллиф зикр кардааст, ки ороишоте, ки занони шуғнонӣ ба сару рӯй ва гардан мекунанд, аз замонҳои хеле қадим вуҷуд доштанд ва аз тарафи мардум васеъ истифода шуда, перояи махсуси бастани худро доштанд. Масалан, агар намуди зоҳирии тоқиҳо аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофии минтақаҳо доирашакл бошанд, аз ҷиҳати нақшу нигори шерозҳо ва пастию баландӣ аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд..

Калидвожаҳо: *Бадахшон, Шуғнон, забон, истилоҳ, ороишот, занона, шуғнонӣ, вожа, равишҳои этнолингвистӣ, таҳлил, муқоиса, нақшу нигор, шероза, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ.*

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ ЖЕНСКИХ УКРАШЕНИЙ (НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ СЛОВАРЕЙ)

В статье анализируются слова, относящиеся к женским украшениям в шугнанском языке. Язык является одним из уникальных сокровищ человечества, в котором, прежде всего, находит отражение его духовное наследие, которое, безусловно, выражается через специальные слова и термины, характерные для того или иного этнического языка. Слова женских украшений на шугнанском языке представляют собой важную часть ремесел горцев, в которых отражена вся фантазия и красота этого народа. Также слова женских украшений в шугнанском языке отражают духовный мир женщин долины Шугнан, и показывают, что в сложных условиях они смогли использовать возможности природы и её красоты и сделать свой мир более красочным и красивым.

Слова, связанные с женскими украшениям проанализированы этнолингвистическими методами. Наряду с определением слов и терминов, относящихся к данной теме, также дается информация об использовании этих украшений и способах их изготовления.

Автор отмечает, что украшения, которые носили шугнанские женщины на голове и шее существуют с древних времён, широко используются в народе и имеют своё особое покрытие. Например, если внешний вид «таки» (пакол, тоқи) является круглым с точки зрения географического положения регионов, они полностью различаются с точки зрения формы, шероза и высоты.

Таким образом, в статье были проанализированы некоторые слова шугнанского языка, которые относятся к женским украшениям.

Ключевые слова: *Бадахшан, Шугнан, язык, термин, украшения, женский, шугнанский, слово, этнолингвистический подход, анализ, сравнение, роль, роспись, широза, географическое положение.*

.

ETHNOLINGUISTIC ANALYSIS OF FEMALE ORNAMENT (BASED ON DICTIONARY MATERIALS)

This article analyzes the words related to women's ornament in Shughni language. Language is one of the incomparable treasures of mankind, in which, first of all, its spiritual heritage is reflected, and the spiritual heritage, of course, is expressed through special words and terms that are specific to this or that language of the ethnos.

Words that express women's ornaments in Shughni language plays an important role in mountainous people's handicrafts, where all the beauty and illusions of these people are highlighted. Also, words of women's jewelry in Shugnan language reflects the spiritual world of Shugnan women, and shows that despite the harsh mountainous conditions they were able to take advantage of nature's beauty and make their world more colorful and beautiful.

Ethnolinguistic analysis of words related to women's ornament, along with the words and phrases identification related to women's decoration, and information on the value of these ornaments and methods of their preparation are being provided.

It should be mentioned that ornaments worn by Shughni women on their heads and necks have existed since ancient times and were widely used by the people and they have had their own special way of knot tying. For example, if the look of the "*taqis*"[1] is circular or round in terms of the geographical location of the regions, they are completely different in pattern of the "*sheroz*"[2] and the height.

Keywords: *Badakhshan, Shugnan, language, term, jewelry, feminine, Shugnan, word, ethnolinguistic approach, analysis, comparison, role, painting, embroidery, geographical position.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғуломалиева Рузафзун Қувватбековна – *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992)939362882; e-mail: r.gulomalieva@gmail.com*

Сведения об авторе: Гуломалиева Рузафзун Кувватбековна – *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода, преподаватель кафедры таджикского языка. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992)939362882; e-mail: r.gulomalieva@gmail.com*

Information about the author: Gulomalieva Ruzafzun Quvvatbekovna *- Tajik International University of foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, teacher at the tajik language department. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhammadieva 17/6, phone (+992) 939-362-882; e-mail: r.gulomalieva@gmail.com*

УДК 809.155.0+802.0

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОПОСТАВИТЕЛЬНОГО ИЗУЧЕНИЯ НАРЕЧЕНИЯ ПТИЦ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Гулямов Н.Х.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

По сути, слова социолога Курта Левина, «нет ничего более практичного, чем хорошая теория». фактически является идеальной отправной точкой для предлагаемой статьи, предназначенной дать некоторые объяснения основным теоретическим и методологическим подходам изучения наименования птиц в лингвистике.

Существующие классификации предметных или отраслевых названий, особенно области фауны, следуют научной таксономии денотатов, по которым они являются обозначениями, и представляют предметную лексику как подсистему тематических групп. Под тематической группой понимается функционально инвариантная группа лексических единиц, которые выражают знания носителей языка для определенной области действительности, имеют значения денотативного типа и выделяются на основе относительных семян в вертикальном и горизонтальном направлении. Лексические единицы имеют значительные семантические дистанции между собой и вершиной группы и связаны родовидовыми отношениями [3, с. 77].

Особо надо уделять внимание отношению коннотации и денотации в семантике, первый из которых относится к явному значению, связанному со словом или выражением, а второй (коннотация), которая относится к «аффективным или эмоциональным ассоциациям».

Исходя из того, что коннотация зависит от характеристик денотации, в нашем анализе данная методологическая конструкция может помочь более конкретно открывать лингвистические особенности имён птиц в сопоставительных языках, так как языковой материал исследования данной тематической группой лексики обусловлен спецификой отношений человека с другими живыми существами в природе и тем значением, которым к птицам издревле уделялось особое внимание в материальной и духовной культуре. На коннотации конкретного языкового элемента, в отличие от его денотатов, сильно влияют различные культурные, экологические, социальные, религиозные и политические факторы [5, с. 80].

Соответственно, анализ коннотаций лингвистических единиц наименований птиц таджикского языка в сопоставительном анализе с наименованием птиц в английском языке позволяет лучше понять языковые параметры и определить лексико-семантических особенностей, наравне с нелингвистическим сходством и различиям между языками.

Штудируя литературы по орнитомию, мы определили несколько схем названий птиц Таджикистана (Лопушанская, С.П. Н.А. Бобринский, Л.А. Зенкевич, Я.А. Бирштейн, Л.А. Молчанов, Л.А. Балуева, А.И. Иванова). Хотя все эти авторы являются биологами и исследовали географию птиц в контексте биологических и зоологических проблем, но материалы каждого из них может быть использован для целей лексического исследования разного типа и особенно орнитомии. Для сопоставительного изучения именования птиц в двух и более языков удобна классификация лингвиста Н.Ю. Шведовой 14, охватывающая лексику из однотомного толкового словаря русского языка (Ожегов 1973), и биолога А.И. Иванова. Работа последнего автора, вышедшая 1940 г. под редакцией заслуженного деятеля науки акад. Е. Н. Павловского заслуживает особого внимания, где видовые названия птиц Таджикистана подразделяются на гагаровых (Colymbif ormes), аистовых (Ciconiiformes), гусиных (Anseriformes), соколиных (Folconiformes), куриных (Gallieformes), пастушковых (Gruiformes), ржанковых (Charadriiformes), гукушек (Cuculiformes), сизоворонковых (Coraciiformes) и воробьиных (Passeriformes). В свою очередь отряды, выделенные этим автором для нас актуальны, также потому, что они обеспечивают сопоставимость данных сравниваемых языков [4, с. 15].

В тоже время последние годы в языкознание появились много работ содержащие сравнительный анализ метафорической передачи называния птиц в языках. Также нам видится целесообразным охарактеризовать специфические признаки, лежащие в основе метафорических переносов в именовании птиц в таджикском и английском языке. Словари названий птицы на пяти языках: латинский, русский, английский, немецкий, французский (Балли Ш. Р. Л. Беме и В. Э. Флинт, Л. Гозмани, Ф. Гилла и Д. Донскера) помогут нам также конкретизировать и систематизировать такую же лексику в таджикском языке, используя при этом существующих на сегодняшний день толковых и энциклопедических словарей таджикского языка [1, с. 416].

Безусловно, в таджикской лексикологии и языкознании остается много нерешенных проблем, в том числе в наименования птиц. Термины персидского происхождения отрасли флоры и фауны и тем более орнитономии не привлекались к комплексным и систематическим лингвистическим исследованиям в диахроническом, тем более синхронном направлении. Безусловно, изучение такой темы может выявить архаичные, архаичные по обращению антропонимы и обращения в том же современном литературном языке, дать богатый материал по исторической фонетике, лексикологии, морфологии и синтаксису, исходной семантике слов, морфологическая структура и др., а также можно уточнить, функцию апеллятива в имени птиц, критерии мотивации и др.

При последовательном исключении из указанных классификации предметных наименований следующих рубрик: терминологическая лексика; названия, общие для живых существ, и названия-определители, может быть сформировано лексическое ядро предметной лексики и семантической характеристики имён птиц в таджикском, русском и латинском языках, что позволяет определить сравнительной лексики английского языка с высокой денотативной и текстовой частотностью и структурной определенностью. Эти единицы встречаются в большинстве названиях птиц и являются основой для сравнительно-типологического изучения.

Для начала мы остановимся на проблеме терминообразования, её общеупотребительность, а также образования лексического минимума названия птиц в таджикском языке, который определяется выбором функциональном лексики и семантическим подходом к ней, с учетом использования современных методов языковедческих исследований. В нашем случае прежде всего, имеется ввиду глубокий анализ процессов в семантических связях терминов таджикского языка, где особо надо уделят внимание совокупностью различных признаков и факторов. Ибо определение идиоматического значения в таджикском языке представляет собой очень сложный и в тоже время своеобразный процесс, включающий в себя не только семантические, но и системные связи лексических минимумов, определяющиеся своим конкретным значением.

Безусловно, исследования терминов отдельного ЛСГ таджикского языка, как и других богатых языков, представляют интерес как с теоретической, так и с практической точек зрения. В теоретическом смысле, целесообразным нам видится использования известных методов, на примере методики реконструирования семантической структуры слова, разработанная С.П. Лопушанской [5, с. 80], где дается четкая схема выявления изменений, происходящих в процессе терминологизации семантических групп и выявления сходства и различия семантики слов. В практическом же плане можно найти и описать лексикографического значения языковых единиц посредством соотнесения видового признака с родовым или синонимом. К примеру, сам термин «птица»/«паранда (в тадж. яз.)» или любая другая словарная единица, устанавливающая родовое понятие в словарной определении орнитомии, может быть назначен словом-идентификатором – как утверждал швейцарский языковед Шарль Балли. Он объясняет данный метод такими словами «самым простым, самым общим и понятным, которое содержит в зародыше все остальные слова ЛСГ данной категории или их синонимический ряд» [1, с. 416].

Орнитонимы являются неотъемлемой частью любого языка, и многие названия птиц являются активной частью его лексики. Широки они и по своему охвату: они используются

во всех формах языкового существования - в кодифицированном литературном языке, в территориальных диалектах, в социальных диалектах, в простой речи и т. д.

Значение орнитонима, как и значение любого слова, является «элементом структуры знаковой ситуации, обеспечивающим ассоциативную связь между планом выражения лексической единицы и ее наименованием, и ее концептом». В нашем случае под денотатом понимается как отдельная птица, так и филогенетическое сообщество птиц, а понятием мы называем понятие денотата внутри языковой или социальной общности.

Характерная таджикской лексике изменения в процессе терминообразования, воспроизводящая не только степень развития семантики слов, но и разграничение в гранях семантической поли, часто употребляемое как семантическое терминообразования, исходя из случаев: 1) употребление в лингвистическом тексте без изменения и варьирования семантики, именуемая «лингвистическая специализация»; 2) модификация или варьирования, сопровождаемою изменения в контексте полисемии, которая именуется «семантическая модуляция»; 3) трансформации, в результате которых образуются слова-синонима в лексике именуемые «семантическая деривация». Таким образом, выясняется, что две последнее понятия, введенные в научный оборот С.П. Лопушанской, [4, с. 15] «семантическая модуляция» и «семантическая деривация» в случае с образованием наименование птиц в современном таджикском сегменте персидского языка становятся актуальными.

К тому же, в таджикском лексике, относящие к именам птиц существуют множество устойчивых сочетаний, которые придают языку особый колорит. Эти лексические единицы представляют собой особый пласт лексики таджикского языка. Имена птиц являются образными и емкими языковыми единицами, наиболее ярко фиксирующими образы, созданные человеком, которые также придают языку своеобразие и неповторимость. Как уже отмечали многие лингвисты, изучавшие языки и особенно многообразие лексических единиц, орнитомии содержат специальные символы и ассоциативные связи, закрепляющиеся в сознании носителей языка, поскольку не создаются в процессе речи, а употребляются в ней в готовом виде, как и в английском языке.

Имена птиц в таджикском языке наглядно демонстрируют свойственные природе, географическим положением, историю, традиции той или иной общности, объединенной одной культурой. Набор лексики отражает те предметы и явления, с которыми человек часто сталкивался в своей жизни, а именно те, которые вызывали у него особые эмоции и чувства. Поскольку человек на протяжении всей своей истории, так или иначе, имел дело с представителями живого мира, с ними связана и совокупность фразеологизмов - зоофраз. То есть на лицо, то, что птицы, являвшиеся представителями фауны, и были постоянными спутниками человека, поэтому в таджикском языке часто встречаются единицы с компонентом-орнитонимом - орнитонимические фразеологизмы, которые конкретизируют общее понятие "зооним" и специализируются на птицах.

Также нельзя сбрасывать со счетов наименований птиц таджикского языка показывающие, того, что орнитонимия создаваясь здесь с древнейших времен имеет свои отличительные черты, касающиеся факторов способствующие установление вполне определенную систему: частыми факторами, кроме внешнего вида (форма, размер, цвет) также могут вступать голос и поведение; к случайным факторам могут отнесены общие характеристики по семейству и рода, а также по месту обитания, по месту гнездования, по типу питания и т.п.. Отсюда и явствует, что номенклатура, используемая в языке наименований птиц и орнитонимов в целом, в таджикском языке показывает приметы острого восприятия этим народом с древнейших времен особенности природы и духовно-культурного своеобразия в творческой мышлении.

Исследования показали, что «птичья» тема представлена не только во фразеологии и различных метафорических употреблениях. Образы птиц активно используются в других видах народного творчества (былины, сказки, песни, загадки и др.), в религиозно-философских учениях, в художественной литературе; они помогают выразить радость и горе,

дать положительную или отрицательную оценку людям, их поступкам, результатам их деятельности, отпраздновать победы и поражения.

Как бы далеко не зашла наука, в сказках, притчах и песнях народов птицы останутся такими, какими их видели наши предки, и это запечатленное в языке восприятие является неотъемлемым сегментом национальная картина мира. Названия птиц, как и другие зоонимы, употребляются и в переносном значении, что дает дополнительный материал для суждения о расширении смысловой емкости слов и языка в целом, особенно на примерах переноса названий птиц на человека, на созвездия, флору и социальные категории.

Таким образом, можно констатировать, что система обозначений и имен птиц в таджикском языке многообразен, и хотя с другой стороны в большей части не имеет много отличий от других языков: есть народные и искусственные имена, общие выражения и названия, относящиеся к родам или видам, есть среди них диалектические и общеизвестные слова, и иногда даже их этимологические и структурные типы совпадают с другими языками, с другой стороны, есть такие особенности имен птиц в таджикском языке, которые имея сильное распространение и преобладание в народных масс имен птиц вследствие отсутствия официальной номенклатуры и различное соотношение типов происхождения с другими языками. К тому же, также есть некоторые особенности, на примере, связи с семантикой и этимологией.

В этом мы убеждаемся всё больше в сопоставительном изучении определённых лексических единиц и фразеологизмов с орнитонимическим компонентом в других языках, в том числе немецкого, английского и французского языков с узбекским, татарским, белорусским и русскими языками в изучении лексико- семантических характеристик, на примере работы Салимов Р.Д., Р. А. Аюповой, К. А. Сахибуллиной, Е. В. Крепкогорской, Л. Р. Сакаевой, Т. С. Спириной, Е. С. Яковлевой, В. Вестхайде и Ригер и многих других языковедов.[7, с. 394]

Подытоживая наши мысли, относительно некоторых лингвистических особенностей сопоставительного изучения именования птиц, мы пришли к выводу, что в создании теории о системе именования птиц надо исходить из того, что ЛСГ называния птиц в таджикском языке надо понимать как этноорнитологию, полученную от орнитофауны.

Учитывая растущий интерес к лексике о живой природе, особенно в названиях птиц выраженных в древнем языке, и сохранением его на уровне целого региона, работа может представлять особый потенциальный интерес и ценность. Поскольку названия птиц на таджикском языке отражают не только социокультурные отношения людей региона с этими птицами, они могут служить основой для диалогов по сохранению и экотуризму, которые, в свою очередь, способствуют наблюдению за птицами, улучшению условий туризма и занятости.

Список использованной литературы

1. Балли, Ш. Общая лингвистика и вопросы французского языка / Ш. Балли. - М., 1955. – 416 с.
2. Банкевич, В. В.. К вопросу о соотношении лексико-семантических и тематических групп/ Банкевич В. В., Семантика слова и -предложения. –Л., 1985. -216 с.|
3. Куртене, де Б. Избранные работы по общему языкознанию. I т. / Куртене де Б. - М., Изд-во АН СССР, 1963.
4. Лопушанская, С.П. Изменение семантической структуры русских бесприставочных глаголов движения в процессе модуляции // Русский глагол (в сопоставительном освещении). - Волгоград, 1988. - С. 15;
5. Лопушанская, С.П. Развитие и функционирование древнерусского глагола. / Лопушанская С.П. - Волгоград, 1990. - С. 80.
6. Лопушанская, С.П. Семантическая модуляция как речемыслительный процесс // Лопушанская, С.П. Вестник Волгоградского государственного ун-та. Сер. 2: Филология. Волгоград, 1996. Вып. 1. - С. 6-13

7. Салимов, Р.Д. Структура и семантика односоставных предложений в русском и таджикском языках./ Салимов Р.Д. - Душанбе: Ирфон, 2009.- 394 с.
8. Шведова, Н. Ю. Однотомный толковый словарь: специфика жанра и некоторые перспективы дальнейшей работы. // Шведова Н. Ю. Русский язык. Проблемы художественной речи. Лексикология и лексикография. – М., 1981. – 194 с.
9. Симакова, О.Б. Лексико-семантическая группа «Орнитонимы» (на материале русского и французского языков): дис. … канд. филол. наук./ Симакова О.Б. - Пенза, 2003.
10. Собирова М. Семантическая характеристика предлогов в толковом словаре современного таджикского языка: Автореф.дис. канд.филол. наук / М. Собирова. Душанбе, 1972. - 23 с.
11. Abbasova N.K. The importance of techniques in developing critical abilities of the learners in teaching English proverbs and sayings. // Abbasova N.K. «Mirovaya nauka». № 9 (30), 2019. [Electronic Resource].URL:https://science
12. Kövecses, Z. (2002). Metaphor: A practical introduction. Oxford: Oxford University Press;
13. Kreidler, C. (1998). Introducing English semantics. London: Routledge.
14. Lakoff, G. & Turner, M. (1989). More than cool reason: A field guide to poetic metaphor.Chicago: The University of Chicago Press.
15. https://www.ocerints.org/socioint19_e-publication/abstracts/papers/158.pdf

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОПОСТАВИТЕЛЬНОГО ИЗУЧЕНИЯ НАРЕЧЕНИЯ ПТИЦ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Автор статьи представил анализ некоторых теоретико-методологических лингвистических особенностей обучения именованию птиц в таджикском языке на основе выявления факторов и признаков, характерной лексики и семантики отдельных групп. По словам автора статьи, наименование птиц в таджикском языке, представляют собой своеобразную систему самого языка, создававшаяся на протяжении тысячелетий и могут сыграть важную роль в изучении лексико-семантического развития как самого языка, так и на её базе изучения иностранных языков.

При изучении названия птиц с точки зрения внешнего вида, сходства, культурного и других аспектов надо особо учитывать отношение коннотации и денотации в семантике данной ЛСГ, также логически необходим правильный подход к анализу метафорической передачи называния птиц в языках.

По мнению автора, необходимо уделить внимание вопросу терминологии, ее общему употреблению, формированию лексического минимума названий птиц в таджикском языке, подбору служебных слов, смысловому подходу к нему и использованию современных методов лингвистического исследования. Также в таджикских названиях птиц выражаются особенности природы, географического положения, истории, традиции и культуры общества.

Ключевые слова: *терминология, лексика, имя птиц, семантика наименования птиц, мотивирующие факторы, таджикский, английский, коннотация и денотация.*

ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВӢ- МЕТОДОЛОГӢ ВА ЗАБОНИИ ОМӮЗИШИ МУҚОИСАВИИ НОМГУЗОРИИ ПАРРАНДАГОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муаллифи макола таҳлили баъзе вижагиҳои назариявию методологии забоншиносии омӯзиши номгузории паррандагон дар забони тоҷикиро дар асоси муайян намудани омилу хусусиятҳо, лексикаи характернок ва семантикаи гурӯҳҳои алоҳида пешниҳод кардааст. Ба андешаи муаллифи мақола, номҳои паррандагон дар забони тоҷикӣ як навъ системаи худи забон буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо офарида шуда, метавонанд дар омӯзиши рушди лексикӣ-маъноии худи забон ҳам нақши муҳим дошта бошанд. Дар асоси он омузиши забонҳои хориҷӣ низ инкишоф меёбад.

Ҳангоми омӯзиши номҳои паррандагон аз ҷиҳати намуд, шабоҳат, фарҳангӣ ва ғайра алоқаи коннотатсионӣ ва ифодакуниро дар семантикаи калимаи локалии муайян ба назар гирифта, ба таҳлили он дуруст муносибат карда, интиқоли маҷозии номгузории паррандагон ба забонҳо низ мантиқан зарур аст.

Ба андешаи муаллиф,бояд ба масъалаи истилоҳот, истифодаи умумии он, ташаккули минимуми луғавии номи паррандагон дар забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо интихоби вожаҳои функционалӣ, муносибати семантикӣ ба он, истифодаи усулҳои муосири тадқиқоти забоншиносї низ эътибор додан зарур аст. Инчунин, дар номҳои тоҷикии паррандагон хусусияти хоси табиат, мавқеъи ҷуғрофӣ, таърих, анъана ва фарҳанги ҷомеа ифода меёбад.

Вожаҳои калидӣ: *истилоҳот, лексика, номҳои паррандагон, семантикаи номҳои паррандагон, омилҳои ангезанда, тоҷикӣ, англисӣ, коннотатсия ва денотатсия.*

THEORETICAL, METHODOLOGICAL AND LINGUISTIC FEATURES OF THE COMPARATIVE STUDY OF THE NAMING OF BIRDS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The author of the article presents an analysis of some theoretical and methodological linguistic features of the study of the naming of birds in the Tajik language, based on the definition of those factors and features, the characteristic vocabulary and semantics of individual groups. According to the author of the article, the names of birds in the Tajik language are a kind of system of the language itself, created over thousands of years and can play an important role in studying the lexical-semantic development of both the language itself and the study of foreign languages on its basis.

When studying the names of birds from the point of view of appearance, similarity, cultural and other aspects, it is necessary to take into account the relationship between connotation and denotation in the semantics of a given local words, and a correct approach to the analysis of the metaphorical transmission of naming birds in languages is also logically necessary.

According to the author, it is necessary to pay attention to the issue of terminology, its general use, the formation of the lexical minimum of bird names in the Tajik language, the selection of functional words, the semantic approach to it and the use of modern methods of linguistic research. Also, in the Tajik names of birds, the features of nature, geographical location, history, traditions and culture of the society are expressed.

Keywords: *terminology, vocabulary, bird names, semantics of bird names, motivating factors, Tajik, English, connotation and denotation, etc.*

***Маълумот оид ба муаллиф*: Гулямов Наймжон Хайрилоевич –** *Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисӣ. Нишонӣ: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, тел.: +992934085038, E-mail: gulomov8181@mail.ru*

***Сведения об авторе*: Гулямов Наймжон Хайрилоевич** *– Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, старший преподаватель кафедры методики преподавания английского языка. Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121, тел.: +992934085038, E-mail: gulomov8181@mail.ru*

***Information about the author*: Gulyamov Naimzhon Khairiloevich** *– Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, senior teacher, chair of English teaching methodology. Adress: 734003, Dushanbe city, Rudaki avenue 121. Tel: +992934085038, e-mail: gulomov8181@mail.ru*

ТДУ:801.1+802.0

КОРБУРДИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ: УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТ

Давлатов М.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Аломатҳои китобат маҷмуи аломатҳое ҳастанд, ки ба нависанда ва хонанда имкон медиҳанд, то нишон диҳад, ки ҷумлаҳову матнҳо чӣ гуна сохта ва ё хонда мешаванд, ба хонанда ё шунаванда маънии ҷумла возеҳу равшан бошад. Дар нигориши тоҷикӣ (кириллӣ) ва англисӣ (лотинӣ) қоидаи умумӣ ин аст, ки як ҷумлаи комил бояд бо ҳарфи калон шуруъ шуда, бо нуқта ё аломати хитоб ва ё аломати савол тамом шуда бошад. Гузашта аз ин, аломатҳои китобат дар ҳарду забон хеле муҳим буда, хусусан, барои дар сатҳи баланд аз худ кардани забон зарурӣ ба шумор мераванд. Агар дар ҷумла аломатҳои китобат нодуруст истифода гардида, ё умуман гузошта нашуда бошад, маънои ҷумла метавонад тағйир ёбад ва ё мубҳаму норавшан монад. Бинобар ин, барои ин ки матни навишташуда дуруст хонда ва фаҳмида шавад, истифодаи дурусти аломатҳои китобат аҳаммияти фаровон дорад [1, с. 240]

Бояд дар назар гирифт, ки аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ва англисӣ, бо вуҷуди муштаракоти зиёди дастурӣ, инчунин тафовутҳое дар анвоъ ва мавқеи корбурдашон ба назар мерасад. Чунончи, дар хатти имрӯзаи забони тоҷикӣ даҳ аломати китобат – нуқта, вергул, аломати савол, аломати хитоб, дунуқта (баён), сенуқта, нуқтавергул, қавс, тире, нохунак ба кор меравад, вале дар грамматикаи забони англисии муосир ин теъдод ба чордаҳ мерасад. Аломатҳои китобати забони англисӣ инҳоянд:

Р/Т	**Тоҷикӣ**	**Англисӣ**	**Аломат**
1.	нуқта	full Stop (Period)	(.)
2.	аломати савол	question mark	(?)
3.	нохунак	quotation Marks	(« »)
4.	вергул	Comma	(,)
5.	нимтире	Hyphen	(-)
6.	тире	Dash	(–)
7.	аломати хитоб	exclamation mark	(!)
8.	дунуқта (баён)	Colon	(:)
9.	нуқтавергул	Semicolon	(;)
10.	қавс	parenthesis	()
11.	сенуқта	Ellipsis	(…)
12.	апостроф	apostrophe	(‘)
13.	қавсҳои росткунҷа	Brackets	([ ])
14.	каҷхатта	Slash	(/)

Ҳар кадоми ин аломатҳо вазифаҳои худро дошта, дар матн вобаста ба мавқеи истифодаашон ҷанбаҳои дастурӣ (грамматикӣ), маъноӣ (мантиқӣ) ва оҳангӣ (интонатсионӣ)-ро таъмин мекунанд. Бинобар ин, мо дар мақолаи ҳозир ба баррасии ҳамин хусусиятҳои пунктуатсияи англисӣ мепардозем. Ногуфта намонад, ки аксари қоидаҳои аломатгузории баррасишаванда дар забони расмии англисӣ (ҳуҷҷатҳои расмӣ, мукотиботи давлатӣ ва монанди инҳо) мушоҳида мешаванд.

1. **Нуқта (.) – Full Stop**, **point**, ки дар забони англисии америкоӣ **Period** ва гоҳо **dot** (дар таркиби веб-адресҳо) низ мегӯянд, расмитарин аломати китобат дар ҳамаи забонҳост. Нуқта дар забони англисӣ монанди нуқта дар забони тоҷикӣ аст. Вале тавре мушоҳида мешавад, дар забони англисӣ нуқта дар муқоиса бо аксари дигар аломатҳои китобат серистифодатар буда, аз ҷумла дар мавридҳои зер ба кор бурда мешавад:

- Дар охири як ҷумлаи комили хабарӣ. [1, с. 240].

  «The boy went out»

  Писарак ба берун баромад (Пирамард ва баҳр, саҳ. 26).

  The old man drank his coffee slowly.

  Пирамард оромона қаҳваашро нӯшид. (Пирамард ва баҳр, саҳ. 30);
- Дар охири баъзе калимаҳои кӯтоҳшуда ва ихтисораҳо, ба монанди ному унвонҳо ва ғайра. Масалан; Dr. (=Doctor), Mr. (=Mister), etc. (=etcetera), ltd. (=limited), p. (=page), N.Y. (=New York).

  Dr. Ashraf Examined his patient [ ].

  Доктор Ашраф беморро муоина кард;
- Пас аз калимаҳои то ҳадди як ҳарф ихтисоршудаи лотинӣ: **i.e.=id. est=that is;**
- Дар аббревиатураҳо: **M.A.= Master of Arts;**
- Ҳангоми кӯтоҳкунии калимаҳо: **Co=Company;**
- Дар ихтисори ному насаб: **S.S. Abrorov;**
- Баъд аз кӯтоҳшавии номи моҳҳо:

  He was born on Des. 22, 2000.

  Ӯ дар 22-юми декабри соли 2000 ба дунё омад;
- Барои ҷудосозии шумораҳои аслӣ аз шумораҳои касрӣ: **0. 25** (хонда мешавад **zero point twenty five**);
- Баъд аз ҷумлаҳое, ки ҳарчанд ҷонишинҳои саволӣ доранд, вале саволӣ нестанд:

  <u>He asked where his suitcase was</u>.

  Пурсид, ки чамадонаш дар куҷо буд.

Дар баъзе мавридҳо гузошта намешавад:

- Баъд аз рамзҳо: **$, £, %;**
- Баъд аз шумораҳои тартибӣ, агар кӯтоҳ карда шаванд: **1st, 2nd, 3rd, 4th;**
- Пас аз номи элементҳои кимиёӣ, агар ихтисор карда шаванд: **O (oxygen);**
- Дар охири сарлавҳаҳо: **The effect of technology**;
- Дар муқоваи китобҳои илмӣ, бадеӣ, дарсӣ, маҷалла ва дигар нашрияҳо баъд аз насаби муаллиф ва унвони онҳо:

Баъзе ҳолатҳое низ ҳастанд, ки калимаҳои кӯтоҳшуда ва ихтисораҳо метавонанд ҳам бо нуқта ва ҳам бидуни он навишта шаванд:

- Дар забони англисии америкоӣ баъд аз калимаҳои кӯтоҳшуда ва ихтисораҳо нуқта гузошта мешавад, вале агар ба сабки англисии британиягӣ навишта шавад, нуқта монда намешавад:

  Dr. ё Dr = Doctor

  Mr. ё Mr = Mister

  Mr. Green asked Ms. Grey if she had met Dr. Jekyl. (сабки америкоӣ)

  Mr Green asked Ms Grey if she had met Dr Jekyl. (сабки британиягӣ)
- Дар ихтисоркунии номи давлатҳо: **USA** ё **U.S.A.**
- Дар ихтисоркунии номи ташкилотҳо: **BBC** ё **B.B.C.**

2. Аломати савол (?) – Question mark, ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ дар охири ҷумлаҳои саволӣ ба кор меравад. Ҷумлаҳои саволии англисӣ, маъмулан бо ҷонишинҳо ва ҳиссачаҳои саволӣ (what, how, when, where, why, who) ва монанди инҳо сар мешаванд. **Аломати саволро дар мавридҳои зерин мегузоранд:** [1, с. 240]

- Дар охири ҷумлаҳои саволии мустақим, ки гӯянда интизори ҷавоб аст:

  How are you?
  Шумо чӣ хел? *(барои ҳолпурсӣ)*
  Where are you from?
  Аз куҷо ҳастед? *(кишвар, шаҳр)*

- Баъд аз ҷумлаворaҳои саволие, ки мавзуеро баён мекунанд ва ҷавоби мушаххасе талаб намекунанд, аломати савол гузошта мешавад. Яъне, барои хонанда нишон медиҳад, ки ин як масъала аст, на як ҷумла:

3. Нохунак « » – Quotation Marks аломати сервазифа буда, маъноҳои махсус доштани калимаву ибораҳо, «бегона» ва иқтибосӣ будани ҷузъе аз матн ё номи осору нашрияҳо ва муассисаҳоро нишон медиҳад. Нохунак дар навишти англисӣ ду намуди сабт дорад, ки яке нохунаки ҷуфт (“ ”) - Quotation Marks, ки маъмулан дар нигориши америкоӣ истифода мешавад ва дигаре нохунаки тоқ (‘ ’) - “inverted commas”, ки дар аломатгузории британӣ ба кор меравад. Дар забони тоҷикӣ нохунакҳои ҷуфти хаттӣ (“ ”) ва чопӣ («») серистеъмол буда, нохунаки тоқ (‘’) тамоман маъмул нест [1, с. 240]

Дар забони англисӣ аломати нохунак мавқеи корбурди гуногун дорад:

- Барои нишон додани нутқи айнаннақлшуда, ки тавассути шахси дигаре гуфта шуда бошад:

  “It is a historic moment,” he told journalists.
  Ӯ ба хабарнигорон гуфт: – “Ин як лаҳзаи таърихӣ аст.”

- Ҳангоми навиштани калимаву ибораҳои супоришӣ-водоркунӣ:

  “Don’t go outside,” teacher said.
  Муаллим гуфт: – “Берун нарав”.

- Гоҳе, агар мехоҳем, ки ба калимае дар матн маънои хосе диҳем, аз қабили маъноҳои маҷозӣ ё дигаргӯйиҳо, номҳо ва таъкидҳо, он бояд дар нохунак гирифта шавад. Ин равиш, маъмулан, дар таҳлилҳои забоншиносӣ бештар дида мешавад. Мисолҳо:

<u>The sign</u> <u>changed from</u> “Walk,” <u>to</u> “Don’t <u>Walk</u>,” <u>to</u> “Walk” <u>again within thirty seconds</u>. Аломати аз роҳ рафтан бо роҳ нарафтани дигар дар давоми 30 сония иваз шуд.

<u>Here the pronoun</u> “<u>we</u>” is <u>omitted</u>. Дар инҷо ҷонишини мо сарфи назар кара шудааст.

- Аломати савол метавонад, ҳам дар дохил ва ҳам берун аз аломати нохунак гузошта шавад. Ба ин тартиб ки, агар худи нутқи айнан нақлшуда саволӣ бошад, аломати савол бояд дар дохили нохунак гузошта шавад ва агар савол дар бораи нутқи айнаннақлшуда бошад, пас аломати савол берун аз нохунак қарор мегирад. Мисолҳо

  <u>She asked</u>, “Will <u>you still be</u> <u>my</u> <u>friend</u>?”
  Вай пурсид, ки шумо то ҳол дусти ман хоҳед буд.
  <u>Do you agree with</u> <u>the saying</u> “All’s <u>fair</u> <u>in</u> <u>love and</u> war”? [1, с. 240]
  Оё шумо бо гуфтаҳои ҳама розӣ ҳастед дар муҳаббати одилона.

Ҳамон тавре ки дар мисоли аввалӣ дида мешавад, агар дар дохили нохунак яке аз аломатҳои китобат омада бошад, дигарбора гузоштани нуқта зарурат надорад.

- Дар сурати ҳам нутқи айнаннақлшуда ва ҳам ҷумлаи саволӣ будан, танҳо як аломати савол ва он ҳам дар дохили нохунак гузошта мешавад. Мисол:

  <u>Did she say</u>, “May I <u>go</u>?”
  Вай гуфт, ки метавонам ман равам.

- Агар ду нутқи айнан нақлшуда дар дохили якдигар гуфта шаванд, бояд аз ин аломат (‘’), ки маъмулан дар тарзи нигориши британӣ “inverted commas” истифода мешавад, ба кор гирифта шавад:

  <u>She said</u>, “He <u>said</u>, ‘Hurry <u>up</u>.’”

Вай гуфт, ки шитоб кун.

- Яке аз фарқиятҳои истифода аз аломати нохунак дар забони тоҷикӣ ва англисӣ дар матнҳои муколамавӣ (диалогӣ) мебошад. Ба ин мисолҳо таваҷҷуҳ кунед:

"Hi," said Karim.

– Салом, – гуфт Карим.

"Hello," said Nodir.

– Ассалому алайкум, – гуфт Нодир.

Чӣ хеле ки дида мешавад, дар нигориши тоҷикӣ, баръакси забони англисӣ, сухани мусоҳибон бо истифода аз аломати тире ва бе нохунак навишта мешавад [1, с. 240]

- Қоидаи дигаре, ки барои нутқи айнаннақлшуда риоя бояд шавад, дар дохили нохунак бо ҳарфи калон сар шудани ҷумлаи иқтибосшуда мебошад. Мисол:

He said, "Treat her as you would your own daughter."

Бо ӯ чунон муносибат кунед, ки бо духтари худатон мекунад.

"Look out!" she screamed. "You almost ran into my child."

Нигоҳ кунед. Шумо қариб кӯдакро пахш кардед.

4. **Аломати вергул (,) – Comma**, аз пурбаҳстарин ва сервазифатарин аломатҳои китобат буда, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бештарин қоидаҳои истифодаро дорад. Таваҷҷуҳ кунед ба намунае аз шинохтатарин мавқеъҳои корбурди аломати вергул дар забони англисӣ:

1. Барои ҷудо кардани калимаву ибораҳои чидаи ҷумлаҳо, маъмулан пеш аз пайвандаки пайвасткунандаи ***and*** гузошта намешавад. Мисол:

Besides being a good swimmer, Iraj is a professional runner and has won many medals.
Ба ғайр аз шиноварии хуб будан, Эраҷ, инчунин давандаи хуб аст ва медалҳои зиёд бурд кардааст.

Эраҷ бар замми ин ки шиновари хуб аст, давандаи касбӣ буда, медалҳои зиёде ба даст овардааст.

Вале барои роҳ надодан ба дигарфаҳмӣ, гоҳе ба гузоштани аломати вергул пеш аз пайвандаки ***and*** зарурат пеш меояд. Чунончи:

My $10 million estate is to be split among my husband, daughter, son, and nephew.

10 миллион доллари ман бояд байни шавҳар, духтар, писар ва ҷияни ман тақсим карда шавад.

Агар дар ҷумлаи мазкур аломати вергул пас аз калимаи **son** бардошта шавад, маънои ҷумларо тағйир дода, ба ин мазмун мешавад, ки писар ва ҷиян лар ин саҳм шарик буда, сеяки меросро бо ҳам тақсим кунанд. Дар пунктуатсияи англисӣ ба ин "вергули оксфордӣ" мегӯянд, ҳарчанд нисбат ба Британияи кабир дар Америка серистифодатар аст.

2. Аломати вергул барои ҷудо кардани сифатҳои чида, махсусан сифатҳои мушаххасе ба кор меравад, ки дар байни он хусусиятҳо гузоштани пайвандаки ***and*** мумкин бошад:

He is a strong, healthy man.

Вай одами солиму боқувват аст.

3. Баъд аз сифатҳое, ки бо анҷомаи "**-ly**" хатм мешаванд, аз вергул истифода мекунанд. Вале дуруст бояд фарқ кард, ки калимаи анҷомаи "**-ly**"-дор сифат аст, ё зарф. Яъне, агар дар ҷумла ба исмҳо хусусияти муайянкунандагӣ дода тавонад (lonely boy), сифат аст ва бояд вергул гузошта шавад [1, с. 240].

Felix was a lonely, young boy.

Феликс ҷавони танҳо буд.

Лекин дар ин ҳолат:

I got headaches in brightly lit rooms.

Ман дар утоқҳои равшани Бредли дарди сар дорам.

"**brightly room**" зарф аст ва пас аз он вергул гузоштан дуруст нест.

4. Барои бо ҳам пайваст кардани ҷумлаҳои комил тавассути пайвандакҳои пайвасткунандаи **for, and, nor, but, or, yet, so**, ки акроними FANBOYS-ро ташкил медиҳанд. Мисол:

I have painted the entire house, <u>but</u> he is still working on sanding the doors.

Ман ба тамоми хонаро ранг кардам, аммо ӯ ҳанӯз дарҳоро пардоз медод.

Аммо дар ҷумлаҳои кӯтоҳ бидуни вергул ҳам навишта мешавад. Чунончи:

I paint and he writes.

Ман ранг мекунам ва ӯ менависад.

Гоҳе ду ё бештар ҷумлаҳои сертаркиб ба воситаи пайвандаки **and** пайваст мешаванд. Дар ин ҳолат беҳтар аст, барои пешгирӣ аз ғалатфаҳмӣ, пеш аз пайвандаки **and** вергул гузошта шавад. Мисол:

I <u>chose the</u> <u>colors red and green</u>, <u>and blue was</u> <u>his first choice</u>.

Ман рангҳои сурх ва сабзро интихоб кардам ва ранги кабуд аввалин интихоби ӯ буд.

Агар дар ҷумлаҳои мураккаби дутаркиба мубтадо барои хабари ҷумлаҳои дуюму сеюм ва ... такрор наомада бошад, набояд ҷумлаҳоро бо вергул ҷудо кард, монанди:

<u>He thought quickly but</u> <u>still did not answer correctly</u>.

Зуд фикр мекард, вале ҳанӯз ҷавоби дуруст надод.

5. Агар ҷумла бо пайвандакҳои тобеъкунанда, аз қабили **although, because, before, however, unless, even though** ва ғайра шуруъ шавад, баъд аз фикри тамомшудаи ҳамон ҷумла аломати вергул гузоштан лозим аст. Лекин, дар сурати дар миёна омадани пайвандаки пайвасткунанда гузоштани вергул зарурат надорад. Мисол:

I'm not going to the party unless you go.

То шумо наравед ман ба зиёфат намеравам.

Ҷумлаҳое, ки бо пайвандакҳои ***however*** ва ***nevertheless*** ҷудо карда мешаванд, калонҳаҷманд. Аз ин рӯ, пеш аз онҳо нуқтавергул гузорем, фаҳмидани мазмуни онҳо осонтар мегардад:

Jim woke up in his own bed; however, he felt great.

Ҷим дар бистари худ бедор шуд, ба ҳар ҳол эҳсоси хубе дошт.

It was the Queen's birthday on Saturday; nevertheless, she had no post whatever.

Рӯзи шанбе зодрӯзи малика буд, бо вуҷуди ин ӯ ягон ҳадя нагирифта буд.

Агар дар ҷумла калимаҳои ба монанди ***therefore*** ва ***however*** на ҳамчун пайвандак, балки ҳамчун калимаҳои туфайлӣ истифода шаванд, пас, аломати вергул аз ҳарду тарафи он гузошта мешавад. Мисол:

I would, therefore, like a response.

Аз ин рӯ, ман посух мехоҳам.

I would be happy, however, to volunteer for the Red Cross.

Ман аз корманди ихтиёрии Салиби Сурх будан, ба ҳар ҳол, хурсанд мешудам.

6. Мухотаб ва нидоҳо ҳамеша бо аломати вергул ҷудо карда мешаванд. Агар дар миёнаи ҷумла биёяд, он гоҳ аз ду тараф вергул бояд гузошт:

Stop, or I'll scream.

Бас кун, вагарна дод мезанам

He explained, Alisher, that you should never cross the street against the light. [1, с. 240]

Вай фаҳмонд, Алишер, ки Шумо ҳеҷ гоҳ алорағми чароғак кӯчаро убур накунед.

7. Ҳангоми тасдиқ ё инкор намудан низ, калимаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ бо вергул ҷудо карда мешаванд. Мисолҳо:

Yes, I want to eat lunch.

Бале, ман мехоҳам хӯроки нисфирӯзӣ бихӯрам.

No, thank you.

Не, раҳмат.

Хулоса корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дорои хусусиятҳои хос буда, вобаста ба қоидаҳои тасдиқшудаи имлоӣ ва пунктуатсионии забонҳо ба роҳ монда мешаванд. Инчунин ҳангоми тарҷумаи матн аз як забон ба забони дигар метавонанд тағир ёбанд, яъне маънои грамматикии аломатҳои китобат на ҳамеша дар забонҳо мувофиқат мекунанд.

Адабиёт:

1. Баракаева, Г.Б. Луғати англисӣ-тоҷикӣ [Матн] / Г.Б. Баракаева. – Душанбе, 1970. - 173 с.
2. Валиева, З.А. Сопоставительный анализ финансово-банковскых терминов в таджикском и английском языках [Текст] / З.А. Валиева. – Душанбе, 2009. - 160 с.
3. Верешагин, Е.М. Лингвострановедческая теория слова [Текст] / Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров В.Г. - М.: Русский язык, 1980. - 320 с.
4. Верешагин, Е.М. Язык и культура [Текст] Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров. – 3-е изд., перераб. и доп.- М., 1983.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. [Матн] Ҷ. 1. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2. - Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.
7. Мамадназаров, А. Фарҳанги донишгоҳии англисӣ-тоҷик. [Матн] / А. Мамадназаров. - Душанбе, Нодир. 2003. - 492 с.
8. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. [Матн] / А. Мамадназаров. – Душанбе: Сабоҳ, 2007. - 1080 с.
9. ***Хусейнов, Х..*** Қоидаҳои асосии истеъмоли аломатҳои китобӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе, 1966.- 62 с.
10. Салье, В.М., Мячинская Э.И., Цурикова Л.П. Письменная английская речь: Практический курс – A Course in Written English: Учеб. Пособие для студ. лингв, вузов. под ред. И. А. Уолш. 2-е изд., испр. и доп. – СПб.: Филологический факультет СПбГУ; М.: Академия, 2005. – 240 с.

КОРБУРДИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ: УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТ

Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои муҳимми забон – корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Аломатҳои китобат маҷмуе аз аломатҳое ҳастанд, ки ба нависанда ва хонанда имкон медиҳанд, то нишон диҳад, ки ҷумлаҳову матнҳо чӣ гуна сохта ва ё хонда мешаванд, ба хонанда ё шунаванда маънии ҷумла возеҳу равшан бошад. Дар нигориши тоҷикӣ (кириллӣ) ва англисӣ (лотинӣ) қоидаи умумӣ ин аст, ки ҷумлаи комил бояд бо ҳарфи калон шуруъ шуда, бо нуқта ё аломати хитоб ва ё аломати савол тамом шуда бошад.

Гузашта аз ин, аломатҳои китобат дар ҳарду забон хеле муҳим буда, бахусус, барои дар сатҳи баланд аз худ кардани забон зарурӣ ба шумор мераванд. Агар дар ҷумла аломатҳои китобат нодуруст истифода гардад, ё умуман, гузошта нашуда бошад, маънои ҷумла метавонад тағйир ёбад ва ё мубҳаму норавшан монад. Бинобар ин, барои он ки матни навишташуда дуруст хонда ва фаҳмида шавад, истифодаи дурусти аломатҳои китобат аҳамияти фаровон дорад. Аз ин нуқтаи назар, дар мақола 14 аломати китобат ва ҳолатҳои истифодаи онҳо дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *аломатҳои китобат, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, нуқта, вергул, аломати савол, нохунак, нимтире, тире, сенуқта.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЗНАКОВ ПРЕПИНАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ: ОБЩИЕ И ОТЛИЧИТИЛЬНЫЕ ПРИЗНАКИ.

Данная статья посвящена одной из важных тем языка - использованию знаков препинания в таджикском и английском языках. Знаки препинания представляют собой набор знаков, которые позволяют писателю и читателю показать, как строятся или читаются предложения и тексты, чтобы смысл предложения был понятен читателю или слушателю. В таджикском (кириллица) и английском (латиница) письме общее правило состоит в том, что полное предложение должно начинаться с заглавной буквы и заканчиваться точкой, восклицательным или вопросительным знаком.

Более того, знаки препинания очень важны в обоих языках и особенно необходимы для овладения языком на высоком уровне. Если знаки препинания используются неправильно или не используются вовсе, смысл предложения может измениться или остаться неясным.

Поэтому для того, чтобы написанный текст был правильно прочитан и понят, очень важно правильное использование знаков препинания. С этой точки зрения в статье рассматриваются 14 знаков препинания, их варианты и сравнение с таджикском и английском языках.

Ключевые слова: *знаки препинания, таджикский язык, английский язык, точка, запятая, вопросительный знак, кавычки, дефис, тире, многоточие.*

USE OF LIBRARY SIGNS IN TAJIK AND ENGLISH: COMMON AND DIFFERENCES.

This article is devoted to one of the important topics of the language - the use of book hieroglyphs in Tajik and English. Literary signs are a set of signs that allow the writer and reader to show how sentences and texts are built or read so that the meaning of the sentence is clear to another reader or listener. In the Tajik (Krillich) and English (Latin) general rule, a full sentence must begin with a capital letter and end with a note, exclamation mark, or question mark. Moreover, bookmarks are very important in both languages and are especially necessary for mastering a high-level language. If punctuation marks are used incorrectly or not used at all, the meaning of the sentence may change or remain unclear.

Therefore, in order for the written text to be correctly read and understood, the correct use of punctuation marks is very important. From this point of view, the article considers 14 literary signs and their use in comparison with the Tajik and English languages.

Keywords: *book characters, Tajik language, English language, dot, comma, question mark, quotation mark, half dash, dash, ellipsis.*

Маълумот дар бораи муалиф: Давлатов Муслим *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, омӯзгори кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734019, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992) 988-48-22-82. E-mail: muslim_ davlatov888999@mail.ru*

Сведения об авторе: Давлатов Муслим *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, преподаватель кафедры романо-германских языков.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан, 734019, г. Душанбе, ул. Муҳаммадиева 17/6,* ***Тел.:*** *(+992) 988-48-22-82.* ***E-mail:*** *muslim_ davlatov888999@mail.ru*

Information about the author: Davlatov Muslim *- Tajik International University of foreign languages named after Sotim Ulughzoda, teacher of the Department of Romano-Germanic Languages. Address: Republic of Tajikistan, 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6, Tel.: (+992) 988-48-22-82. E-mail: muslim-davlatov888999@mail.ru*

УДК: 801.1

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ УПОТРЕБЛЕНИЯ ПРОСТОГО ВОПРОСИТЕЛЬНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОМ СТИЛЕ

Кенджазода М.С.

Таджикский национальный университет

В учебных пособиях для высшей и средней школы в плане передачи сообщения предложения делятся на повествовательные и вопросительные и [Белиницкий А.М., Ходзизода. 1936.- С. 3 - 88; Бузургзода Л. 1942. – С. 5-7; ГЗТ.1963; Мирзоев А., Ниязи Ш., Гаффоров Р. 1948.- С. 5-7; Б. Ниёзмухаммадов 1970.- С. 216-218; ЗАХТ. К. 2. 1970. – С.55-58] и в некоторых учебниках добавлены повелительные предложения [Арзуманов С., Нестеренко С. 1951. – С. 242-243; Арзуманов С., Джалолов В. 1969.- С 233–234; Б. Ниёзмухаммадов, Ш. Рустамов. 1969.- С. 19-20;]. Подобная классификация была сделана в русском языкознании [Пешковский А.М. 1956.- С. 348-350; Руднев А.Г. 1960.- С. 32-34; Грамматика современного русского литературного языка. 1970.- С. 355–369; Распопов И.П. 1970.- С. 85-98; Современный русский язык. 1976.- С. 21-27], в 80-е гг. [Русская грамматика. 1980.- С. 88; Белошапкова В.А. 1977.- С.94].

Исследователь-психолог Ф. Лиматов, говоря о необходимости вопросов и ответов в диалогической форме сбора информации, писал: *«Вопрос - это форма движения мысли. В этот момент происходит явный переход от незнания к знанию, от непонимания к пониманию*.

«Вопросительные предложения более эффективны, чем повествовательные предложения, потому что они, привлекая внимание читателя к описываемому объекту, напоминают ему, что описываемый объект зависит от одного или нескольких других действий. Кроме того, в их выражении понимаются понятия смеха, насмешек, издевательства, юмора и так далее » [1, с.146].

– Ба ту чӣ шуд? Чаро гиря мекунӣ?– гуфта пурсиданд.

– Акнун ман чӣ навъ ба Бухоро барои хондан меравам? Тӯй намекардед, намешудмӣ? – гуфт гирякунон.

– Чӣ навъ меравӣ? Вақташ шавад, худам бурда мемонам. Барои ин гиря чӣ лозим аст? – гуфт падарам.

– Пул-ку надоред, бе пул дар шаҳр чӣ гуна истода хонда мешавад? – гуфт боз бо ҳамон овози гиряолуд.

(Что с тобой случилось? Почему ты плачешь?» - спросили они.

- Как мне теперь поехать учиться в Бухару? Ведь можно было не жениться? - плача, спросил он.

- Как пойдешь? Когда придет время, сам поведу. Из-за этого не нужно плакать - сказал мой отец.

- У тебя нет денег, как ты можешь учиться в городе без денег? - повторил он тем же плачущим голосом) [Ёддоштҳо, с. 29].

В таджикском языкознании вопросительные предложения рассматривались Сабиржановым С. в работе под названием «Собственно вопросительные предложения в современном таджикском литературном языке» (С. Сабиржанов, 1985, с. 216). В своей диссертации он уделяет больше внимания собственно вопросительным предложениям и показывает их особенности.

Способы и средства выражения вопроса в простых вопросительных предложениях осуществляются разными путями. В классификации лингвистов и исследователей показаны такие способы выражения вопроса в вопросительных предложениях таджикского языка. Например, Л. Бузургзода показывает три способа выражения вопроса:

1. Вопросительные частицы: магар, оё, -мӣ, - чӣ;
2. Вопросительные местоимения: кӣ, чӣ, куҷо, чанд и т.д .;
3. Вопросительная интонация [4, с. 8-9].

В классификации исследователей С.Д. Арзуманова, С. Нестеренко, С. Джалолова вместо вопросительных местоимений, заменяющих вопросы, комментируются сочетания – ё не, оё…, ё не (1938, с. 2021). В другом источнике [см.: Мирзоев А., Ниязи Ш., Гаффоров Р. 1948, с. 7-8] способы выражения вопроса делятся на пять групп:

1. Вопросительные частицы: **оё, магар, мӣ;**
2. Вопросительные местоимения: **кӣ?, чӣ?, кадом?, кай?, чӣ хел?, чанд?, чӣ қадар?, чаро?, чандум?, канӣ?** и др.;
3. Союзы: **ё, ё худ, ё ки**…;
4. Без вопросительных слов, высокой интонацией (тоном);
5. **Вопросительные чӣ, -а, -я, -дия** [1948, с. 6-7],

Б. Ниёзмуҳаммадов также подчеркивает три способа [см. 1956, с. 5-7].

В некоторых исследованиях упоминалось 9 способов выражения вопроса, некоторые из них вызывают сомнения. В своей классификации С. Сабиржанов упоминает 9 способов выражения вопроса:

1. Интонация вопроса;
2. Вопросительные местоимения;
3. Вопросительные наречия;
4 Вопросительные частицы;
5. Союзы **ё, ё ки, ё худ;**
6. Сочетания **ё не, аз чӣ сабаб? кай боз?, кучо?, бо кадом мақсад?**;
7. Фразеологизмы **«чӣ гуфтед?», «ҳамин тавр не?»;**
8. Слова **хуб, хайр, дуруст;**
9. Отрицательная форма глагола [1985, с. 19-20].

С. Сабиржанов, упоминая слова «**хуб**», «**хайр**» и «**дуруст**», как средство выражения значения вопроса, высказывает следующую мысль: «*Следует отметить, что слова “хуб”, “хайр”, “дуруст” употребляются в конце предложения, придают вопросу модальный оттенок просьбы, призыва и ослабляют вопросительное значение предложения. Отрицательная форма имеет стилистическую особенность и не всегда используется как средство вопроса»* [1985, с. 19-20].

В «Грамматике современного таджикского литературного языка» (2019) упоминаются следующие способы:

1. Интонация;
2. Вопросительные местоимения;
3. Вопросительные слова и сочетания;
4. Наречные вопросительные слова и сочетания;
5. Вопросительные частицы.

Конечно, это фундаментальный труд, и упомянутые выше грамматические средства свойственны вопросительным предложениям.

Вопросительные предложения в таджикском языке по семантике и содержанию делятся на собственно вопросительные, риторически вопросительные и вопросительно-побудительные.

Основную и наиболее продуктивную группу вопросительных предложений составляют собственно вопросительные предложения. Собственно вопросительные предложения обязательно требуют ответа. Например:

– Шумо чаро дар вақти гармии бозор дӯконро партофта ба хона омадед? – Ба ман чӣ кор доред?

(- Почему вы вышли из магазина и пришли домой, когда на рынке была оживленная торговля? Какое ко мне у вас есть дело?)

– Як кор дорам, намедонам мекунед ё не?

– Кай меравам? [17, с. 76].

(- У меня есть одно дело, не знаю, будете ли делать или нет? - "Когда я ухожу?").

Помимо вопроса, собственно вопросительные предложения могут иметь модальные оттенки удивления, недоумения, сомнения, догадки, недовольства, недоверия, подозрения, решимости, убежденности, обсуждения и т.д.:

-Оя, шумо бибиамро дидагӣ-а? Гуфта диҳед, бибиам чи хел буданд? (Мама, вы видели бабушку? Скажите, как здоровье бабушки?)

-Ин чӣ мусибат аст бар сари ман? [- Это что за испытание на мою голову?].[Пас, ин фарзандони инсон бо ин ҳолати парешон чаро ин ҷо нишастаанд? (Тогда почему же эти человеческие дети сидят здесь в таком смятении?) [13, с.32].

Савсанро ҳавз бонг зада гирифта бурда бошад? (Бассейн с ревом увлек за собой Савсана?)[12, с.56].

Риторический вопрос вопросительных предложений является символическим, закрытым и не требует ответа, в таких предложениях утверждение и отрицание мысли и суждения выражаются в форме вопроса. Риторический вопрос используется как стилистическое средство образного выражения художественной речи: *Магар айб нест? (Разве не стыдно?)[16, с.29]. – Аз ду бучаи чор қурут одам магар сер мешавад? (- Можно ли довольствоваться четырьмя курутами?)[16, с.56]. Магар аз тарафи ӯ кушта шудани Тӯрамурод муайян гардид? (Было ли установлено, что Турамурод был убит им?) [17, с.135]. – Магар ҳаққи 12-сола хизмати ман ним ҷувол гандум мешавад? (- Разве моя 12-летняя зарплата будет полмешка пшеницы?)*

Риторические вопросы являются разными. Один из их типов означает отрицание. В таких вопросительных предложениях отрицание выражается намеками и иносказательно: — *Барои ин ғуломӣ калонони қишлоқ, хусусан Мулло Хокироҳ магар кам кӯшиш кард? (Старались ли старейшины деревни, особенно Мулло Хокирох, изо всех сил для этого рабства?)[13, с.41]. Магар мамлакат бе ҳоким аст? (Разве страна без правителя?)[13, с. 56].*

Мотивационные вопросительные предложения (Ҷумлаҳои саволии водоркунӣ). Есть вопросительные предложения, которые не требуют ответа, не подтверждают и не опровергают мысль, но мотивируют слушателя действовать, что-то делать. Такие простые предложения называются мотивационными вопросительными предложениями:

Шумо сари ҳар тасвир муддатҳои тӯлонӣ менишастаед? (Вы долго сидели над каждой картинкой?)[Оила, 2018]. Ҳоло ҳам нарафтаӣ? Магар то пагоҳ хоб мекунӣ? (Все еще не ушел? Ты будешь спать до завтра?)[Оила, 2017]

Способы выражения вопроса в вопросительных предложениях различны. Интонация является основным средством выражения вопросительных предложений. Во всех предложениях произношение имеет определенное место.

«Предложения, особенно благодаря интонации, способны выражать ту или иную мысль. Без интонации очень трудно, а то и невозможно использовать предложение для определенной цели. Понятие желание, просьба, побуждение мольба, запрос, повеление, приказ и т.д. именно зависят от интонации», - отмечает Х. Гусейнов.

Интонация - необходимый элемент в формировании всех типов вопросительных предложений. Интонация вопроса полностью отличается от интонации сообщения. В вопросительных предложениях слово, к которому относится вопрос, произносится гораздо сильнее. В предложении место слов, на которые падает логическое ударение, относительно свободно. Поэтому интонация вопросительного предложения в таджикском языке неодинакова. Если ударное слово стоит в конце предложения, интонация вопроса начинается тихо, а в конце становится все сильнее и громче: – *Ба он ҷо даромадан мехоҳӣ? - пурсид Паша ? (- Хочешь войти туда? - спросил Паша). [-Аэроплан сӯхт? Парранда? Чӣ хел? – ҳайрон шудам ман? (- Самолет сгорел? Птица? Как? - Я удивился). – Ту? Бо ҳамин пойи ланг? – писханд зад ҳоким (-"Ты?" С этой хромой ногой? - усмехнулся правитель)[16, с.329].*

Если ударное слово стоит в начале вопросительного предложения, предложение начинается с высокой интонации и постепенно снижается. Все члены предложения могут

стоять в начале вопросительного предложения, но это не свойственно сказуемому. Если сказуемое стоит в начале предложения, обязательно принимает логическое ударение:

- *Канӣ ёб, он чиз чист? (Ну-ка, найди, что это такое).*
- *Мегурезед аз ман? (- Избегаете меня?)*
– *Медиҳӣ? (-Отдаешь?)*
– *Надода чӣ илоҷ? (- А что я могу сделать?) [16, с. 38].*

В формировании вопросительных предложений, помимо интонации, используются многие другие инструменты. Особое место в выражении вопросительных предложений занимают словосочетания и вопросительные частицы. Их использование зависит от цели задающего вопрос и от того, к какому члену предложения относится отвечающий член предложения. Вопросительные местоимения и наречные местоимения также широко используются в вопросительных предложениях. Эти вопросительные единицы организуются согласно с членами предложения. Вопросительные местоимения **кӣ, чӣ, киҳо, чиҳо** используются для определения грамматического субъекта и в предложении употребляются в функции подлежащего:

– *Ёбӣ ман не, дигарон. (- Неприрученный не я, другие)*
– *Киҳо? (- Кто?) [16, с. 57].*
– *Кӣ омад? (- Кто пришел)[16, с. 79].*

Вопросительные местоимения **кист, чист, кӣ буд, чӣ буд, кӣ, чӣ** и слова **чӣ шудааст, чӣ кор мекунад, чӣ даркор и** им подобные используются для определения действия субъекта и в предложении выполняют функцию сказуемого*:*

- *Аз чӣ метарсем?[- Чего мы боимся?) [16, с.87].*
– *Номат чист? (- Как вас зовут?)*
– *Ба номам чӣ кор дорӣ? (- Какое тебе дело до моего имени?)[16, с.74].*
– *Номат чист? (- Как вас зовут?)*
– *Аноргул, – оҳиста гуфт духтар. (- «Аноргуль», - мягко сказала девушка) [16, с.76].*
- *Ту духтари кӣ мешавӣ? (- Ты чьей дочерью будешь?) [16, с. 76].*
– *Бандаи Худо, ту кистӣ? Чи корӣ? (- Слуга божий, кто ты? Чем ты занимаешься?)[16, с.186].*
- *Чӣ? Ба пеши духтараш? - ҳайрон шуда Фирӯза пурсид. (Что? К дочери? - удивиленно спросила Фируза).*

Слова и вопросительные **киро?, чиро?, аз кӣ?, бо кӣ?, бо чӣ?, ба кӣ?, ба чӣ?** и им подобные используются для определения объекта предложения, и сами в предложении выполняют функцию дополнения:

- *Аспони киро мепойӣ? (За чьими лошадьми присматриваете?) [16, с.100].*
– *Боз гандуми **киро** дуздидӣ? – хандида гуфт «меҳмон». (- У кого еще пшеницу украли? - засмеялся «гость») [16, с.76].- Лутфия бо ин гапаш чӣ гуфтанӣ мешуд? Чиро дар назар дошт?..). (- Что Лютфия хотела этим сказать? Что она имела в виду?..) [16, с.180]; – Аз онҳо чиро пурсида фаҳмидӣ? (- О чем вы их спросили и узнали?)[16, с.360]. – Ҷанҷол аз чӣ сар шуд? (- С чего начался скандал?)[16, с. 38].– Безорам.– Аз чӣ? (- Надоели. – Отчего?)[16, с. 57].*

В тексте произведений художественной литературы используется две вопросительные единицы и усиливают мысль: - *Мардум **чӣ** мегӯянд, калонҳо, миршабҳо **чӣ** хаёл доштанд? (- Что говорят люди, что думают старейшины и миршаб?) [12, с.83].*

В следующем предложении вопросительное слово **кӣ?** повторяется и усиливает расспрашивание: - *Кӣ вай, кӣ? Рӯзибой? (*Кто он, кто? Рузибой?) *[12, с. 55].*

Вопросительные слова и сочетания **кадом, чӣ хел, чӣ гуна, чӣ** и другие используются для определения признака предмета и выполняют функцию определения: *Дар ин бевақтии шаб ман пеши кадом калоншаванда меравам? – намедонам гуфт Назир (В это время ночи к какому почтенному человеку я пойду? - Не знаю, - сказал Назир)[16, с.95]; Восеъ ба ӯ аз ватанаш чӣ хабари хуше расонда метавонист? (Какие хорошие*

новости мог принести Восе с его родины?)[16, с.222]; Ман ба онҳо чӣ хел ҷавоб диҳам дуруст мешавад? (Как я могу на них ответить, чтобы было правильно?) [16, с.274].

Группа вопросительных слов и наречных вопросительных сочетаний используется для определения состояния вопросительного предложения и, соответственно, функции различных обстоятельств:

1) **время**: *Биллоҳи азим, охир, то кай мо ҷафо мекашем? То кай монанди ана, ин гови ту чашмамон бастагӣ, юғи золимон ба гарданамон, хорию зорӣ кашида, мутеу фармонбардор шуда мегардем? (Великий Боже, как долго мы будем страдать? Как долго, как этой твоей корове, нам будут завязывать глаза, иго угнетателей будет на нашей шее, мы будем унижены и будем послушны? [16, с.39]; То кай? [До каких пор?][16, с.39].*

2) **местоположение**: - *Акаам куҷо шуд? [Куда делся мой брат? [16, с.52]. Ризо куҷо шуд? (Куда делся Ризо?)[16, с.63]. – Усто Барот! Шумо дар куҷо? – гӯён овоз дод (- Усто Барот! Где вы? – говоря, подал голос) [Ёддоштҳо, с.76]. – Аз куҷо ёфтед? – гуфта пурсид арбоб бохурсандӣ (- Откуда нашли? – ответил арбоб с радостью) [17, с.93]. – Деҳқони хокпош дар ҳар моҳ пули нақдро аз куҷо меёбад? – гуфт Ҳамроҳрафиқ. (Откуда найдет бедный крестьянин каждый месяц наличные деньги? – спросил Хамрохрафик) [17, с.146].*

3) **образ действия**: *Дар он ҷо зиндагӣ чӣ тавр, нарху наво чӣ гуна аст? Дар ин гармӣ дилат чӣ хел мешавад? (Как там жизнь, каковы цены? Как твое сердце чувствует себя в такой жаре?)[147, с.106]*

4) **количество и степень**: -– *Чанд вақт манғитзанӣ мекунӣ? (- Как долго будешь быть мангыткой?)[16, 52]. – Ту аввали шаб чанд пул доштӣ? – ба ҳисоби якҷоя даромаданд. – Хуб, ба ҳар сад танга ҳар моҳ чӣ қадар фоида медиҳед? (- Сколько денег было у вас вначале ночи? - начали считать вместе. – Ну, сколько вы будете платить на сотню танги в месяц?)[17, с. 124]. Ту аз ҷаноби Қорӣ чанд танга қарз гирифтан мехоҳӣ? (Сколько вы хотите занять у господина Кори?) [17, с. 138].*

5) **причина и цели** и этим обстоятельственным значением выполняет функцию сказуемого: *Чаро ягон савориро киро карда савор шуда наёмадед? Чаро дар хонаи худ ягон саворӣ нигоҳ намедоред, ки дар ин гуна мавридҳо фоида баред? (Почему вы не наняли верхового коня и не приехали на нем? Почему бы не завести у себя дома верхового и пользоваться им в таких случаях?) [17, с.129]. – Тӯйи Бибизағораро тамошо карданӣ омадагистед? (- Пришли посмотреть свадьбу Бибизагора?)[12,с. 23]. - Ман туро дузд гумон кардам, - гуфт вай қомати худро рост карда, -барои чӣ овоз намебарорӣ? (- Я думал, что ты вор», - сказал он, выпрямляясь, - Почему не отзываешься?»)[12, с.55]. Ба чӣ мақсад аз он ҷо омадед? (С какой целью вы оттуда приехали?) [12, 62].*

*Ман **чиба** хушомад занам? - гуфт ходим* [*12, с.35*].

Для выражения значения спрашивания используется вопросительное слово (**чиба**) **чаро**. Писатель использует диалектные слова для описания психологического состояния героев и персонажей, индивидуализации произведения. В следующем примере используется местоимение **чиба (чаро)**: *Ман **чиба** хушомад занам? - гуфт ходим (Почему я должен заискивать? – сказал служитель)* [*12, с.35*]. *Чиба интур мегӯед? - эътироз кард миёнрав. [Почему говорите так? - возмутился посредник][12, с. 101].*

В вопросительных предложениях интонацией выражен смысл мольбы, желание, которое усиливается частицей **кошки**: *Кошки шумо ягон илоҷе карда аз вай пули қарзро, лоақал нимашро рӯёнида медодед? (Если бы вы хотя бы могли что-то сделать, чтобы вернуть его долг, хотя бы половину?) [12, с.53].*

Чем короче и лаконичнее вопросительные предложения, тем яснее в них вопрос, и наоборот, чем более подробно изложены вопросительные предложения или выражены в форме сложных предложений, охватывая больше простых предложений, вопрос в них выражается неясно и нечетко. Поэтому, кроме интонации вопроса, появляется необходимость в использовании других средств. *«Подчеркивание вопроса не всегда*

выражается интонацией вопроса и логическим ударением, иногда для того, чтобы подчеркнуть содержание вопроса в предложении, помимо интонации вопроса необходимо использовать частицы» [Камолиддинов, 1992, с.58].

При формировании вопросительных предложений также широко используются вопросительные частицы. Вопросительные частицы отличаются от вопросительных местоимений как с точки зрения выражения значения, так и функции в предложении. Большинство частиц, помимо значения вопроса, выражают разные модальные оттенки. Частицы также отличаются от вопросительных местоимений тем, что они не выполняют функции членов предложения. В выражении значения вопроса в вопросительных предложениях используются вопросительные частицы **оё, магар, наход, на ин ки** в литературном языке, а частицы **чӣ, -а** и-**мӣ** используются в разговорной речи: *Наход бибиотун барин зани боиззат ва зоҳиран бодавлат ҳамин хел кунад? (Неужели уважемая, казалось бы, богатая женщина вроде Бибиотун поступает так же?). Магар гурги ба хун ташна барраи ширбозро дида, ба нолиданҳои ӯ раҳм мекунад? Магар мори афъӣ бо дандони заҳрпоши худ баданатонро фақат хорида мемонад? Магар дузди роҳзан барои амнияти шумо роҳатонро мепояд? (Неужели кровожадный волк, увидев упитанного ягненка, пожалеет его? Неужели ядовитая змея только чешет ваше тело ядовитыми зубами? Неужели вор ждет вас для вашей безопасности?) [12, с.89]. Баъдтар барем-чӣ? (Что если вести чуть позже?) [12, с. 146]. - Пули зиёдатиашонро ба бечораҳо бахшанд-чӣ? Что если пожертвовать ваши излишки денег бедным? [12,. с. 38]*

Вопросительная частица **оё** выражает значение вопроса с оттенком подозрения. Она часто употребляется в начале предложения, а иногда и в середине предложения, перед словом, получившим логическое ударение: *Оё симои тасхиркунанда нест, хонандаи арҷманд? (Разве это не впечатляющий образ, дорогой читатель?*) (2010, 333).

Частицы **наход, наход ки** и **на ин ки** выражают вопрос с оттенком удивления, недоверия и неудовлетворенности. Эти частицы употребляются в основном в начале предложения, а иногда и рядом с выделенной частью предложения:

Наход ки *ҳеҷ кас ба вай ёрӣ надод? (Неужели ему никто не помог?) [12, с.56]. Наход, ки ӯ, яъне тӯра рагу пайро аз чарбӯ фарқ карда натавонад? [16, с.13]. Разве он (ановник)не может отличить сухожилие от жира?) [16, 13]. Наход ҳамон амири қоҳири пурдаҳшати хунрез ҳамин пирамарди миҷморуқ бошад?..]. (Неужели этот ужасный кровожадный эмир тот же старик? ..) [16, с.152]. – На ин ки ҳамин ҳавои на он қадар сард ба пойи одам таъсир кунад? – гуфт Қорӣ дар ҷавоб. (- Не потому ли, что холодная погода сказывается на ногах человека? - сказал Кори в ответ) [17,с. 63]. Наход, ки динат, имонатро ба панҷоҳу панҷ танга фурӯшӣ?! (Неужели продашь свою религию и веру за пятьдесят пять танге?!) [16, с.312].*

Вопросительные частицы ***-мӣ, -а, -ку, -дия*** широко продуктивны в нашем материале. Эти частицы используются в разговорной речи. Писатели также используют их в речи персонажей: *Шумо хату савод доред-мӣ? Китоб мехонед-мӣ? (Грамотны ли вы? Читаете ли книги?). Ҳамин хел зани хуб рӯяшро мепӯшидааст-мӣ? (Так хорошая женщина закрывает лицо?). Ба омаданамон ду ҳафта шуд-а, Шариф?-ба рафиқи худ муроҷиат намуд Ҳаит (Прошло ли две недели с тех пор, как мы приехали, Шариф? - обратился к своему другу Хаит). Фирӯзаҷон набераи шумо будааст-дия? - гуфт вай ба кампир. (Ведь Фирузаджон была твоей внучкой-дия? - сказал он старухе) [12, с. 27] .-Э,э боз ман қарздор шуда баромадам-ку? (- Эй, я опять остался в долгу, да;?)[12, с. 56]; О, ба хаёлам Савсани бечораро як моҳ пеш аз ин аз ҳавзи гузар ёфта гирифта буданд-ку? (О, я думаю, бедную Савсан нашли в бассейне месяц назад, не так ли?) [12, с.83].*

Вопросительная частица **чӣ** используется в двух случаях: 1) употребляется в качестве вводного слова перед вопросительным предложением, предварительно информирует и подчеркивает значение вопроса. В этом случае вопросительное предложение употребляется другими способами выражения вопроса *Чӣ ӯро аз ин ҷойҳо мегурезонад? – Чӣ шуд? – гуфта*

пурсид. (Что обращает его в бегство от этих мест? – Что случилось? – спросил он][17, с.100). Чӣ арз доред? – ноиб пурсид.– (Какая у вас жалоба? - спросил наместник) [17, 147].

2) Используясь после предложения или связанного слова, выражает вопрос. Этот вопрос также может означать обсуждение и предложение. В таких случаях вопросительное предложение состоит более чем из одного слова и вопросительной частицы: *– Агар падару модарат ин коратро шунаванд, чӣ мегӯянд? – Шумо ин касро "шоир" гуфтед, ин чӣ маънӣ дорад? (- Что бы сказали ваши родители, если бы услышали об этом вашем поступке? - Вы назвали его «поэтом», что это значит?) [Ёддоштҳо, с.132]. Иброҳим канӣ? - гуфтам. (Где Ибрагим?» - спросил я) [12,с. 65 Кампир чӣ тавр? (Где старуха?)[12, с. 82]. Бақияи қӯшпулӣ, танобпулӣ, мирона, ноҳақона ва ғайраро чӣ гуна бояд адо кард? (Как уплатить остаток пошлин, за аренду земли, штрафы, налоги эмиру, и т.д.?) [16, с.35].*

В произведениях художественной литературы наблюдаются случаи, когда в одном тексте встречается несколько вопросительных предложений, подчеркивающих смысл вопроса и пытающихся получить более точную информацию о слушателе: *- Кампир, - гуфт вай, - магар хонаю ҷое надорӣ? Ин писарат? Кият мешавад? Ҳа, ин ҳам бехонумон? (Старуха, - сказала она, - Разве нет у тебя дома и места? Это твой сын? Кем он тебе приходится? Да это тоже бездомный?) [12, с. 61]. Қозӣ чӣ? Раис чӣ? Миршабу оқсақол чӣ? Магар онҳо барои бадбахтии оилаи ту даст баҳам набуданд? Бе ёрӣ ва ҳамдастии онҳо Ғаниҷон чӣ мекард? Магар хатти қарздории бардурӯғи туро қозикалон, раис муҳр накарданд? (А судья? А Раис? А Миршаб и аксакал? Разве они не были вместе в горе вашей семьи? Что бы Ганижон делал без их помощи и поддержки? Разве на фальшивую справку о твоей задолженности не поставили печать старший судья и раис?)[12, с.115-116].*

В следующем предложении используются два способа выражения вопроса и задаются два вопроса: *- Аз падарам чӣ хабар, кӣ омад? (Какая новость от моего отца, кто пришел?) [12 ,с.97]. Чаро овозаш намебарояд, чаро ғурунг-ғурунг карда аз рӯйи одаташ суруд намехонад? (Почему не разздается его голос, почему он не бормочет и не поет как обычно?) [12, 99]. Ин чӣ ҳодиса, ин чӣ найранг, ин чӣ беадолатӣ?! (Это какая трагедия, это какая уловка, это какая несправедливость?!)*

Вопросительная частица **-а** объясняет дополнительный вопрос с оттенками обсуждения и подозрения. Поэтому она служит как дополнительное средство выражения значения вопроса: *– Худоба шукр, нағз шудед-а?. (- Слава Богу, у вас все хорошо?) [12, с. 117]. Ба ин таклифи ман розӣ шудӣ-а? (Вы согласились на мое предложение?).*

Чтобы интересно и точно выразить мысль, писатель использует ряд вопросительных предложений путем противопоставления: *Падар ба ин дараҷа разил, духтар ба ин дараҷа поквиҷдон ва ҳалим; падар ба ин дараҷа бераҳм, духтар ба ин дараҷа ғамхор ва раҳмдил?! Бедарак намегӯянд, ки аз хор гул, аз занбӯр асал меӯяд! Инҳо ҳама майлаш, аммо миршаби бадсиришт мабодо дар ин ҷо будани ӯро аз духтараш фаҳмида нагирад? Чаро Оймулло дар ин бора гапе назад? Чаро ин тавр шуд? (Отец такой омерзительный, дочь такая искренняя и нежная; Отец до такой степени жестокий, дочь до такой степени заботливая и добродушная?! Не зря говорят, цветы растут из шипов, мед - из пчел! Это все хорошо, но не должен подлый миршаб узнать от его дочери, что он здесь? Почему Оймулло не говорила об этом? Почему это случилось?* [*12, с.*214].

Выводы. Простые вопросительные предложения в художественных произведениях являются одним из важнейших средств выражения объекта, и они обычно используются для того, чтобы в сжатой форме передать различные действия, состояния и чувства. Такие предложения чаще встречаются в диалогической речи. Например: *Биринҷ харидан ҳам даркор нест,– гуфт модарам.*

– Чаро? – гуфта пурсид падарам, – охир шир бе биринҷ хӯрок намешавад-ку?

– Биринҷ ҳаст!

– Дар куҷо? – падарам тааҷҷубкунон аз ҷойи хобаш нимхез шуд

(- Рис покупать не надо, - сказала мама.
«Почему?» - спросил отец. – ведь, молоко без риса не станет блюдом.
- Есть рис!
- Где? - отец привстал от удивления с постели) [Ёддоштҳо, с.28].
- Ту ҳам мехӯрӣ?
– Бошад, мехӯрдам, набошад, ҳамин ҳалвои қоқтӣ ҳам шудан мегирад.
– Ман ёфта диҳам, мехӯрӣ?
– Албатта!
–Ин тавр бошад, ба падарам "ҳалвои равғанӣ гирифта диҳед" гуфта зорӣ кун!
– Магар шумо намехӯред?
– Ман ҳам мехӯрам.
– Ин тавр бошад, худатон чаро аз падар намепурсед?
(Ты тоже будешь есть?
- Ну я бы съел, если есть, если нет, то и черствая халва пойдет.
Если я найду, будешь есть?
- Конечно!
- Тогда умоляй: «Дайте отцу масляную халву!»
- Разве ты не ешь?
- Я тоже поем.
- Тогда почему бы тебе не спросить своего отца?) [18, с.30].
– Як қабза ҳалво чӣ қадар мешавад? – аз падар ман пурсидам.
– Як лӯнда!
– Як лӯнда ҳалворо ман мехӯрам ё акаам? – гуфта тааҷҷубкунон боз пурсидам;
(- Сколько стоит горсть халвы? - спросил я отца.
"Один кусок!"
Один кусочек халвы я ем, или брат? - снова удивленно спросил я [18, с.33].

Анализ показал, что в выражении вопросительных предложений интонация вопроса, частицы **магар, наход, мабодо** более продуктивны и употребляются в речи автора, то есть употреблены в описательной речи писателя.

В речи персонажей используются частицы **-мӣ, -чӣ, -а, -ку, -дия**. В произведениях художественной литературы широко употребительны вопросительные местоимения для выражения значения вопроса.

Из вопросительных слов и сочетаний больше употреблялись слова к**иро, чиро, аз кӣ, ба кӣ,** что зависит от условий речи и требований текста.

-Аспони киро мепойӣ? (- За чьими лошадьми присматриваешь?) [16, с.100].
– Боз гандуми киро дуздидӣ? – хандида гуфт «меҳмон». (- У кого еще пшеницу украли? - засмеялся «гость»)[16, с.76]. Лутфия бо ин гапаш чӣ гуфтанӣ мешуд? Чиро дар назар дошт?.. (Что хотела этим сказать Лютфия? Что она имела в виду?..)[16, с.180]. – Аз онҳо чиро пурсида фаҳмидӣ? (- О чем их спросили и узнали?)[16, с.360]. – Ҷанҷол аз чӣ сар шуд? - С чего начался скандал?)[16, 38]. – Безорам. – Аз чӣ? (- Надоело. - Отчего?) [16, с.57].

Список литературы

1. Айнӣ, С. Марги судхӯр / Садриддин Айнӣ.- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012.-200 с.
2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Қ. 1-4. – Душанбе: Адиб,2010.– 852 с Белошапкова, А.В. Современный русский язык. Синтаксис / А.В. Белошапкова. - М.: Выс. шк., 1977. -248 с.
3. Бозидов, Н. Пуркунандаи бавосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Бозидов. –Душанбе, 2000.- 178 с.
4. Бузургзода, Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. Барои хонандагони омӯзишгоҳҳои ғоибона /Л. Бузургзода. - Сталинобод, 1942.- С. 36-55.
5. Валгина, Н.С. Синтаксис современного русского языка / Н.С. Валгина. -М.: Высшая школа, 1973. - 423 с.
6. Виноградов, В.В. Некоторые задачи изучения синтаксиса простого предложения / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. - 1964. - №1. - С. 24.

7. Власенко, М.В. Однородные и обособленные члены предложения в русском языке / М.В. Васенко // Ученые записки Иркутского пединститута. 1969.-.Вып. -39. - С. 125 - 144.
8. Гвоздев, А.Н. Современный русский литературный язык. Ч. II. Синтакис / А.Н. Гвоздев. - М., 1973. - 310 с.
9. Горкина, Н.С. О структуре предложения с однородными членами (на материале английского языка) / Н.С. Горкина // Научно-техническая информация.- 1966.- № 2. - С. 34-37.
10. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода.-Душанбе: Дониш, 1986.- Ҷ.2. -368 с.
11. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ.-Душанбе: Наш. дав. Тоҷикистон, 1963.-171с.
12. Ибрагимова, М.С. Способы выражения модальности в русском и таджикском языках / М.С.Ибрагимова // В помощь учителю русского языка в таджикской школе. – 1965. - № 4. – С.14-23.
13. Исматуллоев, М. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / М. Исматуллоев. - Душанбе, 1963. - 234 с.
14. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов.-Душанбе, 2010. - 231 с.
15. Розенталь, Д.Э. Современный русский язык / Д.Э. Розенталь, М.И. Фомина, В.В. Цапукевич. - М., 1961. -496 с.
16. Тоҷиев, Д. Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик. (тарҷ. Камолиддинов Б. ва Мирзоева М. Ҷ.) / Д.Т. Тоҷиев. –Душанбе, 2015.
17. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби повести «Одина»-и С. Айнӣ/ Х.Ҳусейнов. –Душанбе, 1973. –213 с.
18. Шахматов, А.А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. –Л., 1941.- 362 с.

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ УПОТРЕБЛЕНИЯ ПРОСТОГО ВОПРОСИТЕЛЬНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОМ СТИЛЕ

Статья посвящена особенностям вопросительных предложений в таджикском языке. Хотя данному вопросу посвящен ряд исследований таджикских ученых, автор постарается раскрыть многие аспекты вопросительных предложений, проявляющиеся именно в художественной прозе. В статье основное внимание обращено тем признакам простых вопросительных предложений, которые наблюдаются в современной таджикской художественной прозе, особенно знаменитых писателей, как Садриддин Айни, Сотим Улугзаде, Фазлиддин Мухаммадиев и др.

Прежде чем анализировать и раскрыть свойства простых вопросительных предложений, автор анализирует мнения русских и таджикских ученых разного периода. Позиции и мнения автора закреплены многочисленными примерами из художественной литературы.

Автор рассматривая вопросительные предложения, уделяет внимание видам вопросительных предложений, пути и способы постановления вопроса, роль вспомогательных средств при формировании вопроса.

По мнению автора, вопросительные предложения являются предметом научных исследований как в зарубежной, так и в таджикской лингвистике. В зарубежной лингвистике, особенно русской, в трудах, статьях и учебных пособиях даются сведения о простом вопросительном предложении, его видах, способах выражения вопроса.

Ключевые слова: *простое предложение, вопросительные предложения, грамматические средства связи, собственные вопросы, риторические вопросы, зарубежная лингвистика.*

ДАР БОРАИ ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ҶУМЛАҲОИ САВОЛИИ СОДА ДАР УСЛУБИ ПУБЛИСИСТӢ

Дар мақола хусусиятҳои ҷумлаҳои саволӣ дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Гарчанде ки як қатор таҳқиқоти олимони тоҷик ба ин масъала бахшида шудааст, муаллиф кӯшиш кардааст, ки бисёр ҷанбаҳои ҷумлаҳои пурсиширо, ки маҳз дар адабиёти бадеӣ зоҳир мешаванд, ошкор кунад. Дар мақола ба он нишонаҳои ҷумлаҳои содаи пурсиш, ки дар адабиёти бадеии муосири тоҷик мушоҳида мешавад, алахусус, нависандагони маъруф,

ба монанди Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон диққати махсус дода шудааст.

Пеш аз таҳлил ва ошкор кардани хосиятҳои ҷумлаҳои содаи саволї, муаллиф андешаҳои олимони Русия ва Тоҷикистонро дар даврaҳои гуногун таҳлил кардааст. Мавқеъҳо ва андешаҳои муаллиф бо мисолҳои сершумори бадеӣ таҳвият дода мешаванд.

Муаллиф ба намудҳои ҷумлаҳои саволӣ, роҳҳо ва воситаҳои гузоштани савол, нақши воситаҳои ёрирасон дар ташаккули савол диққат медиҳад. Муаллиф ҷумлаҳои саволиро баррасӣ намуда, ба намуд ва тарзи гузоштани онҳо, нақши воситаҳои ёридиҳанда дар ташаккули савол таваҷҷӯҳ намудааст.

Ба андешаи муаллиф, ҷумлаҳои саволӣ ҳам дар забоншиносии хориҷӣ ва ҳам тоҷик мавзуи таҳқиқоти илмӣ мебошанд. Дар забоншиносии хориҷӣ, алахусус, русӣ дар асарҳо, мақолаҳо ва китобҳои дарсӣ дар бораи ҷумлаи содаи саволӣ, намудҳои он, роҳҳои баёни савол маълумот дода мешавад.

Калимаҳои калидӣ: *ҷумлаи сода, ҷумлаҳои саволї, воситаҳои грамматикии муошират, саволҳои шахсӣ, саволҳои риторикӣ, забоншиносии хориҷӣ.*

ON THE PECULIARITIES OF USING SIMPLE QUESTION SENTENCES IN ARTISTIC STYLE

The article is devoted to the peculiarities of interrogative sentences in the Tajik language. Although a number of studies by Tajik scholars have been devoted to this issue, the author will try to reveal many aspects of interrogative sentences that are manifested precisely in fiction. The article focuses on those signs of simple interrogative sentences that are observed in modern Tajik fiction, especially famous writers like Sadriddin Aini, Sotim Ulugzade, Fazliddin Mukhammadiev, and others.

Before analyzing and revealing the properties of simple interrogative sentences, the author analyzes the opinions of Russian and Tajik scientists from different periods. The positions and opinions of the author are reinforced by numerous examples from fiction.

The author, considering interrogative sentences, pays attention to the types of interrogative sentences, ways and means of resolving the question, the role of auxiliary means in forming the question.

According to the author, interrogative sentences are the subject of scientific research both in foreign and Tajik linguistics. In foreign linguistics, especially Russian, in works, articles and textbooks, information is given about a simple interrogative sentence, its types, ways of expressing a question.

Keywords: *simple sentence, interrogative sentences, grammatical means of communication, own questions, rhetorical questions, foreign linguistics.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант.* ***Суроғa:*** *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail:* ***kenjazoda-1978@mail.ru***

Сведения об авторе: Кенджазода Манучехра Солех *– Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail:* ***kenjazoda-1978@mail.ru***

Information about the author: Kenjazoda Manuchehra Solekh *- Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student.* ***Address****: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail:* ***kenjazoda-1978@mail.ru***

ТДУ: 802.0

КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ АНГЛИС

Наврасов А. Б.

Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Забони англисии ҳозира бо қобилияти бузурги худ дар ташаккули воҳидҳои нави луғат фарқ мекунад. Роҳҳои асосии калимасозӣ дар забони англисии ҳозира: аффиксатсия, конверсионалӣ ва пайвастагӣ мебошанд ва солҳои зиёд дар забон истифода мешаванд. Аммо на ҳамаи онҳо ба як андоза истифода мешаванд ва ҳиссаи ҳар як усул дар раванди калимасозӣ як хел нест.

Масъалаи калимасозӣ дар забони англисиро муаллифони китобҳои дарсии лексикологияи забони англисӣ, аз қабили В.В.Елисеева, С.Г. Кибасова, З. Харитончик, Г.Б. Антрушина, И.В. Арнолд, Е.М. Дубенетс, Т.И. Арбекова, Г.Н. Бабич хеле амиқ ва пурра кор кардаанд.

Ба андешаи В.В. Елисеева, яке аз роҳҳои пурмаҳсули калимасозӣ дар забони англисии ҳозира аффикс аст, ки аз пайваст кардани аффиксҳо ба реша ё асос иборат аст. Сохтори калимасозии калимаи навбунёд мавҷудияти се ҷузъи ҳатмиро дар назар дорад: реша ё асос, аффикс ва моделе, ки ба воситаи онҳо аффикс ба асоси тавлидкунанда пайваст мешавад. Калимаи ҳосилшуда натиҷаи таъсири мутақобилаи ин се ҷузъ аст.

Ин аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки асоси калимасозӣ аз рӯйи хусусиятҳои таркибӣ, маъноӣ ва грамматикї худ ба худ аффиксҳои имконпазирро аз рӯйи моделҳои мавҷуда мепайвандад, ки алоқаҳои воқеиро дар хатти мувофиқати пасванд инъикос мекунанд. Бояд ба назар гирифт, ки аффикс маънои худро на алоҳида, балки дар якҷоягӣ бо калимаи асосӣ дарк медиҳад. Аз ҷиҳати сохт асосҳои калимасозӣ ба озод ва алоқаманд ҷудо мешаванд. Асосҳои озод бо сохти минималии калима мувофиқ омада, бо набудани аффиксҳои ҳосилшаванда хосанд. Онҳо метавонанд бо морфемаи реша (*day, wide, work*) мувофиқат кунанд, аз ҷиҳати сохтор ё ҳосилшуда (*daily, widen, worker*) ё мураккаб (*brainstorm, businessman, teamwork*) бошанд. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо ғояҳои озод бо решаҳои морфологӣ мувофиқат карда, бо шаклу ибораҳои калима низ мувофиқ омада метавонанд. Асосҳои алоқаманд бар хилофи асосҳои озод парадигмаҳои ба истилоҳ калимасозиро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, масалан, дар калимаҳои *actor, active, activity, activate, action*, дар чор калимаи аввал асли озод ва дар калимаи *act* асосӣ ба он алоқаманд ҷудо карда мешавад [4, с. 36].

Муҳаққиқ В.В. Елисеева, инчунин, зикр кардааст, ки ҳоло дар забони англисӣ моделҳое мавҷуданд, ки як маънои калимасозиро доранд. Масалан, ҳангоми ба ёзаҳои феълӣ пасвандҳои *-ing, -ment, -ance, -ation* пайваст шудан, исмҳое сохта мешаванд, ки ифодакунандаи амал; префиксҳои *-un, -de, -dis* дар якҷоягї бо ёзаҳои феълӣ маънои баръакси он чиро, ки аз асос нишон дода шудааст, ифода мекунад. Аффиксҳои синонимӣ бо ба назар гирифтани маънои асосии ҳосилкунанда ба амал меоянд. Дар баробари ин, дар ташаккули калимаҳо бо ёрии аффиксҳои полисемантикӣ маънои ҳосилкунанда нақши муҳим дорад. Масалан, пасванди *-ery* дар якҷоягї бо исм маънои макон ё ҷамъшавиро, дар якҷоягї бо сифатҳо маънои сифат ё ҳолат ва дар якҷоягї бо феъл номи амалро ифода мекунад.

Ҳамин тавр, асос маркази парадигмаи калимасозӣ буда, дорои се хосият аст: тавоноии калимасозӣ, валентнокӣ ва фаъолиятнокӣ. Ҳамзамон, потенсиали қобилияти иштироки асосро дар тавлиди калима ифода мекунад, валентнокӣ нишон медиҳад, ки барои амалӣ намудани ин қобилият кадом морфемаҳои аффиксӣ истифода мешаванд ва фаъолият нишондиҳандаи миқдори имкониятҳои баамаломада мебошад. Иштироки асос дар раванди калимасозӣ ба маънои луғавӣ ва грамматикии он вобаста аст. Инак, дар калимасозии пасвандӣ тобиши исм ва сифат аз ҳама бештар қувва дорад, пас аз он ёзаҳои феълӣ; қувваи хеле пасти пасвандии шумора ва зарф [4, с. 37].

Дар калимасозии суффиксӣ асоси исмҳое, ки маънои объективӣ доранд, нақши пешбаранда мебозанд. Асосҳои номиналӣ имкон медиҳанд, ки калимаҳои ҳосилшуда бо маънои амалкунанда, исмҳои абстрактӣ, исмҳои дорои маънои ҷамъӣ, исмҳои арзёбии эҳсосӣ

сохта шаванд. Ба ғайр аз ин, асосҳои исмӣ барои сохтани номи сифатҳо ва феълҳо хизмат мекунанд. Асосҳои сифатҳо дар калимасозии пасвандӣ кам фаъоланд. Онҳо бештар барои сохтани исмҳо бо маънои сифат ё ҳолат, баъзан бо маънои шахс хизмат мекунанд. Асосҳои сифатҳо низ барои сохтани феълҳои ифодакунандаи табдили сифат хизмат мекунанд. Дар хусуси сифати феълӣ бошад, онҳо дар ташаккули исм ва сифатҳои феълӣ амалан бепоёнанд. Бояд гуфт, ки фаъолияти асосҳо на ба тавоноии онҳо, балки ба дараҷаи иштироки онҳо дар ташаккули калимаҳои нав, ки дар зарурати муошират пайдо мешаванд, вобаста аст, ки ин маҳсулнокӣ нишондиҳандаи асосии аффиксҳо ва шаклҳои калимасозӣ мебошад [4, с.17].

Аффикс дар забони англисии ҳозира бо ду тарз ифода мешавад: суффикс ва префикс. Суффикс ҳамчун воситаи калимасозӣ аз пайваст кардани пасвандҳо ба реша ва асос иборат аст. Барои тавсиф ва тасниф кардани суффиксҳои калимасоз як ҳатор меъёрҳо мавҷуданд. Намудҳои асосии таснифоти онҳо аз рӯйи таълимоти А.Н. Илина инҳоянд:

1. Таснифи суффиксҳо вобаста ба ҳиссаи нутқ, ки калимаи сохта ба он тааллуқ дорад. Ҳангоми ба асос пайваст шудан, вазифаи категориалиро иҷро карда, калимаи ҳосилшударо ба дигар ҳиссаи нутқ мегузаронад. Дар ин тасниф намудҳои зерини суффиксҳо ҷудо карда мешаванд:

• суффиксҳои исмӣ — суффиксҳое, ки аз асоси гуногун исм месозанд;

• суффиксҳои сифатӣ – пасвандҳое, ки аз асосҳои гуногун сифат месозад;

• суффиксҳои феълӣ - пасвандҳое, ки аз асоси гуногун феъл месозанд;

• суффиксҳои адвербиалӣ— суффиксҳое, ки аз ёзаҳои гуногун зарф месозанд;

2. Таснифи суффиксҳои калимасоз вобаста ба ҳиссаи нутқ, ки калимаи асил (ҳосилкунанда) ба он тааллуқ дорад:

• суффиксҳои исмӣ, яъне пасвандҳое, ки ба асоси исм пайваст мешаванд;

• суффиксхои феълӣ, яъне суффиксҳое, ки бо асоси феъл пайвастанд;

• суффиксҳои сифат, яъне пасвандҳое, ки ба асоси сифат пайваст мешаванд.

Аксарияти суффиксҳои калимасоз метавонанд бо решаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ пайваст шаванд, ба ибораи дигар, онҳо сервалентӣ (бисёрвалентӣ) доранд.

3. Таснифи маъноӣ дар асоси умумияти маънои категориалии абстрактӣ, ки ба суффикси калимасоз хос аст. Масалан, дар байни суффиксҳои исмӣ синфҳои семантикиро ҷудо кардан мумкин аст:

• суффиксҳои агентӣ *-ant, -er, -ee, -ess, -eer (assistant, employer, employee, actress, engineer)*;

• суффиксҳое, ки миллат ё мансубияти ҷуғрофиро нишон медиҳанд: *-ian, -ese (Canadian, Chinese);*

• суффиксҳои маънои ҷамъӣ: *-age, -dom (luggage, freedom)*;

• суффиксҳои камкунанда: *-ie, -let, -ling, -ette (birdie, booklet, duckling, kitchenette).*

4. Суффиксҳои вожасоз аз рӯйи пайдоишашон ба забони англисии модарӣ ва вомӣ ҷудо мешаванд ва пасванди вомсоз дар забон дар ҳолате пурра азхудшуда ҳисобида мешавад, ки агар он калимаҳои нав тавлид кунад.

5. Таснифи суффиксҳои ҳосилшаванда аз ҷиҳати ҳосилнокии онҳо ба пасвандҳои «зинда» ва «мурда» фарқ мекунад. Ба суффиксҳои «зинда» ҳамон суффиксҳое дохил мешаванд, ки аз асос ба осонӣ ҷудо мешаванд. Дар мавриди пасвандҳои «мурда» бошад, ин пасвандҳо тамоман аз кор рафтаанд, бинобар ин, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи калима қабул мешаванд. Маҳсулнокии пасванди ҳосилшуда ба хусусиятҳои сохторӣ, лексикӣ-грамматикӣ ва маъноии ҳам реша ва ҳам худи пасванд вобаста аст. Бояд дар назар дошт, ки суффикси ҳосилшуда дар ҳар як соҳаи истилоҳот метавонад хеле сермаҳсул бошад ва дар гуфтор умуман истифода намешавад [5, с. 16].

Муҳаққиқ В.В. Елисеева суффиксхоеро баррасӣ кардааст, ки аз асоси ҳиссаҳои гуногуни нутқ исмро ташкил медиҳанд. Аз асоси феъл бо ёрии суффикс, асосан, ду гурӯҳи исмҳо сохта мешаванд: а) исмҳое, ки иҷрокунанда ё асбоби амалро нишон медиҳанд *(-er, -ee, -or, -ant, -ent)*, б) исмҳое, ки мафҳумҳои абстрактӣ, раванд ё натиҷаи амалро нишон медиҳанд *(-ion, -tion, -ssion, -ment, -ure, -ance, -ence)*. Аз асоси сифат исмҳое сохта мешаванд,

ки ҳолат, сифат ё хосиятро нишон медиҳанд *(-ness, -ity, -cy, -ure)*. Аз асоси исм, шумо, инчунин, метавонед исмҳои наве созед, ки ҷаҳонбинӣ, касб, ихтисос ё миллатро нишон медиҳанд (*-ian, -ist*).

Суффиксҳое, ки сифат месозанд, инчунин, метавонанд ба асоси исм пайваст шуда, хосият, сифат ё хислат *(-y, -ic, -al, -ar, -ous -ive, -ful)-ро* нишон диҳанд ва ё баръакс, набудани хосият ё сифатро ифода мекунанд *(-less)*. Аз асоси феъл сифатҳои нав сохта мешаванд, ки хусусият, сифат ё хислатро низ нишон медиҳанд *(-ant, -ent, -able, -ible)*. Суффиксҳои сермаҳсули феълсоз пасвандҳое мебошанд, ки ба асоси исм пайваст шудаанд *(-en, -fy, -ise/-ize)* ва суффиксҳое мебошанд, ки аз асоси сифат феъл сохтаанд *(-en, -ise/-ize)* [4, с. 38].

Префикс як роҳи сохтани калима аст, ки аз пайваст кардани пешвандҳо ба реша ва асос иборат аст. Дар баробари ин, калимаҳои навсохташуда ба дигар ҳиссаҳои нутқ намегузаранд.

Муҳаққиқ С.Г.Илина қайд кардааст, ки префиксҳои калимасози забони ҳозираи англисиро аз рӯйи пайдоишашон ба суффиксҳои модарии англисӣ ва мувофиқан ба вомгирифташуда ҷудо кардан мумкин аст. Пешояндҳои маҳсулноки забони англисӣ хеле каманд ва бо пасвандҳои зерин ифода мешаванд: *-after, -be, -by, -for, -fore, -in-, -mis, out-, over-, semi-, un-, under -*. Дар мавриди префиксҳои пайдоиши хоричӣ, онҳо камтар маъмуланд, гарчанде онҳо як гурӯҳи хеле калонро ифода мекунанд: *a,- ab-, ad-, an-, ana-, anti-, arch-, auto-, bi-, circum-, cis-, co-, contra-, counter-, de-, dis-, dys-, en-, epi-, ex-, exo-, extra-, hemi-, hyper-, hypo-, in-, inter-, intra- mal-, meta-, mono-, multi-, non-, omnipan-, para-, peri-, poly-, pre-, pro-, re-, retro-, sub-, super-, supra-, sur-, syn-, trans-, ultra-, vice-*. Қариб ҳамаи суффиксҳои дар ин ҷо номбаршуда аз забонҳои лотинӣ ва юнонии қадим гирифта шудаанд, аз ин рӯ, чун қоида истилоҳоти илмиро ташкил медиҳанд. Қисми муҳимми ин префиксҳо пурра ба забони англисии ҳозира ассимилятсия шудаанд ва бо пайвастани калимаҳои аслии англисӣ калимаҳоро ташкил медиҳанд. Ба пешояндҳои ҳосилхези маъмултарин ва сермаҳсул пешояндҳои зерин дохил мешаванд: *-co, -de, -dis, -in, -inter, -mis, non, -over, -re, -un* [5, с. 18].

Хулоса, метавон зикр кард, ки аффиксатсия яке аз роҳҳои пурмаҳсули калимасозӣ дар забони англисӣ мебошад. Маҳсулнокӣ ин нишондиҳандаи асосии аффиксҳо ва қолабҳои калимасозист. Аффиксатсия бо ду тарзи калимасозӣ ифода мешавад: префикс ва суффикс, ки модели он хусусият ва таснифоти ба худ хос дорад.

Ба андешаи З.А. Харитончик, таркиби калима воситаи муҳимми пурра кардани захираи луғавии забон ва такмил додани сохти он мебошад. Дар забони англисии ҳозира ин яке аз усулҳои пурмаҳсули калимасозӣ мебошад. Калимасозӣ низ мисли дигар роҳҳои ташаккули калимаҳои нав хусусиятҳои ба худ хосе дорад, ки ба навъҳои сохтории асосҳои истифодашаванда ва мувофиқати онҳо, доираи ин усули калимасозӣ, инчунин, омилҳое, ки ба ҳосилнокии он мусоидат мекунанд, дахл доранд. Таркиб хусусиятҳои забонро инъикос мекунад, зеро забон дар баробари хусусиятҳои умумибашарӣ хусусиятҳое ҳам дорад, ки танҳо барои забони муайян хосанд. Ҳамин тариқ, таҳлили сохтории забони англисӣ, истифодаи васеи тартиби калимаҳо ҳамчун воситаи ифодаи муносибатҳои лексикӣ ва грамматикӣ мавҷудияти миқдори хеле зиёди калимаҳои мураккабро шарҳ медиҳад, ки бе унсурҳо ва флексияҳои пайваст сохта мешаванд, масалан: *brainwork, browbeat, handshake, job-hunt* [10, с. 163].

Калимаи мураккаб аз ду ё зиёда асоси пурбаҳо иборат аст, ки дар забон мустақилона истифода мешавад. Калимаи ҳосилшудае, ки дар натиҷаи пайвастан ба даст омадааст, як бутун, мафҳуми навест, ки на ҳамеша ба ҷамъи арзишҳои таркибии он баробар аст, масалан: *black + mail = blackmail (шантаж, шантаж), hand + work = handwork (кори дастӣ), rail + net + work = railnetwork (шабакаи роҳи оҳан)*. Калимаи мураккабро дар ду ҷиҳат баррасӣ кардан лозим аст: аз ҷиҳати шакл, яъне чӣ гуна сохта шудааст, аз кадом ҷузъҳо; ва аз ҷиҳати сохт: аз кадом қисмҳо иборат аст. Бояд зикр кард, ки калимаҳои мураккаб дар забони англисии қадим маъмул буданд, вале баъдан аксари онҳо бо вомҳои фаронсавӣ ва лотинӣ иваз карда шуданд. Масалан, ба ҷойи калимаи инглисии қадимии *goldhoard*, калимаи фаронсавии *treasure* истифода мешавад. Аммо, азбаски вожаҳои вомгирифташуда имкони

васеи вожасозии калимасозиро мисли вожаҳои аслии инглисӣ надоранд, вомҳо барои рушди ин усули калимасозӣ чандон коре накардаанд.

Муҳаққиқ С.Г. Илина таъкид кардааст, ки дар забони инглисии ҳозира вожаҳое вуҷуд доранд, ки бо пайвастани асосҳои пуразриш таҳаввул ёфтаанд, аммо дар ҳоли ҳозир ҷузъҳои онҳо дигар ҳамчун шаклҳои мустақилона истифода намешаванд. Масалан, вожаи ***woman*** дар ибтидо шакли *wif-man (wife-man)* дошт, ки дар он миёнарави ***f*** хеле заиф буд, бинобар ин, бо мурури замон аз байн рафтааст. Барои муайян кардани калимаҳои мураккабе, ки қисми муҳимми луғати забони англисиро ташкил медиҳанд, донистани сохтори онҳо ва муносибатҳои сохтории ҷузъҳои онҳо муҳим аст. Донистани хусусиятҳои сохтории ин гуна калимаҳо имкон медиҳад, ки бе муроҷиат ба луғат маънои онҳоро дарк намоем. Ҳамин тариқ, агар донишҷӯе, ки забони англисиро меомӯзад, чунин дониш дошта бошад, вай метавонад захираи луғавии худро, ки барои омӯзиш ва истифодаи минбаъдаи забони хоричӣ хеле зарур аст, васеъ ва амиқтар кунад. Аз нуқтаи назари сохт калимаҳои мураккаби англисӣ дар аксари мавридҳо дар шакли таркиби муайяни синтаксисии калимаҳо мувозинат доранд. Муносибатҳои сохтории калимаҳо ба муносибатҳои лексикӣ-грамматикии калимаҳои ба таркиби синтаксисӣ дохилшуда наздиканд. Дар истилоҳоти маъноӣ муносибати ҷузъҳои таркибии калимаи мураккаб муносибати калимаҳо - аъзоёни ибораи синтаксисиро такрор мекунад, ки аз охирин танҳо аз ҷихати грамматикӣ фарқ мекунад.

Ҳамин тариқ, дар сифатҳои мураккаби зерини *roadcleaning, teagrowing, townborn* муносибатҳои ҷузъҳои таркибии онҳо мутаносибан ба муносибати калимаҳои ибораҳои синтаксисӣ ба *to clean roads, to grow tea, to be born in a town* монанданд. Ҳарчанд сохти вожаҳои дар ин ҷо овардашуда ва ибораҳои ба ҳам монанд гуногунанд, аммо муносибатҳои таркибӣ ва маънои ин шаклҳо ба ҳам наздиканд ва ин ҳолат дар равшан кардани таркиб ва маънои калимаи мураккаб хеле муҳим аст [5, с. 35].

Калимаҳои мураккаб тақрибан дар ҳама қисмҳои нутқ дар забони англисии ҳозира мавҷуданд. Бояд гуфт, ки сифатҳои мураккаби англисӣ дар сохтори худ гурӯҳи сершумор ва гуногунрангро ифода мекунанд. Дар байни сифатҳои мураккаб намунаҳои сермаҳҳултарин инҳо мебошанд: *n + v + -ing/-ed = adj, adv/n + -ing/-ed = adj, well/ill + v + -ed, adj/n + v + -ing = adj, n + adj = adj, adv + adj adj, v + adv/prep*. Масалан: *shoe-making, hand-made, fast-growing, far-advanced, well/ill-mannered, strange-sounding, mile-long, dark-blue, grown-up*. Гурӯҳи алоҳида бо сифатҳои аз навъҳои гуногуни ибора сохташуда ифода карда мешавад. Намудҳои маъмултарини чунин ибораҳое, ки дар асоси сифатҳои мураккаб ҷойгиранд, инҳоянд:

• исмҳое, ки бо пешванд ё пайвандак пайвастанд: *day-to-day*
• омезиши феъл ва зарф ё пешванд: *tear-off*
• сифат дар якҷоягӣ бо исм: *long-distance*.

Ба андешаи Э.М. Дубенетс сифатҳои ин навъ дар забони англисии ҳозира низ васеъ ва пурмаҳсуланд. Бархе аз онҳо дар луғатҳо сабт шудаанд, вале бештари ин сифатҳо ба луғатҳо дохил нашудаанд ва аксар вақт шаклҳои гоҳ-гоҳӣ мебошанд. Ҳангоми навиштани онҳо дефис истифода мешавад, аммо навиштани алоҳида низ қобили қабул аст. Дар бораи сохти калимаи мураккаб сухан ронда, бояд гуфт, ки дар забони англисии ҳозира як зумра калимаҳои мураккаб мавҷуданд, ки аз омехтаи калимаи мураккаб ва сохта иборатанд, яъне ба калимаи мураккаб аффикси калимасоз илова карда мешавад, ки асоси мураккаб ин ё здаро ба вожаи мустақил месозад. Масалан, вожаи *child-oriented-* натиҷаи иловаи пасванди *-ed* ва таркиби асосии *child-orient* ва калимаи *wide-awakeness* дар натиҷаи иловаи пасванди *-ness* ба таркиби асосии *wideawake-* мебошад. Ин навъи омехтаи калимасозӣ дар забони англисии ҳозира хеле сермаҳсул аст ва калимаҳои бо ин роҳ сохташударо ҳосилаҳои мураккаб меноманд. [3, с. 38].

Инчунин, Э.М. Дубенетс таъкид кардааст, ки як гурӯҳи дигари калимаҳои мураккаб вуҷуд доранд, ки дар забони англисии ҳозира хеле паҳн шудаанд. Инҳо калимаҳои мураккаб мебошанд, ки ҷузъи аввал ҷузъи калимасоз мебошад. Чунин унсурҳои калимасоз инҳоянд: *Anglo-, astro-, cosmo-, eco-, Euro-, half-, mini-, micro-, neo-, para-, self-*. Дар ин маврид унсури

калимасоз ҳам хосияти асоси калима ва ҳам префиксро дорад, ки ба он хусусияти шакли фосилавиро медиҳад. Ҳамчун асоси калима ин шаклҳои мураккаб маъноҳои хос доранд. Масалан, маънои *micro-* (хурд) мушаххас аст, аммо дар баробари ин, аз сабаби он ки ин унсур ба таркиби шумораи зиёди калимаҳо дохил шуда, дар маънои худ пайваста такрор мешавад, абстракт аст. Дар айни замон, онҳо чун қоида, дар забони англисӣ мустақилона ҳамчун воҳидҳои алоҳидаи забонӣ истифода намешаванд. Истисно унсурҳои калимасози *half-, self-* аст. Ин навъи калимаҳои мураккаб ба таври васеъ истифода мешаванд ва дар забони англисии ҳозира як роҳи хеле самаранок мебошанд. Махсусан ин навъи таркиб барои услубҳои функсионалии илмию техникӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ хос аст [3, с. 39].

Дар байни калимаҳои мураккаби англисӣ вожаҳои ба истилоҳ фразавӣ, ки форматсияҳое мебошанд, ки дар байни калимаҳо ва ибораҳо ё ҷумлаҳо мавқеъро ишғол мекунанд, бештар хосият доранд. Калима-ибораҳо аз ҷиҳати сохти худ воҳидҳои синтаксисӣ (ибора ё ҷумла), аз ҷиҳати вазифа ва маънои худ калимаҳои мураккаб буда, мутаносибан аз ибораю ҷумлаҳо аз ҷиҳати тартиби ҷойгиршавӣ, қисман аз ҷиҳати маъно, графикӣ, мавҷудияти дефис байни ҷузъҳои чунин форматсияи мураккаб фарқ мекунанд. Масалан, ибораи калимаи *what's-his-name*-ро дар ҷумлаи зерин чунин аст: *They say that what's-his-name fellow has been staying at this hotel since he came to town*. Дар ин ҷумла ҷумлаи саволї (*What's his name?*) ҳамчун таърифи исми ҳамфикр хизмат мекунад ва ҳамчун калимаи мураккаб фаъолият мекунад. Калимаҳоеро, ки дар сарҳади воҳидҳои лексикӣ ва синтаксисӣ қарор доранд, дар забони англисии ҳозира хеле маъмуланд, яъне ин навъи калимасозиро метавон ба воситаҳои истеҳсолӣ ва маъмулии калимасозӣ нисбат дод. Аз ҷиҳати графикӣ ҳамаи қисмҳои ин гуна калима-ибораҳо аз ҳамдигар бо дефис ҷудо карда мешаванд, ки ин маънои онро дорад, ки ин таркибҳо ба калимаи мураккаб мансубанд, на ба ибора ва ҷумла. Аксари ин калима-ибораҳои мураккаб дар луғатҳо сабт нашудаанд ва форматсияҳое мебошанд, ки муаллифони алоҳида сохтаанд.

Хулоса, метавон зикр кард, ки калимасозии аффиксӣ яке аз роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ мебошад. Дар асоси намунаи давомдор аз луғати англисӣ-русии В.К. Мюллер, маълум шуд, ки калимасозӣ дар 29% ба амал меояд. Бояд байни калимаҳои мураккаб ва таркиби калима сарҳади дақиқ вуҷуд дошта бошад. Дар айни замон мушкилии калон имлои калимаҳои мураккаби англисӣ мебошад. Компонентҳои онҳоро аз ҳамдигар бо дефис (*tea-party, built-in*) ҷудо кардан мумкин аст, ки якҷоя (*airplane, birthday*), ё ҳатто алоҳида (*cable address, fur-cap*) навишта мешаванд. Баъзан як калима метавонад ҳарфҳои гуногун дошта бошад, масалан: online/on line, website/web site.

Адабиёт:

1. Арнольд, И.В. Стилистика современного английского языка. – М.: Наука, 1990. – 342 с.
2. Кубрякова, С.С. Что такое словообразование. – М.: Наука, 1965. – 327 с.
3. Мешков, О.Д. Семантические аспекты словосложения английского языка. – М.: Наука, 1986. – 208 с.
4. Мешков,О.Д. Словообразование современного английского языка. - М.: Наука, 1976.-312 с.
5. Мороховский, А.Н., Воробьева О.П., Лихошерст Н.И., Тимошенко З.В. Стилистика английского языка. – Киев: Выщашк., 1991. – 272 с.
6. Андрюхина, Т.В. Сложные слова и конверсивы в газетном тексте // Прагматика и стилистика. – 1985. – №245. – С. 161 – 178.
7. Курашвили, Е.И. Об основных характеристиках английского научно-технического текста // Иностранные языки в высшей школе. – 1974. – №9. – С. 64 – 69.
8. Троянская, Е.С. Особенности стиля научного изложения. – М.: Наука, 1976. – 238 с.
9. Ахманова, О.С., Идзелис Роландас Ф. Курс практической стилистики современного английского языка. – М.: МГУ, 1978. – 157 с.
10. Разинкина, Н.М. Развитие языка английской научной литературы. – М.: Наука, 1978. – 212 с.
11. Пумпянский, А.Л. Введение в практику перевода научной и технической литературы на английский язык. Изд. 2-е, доп. – М.: Наука, 1981. – 343 с.

12. Кожина, М.Н. О речевой системности научного стиля сравнительно с некоторыми другими. Учеб. посб. – Пермь, 1972. – 397 с.

КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ АНГЛИС

Дар мақола масъалаҳои калимасозӣ дар забони англисии муосир, фаъолият ва маҳсулнокии моделҳои калимасозӣ ва калимасозии аффиксӣ дар забони англисии муосир, роҳҳои рушди онҳо, рамзкушоӣ ва дигар паҳлуҳои гуногуни ин мушкилот баррасӣ шудааст.

Дар мақола, инчунин, доир ба усулҳои калимасозӣ, фаъолият ва маҳсулнокии моделҳои калимасозӣ ва калимасозии аффиксӣ дар забони англисии муосир ва андешаҳои олимон оид ба ин масъала маълумот дода шудааст. Ба андешаи муаллифи мақола, шаклбандиҳои аффикс сермаҳсултаранд, зеро онҳо дар таърихи забони англисӣ роҳи тӯлониро тай кардаанд. Муносибати прагматикӣ ба мувофиқат ва суръати дарки забон стандартизатсияи ҳосилаҳои ғайриаффиксиро муайян мекунад. Ба калимаҳои мураккаб такрори ҷузъи дуюм, якхела будани муносибатҳои маъноии байни ҷузъҳои ҳосилшаванда хос аст.

Омӯзиш ва муайян намудани ҷиҳатҳои муҳимтарини раванди калимасозӣ на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, муайян кардани характери равандҳои инкишофи забони илм, балки аз ҷиҳати амалӣ низ аҳаммияти калон дорад. Дар таркиби сифат асоси хоси сифат, ки бо тамоми ҳиссаҳои муҳимми пешбари нутқ пайвастааст, ҳамчун ҷузъи пешбаранда, ки дар модели ҳосилшаванда ҷойи дуюмро ишғол мекунад, фаъолона иштирок мекунад.

Омӯзиши роҳҳои эҷоди калимаҳои нав то андозае ба муайян кардани қонуниятҳои берунӣ ва дохилии раванди калимасозӣ мусоидат мекунад ва ин имкон медиҳад, ки семантикаи калимаҳои ҳосилшуда дар сохти сатҳи морфологӣ озодона ва дурусттару амиқтар дарк карда шавад.

***Калидвожаҳо**: калима, рушд, аффиксҳои забони ҳозираи англисӣ, раванди калимасозӣ, префиксҳо, суффиксҳо, фаъолият, ҳосилнокӣ.*

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ В СОВРЕМЕННОМ АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются вопросы словообразования в современном английском языке, активность и продуктивность словообразовательных моделей и аффиксальное словообразование в современном английском языке, пути их развития, расшифровка и другие различные аспекты данной проблемы.

В статье, также приводятся сведения о способах словообразования, активность и продуктивность словообразовательных моделей и аффиксального словообразования в современном английском языке, а также заслуга ученых по этому вопросу. По мнению автора статьи, наибольшей продуктивностью обладают аффиксальные образования, так как они прошли длительный путь развития в истории английского языка. Прагматическая установка на адекватность и быстроту восприятия языка определяет стандартизацию безаффиксальных производных. Сложным словам свойственен повтор второго компонента, единообразие семантических отношений между компонентами производного.

В изучении и определении важнейших сторон процесса словообразования большое значение придается не только теоретическим, определяющим характер процессов развития языка науки, но и практическим. В составе имени прилагательного активно принимает участие в качестве ведущего компонента, занимающего в деривационной модели второе место, адъективная деривационная база, сочетающаяся со всеми ведущими знаменательными частями речи.

Изучение же эффективных способов создания новых слов будет в большей степени способствовать выявлению внешних и внутренних законов словообразовательного процесса, что даст возможность свободно владеть конструкциями морфологического уровня и более верно и глубоко понимать семантику производных слов.

***Ключевые слова**: слово, развитие, аффиксы современного английского языка, словообразовательный процесс, префиксы, суффиксы, деятельность, продуктивность.*

WORD FORMATION IN THE MODERN ENGLISH

The article deals with the issues of word formation in modern English, the activity and productivity of word formation models and affixal word formation in modern English. Ways of their development, decoding and other various aspects of this problem.

Also, the article provides information about the methods of word formation, the activity and productivity of word-formation models and affixal word formation in modern English, as well as the opinions of scientists on this issue. According to the author of the article, affix formations are the most productive, since they have come a long way in the history of the English language. A pragmatic attitude to the adequacy and speed of language perception determines the standardization of non-affix derivatives. Compound words are characterized by the repetition of the second component, the uniformity of semantic relations between the components of the derivative.

In the study and identification of the most significant aspects of the word-formation process, it is important not only in theoretical terms, to determine the nature of the processes of development of the language of science, but also in practical terms. In the composition of the adjective, the adjective derivational base, which is combined with all the leading significant parts of speech, takes an active part as the leading component, which occupies the second place in the derivational model.

The study of productive ways of creating new words will be a greater extent, contribute to the identification of external and internal laws of the word-formation process, which will make it possible to be fluent in morphological level constructions and more correctly and deeply understand the semantics of derivative words.

Keywords*: word, development, modern English affixations, word-formation process, prefixes, suffixes, activity, productivity.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Наврасов Абдурауф Бурҳонович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. Нишонӣ: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 900084149, E-mail: raufn72@mail.ru*

Сведения об авторе: Наврасов Абдурауф Бурхонович *– Таджикский международный университет иностранных языков им. Сотим Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры романо-германских языков. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 900084149, E-mail: raufn72@mail.ru*

Information about the author*:* ***Navrasov Abdurauf Burhonovich*** *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of pedagogical scince, associate Professor of the Department of Roman-Germanic Languages. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6. Tel .: (+992) 900084149, E-mail: raufn72@mail.ru*

ТДУ 809.155.0

МУТАЗОДҲО ВА ВИЖАГИҲОИ ОНҲО ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Насруллоев М.Н.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар забон калимаҳое ҳастанд, ки байни ҳамдигар муносибати гуногуни луғавӣ, аз ҷумла мутазодӣ доранд. Адибони классик ба он диққати махсус додаанд. Бесабаб нест, ки кор фармудани чунин калимаҳо ҳамчун санъати алоҳидаи бадеӣ шинохта шуда, дар тӯли асрҳо ривоҷ ёфт ва бо номи санъати тазод ё муқобала маъмул гашт. Осори Убайди Зоконӣ низ бисёр калимаҳо дорои чунин муносибатанд. Мутазодҳо пас аз муродифот лексикаи серистеъмоли адиб ба назар мерасанд. Адиб дар корбасти мутазодҳо на танҳо аз бойигарии луғавии забон истифода мебарад, балки ба сохт, таркиб ва мазмуни вожаҳои маъмули мутазодӣ дигаргуниҳо ворид месозад. Дар рубоӣ, қитъа ва ё ҳикояҳои хурд-хурдаш бар муқобилгузориву инкор қарор доранд.

Чунонки забоншинос А.А.Реформатский менигорад: “Мутазодҳо воситаи пурқуввати маъноии забонианд ва барои гузориши зиддият ва ба вуҷуд овардани тарзи муқобилгузорӣ дар забони асари бадеӣ нақши асосӣ доранд” [10, с. 68].

Одатан, барои он ки ҳодисаю воқеаҳо бештар характери сиёсию иҷтимоӣ пайдо кунанд, шоиру нависандагон аз вожаҳои антонимие, ки характеру хислати шахсони тасвиршавандаро ифода мекунанд, ё предметҳое, ки дорои чунин хислатҳо мебошанд, истифода мебаранд. Дар ин ҳолат санъати тазоду муқобила ба вуҷуд меояд. Табиист, ки ин навъи санъати лафзӣ аксар вақт ба воситаи калимаҳои зидмаъно – антонимҳо сурат мегирад [13, саҳ. 14].

Аз нуқтаи назари ифодаи маъноҳои луғавӣ, ки асоси системаи луғавии забонро ташкил медиҳад, онҳоро ба гурӯҳҳои а) антонимҳои сирф луғавӣ ва б) антонимҳои маъноӣ ҷудо кардан мумкин аст [5, с. 84].

Вожаҳои зидмаъно дар осори Убайди Зоконӣ худ далели гуфтаҳои болоянд ва адиб дар ин ҷода дасти тавоное дорад. Мутазодҳо дар осори Убайди Зоконӣ бо мазмуни барҷаста ва обуранги шоирона корбаст гардидаанд: *пир – ҷавон, шаб – рӯз, хона – кӯча, ҳушёр – маст...*

Азбаски вожаҳои зидмаъно мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд, аз ин рӯ, мо онҳоро аз ҷиҳати маъно ва вазифа чунин гурӯҳбандӣ намудем:

А) калима ва мафҳумҳое, ки ҳолат ва фаъолияти инсонро ифода мекунанд: *пир – ҷавон, кӯдак – пир, калон – хурд, сиҳат – бемор, ҳушёр – маст, сармаст – ҳушёр, хоболуд – бедор, зинда – мурда, хушбахтӣ – бадбахтӣ, бегона – ошно, дӯстӣ – душманӣ, ҳаловат – адоват...*

Дар ***пирӣ*** *аз зани* ***ҷавон*** *меҳрубонӣ чашм мадоред*[*] [382].

Сохти сарфии вожаҳои **пир** ва **ҷавон** сода буда, дар осори адиб серистеъмоланд. Ҳамчунин, дар осори адиб муродифоти вожаҳои мазкур (ҷавон, барно) ба назар расид.

Пир*онасараш орзуи* ***барно****ист,*

Фарёд аз ин пираки барнопеша [280].

Дар ***кӯдакӣ*** *аз дӯсту душман ва хешу бегона ва дуру наздик дареғ мадоред, то дар* ***пирӣ*** *ба дарачаи ...-у воизӣ ва ҷаҳонпаҳлавонӣ ва муаррифӣ бирасед* [382].

Бояд тазаккур дод, ки дар осори адиб мутазодҳои **пир – ҷавон** (барно, кӯдак, хурд) серистеъмол буда, сездаҳ маротиба ба назар расид. Ба қавли Ҳ.Талбакова: “вожаҳои антонимӣ, ки хоси калимаҳои аслии забонанд, бо калимаҳои дигар хусусияти муродифӣ ва сермаъноӣ доранд. Хусусан, дар асарҳои бадеӣ, ки онҳо дар офаридани образҳои мухталиф вазифаи муайянеро адо мекунанд, дар алоқамандӣ бо калимаҳои дигар дар матн боз сермаъноюо сервазифа шуда, ҳусни сухан, хоса забони асарҳои бадеиро ниҳоят дилчасп мекунанд” [13, с. 58].

---

[*] Убайди Зоконӣ. Куллиёт. –Теҳрон: Заввор, 1384.- 548 с. (Минбаъд мисолҳо аз ҳамин асар оварда шуда, саҳифаҳо дар қавс нишон дода мешаванд)

Ғуломи ***нармдаст*** *харед, на* ***сахтмушт*** [382].

Вожаҳои **нармдаст** ва **сахтмушт** аз ҳиссаҳои нутқи сифат ва исм сохта шудаанд. Мутазодҳои мураккаб, одатан, аз ду реша сохта шудаанд.

Дар осори адиб мутазодҳое ба назар мерасанд, ки як ҷузъашон сода ва ҷузъи дигарашон сохта, мураккаб ва ё ибораанд: *муфлис* (касод, бенаво) – *тавонгар* (сарватманд), *бедор – хоболуд, зинда – мурдаи садсола...*

Агар чашми ***сармасти*** *ӯ дидаӣ,*

Дигар даъвии ***ҳушёрӣ*** *макун [268].*

Дӯш бар рухсори зардам диду чандон к-об зад,

Бахти ***хоболуд****ро* ***бедор*** *натвонист кард [259].*

Чунончи маълум гашт, дар осори Убайди Зоконӣ вожаҳои аз лиҳози калимасозӣ гуногун метавонанд ҳамчун муқобилмаъно ифода ёбанд.

Розӣ, гелонӣ ва қазвинӣ ба ҳаҷ рафтанд. Қазвинӣ ***муфлис*** *буду розию гелонӣ* ***тавонгар*** *буданд [439-440].*

Ҳакиме гуфта, ки ***ҳушёр*** *дар миёни* ***мастон*** *монанди* ***зинда*** *дар миёни* ***мурдагон*** *аст, аз нуқулашон мехӯрад ва бар уқулашон механдад* [477].

Вожаҳои **ҳушёр**, **маст**, **зинда** ва **мурда** муқобилмаъно буда, ҳолати рӯҳияи шахсро ифода мекунанд.

Зинда *кунад* ***мурдаи садсола****ро,*

Бод чу бар гул гузарад бомдод [249].

Аз мисоли овардашуда бармеояд, ки вожаи **зинда** бо ибораи **мурдаи садсола** мутазод шудааст. Адиб метавонист вожаи зиндаро бо мурда, ки маъмул аст, ҷой диҳад, аммо ибораи **мурдаи садсола** ба маънии мурдаи куҳна, ки аз ӯ чизе намондааст, кор фармудааст.

Мискин Убайд дар ғами ишқаш зи ҷону дил,

Бегона *гашту боз нашуд* ***ошно*** *ҳанӯз [265].*

... шахсе ***гурусна****еро* ***сер*** *кардӣ, ё* ***бараҳна****еро* ***пӯшондӣ****, ё* ***дармонда****еро* ***даст гирифтӣ*** *аз он ор надоштӣ* [330].

Дар ин қисмат вожаҳои муқобилмаъно истифодагардида дар забони муосир серистеъмоланд.

Дар рисолаи “**Сад панд**”-и Убайди Зоконӣ даҳ панде ба назар расид, ки дорои вожаҳои муқобилмаъноянд.

Б) вожаҳое, ки мафҳумҳои замониро ифода мекунанд: *имрӯз – фардо, рӯз – шаб, шаб – саҳар, рӯз – шаб, шабона – бомдод, бегоҳӣ – пагоҳӣ, ними шаб – намози пешин ...*

Вожаҳои **имрӯз – фардо** дар осори адиб фаровон ба назар расиданд.

Гуфт: ***имрӯз*** *муолиҷат тамом бошад то* ***фардо*** *[475].*

Гуфт: асас ба ***рӯз*** *касеро нагирад. Гуфт:* ***шаб*** *туро куҷо ёбам? [465].*

Убайди Зоконӣ аз рӯйи вақтҳои намоз вожаҳои ифодакунандаи вақту замонро ба тариқи муқобил кор мефармояд: **бомдод** (саҳаргоҳ), **пешин** (вақти қиёми офтоб, зуҳр).

Мавлоно Рукниддини Абҳариро ***шабона*** *бо Шамс Музаффар моҷарое буд.* ***Бомдод*** *он ҳадисро бар асҳоб бозмеронданд [466].*

Масалан, агар бузурге дар ***ними шаб*** *гӯяд, ки “инак,* ***намози пешин*** *аст”, дарҳол пеш ҷаҳад ва гӯяд, ки “рост фармудӣ”* [340].

“Нависанда бо мақсадҳои услубӣ баробари кор фармудани калимаҳои зидмаънои лексикию семантикӣ, инчунин дар мавридҳои мухталифи тасвири ҳодисаю воқеа ё қаҳрамонони асар калимаҳоеро бо оҳанги антонимӣ истифода мебарад, ки онҳо, аслан, зидмаъно набуда, балки танҳо ба туфайли тахайюлоти бадеӣ хусусияти антонимӣ пайдо менамоянд. Истифодаи чунин мафҳумҳо... ба сухандонию маҳорати нависанда вобаста буда, агар нависанда забардаст бошад, ба назари кас чунин менамояд, ки дар асари бадеӣ калима нисбат ба услуби илмӣ осонтару озодтар хусусияти зидмаъноӣ пайдо мекунад” [14, с. 95].

Ҳуррам касе, ки бо ту ***рӯз****а ба* ***шаб*** *расонад,*

Ё чун ту нозанине шаб дар канор дорад [240].

Ҳамин тавр, дар осори адиб вожаи **шаб** бо вожаҳои дигари муқобил бештар мавриди

корбурд қарор гирифтааст.

В) вожаҳое, ки мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд: *дур – наздик, ин – он, боло – пойин, дарун – берун, рӯшної – торикӣ, сахт – осон, дард – даво, ғулом – озод, нар – мода, боло – зер, нимаи зер – нимаи боло, дуздӣ – садақа, асал – заҳр, рост – чап, кавир – куҳистон, бом – зер, тарсо- мусалмон, ҳеч – басе (фаровон), каъбаи мақсуд – хори маґелон, мӯр – мулки Сулаймон ...*

Мо куҷо асбоби дунё аз куҷо,

***Мӯр**ро мулки **Сулаймон** гӯ, мабош!* [265].

Адиб аз рӯйи беадолатии замона **мӯр**ро дар қиёс бо **мулки Сулаймон** пайғамбар кор фармудааст. Дар осори адиб ибораҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти мутақобилӣ доранд. Аз қабили:

*Гар раҳравон ба **каъбаи мақсуд** мерасанд,*

*Мо ҷуз ба **хорҳои маґелон** намерасем* [249].

Дар ин ҷо ибораҳои **каъбаи мақсуд** ба маънии майлу хоҳиш ва **хори маґелон,** яъне *кори бесамар* мутазоданд.

Убайди Зоконӣ рангҳоро ба муқобили ҳамдигар кор фармудааст: *сапед – сиёҳ, зард – сурх ...*

Ба пеши қозии ушшоқ дар қазияи ишқ,

*Убайдро **рухи зард** асту **ашки сурх** гувоҳ* [240].

*Мавлоно Саъдаддини Кирмонӣ сахт сиёҳҷурда буд. Шабе маст дар ҳуҷра рафт, шишаи мидод аз девор овехта буд, дӯш бар он зад бишкаст. Фараҷии **сапед** дошт, пушташ **сиёҳ** шуд* [441].

Вожаҳои ифодакунанди миқдору андоза низ мушоҳида гардиданд: *фаровон – ҳеч, ҳеҷ – басе.*

Маро қарз ҳасту дигар ҳеч нест,

***Фаровон** маро харҷу зар **ҳеч** нест* [214].

Кори мани мустаманди бечора бисоз,

*К-он бар ту ба **ҳеч** ояду бар мо ба **басе*** [273].

Вожаҳои **торикӣ** ва **рӯшан** ҳодисаи табииро ифода мекунанд.

*Фақир аз хоб бедор шуд, гуфт: эй мардак, он чи ту дар **торикӣ** меҷӯйӣ, мо дар рӯзи **рӯшан** меҷӯему намеёбем* [464].

Убайди Зоконӣ ҷонишинҳои ишоратиро низ ба сифати мутазод кор фармудааст.

Оқил накунад нисбати зулфат бо мушк,

*Донад, ки миёни **ину он** фарқе ҳаст [278].*

Бояд тазаккур дод, ки мутазодҳо бо вожаҳои сермаъно робитаи зич доранд. Вожаи **сахт** агар ба маънои мустаҳкам, устуворро ифода намояд, дар мисоли мазкур ба маънои **душвор** омадааст.

Бо Убайд ар нарм мегардад дилат,

*Корҳои **сахташ осон** мешавад* [233].

*Марде аз **бом** ба **зер** афтод ва ҳарду пояш бишкаст* [417].

***Тарсо**бачаи соҳибҷамол **мусалмон** шуд. Муҳтасиб фармуд, ки ӯро хатна карданд [448].*

*Қазвиние пойи **рост** бар рикоб ниҳоду савор шуд, рӯяш бар куфли асп буд. Ӯро гуфтанд: божгуна нишастаӣ. Гуфт: ман божгуна нанишастаам, асп **чап** будааст* [439].

*Ҷуҳо дар кӯдакӣ чанд рӯз муздури хайёте буд. Рӯзе устодаш косаи **асал** ба дукон бурд, хост, ки ба коре равад, ҷуҳоро гуфт: дар ин коса **заҳр** аст, зинҳор то нахӯрӣ, ки ҳалок шавӣ [433].*

Вожаҳои зидмаъно дар ҳама ҳолат чун натиҷаи муқоиса дар заминаи муқобилгузорӣ ва инкоршавӣ сурат мегирад. Чунин муқобилгузорӣ дар худ хосият, аломат ва амалу ҳаракатҳои зидмаъноро таҷассум мекунад.

*Ҷуҳо гӯсфанди мардум ме**дуздиду** гӯшташ **садақа** мекард [432].*

*Гуфт: ман дар **зер** хуфта будам, чун аст ин замон **боло**ям? [437].*

Барои муъҷаз ва таъсирнок баромадани мақсад адиб мутазодро ба такрор кор мефармояд. Масалан: *Гуфт: мардум аз **боло** ба **пойин** ғалтанд, ту аз **пойин** ба **боло** ғалтӣ? Гуфт: ман ҳам ба ҳамин механдам [467].*

*... аз баҳри наззораи ӯ **боло** нигаристам. Акнун аз дор ба **зер** нигаристан каффорати он **боло** нигаристан медонам* [325].

*Мо дил ба **дард**и ҳаҷри зарурӣ ниҳодаем,*

*Зеро ки фориғ аст табиб аз **дав**ои мо* [250].

Вожаҳои муқобилмаънои ин қисмати мақола бештар тоҷикӣ буда, дар забони адабии муосир низ мавриди корбурд қарор мегиранд.

Г) вожаҳое, ки маконро ифода мекунанд: *хона – кӯча, зерхона – болохона, майдон – каҳдон, кавир - кӯҳистон ...*

*Шахсе меҳмонеро дар **зерхона** хобонид. Нимашаб садои хандаи вайро дар **болохона** шунид [467].*

Дар ин ҷо вожаҳои **зерхона** ва **болохона** исми маконро ифода мекунанд.

*... мефармоянд: "мардон дар **майдон** ҷаҳанд, мо дар **каҳдон*** [324].

*Қазвиние ангуштарӣ дар **хона** гум кард, дар **кӯча** металбид, ки хона торик аст* [456].

*Лашкари мушҳо зи роҳи **кавир**,*

*Лашкари гурба аз **кӯҳистоно*** [362].

Адиб вожаҳои **кавир** (биёбон, шӯразор), яъне ҳамвориро бо **кӯҳистон** ба ҳам муқобил кор фармудааст.

Бештари мутазодҳое, ки маконро ифода мекунанд, бо вожаи **хона** мавриди корбур қарор гирифтаанд.

Ғ) вожаҳое, ки ба мафҳумҳои ҳиссиёт, кайфият ва зоҳир гардидани онҳо марбутанд: *муҳаббат – нафрат, хурсандӣ – ғамгинӣ, нек – бад, хурсандӣ – ғамгинӣ, гарм – сард, ширин – турш, ғам – тараб, сармаст – ҳушёр, боғайрат –беғайрат, рост – дурӯғ, айшу шодӣ – қарз...*

*Рӯзи **нек** ба рӯзи **бад** надиҳед [380].*

*Араберо гуфтанд: шӯрбои **гарм**ро чӣ номанд? Гуфт: каллаҷӯш. Гуфтанд: чун сард шавад, онро чӣ хонанд? Гуфт: мо амонаш надиҳем, ки **сард** шавад [418].*

Убайди Зоконӣ мутазоди гарм – сардро дар рисолаи "Дилкушо" шаш маротиба мавриди корбурд қарор додааст.

*Талҳак мегуфт: хобе дидам, нима **рост**, нима **дурӯғ** [464].*

*Аз **ғам** чунон пур аст, дили мо, ки баъд аз ин*

*Дар вай ба ҳеч гуна **тараб**ро маҷол нест [213].*

Дар тобаву саҳну косаву кӯзаи мо,

*На чарбу на ширину на **гарм** асту на **сард** [259].*

Вожаҳои **гарм** ва **сард** муқобилмаъно буда, ба маънои аслӣ омада, аз рӯйи баромад тоҷикӣ ва арабӣ омадаанд. Вожаҳои мазкур метавонанд хусусияти мууродифӣ пайдо намуда, ба маънои маҷозӣ низ омада метавонанд.

*Мавлоно Рукниддин гуфт: эй ёрон, банда марде бошад **гарм**. Талхак гуфт: ҳарду муқаддима мамнуъ аст, чизе бошӣ **сард** [466-467].*

Дар мисоли мазкур ба маънии маҷозии шахси оташинмизоҷ, тундхӯ (гарм) ва шахси танбал, суст (сард) мебошад.

***Мардум ба айшу шодиву ман дар балои қарз**,*

Ҳар як ба кору бореву ман мубталои қарз [215].

Дар мисоли мазкур адиб вожаҳои **мардум**ро бо **ман** ва **шоди**ро бо **қарз** ба муқобили ҳамдигар кор фармудааст.

*Агар **боғайратӣ**, бодард бошӣ,*

*В-агар **беғайратӣ**, бедард бошӣ [336].*

Адиб вожаи **ғайрат**ро ба воситаи пешвандҳои бо- ва бе- ба ҳам муқобил кор фармудааст. Дар муқобилгузорӣ моҳияти ашё, аломат ва ҳодисаву воқеаҳо барҷаста ифода

меёбад. Ин ҳодиса дар сарвати луғавии забон ҳам инъикос меёбад ва соҳибзабонон онро ҳамчун воситаи муассири луғавӣ истифода мебаранд.

Д) вожаҳое, ки узви бадани инсонро ифода мекунанд: *сар – по, сар – дил, сар – бадан, чашм – дандон, даст – по, бадан – руҳ...*

Ба қавли Ҳ.Маҷидов метавон мувофиқ буд. Тавре ки ӯ мефармояд: "Калимаҳои антонимӣ бо сохти сарфии худ низ бояд бо ҳам мувофиқ бошанд" [5, саҳ. 83]. Вожаҳои муқобилмаънои ба ин гурӯҳ шомилбуда аслӣ, серистеъмол ва аз рӯйи сохти сарфии худ содаанд.

*Шахсе бо дӯсте гуфт, ки маро **чашм** дард мекунад, тадбир чӣ бошад? Гуфт: маро порсол **дандон** дард мекард, баркандам [438].*

Зидмаъноии вожаҳо ба воситаҳои гуногун зоҳир мегарданд. Дар осори Убайди Зоконӣ вожаҳои зидмаъно мавқеи хос дошта, адиб онҳоро тавассути муқобилгузории ашёҳо, хислату характери одамон, ҳодисаҳои табиӣ ва дигар фикрашро дақиқу саҳеҳ ва муассир баён мекунад.

*Мардеро канизаке раққоса оварданд. Гуфт: оё **даст**и туро ҳунаре бошад? Гуфт: на, маро ҳунар дар **по**ст [418].*

***Сар**ам ҳавои ватан мепазад, валек **дил**ам,*
Зи банди зулфи сиёҳаш намешавад озод [232].
Назар ба гулшани руҳониён наяндозам,
***Сар**ам ба **по**яи каррубиён фурӯ н-ояд [256].*

*... чунончи **бадан** аз шаҳавот ва лаззот маҳсус ва маҳзуз мегардад ва рӯй дар олами сифлӣ дорад, **руҳ** низ аз маърифати ҳазрати иззат ... баҳраманд мегардад ва рӯй дар олами қудс қарор дорад [318].*

Чунонки маълум мегардад, вожаҳои ба ин қисм ҷудогардида аксар вожаҳои аслӣ (ба ҷуз аз вожаи рух, ки баромадаи он арабист) мебошанду аз лиҳози калимасозӣ сода. Аз инҳо вожаҳои **сар** ва **по** серистеъмол ба назар расид.

Е) вожаҳое, ки ба дину оин марбутанд: *мусалмон – насоро, мусалмон – тарсо, мункар – накир, масҷид – калисо, хатиб – мусалмонӣ, биҳишт – дӯзах, солеҳ – гунаҳкор...*

"Мафҳуми антонимӣ акси якдигар будани маънои калима, пеш аз ҳама мафҳумро инкор кардани мафҳум мебошад, ки ба воситаи калимаҳо ба амал меоянд" [6, саҳ. 27].

Забони асари бадеӣ бо муқобилгузорию зидмаъноӣ фасоҳате дорад, ки хонанда аз он баҳрае мегирад ва худи адиб ҳам мақсаду мароми хешро дурусту возеҳ кушода метавонад.

*Тарсое мусалмон шуд. Гирди шаҳраш мегардониданд. **Тарсо**и дигар бар ӯ расид, гуфт: мусалмонон сахт кам буданд, ту низ **мусалмон** шудӣ* [448].

*... ҳар касеро се хона дар **биҳишт** бошад, бояд як хона дар **дӯзах** бошад* [457].

Вожаҳои **биҳишту дӯзах** истилоҳи динӣ буда, аз рӯйи таълимоти ислом инсон вобаста ба фаъолияташ дар ин дунё пас аз реҳлат дар олами барзах ба яке аз инҳо хоҳад буд. Инсони неку бегуноҳ ба биҳишт ва пургуноҳе зишткор ба дӯзах меравад.

Хатиберо гуфтанд: мусалмонӣ чист? Гуфт: ман марди хатибам, маро бо мусалмонӣ чӣ кор? [461].

Адиб вожаҳои **хатиб** ва **мусалмон**иро, ки бевосита истилоҳи мусалмонист, муқобил гузошта, мақсади худро ба тарзи зид баён намудааст. Ҳол он ки вожаҳои мазкур дар алоҳидагӣ зидмаъно нестанд.

*Гуфт: то чун **мункар** ва **накир** биёоянд, пиндоранд, ки ман мурдаи куҳнаам, заҳмати ман надиҳанд* [474].

Вожаҳои муқобилмаънои ***мункар** ва **накир*** ду фариштае мебошанд, ки пас аз марг дар гӯр ба сари мурда ҳозир омада, аз ӯ дар бораи гуноҳу савоби дар дунё кардааш бозпурсӣ мекунанд.

*Кафши Талҳакро аз **масҷид** дуздида буданд ва ба даҳлези **калисо** андохтанд. Талҳак мегуфт: Субҳоналлоҳ, ман худ **мусалмон**ам ва кафшам **тарсо**ст* [472].

*Гар туро дар **биҳишт** бошад ҷой,*
*Дигарон **дӯзах** ихтиёр кунанд* [337].

Бояд тазаккур дод, ки вожаҳои муқобилмаънои гурӯҳи мазкур истилоҳоти динӣ мебошанд. Аксари онҳо берун аз матн низ муқобилмаъноии хешро нигоҳ медоранд: *биҳишт – дӯзах, мункар – накир, масҷид – калисо, мусалмон – насоро...*

Ё) вожаҳое, ки ба исми маънӣ далолат мекунанд: *илм – амал, гумон – яқин, нася – нақд, хайр – шар, шак – бешак, ишрат – ҳашв...*

Бояд тазаккур дод, ки бештари мутазодҳое, ки ба исми маънӣ далолат мекунанд, аз рӯйи баромад арабиянд.

Хоҷа гуфт: ман ба ҳозирон ***гумон*** *мебараму ба ту* ***яқин*** [476].

Вожаҳое, ки ба воситаи пешвандҳо сохта мешаванд: *бешак – бошак.*

Ӯ биандохт шак накард. Мавлоно андохт шак кард. Гуфт: ту ***бешак*** *даюсӣ, ман* ***бошак*** [463].

Гар ***хайр*** *кунӣ, фаришта гӯянд туро,*
В-ар майл ба ***шар*** *кунӣ, башар хонандат* [273].
Соқӣ, бидеҳ ин бодаи гулранг ба ***нақд****,*
К-он ***нася****и ӯ сар ба қиёмат дорад* [279].
Чандон ки фазолики ҷаҳон менигарам,
Бо раз ҳама ***ишрат*** *асту боқӣ* ***ҳашв*** *аст [275].*

Вожаҳои муқобилмаънои баррасишуда адабӣ-китобӣ мебошанд. Аз рӯйи баромад бошад тоҷикӣ ва арабиро ташкил медиҳанд.

Ж) вожаҳое, ки ба ҳайвонот далолат мекунанд: *муш – гурба, гов – хар, наррагов – модахар, наррахар – модахар, рӯбаҳ – шер, рӯбоҳ – саг, қотир - асп...*

Лашкари ***мушҳо*** *зи роҳи кавир,*
Лашкари ***гурба*** *аз куҳистоно* [362].
Рӯбоҳ*ро пурсиданд, ки дар гурехтан аз* ***саг*** *чанд ҳила донӣ? [415].*

Адиб ҳайвонотро гоҳе аз рӯйи ҷинсияташон низ муқобили ҳамдигар мегузорад.

... ва ғулом канизро ва ***наррахар модахар****ро ва гуфт: "Худоё, чашми бад дур аз чунин рӯз" (487).*

Қотир*ро пурсиданд: падарат кист? Гуфт: маро дойӣ* ***асп*** *бошад [427].*

Дар мисоли овардашуда вожаи **қотир** (хачир) бо **асп** муқобили ҳамдигар омадаанд.

З) вожаҳое, ки ҷоҳу мансабро ифода мекунанд: *дарвеш –мир, шоҳ (подшоҳ) – гадо, султон – гадо, шаҳ – гадо, бузургзода – давреш, шаҳриёр – хоксор, подшоҳ – бенаво, бузург – ғулом...*

Дарвеш*, ки май хӯрад, ба* ***мирӣ*** *бирасад,*
В-ар ***рӯбаҳ****аке хӯрад, ба* ***шер****ӣ бирасад* [275].

Дар байти мазкур дар шакли тамсил **рӯбоҳ** (шахси ҳиллагар, фиребгар)-ро бо **шер** (шахси боҷуръат) дар муқобили ҳамдигар ҷой додааст.

Ӯ ***шаҳриёр****е, ман* ***хоксор****е,*
Ӯ ***подшоҳ****е, ман* ***бенаво****е [231].*

Вожаи **бузург** ба маънои роҳбар, олимақом, сардор, калоншаванда ва **бузургзода** фарзанди сардор ва ё калоншаванда мушоҳида гардид.

Дар ин рӯзҳо ***бузургзода****е хирқае ба* ***дарвеш****е дод [333].*

Ҳам аз ***бузург****они аср яке бо* ***гулом****и худ гуфт, ки "аз моли худ гӯшт биситон ва аз он таом бисоз, то бихӯрам ва туро озод кунам" [334].*

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки моҳияти ашёҳо ҳангоми муқобил гузоштани ду ашё, ду аломат, ду амалу ҳолат равшан ва барҷаста аён мегардад.

И) мутазодҳое, ки баромадашон арабист. Як қисми зиёди мутазодҳои осори адибро, ки аз рӯйи баромад арабиянд, мушоҳида гардид, аз қабили: *ҳаловат – адоват, ҳайя алаззакот – ҳайя алассалот, илм – амал, ло набия – ло набията, захира – харҷ, аввалулаввалин – охирулохирин, мазлум – золим, яъламуна –лояъламуна, мазаррат – мадҳ, мастиву махмурӣ, мансух – мухтор ...*

Вожаҳои **мадҳ** ва **мазаррат** ба маъноҳои **ситоиш** ва **зарар** омадаанд.

Надиме дар ***мадҳ****и бодинҷон фасле пардохт. Чун сер шуд, гуфт: бодинҷон сахт музир*

чизест. Надим боз ба ***мазаррат*** *бодинҷон муболиғате тамом кард* [442].

Дар осори адиб ба воситаи вандҳои арабӣ кор фармудани мутазодҳо мушоҳида гардид.

*Гуфт: чун ӯ фармудааст, ки "****ло набия баъдӣ****", пас даъвии ту ботил шуд. Гуфт: ӯ фармуд, ки "ло набия баъдӣ", "****ло набията баъдӣ****" нафармудааст [441].*

Дар мисоли мазкур ҷумлаҳои "***ло набия баъдӣ***" *(пайғамбаре пас аз ман нест)* мутазод аз рӯйи ҷинсият (**набия –** пайғамбар ва **набията –** пайғамбарзан) баррасӣ гардидааст.

Гуфт: "ё ***аввалулаввалин*** *" сафол бар сари шахсе омад, гуфт: эй мардак, аввал-ул-аввалинат ин бошад,* ***охирулохиринат*** *чӣ хоҳад буд?* [455].

Гуфт: бо уламо он ҷо ки мефармояд: "қул ҳал яставил лазина яъламуна вал лазина ло яъламун?" [445].

Адиб вожаҳои "**яъламун" (доноён**) ва "**ло яъламун" (нодонон**) ба воситаи пешванди инкории но- (дар забони арабӣ **ло**) бо ҳам муқобил кор фармудааст.

Дар баъзан маврид адиб аз рӯйи зарурат вобаста ба воқеаҳои тасвиршаванда вожаҳои ғайримутазодиро ба тарзи зидду муқобил кор мефармояд:

*Муаззин бонги азон бардошт, ки "****ҳайя алассалот****" (биштобед ба сӯйи намоз) ва мардум ба анбуҳ гирд омаданд. Пас музаббид гуфт: ба худо савганд агар гуфтӣ: "****ҳайя алаззакот****" (биштобед барои додани закот) аз даҳ тан як тан ҳам наомадӣ* [428].

Ҳарчанд ки вожаҳои **намоз** ва **закот** дар алоҳидагӣ муқобилмаъно нестанд, адиб тавонист, ки онҳоро муқобили ҳамдигар ҷой диҳад.

... то ин чанд динор ***захира*** *кардаам. Зинҳор аз муҳофизати он ғофил мабошед ва ба ҳеч ваҷҳ дасти* ***харҷ*** *бад-он маёзед ва яқин донед, ки ... [332].*

*То кори ту бо «****ло****» бошад, кори ту боло бошад ва то лафзи ту бо «****наам****» бошад, дил ту ба ғам бошад* [332].

Дар ин ҷо вожаҳои иқтибосии *«****ло****»* ба маънии **на** ва *«****наам****»* **бале**-ро ифода кардааст. Адиб мехоҳад бигӯяд, ки "намедонам кори осон" аст.

Мавлоно гуфт: эй ёр, маъзур дор, ки саг ақл надорад, аз ***беақлӣ*** *дар масҷид меояд. Мо, ки* ***ақл*** *дорем, ҳаргиз моро дар масҷид дидаӣ?* [449].

Адиб вожаи **ақл**ро ба воситаи пешванди **бе-** ба ҳам муқобил гузошта, вобаста ба воқеаи тасвиршаванда кор фармудааст.

Шавҳар дарёфт, чодар аз сараш кашид, қозӣ рӯяш бидид, сахт мутанаффир шуд. Гуфт: бархез, эй занак, чашми ***мазлум****он дориву рӯйи* ***золим****он* [451].

Вожаҳои мазлум ва золим аз як реша (**зулм**) иборатанд.

Заношӯйӣ аввал ***ҳаловат*** *асту ба охир* ***адоват*** [426].

Дар ин ҷо ба маънои **роҳату оромӣ** ва **хусумату бадхоҳӣ** ба кор рафтааст.

Адиб барои кушодани зиддият ва ихтилофи фикрӣ ҳангоми тасвири ҳолати руҳии қаҳрамон шумораи **як** ва **дуро** ба тариқи мутазод кор фармудааст.

Он мард гуфт: ***Абдулвоҳид*** *(бандаи якто). Гуфт: ту ин дуро яла кун, ки ман* ***Абдулиснайн*** *ва ҳар дуро бандаам [415].*

Дар мисоли мазкур адиб ба воситаи шумораҳои иқтибосии арабӣ - ***Абдулвоҳид*** *(бандаи як) ва* ***Абдулиснайн*** *(бандаи ду)* шумораи як ва дуро ҳамчун муқобилмаъно истифода кардааст.

Як қисми мутазодҳое, ки баромадашон арабист, дар забони адабии муосир камистеъмол ва ё аз истеъмол баромадаанд. Ба монанди *мансух – мухтор, ло набия – ло набията, алассалот – алазакот, мазаррат – мадҳ...*

Вазифаи мутазодро дар адабиётшиносӣ санъати тазод ва муқобала ифода мекунад. Ба гуфти Т.Зеҳнӣ "яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамоно муқобил гузоштани ду фикр ба ҳамдигар аст ва ё бо таъбири дигар гӯем, сифат ва хислатҳои ду кас ва ё ду чизро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил гузоштан аст, ки санъати тазод ва муқобила ном дорад" [3, саҳ. 82].

Ӣ) мутазодҳои ҷуфтистеъмол. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи эҷоди адиб дар истеъмоли мутазодҳо ба тариқи силсила ва такрор ифода ёфтани онҳост. Адиб гурӯҳи

мутазодҳоеро истифода мебарад, ки дар баъзе маврид дар шакли таркибҳои ҷуфт омадаанд. Ин тарзи корбасти вожаҳои зидмаъно барои равшантар ифодаёбии матлаб ёрӣ мерасонад. Ш. Исматуллоҳ [4] таркиби қолабҳои вожаҳои зидмаънои ҷуфтистеъмолшавандаи ғазалиёти Камоли Хуҷандиро аз ҷиҳати баромад дар чаҳор гурӯҳ нишон додааст. Вожаҳои зидмаънои ҷуфтистеъмолшавандаи осори Убайди Зоконӣ низ аз ҳамин қабиланд: тоҷикӣ – тоҷикӣ, тоҷикӣ – арабӣ, арабӣ – арабӣ, арабӣ – тоҷикӣ,

Адиб мутазодҳоро ба тариқи силсилабандӣ меорад: *дӯсту душман, хешу бегона, дуру наздик, ғаму шодӣ, пешу пас, хубию зиштӣ, некиву бадӣ, ҳушёрӣ – мастӣ, оварду бурд, лайлу наҳор, кӯдакӣ – пирӣ, дарвеш – мирӣ, рӯбаҳ – шер, пир – ҷавон, ғаму шодӣ, сиҳат – бемор, тавонгарӣ – дарвешӣ, азбӣ – қалтабонӣ, мастӣ – махмурӣ, ҳушёрӣ – ҷавонӣ, истода – нишастан, ба таҷвид дашном додан – Қуръон ғалат хондан, душанбею панҷшанбе рӯза гирифтан – дар моҳи рамазон рӯза хӯрдан, гуруснаро сер кардан, бараҳнаро пӯшондан, дармондаро даст гирифтан, пешу пас, аз субҳ то ба шом, ҳушёр – маст, неку бад, лайлу наҳор, шабу рӯз ...*

“Антонимҳои ҷуфт аз ҷиҳати сохт бо синонимҳои ҷуфт монанданд, аммо аз ҷиҳати маъно ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар баъзе антонимҳои ҷуфт ҷузъҳо устувор нест, онҳо ҷойи ҳамдигарро иваз карда метавонанд аммо бо ин маънои антонимии калимаҳо тағйир намеёбад” [7, с. 55].

Шоҳи мушон бишуд ба фил савор,
Лашкар аз ***пешу пас*** *хурӯшоно* [362].

Адиб дар манзумаи “**Мушу гурба**” панҷ ҷуфти вожаҳои муқобилмаъноро кор фармудааст.

Гар ***пир*** *хӯрад,* ***ҷавонӣ*** *аз сар гирад,*
В-ар з-он, ки ***ҷавон*** *хӯрад, ба* ***пирӣ*** *бирасад* [275].

Ба қавли С. Сабзаев: “шоирони маорифпарвар бо як устодии ба худ хос баъзе мисраъ, байт ва ҳатто бандҳои шеъриашонро комилан бо зидгузории мафҳумҳо эҷод кардаанд. Дар ин ҳолат гӯё гиреҳи зиддияти мафҳумҳо ба осонӣ кушода мешавад ва мақсаду мароми шоир ба хонанда тезтару муассиртар ошкор мегардад” [11, с. 27].

Ал-комил: он ки аз ***ғаму шодӣ*** *мунфаил нашавад* [365].

Ҷавонӣ *беҳ аз* ***пирӣ*** *ва* ***сиҳҳат*** *беҳ аз* ***беморӣ*** *ва* ***тавонгарӣ*** *беҳ аз* ***дарвешӣ*** *ва* ***азбӣ*** *беҳ аз* ***қалтабонӣ*** *ва* ***мастӣ*** *беҳ аз* ***махмурӣ*** *ва* ***ҳушёрӣ*** *беҳ аз* ***девонагӣ*** *донед [385].*

Гуфт: эй сурури ман, ӯ бо ман ***истода ... кунад****, вале намозро* ***нишаста хонад****у маро ба* ***таҷвид дашном диҳад****, аммо* ***Қуръон ба ғалат хонад****,* ***душанбеву панҷшанбе рӯза дорад****, вале* ***дар рамазон рӯзахӯрӣ кунад*** *[419].*

Масалан, шахси ***гуруснаеро сер кардӣ****, ё* ***бараҳнаеро пӯшондӣ****, ё* ***дармондаеро даст гирифтӣ****, аз он ор надоштӣ... [330].*

Адиб як қисми мутазодҳоро ба воситаи пешояндҳо кор мебарад, ки барои ифодаи фикр муассиртаранд.

Аз субҳ то ба шом *дар андеша мондаам,*
То худ куҷо биёбам ногаҳ риҷойи қарз [215].

Дар ин ҷо вожаҳои **субҳ** ва **шом** замонро ифода мекунанд.

Пурсид, ки дар он ҷо чӣ мекунӣ? Гуфт: дар хоб ғалтидаам. Гуфт: мардум ***аз боло ба пойин*** *ғалтанд, ту* ***аз пойин ба боло*** *ғалтӣ? Гуфт: ман ҳам ба ҳамин механдам [467].*

Дар ин ҷо вожаҳои **боло** ва **пойин** самтро ифода кардаанд.

Ғами ишқат ба ***ҳушёрию мастӣ***
Аниси хотири хилватнишинон [222].
Дар хонаи ман зи ***неку бад*** *чизе нест* [223].

Адиб барои такрор наомадани вожаҳои муқобилмаъно муродифи онҳоро истифода бурдааст. Аз ҷумла, дар ду байти як қитъа овардани ин гуна мисол аз маҳорати баланди шоирии ӯ дарак медиҳад. Дар осори адиб ҳамчунин гурӯҳи мутазодҳоро мебинем, ки ҳам ҷузъи тоҷикӣ – тоҷикӣ ва арабӣ – арабиянд:

Чӣ тафовут кунад ар з-он ки биёӣ бари мо

Бомдодон, ки тафовут накунад ***лайлу наҳор****.*

Даст дар домани май зан, ки аз ин пас ***шабу рӯз***

Хуш бувад домани саҳрову тамошои баҳор [220].

Дар осори Убайди Зоконӣ ҷуфтҳои зидмаъно низ чун воситаи барҷастаи ифодаи фикр ва таъминкунандаи фасолаҳату балоғати баён мақоми сазоворе доранд. Як хусусияти хоси таркибҳои зидмаъноӣ он аст, ки онҳо аз ду ҷузъ беш нестанд. Ин вазъият ба табиату хосияти мутазодҳо вобаста аст.

"Таркибҳои антонимӣ ҳангоми истифодаи паиҳам, – менависад Р.Ғаффоров, чунонки дар осори Убайди Зоконӣ низ ба мушоҳида гардид, бештар бо пайвандаки **-у (-ю)** ё **ва** ба ҳам пайванд мешаванд: талху ширин, дӯсту душман, фоида ва зарар, некӣ ва бадӣ. Баъзе аз ин ибораҳо бинобар пайдо кардани шакли устувор хосияти фразеологӣ касб кардаанд. Бинобар ин аз ин қабил ҷуфтҳои луғавӣ на мафҳумҳои алоҳидаи хилофи якдигар, балки мафҳуми дигар дарк мешавад" [1, саҳ. 17].

Як қисми мутазодҳое, ки ҷуфтистеъмоланд, ба воситаи пасванди **-ӣ** сохта шудаанд: *ҷавонӣ – пирӣ, мастӣ – ҳушёрӣ, беморӣ – тавонгарӣ ...*

"Ҷуфтҳои антонимӣ дар адабиёти бадеӣ ва навиштаҳои публитсистӣ ва сифати номи асар ва мақолаҳо низ зиёда истифода шудаанд. Адибон ва хабарнигорон ба ин восита маромиэҷодии худро ба сурати рехта ба қалам дода, тамоми мазмуну муҳтавои асар ва мақоларо барои ошкор сохтани зиддияти байни чиз ва аломатҳое, ки сарлавҳаро фаро гирифтааст, равона мекунанд" [1, с. 17].

Дар осори Убайди Зоконӣ низ ба сифати номи асар – "**Мушу гурба**" дар рисолаи "Ахлоқ-ул-ашроф" ду мазҳаб: **мансух** ва **мухтор** ва ё дар рисолаи "Таърифот" луғатномаи мутазодро дидан мумкин аст. Аз қабили: *Ал-**ҷоҳил: давлатёр** [366], Ал-**олим: бедавлат** [366], Ал-**ҷавод: дарвеш** [366], Ал-**хасис: молдор** [366]...*

"Ӯ дар осораш аз кашмакашиҳои замона дилгир шуда, доди худро аз ҳокимони давр ба воситаи ҳаҷву истеҳзо зери танқид гирифтааст. Масалан, «***Ал-адл: он, ки ҳаргиз рост нагӯяд***» [368]. Агар вожаи адл маънои ҳамаро баробар шумурдан, инсоф, муқобили зулм бошад, лекин Убайди Зоконӣ ба маънои шахси дурӯғгӯй тафсир кардааст. Ё ин ки «***Ал-хасм: бародар***» [375]. Адиб бародарро ҳамчун душман маънидод мекунад. Бояд зикр кард, ки ин навъ тавзеҳ бештар дар рисолаи «Даҳ фасл» оварда ва дар осори мансури Убайди Зоконӣ фаровон истифода шудааст. Аз ҷумла, «***Ал-асас: он, ки шаб роҳ занад ва рӯз аз бозориён аҷрат хоҳад*** [371]», «***Ал-вакил: он, ки ҳақро ботил гардонад*** [368]***», «Алқаллоб: заргар*** [370]***», «Ат-табиб: ҷаллод*** [370]» ва ғайра" [9, с. 151].

Ҳамин тавр, дар осори Убайди Зоконӣ кор фармудани мутазодҳои ҷуфтистеъмол барои барҷаста ва муассир ифода кардани фикр хидмат мекунанд.

К) вожаҳое, ки ба шумора далолат мекунанд: *ду – як, як – ду, як – даҳ, панҷ – се, панҷ – панҷоҳ, чор – ду, панҷоҳ – панҷ...*

Як рӯз *агар бодаи софӣ нахӯрам,*

Даҳ шаб *зи хумор хоб натвонам кард [275].*

Дар мисоли овардашуда вожаҳои **як рӯз** ва **даҳ шаб** бо ҳам муқобилмаъноянд.

Як *лаҳза ба пинҳонӣ гар васли ту дарёбам,*

Гар васли ту дарёбам ***як*** *лаҳза ба пинҳонӣ,*

Сад *бӯса ба осонӣ аз лаъли ту бирбоям,*

Аз лаъли ту бирбоям ***сад*** *бӯса ба осонӣ (270).*

Дар мисоли овардашуда шумораҳои **як** ва **сад** хусусияти муқобилмаъноӣ гирифта, ба маънои каму зиёд истифода шудааст.

Адиб шумораҳои мураккабро низ ба тариқи муқобил кор мефармояд:

Абуҳорисро пурсиданд: марди ***ҳаштодсола****ро фарзанд ояд? Гуфт: оре, агараш* ***бистсола*** *ҷавоне ҳамсоя бувад (419).*

Шумораҳои **ҳаштодсола** ва **бистсола** ба маънои пир ва ҷавон омада, ба синну сол далолат мекунанд.

Худованди хари мода гуфт: чун аст, ки ҷиҳати аҷрат аз ман ***панҷ*** *динор мехоҳӣ...?*

Зан гуфт: ту чунин ... биёр, то ман ***панҷоҳ*** *динор бидиҳам (460).*

Дар ин ҷо шумораҳои **панҷ** ва **панҷоҳ** ба маънии арзишро ифода мекунанд.

Вожаҳои зидмаъно бештар ашё, аломату ҳолат ва миқдору андозаро ифода менамоянд. Онҳо дар осори адиб шумораҳои аслӣ ва аз лиҳози калимасозӣ содаро ташкил медиҳанд.

Қ) таъбирҳои зидмаъно. Мо дар ҳаёти ҳаррӯза бо тазодҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки муқобили якдигаранд. Вақте ба қадри саломатӣ мерасем, ки бемор шавем, ба қадри дорої дар вақти камбизоатӣ мерасем. Ин гуна муқобилгузорӣ ҳар лаҳза ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, муқобилгузорӣ бештар ба инсон ва кору пайкори ӯ бештар нигаронида шудааст: *гандумнамои ҷавфурӯш, як дари баста – ҳазор дари кушода...*

Р.Ғаффоров мегӯяд, ки “антонимҳо воситаи хеле маъмули луғавию услубӣ ба шумор мераванд. Одамон аз қадим бо таъсири муҳит ва ҳаёти воқеӣ гармро аз хунук, некро аз бад, хурдро аз калон, дарозро аз кӯтоҳ фарқ карда, барои равшан ва дуруст ифода намудани фикр ин мафҳумҳо ва маъниҳои амсоли инҳоро ба тариқи қиёс ба кор бурдаанд. Мо онро аз ёдгориҳои хаттии қадим, аз афсонаву асотирҳо равшан дарк мекунем. Бисёр мақолу зарбулмасалҳои халқӣ низ дар заминаи калимаҳои муқобилмаъно – таркибҳои антонимӣ сурат гирифтаанд” [1, с. 17].

Таъбирҳои зидмаъно хусусияти тазодии калимаҳоро барҷастатар ва вазифаи услубии онҳоро возеҳтар баён месозанд. Убайди Зоконӣ ин гуна мутазодҳоро бо усулҳои гуногун мавриди истифода қарор додааст.

З-ин дилнавозӣ, з-ин сарфарозӣ,

З-ин ***ҷавфурӯшӣ гандумнамое*** (231).

Адиб воҳиди фразеологии “гандумнамои ҷавфурӯш”-ро ба фиребгар, яъне шахсе, ки молу колои хубро нишон дода, моли бадро мефурӯшад, нисбат дода медиҳад.

Убайд, ҳоҷат аз он дар талаб, ки раҳмати ӯ

Агар ***бибандад*** *як дар, ҳазор* ***бикшояд*** (219).

Мақоли “**як дари бастаю сад дари кушода**” ба маънии агар коре дар як ҷое буд нашавад, ба ҷойҳои дигар умед ҳаст, омадааст.

Ҷоҳил фарози маснаду олим буруни дар,

Ҷӯяд ба ҳила роҳу ба дармон намерасад (338).

Аз гирудори замона мехоҳад бигӯяд, ки ҷоҳилон дар мақому маснади баланду олимон хору зоранд. Яъне ҷоҳилро бо оқил ба ҳам муқобил кор фармудааст.

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,

Чӣ донӣ, ки фардо чӣ гардад замон?! (326).

Байти мазкур мафҳуми замониро ифода мекунад. Адиб мехоҳад бигӯяд, ки кори имрӯзаро ба фардо намон.

Як вижагии услубии мутазодҳо ин ҳангоми муқобил гузоштани ду ашё, аломату хусусият ва ё амаланд, ки дар матн бештар равшан ва барҷаста аён мегардад. Дар ин ҷо ба маънии чӣ будани марди ҳақиқиро дар кор, дар ҷанг месанҷанду марди танбалу коргурез баҳона меҷӯяду дар хона менишинанд.

Гар туро дар биҳишт бошад ҷой,

Дигарон дӯзах ихтиёр кунанд (337).

Муродифи зарбулмасали мазкур, ки дар шакли мутазод омадааст:

Гарам бо солеҳон бе дӯст фардо дар биҳишт оранд,

Ҳамон беҳтар, ки дар дӯзах кашандам бо гунаҳкорон (337).

Дар мисоли мазкур дар баробари он ки **солеҳ** ва **гунаҳгор** бо **биҳишт** ва **дӯзах** мутазод бошанд ҳам, ҷумлаҳо комилан ба ҳамдигар муқобилмаъноянд.

Л) вожаҳое, ки амалро ифода мекунанд: *хӯрдан – нӯшидан, мекишт – меруст, кард – накард, мешукуфад – пажмурда мешавад, гардад – нагардад, нишастан – парвоз кардан, бигӯ – магӯ, диҳам – намедиҳам, дида – нодида, мурдан – эҳё кардан...*

Ҳ.Талбакова дар мақолаи хеш (12) феълҳои муқобилмаъноро ба се гурӯҳ: луғавӣ, таркибӣ ва матнӣ ҷудо мекунад. Феълҳое, ки аз як решаанд ба воситаи пешванди инкории

на- (но-, ма-) дар сохтани мутазодҳо фаъоланд.

Ғуломбораеро гуфтанд: чун аст, ки рози дузду зинокор ниҳон монаду ту расво ***гардӣ****? Гуфт: касеро ки роз бо кӯдакон афтад, чун расво* ***нагардад****?* (416).

Шахсе Мавлоно Азудаддинро гуфт: аҳли хонаи ман нодида ба дуои ту машғуланд. Гуфт: ***Нодида*** *чаро? Шояд* ***дида*** *бошанд* (441).

Ӯ биандохт шак ***накард****. Мавлоно андохт шак* ***кард****. Гуфт: ту, бешак, даюсӣ, ман бошак [463*].

Агар Худо хостӣ, эшонро таом додӣ. Чун ӯ ***намедиҳад****, чаро мо* ***диҳем****?* (342).

Дар мисолҳои боло маълум гардид, ки ба туфайли пешванди **на-** вожаҳои *гардид – нагардид, (ме-) кард – накард, гардам – нагардам, рафт – нарафт, диҳам – надиҳам...* хусусияти зидмаъноӣ зоҳир кардаанд.

Иштироки пешванди **ме-** бо феълҳои муқобилмаъно низ ба назар расид.

Соқӣ зи булӯри ноб бар рӯйи замин

Мекишт *ақиқу луълуи тар* ***меруст*** (274).

Ҳар шаб, ки ба болини ман ояд, то рӯз

Месӯзад*у бар гиряи ман* ***механдад*** *(279).*

Дар осори адиб пешвандҳои **би-** бо **на-** (**ма-**) хусусияти зидмаъноӣ пайдо кардаанд: *бимир – намир, бигӯ – магӯ.* Онҳо бо асосҳои феъл омада шаклҳои дастурӣ месозанд ва маънои муқобил ва инкорро ифода мекунанд.

Зане бемор шуд, шӯйро мегуфт: Вой бар ту, ки агар ман ***бимирам*** *чӣ мекунӣ? Гуфт: Вой бар ман, агар ту* ***намирӣ*** *чӣ кунам?* (412).

Шахсе аз мавлоно Азуддин пусид, ки чун аст, ки дар замони хулафо мардум даъвои худоӣ ва пайғамбарӣ ***мекарданд****у акнун* ***намекунанд****?* (438).

Дар осори адиб мутазодҳои феълии таркибӣ низ ба назар расид: *хор кардан –хор шудан, фурӯ рафтан – бармеомад, бизанад – (навозад), бӯса диҳад, мурдан – эҳё кардан...*

Феълҳои таркибии **навозиш кардан** бо **бӯса додан** муродифанд, аммо бо феъли **задан** (кӯфтан, зарар расонидан) муқобилмаъно мебошанд.

Убайди Зоконӣ тавонистааст, ки дар муқобили як феъл (**задан**) силсилаи мутазоди он (**навозиш кардан** ва **бӯса додан**)-ро ба кор барад.

Ин масал бад-он монад, ки шахсе бандае аз они худро барои тарбият ***бизанад*** *ва бегона ӯро* ***навозад*** *ва* ***бӯса диҳад*** (341).

Ҳарчанд ки “як антоним бо силсилаи дигар антоним шуда меояд, маҳбус, бандӣ, дастгиршуда, асир, зиндонӣ – озод. Ин ҳолат ҳамон вақт рух медиҳад, ки мафҳумҳо бештар дорои хусусияти сифатӣ бошанд [12, с. 66], чунон чи мушоҳида мегардад, феълҳо низ метавонанд ин хусусиятро доро бошанд.

Дар осори Убайди Зоконӣ бо феълҳои номие во хӯрдан мумкин аст, ки бо иваз гардидани ҷузъи номиашон хусусияти муқобилмаъноӣ мегиранд.

Бо муғон ***бодаи*** *муғона* ***хӯрем****,*

То ба кай ***ғуссаи*** *замона* ***хӯрем****?!* (225).

Дар ин ҷо вожаи хӯрдан – **бода хӯрдан** бо **ғам хӯрдан** муқобили ҳам омадаанд.

Зар азиз офаридааст Худо,

Ҳар кӣ ***хор кард, хор бишуд*** (332).

Мавқеи вожаҳои муқобилмаъно дар забони адабиёти классикӣ, хусусан дар осори назмӣ хеле калон аст. Баъзан феъли сода бо феъли таркибӣ муқобил меояд:

Ҳар дам аз ғуссаи ҳиҷрони ту ***мемурд*** *Убайд,*

Боз уммеди висоли туаш ***эҳё мекард*** *(262).*

Шахсе бо дӯсте гуфт: панҷоҳ ман гандум доштам, то маро хабар шуд, ***мушон*** *тамом* ***хӯрда буданд****. Ӯ гуфт: ман низ панҷоҳ ман гандум доштам, то мушонро хабар шуд,* ***ман*** *тамом* ***хӯрда будам*** *(454).*

Дар мисоли овардашуда вожаҳои **шахс** ва **муш** муқобили ҳамдигар меистанд ва феъли таркибии хӯрда будан иҷроиши амалро ифода мекунад.

Қазвиние дар канори наҳре ресмоне пургирех дар даст дошту ба об ***фурӯ мерафт*** *ва*

чун ***бармеомад*** *гиреҳе мекушуд, боз ба об фурӯ мешуд* (484).

Ҳамин тавр, дар осои Убайди Зоконӣ мутазодҳои феълӣ фаровон ба назар мерасад. Аз рӯйи мушоҳидаи мо феълҳои аз ҷиҳати маънои луғавӣ гуногун (антонимҳои лексикии феълӣ – қавли Ҳ.Талбакова [12, саҳ. 60] ва феълҳое, ки аз як реша иборатанду пешванди инкории на- мегиранд ва нисбат ба феълҳои муқобилмаънои матнӣ бештар ба назар расид.

М) вожаҳои мутазодии услубию матнӣ. *хидмат – ҷанг, Исо – Мӯсо, дар гаҳвора сухан гуфтан – дар чиҳилсолагӣ сухан гуфтан, ҳазм кардан – ҳазмшуда хӯрдан, серӯза – панҷрӯза, хидмат – ҷанг...*

Дар омӯзиши антонимҳо чизи аз ҳама муҳим ва асосӣ дуруст фаҳмидани мафҳуми зиддият аст [8, саҳ.20].

Дар баъзе дастурҳои таълимӣ ҳамчун навъи ҷудогонаи мутазодҳои луғавӣ чунин калимаҳое оварда шудаанд, ки дар ин ё он матн, ё навиштаи адиби ҷудогона хосияти зидмаъноӣ гирифтаанд. Чунин калимаҳо, одатан, берун аз доираи он матнҳо бо ҳам муносибати антонимӣ надоранд ва онро зоҳир карда ҳам наметавонанд. Масалан, ҷуфтҳои гул – санг, чашм – дил, шер – гурба дар зери қалами нависанда дар мавридҳои муайян маъноҳои ба ҳам зидро ифода карда метавонанд, вале онҳо зидмаъноии лаҳзавии нутқанд, на системаи маъноии забон [5, с.84].

Дар матни асари бадеӣ вожаҳо бо тобиши нозуку бадеиашон бо ҳам наздик шуда, муқобили ҳамдигар меистанд. Онҳоро мутазодҳои матнӣ номидан ба мақсад мувофиқ аст. Ин навъи мутазодҳо дар осори Убайди Зоконӣ фаровон истифода гардидаанд, ба монанди *тоҷдор – гадо, сурх – сиёҳ,*

Гаронҷоне ба дидани беморе шуду даранги бисёр кард. Бемор гуфт: чандон ки мардум ба дидани ман оянд озурда шавам. Гаронҷон гуфт: хоҳӣ, ки бархезаму дар бибандам? Гуфт: оре, вале аз берун (419).

Дар мисоли овардашуда чунин мушоҳида мешавад, ки бемор аз дидори гаронҷон хуш несту ӯро дидан намехоҳад ва пӯшонидани дар аз берун ба маънои муқобил ва бо тобиши бадеӣ – муассир ифода кардани фикр аён мегардад.

Марде зане бигрифт, ба рӯзи панҷум фарзанде бизод. Мард ба бозор шуд ва лавҳу давоте бихарид. Ӯро гуфтанд: ин аз баҳри чӣ харидӣ? Гуфт: тифлеро, ки ***панҷрӯза*** *зоянд,* ***серӯза*** *мактабӣ шавад (422).*

Бояд тазаккур дод, ки шарти асосии тазодшавӣ ин маънои вожаҳои ба ҳам муқобил мебошад.

Ё биё пойтахт дар ***хидмат****,*

Ё ки омода бош ***ҷангоно***» (362).

Албатта, вожаҳои **хидмат** ва **ҷанг** дар алоҳидагӣ ба ҳам наметавонанд муқобил бошанд, аммо адиб тавонистааст, ки аз ин вожаҳо хусусияти муқобилмаъноӣ пайдо намояд.

Исо дар гаҳвора сухан мегуфт*, аммо* ***Мӯсо дар чиҳилсолагӣ*** *мегуфт: Худоё, гиреҳ аз забонам бикушой, то суханамро дарёбанд* (410).

Дар ҳикояти овардашуда вожаҳои **Исо** бо **Мӯсо**, **дар гаҳвора сухан гуфтан** бо **дар чиҳилсолагӣ сухан гуфтан** ба ҳам муқобил омадаанд.

Ҳокими Нишопур Шамсиддин табибро гуфт: ман ***ҳазми таом*** *наметавонам* ***кард****, тадбир чӣ бошад? Гуфт:* ***ҳазмшуда*** *бихӯр* (457).

Вожаи **ҳазм** дар мисоли мазкур ба тариқи танз ва ба маъноҳои муқобил кор фармуда шудааст. Ҷойи он ки шахс таомро хӯрда ҳазм кунад, ҳазмшуда (ахлот)-ро истеъмол кардан ба ҳам мутазод аст ва бо муқобил гузоштани ду амал мақсади адиб барҷастатар аён гардидааст.

Дар осори Убайди Зоконӣ мутазодҳо зиёд истифода шудаанд, ки тарзи ифодаи адибро равону салис намуда, ба осор обуранги бадеӣ бахшидаанд.

Як қисми онҳо берун аз матн ҳам муносибати мутазодии хешро нигоҳ медоранд: дӯст – душман, рост – дурӯғ, пир – ҷавон ...

Як гурӯҳи бештари мутазодҳои осори Убайди Зокониро дар забони адабии муосир низ дидан мумкин аст, ки дар осори адибони муосир ба назар мерасад. Онҳо оммафаҳм, серистеъмол ва бештар вожаҳои аслӣ мебошанд. Вожаҳои зидмаъно хеле серистеъмоланд.

Ҷуфтҳои *рӯзу шаб, баду нек, неку бад, пиру ҷавон* ҳоло ҳам дар забонамон васеъ ба кор бурда мешаванд. Ба монанди *шаб – рӯз, рост – чап, рост – дурӯғ, гарм – сард, боло – поин, боло – зер, асал – заҳр, ҷавон – пир, масҷид – калисо, зинда – мурда, болохона – зерхона, ҳушёр – маст, нар – мода, имрӯз – фардо ...*

Ҳамчунин, маълум гардид, ки дар осори адиб на танҳо вожаҳои алоҳида, балки ибораҳо ва баъзан ҷумлаҳо низ ба таври муқобил кор фармуда мешаванд.

Дар осори Убайди Зоконӣ кор фармудани мутазодҳои ҷуфтистеъмол бештар ба назар расид. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи эҷоди адиб дар истеъмоли мутазодҳо ба тариқи силсиланок ва такрор ифода ёфтани онҳост: *дӯсту душман, хешу бегона, дуру наздик, ғаму шодӣ, пешу пас, хубию зиштӣ, некиву бадӣ, ҳушёрӣ – мастӣ...*

Бо баъзе мутазодҳо дучор омадан мумкин аст, ки як ҷузъашон ба воситаи пешвандҳо (на-, ма-, бе-, ме-) ва пасванди -ӣ меоянд. Онҳои дар калимасозии забони адабии муосир низ фаъоланд. Аз қабили, *ақл – беақл, рав – нарав, кард – накард, пирӣ – ҷавон, ғаму шодӣ, муфлис - тавонгар...*

Ҳарчанд ки дар осори Убайди Зоконӣ мутазодҳое, ки баромадашон арабӣ зиёданд, як қисми онҳо дар забони адабии муосир камистеъмол ва ё аз истеъмол баромадаанд. Ба монанди *мансух – мухтор, ло набия – ло набията, алассалот – алазакот, мазаррат – мадҳ...*

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки моҳияти ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳо, ҳолат, амалиёт ҳангоми муқобил гузоштани ду ашё, ду аломат, ду амалу ҳолат равшан ва барҷаста аён мегардад. Убайди Зоконӣ мутазодҳоро ҳамчун воситаи муҳимми баёни образноки сухан, ҳамчун воситаи муқобилгузорию қиёсгирии мафҳумҳо фаровон ва моҳирона истифода бурдааст.

Адабиёт

1. Ғаффоров, Р. Антонимҳо ва вазифаи услубии онҳо / Р.Ғаффоров // Мактаби советӣ, 1990. – №7. - С.16-18.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. –Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
3. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ/ Т.Зеҳнӣ. – Сталинобод: Нашдавтоҷ, 1960. - 260 с.
4. Исматуллоҳ, Ш. Дафтари ишқ (Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ)/ Ш.Исматуллоҳ. – Душанбе: Ирфон, 2007. -144 с.
5. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик/ Ҳ. Маҷидов. –Душанбе: Деваштич, 2007. -244 с.
6. Муҳаммадиев, М. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик/ М.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1968. – 64 с.
7. Муҳаммадиев, М. ва диг. Лексикаи забони адабии тоҷик (Дастури таълимӣ)/ М. Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова, Ю. Нурмаҳмадов. -Душанбе, 1997. -192 с.
8. Навиков, Л.А. Антонимия в русском языке/Л.А.Навиков. – М., 1973. – 290 с.
9. Насруллоев, М. Иқтибосоти арабӣ дар осори мансури Убайди Зоконӣ/ М.Насруллоев. –Душанбе: Ирфон, 2012. -160 с.
10. Реформатский, А. А. Введение в языкознание/ А.А.Реформатский. – М.: Просвещение, 1995.-268 с.
11. Сабзаев, С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар/ С.М.Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. - 80 с.
12. Талбакова, Ҳ. Антонимҳои феъл дар забони тоҷикӣ/ Ҳ.Талбакова // Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1999. – С. 59-67.
13. Талбакова, Ҳ. Антонимҳои номӣ яке аз воситаҳои муҳимми забони тасвир/ Ҳ.Талбакова. – Душанбе, 2010. -92 с.
14. Шокиров, Т. Адиб, забон ва услуб/ Т. Шокиров. –Душанбе: Адиб, 2001. -175 с.
15. Убайди Зоконӣ. Куллиёт. –Теҳрон: Заввор, 1384.- 548 с.

МУТАЗОДҲО ВА ВИЖАГИҲОИ ОНҲО ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Мусаллам аст, ки пайдоиши вожаҳои мутазодӣ дар забон падидаи табиист, зеро дар табиату ичтимоъ тамоми ашё ва рӯйдодҳои ҷаҳони воқеӣ ду тараф доранд, ки дар муқобили ҳамдигар меистанд. Мутазодҳо дар осори бадеӣ чун воситаи муҳимми ифоданокии сухан корбаст мешаванд. Вожаҳои муқобилмаъно дар осори классикон, аз ҷумла, Убайди Зоконӣ як воситаи муҳимми тасвир ба шумор мераванд.

Дар осори Убайди Зоконӣ мутазодҳо зиёданд. Онҳо берун аз матн ҳам муносибати мутазодии хешро нигоҳ медоранд: *дӯст – душман, рост – дурӯғ, пир – ҷавон ...*

Як гурӯҳи мутазодҳои осори Убайди Зоконї дар осори адибони муосир ба назар мерасад. Онҳо оммафаҳм, серистеъмол ва бештар вожаҳои аслӣ мебошанд. Ба монанди *шаб – рӯз, рост – чап, гарм – сард, боло – зер, асал – заҳр, ҷавон – пир, масҷид – калисо, зинда – мурда, болохона – зерхона, ҳушёр – маст, нар – мода ...*

Ҳамчунин, маълум гардид, ки дар осори адиб на танҳо вожаҳои алоҳида, балки ибораҳо ва баъзан ҷумлаҳо низ ба таври муқобил кор фармуда мешаванд.

Дар осори Убайди Зоконӣ кор фармудани мутазодҳои ҷуфтистеъмол бештар ба назар расид. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи эҷоди адиб дар истеъмоли мутазодҳо ба тариқи силсиланок ва такрор ифода ёфтани онҳост: *дӯсту душман, хешу бегона, дуру наздик, ғаму шодӣ, пешу пас, хубию зиштӣ, некиву бадӣ, ҳушёрӣ – мастӣ...*

Бо баъзе мутазодҳо дучор омадан мумкин аст, ки як ҷузъашон ба воситаи пешвандҳо (на-, ма-, бе-, ме-) ва пасвандҳо (-ӣ, -гар) меоянд. Онҳо дар калимасозии забони адабии муосир низ фаъоланд. Аз қабили, *ақл – беақл, рав – нарав, кард – накард, ғаму шодӣ, муфлис - тавонгар...*

Ҳарчанд ки дар осори Убайди Зоконӣ мутазодҳое, ки баромадашон арабӣ зиёданд, як қисми онҳо дар забони адабии муосир камистеъмол ва ё аз истеъмол баромадаанд. Ба монанди *мансух – мухтор, ло набия – ло набията, алассалот – алазакот, мазаррат – мадҳ...*

Ҳамин тавр, Убайди Зоконӣ мутазодҳоро ҳамчун воситаи муҳимми баёни образноки сухан, ҳамчун воситаи муқобилгузорию қиёсгирии мафҳумҳо фаровон ва моҳирона истифода бурдааст.

Калидвожаҳо: *Убайди Зоконӣ, осор, забон, мутазод, дӯст – душман, рост – дурӯғ, шаб – рӯз, рост – чап, гарм – сард, боло – зер, дӯсту душман, хешу бегона, ақл – беақл, рав – нарав, муфлис – тавонгар.*

АНТОНИМЫ И ИХ ОСОБЕННОСТИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УБАЙДА ЗОКОНИ

Безусловно, что появление антонимичных слов в языке — явление закономерное, так как в природе и обществе все предметы и события реального мира имеют две противостоящие друг другу стороны. Антонимы используются в произведениях искусства как важное средство выразительности. Антонимы в произведениях классиков, в том числе Убайда Закони, являются важным средством изображения.

В произведениях Убайда Зокони много антонимов. Они сохраняют свои антонимические отношения даже вне текста: *друг-враг, правда-ложь, старый-молодой...*

Группу антонимов произведений Убайда Зокони можно встретить в произведениях современных писателей. Их легко понять, они широко используются и в основном являются буквальными словами. Как *ночь-день, направо-налево, горячее-холодное, вверх-вниз, мед-яд, молодое-старое, мечеть-церковь, живое-мертвое, наверху-подвал, трезвый-пьяный, мужчина-женщина ...*

Выяснилось также, что не только отдельные слова, но и словосочетания, а иногда и предложения употребляются в произведениях писателя противоположным образом.

В произведениях Убайда Зокони стало более заметным использование антонимов двойного употребления. Одной из выдающихся особенностей творчества писателя является использование антонимов в последовательном и многократном порядке: *друг и враг, родственник и чужой, далекий и близкий, печаль и радость, вперед и назад, хороший и плохой, трезвость и пьянство...*

Можно встретить несколько антонимов, один из которых идет через префиксы (на-, ма-, бе-, ме-) и суффиксы (-и, -гар). Они также активно формулируют современный литературный язык. Например, *умный - глупый, пошел - не пошел, сделал - не сделал, грустный и счастливый.*

Хотя в произведениях Убайда Зокони много антонимов с арабским произношением, некоторые из них малоупотребительны или вышли из употребления в современном

литературном языке. Такие как *мансух - мухтар, ло набия - ло набията, алассалат - алазакот, мазаррат – мадх...*

Таким образом, Убайд Зокони обильно и умело использовал антонимы как важное средство образной выразительности, как средство противопоставления и сопоставления понятий.

Ключевые слова: *Убайд Зокони , произведение, язык, антоним, друг - враг, право - ложь, ночь - день, право - лево, горячо - холодно, верх - низ, друг и враг, родной и чужой, умный – глупый..*

ANTONYMS AND THEIR FEATURES IN THE WORKS OF UBAYD ZOKONI

Of course, the appearance of antonyms in the language is not accidental. The appearance of antonymous words in a language is a natural phenomenon, since in nature and society all objects and events of the real world have two opposing sides. Antonyms are used in works of art as an important means of expression. Antonyms in the works of the classics, including Ubaid Zokoni, are an important means of depiction.

There are many antonyms in the works of Ubayd Zokoni. They retain their antonymic relationship even outside the text: *friend-foe, truth-falsehood, old-young...*

A group of antonyms of the works of Ubaid Zokoni can be found in the works of modern writers. They are easy to understand, widely used, and mostly literal words. Like *night-day, right-left, hot-cold, up-down, honey-poison, young-old, mosque-church, living-dead, top-basement, sober-drunk, man-woman...*

It also turned out that not only individual words, but also phrases, and sometimes even sentences, are used in the writer's works in the opposite way.

In the works of Ubayd Zokoni, the use of double usage antonyms became more prominent. One of the outstanding features of the writer's work is the use of antonyms in a consistent and repeated order: *friend and foe, relative and stranger, far and near, sadness and joy, forward and backward, good and bad, good and bad, sobriety. and drunkenness...*

You can meet several antonyms, one of which goes through the prefixes (na-, ma-, be-, me-) and the suffixs (-i, -gar). They also actively formulate the modern literary language. For example, *smart - stupid, went - did not go, did - did not, sad and happy, bankrupt - powerful ...*

Although there are many antonyms with Arabic pronunciation in the works of Ubayd Zokoni, some of them are little used or have fallen out of use in the modern literary language. Such as *mansukh - mukhtar, lo nabiya - lo nabiyata, alassalat - alazakot, mazarrat - madh...*

So, Ubayd Zakoni abundantly and skillfully used antonyms as an important means of figurative expression, as a means of opposing and comparing concepts.

Keywords: *Ubayd Zokoni, works, language, antonym, friend - enemy, right - lie, night - day, right - left, hot - cold, top - bottom, friend and enemy, native and alien, mind - stupid, go - do not go, bankrupt - powerful.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Насруллоев М.Н.*** *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дотсент, докторанти кафедраи забони тоҷикӣ. Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: (+992) 93-405-52-55. E-mail: nasrullohzoda@gmail.com*

Сведения об авторе: Насруллоев М.Н. *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода, доцент, докторант кафедры таджикского языка. Адресс: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Телефон: (+992) 93-405-52-55. E-mail: nasrullohzoda@gmail.com.*

Information about the author: Nasrulloev M.N. *– candidate of Philology, associate Professor of the Department of Tajik language of the Tajik Institute of language after Sotim Ulughzoda. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734019. E-mail: nasrullohzoda@gmail.com. Phone number: (+992)93-405-52-55.*

УДК 808.2-1+81.37

СТРУКТУРА И КЛАССИФИКАЦИЯ ТЕРМИНОЛОГИИ ТУРИЗМА В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Сохибова Азиза Нуруллоевна

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Многие элементы языка не могут идти в сравнение с терминологией. Это позволяет связать проблему структуры термина с его содержательной структурой. Термин (от лат. terminus 'предел, границ).

1. В формальной логике - понятие, выраженное словом (филос).

2. Слово, являющееся названием строго определенного понятия // специальное слово и выражение, принятое для обозначения чего-нибудь в той или иной среде. Толковый словарь русского языка [4, с. 689].

В данной статье приведены результаты исследования однокомпонентных и многокомпонентных терминологий в сфере туризма в таджикском, русском и английском языках.

В таджикском языке при выборке выявлено всего 109 однокомпонентных терминов, 198 двухкомпонентных терминов, 54 трехкомпонентных терминов, 9 - четырёхкомпонентных терминов, 4 - пятикомпонентных терминов, 1 - шестикомпонентный термин, 1 - семикомпонентный термин. Из этого количества терминов однокомпонентная терминология составляют 29.78%. В русском языке всего 178 однокомпонентных терминов, которые составляют 25.5 %, а в английском языке - 501 термин, то есть 51.4%.

Многокомпонентные терминологии разделяются на несколько групп:

а) двухкомпонентные; б) трехкомпонентные; в) четырехкомпонентные;

г) пятикомпонентные; д) шестикомпонентные; е) семикомпонентные.

Пятикомпонентные, шестикомпонентные и семикомпонентные терминологии отсутствуют в русском и английском языках, но во время выборки они выявлены в таджикском языке, например: федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон ва нависандагон оид ба сайёҳӣ (ФИЖЕТ), этикети хизмати кормандони фаъолияти хизматрасонӣ, этикаи касбию хизматии фаъолияти хизматрасонӣ. Термин «шаҳодатномаи сифат» ва «бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», «мавод» ва «маснуот» относится к семикомпонентной группе. Двухкомпонентная терминология, в которой два компонента связаны между собой грамматически, например: аниматсияи туристӣ, бастаи сайёҳӣ, или в русском языке чартерный авиарейс, ручная кладь, туристская деревня, курортный фонд, тематический парк, или в английском языке, например: hall porter, hospitality industry, conference room, wine waiter, menu card, shoulder season, tourism resources

Примеры трехкомпонентной терминологии в русском языке: поставщик туристских услуг, тур выходного дня, конъюнктура туристского рынка, загрузка номерного фонда, а в таджикском языке: воситаҳои ҷойгиршавии сайёҳон, идоракунии сифати хизматрасонӣ, захираҳои рекреатсиявии табиӣ, дараҷаи хизматҳои пешниҳодшаванда, квотаи асъории сайёҳӣ

В английском языке: supplementary tourist accommodation, daily room rate, same day visitor.

Четырехкомпонентная терминология в таджикском языке: системаи дараҷабандии мумайизо (экспертҳо)-и озод, таъминоти барномавии афзорҳои барномарезӣ, в русском языке - коэффициент использования гостиничного фонда, в английском языке: off-airport car rental firm, on- airport car rental firm.

Пятикомпонентные терминологии в таджикском языке - этикети хизматии кормандони фаъолияти хизматрасонӣ, этикаи касбию хизматии фаъолияти хизматрасонӣ.

Шестикомпонентные терминологии в русском и английском языках отсуствуют. При выборке в таджикском языке выявлен один шестикомпонентный термин: асотсиатсияи

сайёҳии кишварҳои Осиё ва Океани Ором. В таблице 1 приведено процентное соотношение компонентов туристических терминов.

Таблица 1 - Процентное соотношение компонентов туристских терминов в таджикском, русском и английском языках.

		Таджикский язык		**Русский Язык**		**Английский язык**	
№	Терминологии	Количество терминов	**%-от общей выборки**	Количество Терминов	**%-от общей выборки**	Количество терминов	**%-от общей выборки**
1	Однокомпонентный	**108**	**29.78**	**178**	**25.5%**	**501**	**51.4%**
2	Двухкомпонентный	**198**	**51.3**	**468**	**66.9%**	**405**	**41.5%**
3	Трехкомпонентный	**54**	**14.7**	**53**	**7.5%**	**67**	**6.8%**
4	Четырехкомпонентный	**9**	**2.45**	**1**	**0.1%**	**3**	**0.3%**
5	Пятикомпонентный	**4**	**1.09**	**-**	**-**	**-**	**-**
6	Шестикомпонентный	**1**	**0.27**	**-**	**-**	**-**	**-**
7	Семикомпонентный	**1**	**0.27**	**-**	**-**	**-**	**-**
8	Итог:	**375**	**100%**	**700**	**100%**	**978**	**100%**

Таблица 2 - Структурные модели многокомпонентных терминов таджикской, русской и английской терминосистемы «туризм»

		Таджикский язык			Русский язык			Английский язык		
№	Терминологическое словосочетание	Модель	Всего, ед.	Всего, %	Модель	Всего,ед.	Всего, %	Модель	Всего, ед.	Всего, %
1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11
	Двухкомпонентный	**Прил+ Сущ**	**155**	**82,3%**	**Прил+ Сущ**	**308**	**81,4%**	сущ+ сущ	430	67,6%
		Сущ+ Сущ	**54**	**13,8%**	**Сущ + Сущ**	**59**	**15,5%**	прил+ сущ	187	29,5%
		Сущ+ прил + Сущ	**14**	**3,9%**	**Сущ+ прил + Сущ**	**12**	**3,1%**	сущ+ глагол + сущ	19	2,9%
	Итог:		**378**	**100%**		**379**	**100%**		636	100%
2	Трехкомпонентный	**Сущ+ сущ+ сущ**	**18**	**33.3%**	**Сущ+ прил + Сущ**	**10**	**32.2%**	Прил+ сущ+ сущ	14	36,8%
		Сущ+ прил+ сущ	**10**	**18.5%**	**Сущ+ прил + прил+с сущ**	**8**	**25.8%**	Сущ+ сущ + сущ	12	31.5%

		Сущ+ прил+ прил	**17**	**31.4%**	**Сущ+ сущ + сущ**	**4**	**12.9%**	сущ+ глагол +сущ+ сущ	5	13,1%
		Глаг+ сущ+ сущ	**4**	**7.4%**	Сущ+ предл + сущ + Сущ	2	6.4%	с у щ + п р и л + с у щ	2	5,2%
		Сущ+ прил+ глаг.	**5**	**9.4%**	Прил+ Прил + Сущ	2	6.5%	Другие	5	16,2%
					Другие	5	16,2%			
	Итог:		**54**	**100%**		31	100%		38	100%
3	Четырехкомпонентный	**Сущ+ сущ+ сущ+ сущ**	**2**	**22.2%**	Сущ+ сущ + сущ+ сущ	1	100%	с у щ + с у щ + с у щ + с у щ	2	100%
		Сущ+ прил+ сущ+ сущ	**7**	**77.8%**	-	-	-	-	-	-
	Итог:		**9**	**100%**	-	-	-	-	-	-
4	Пятикомпонентный	**Сущ+ прил+ сущ+ сущ+ прил**	**4**	**100%**	-	-	-	-	-	-
5	Шестикомпонентный	**Сущ+ сущ+ сущ+ сущ+ сущ+ прил**	**1**	**100%**	-	-	-	-	-	-
6	Семикомпонентный	**Сущ+ сущ+ сущ+ сущ+ сущ+ сущ+ сущ**	**1**	**100%**	-	-	-	-	-	-

Структурные модели терминологии туризма таджикского языка:

Двухкомпонентный

Существительное+существительное- арзиши истеъмол, аниматсияи мехмонхона и др.

Существительное+прилагательное-аниматсияи туристи, аниматсияи рекреатсиони и др.

Существительное+числительное - дараҷаи якум

Существительное+глагол - интернет-трейдинг и др.

Трёхкомпонентный

Существительное+существительное+существительное - воситаҳои ҷойгиршавии сайёҳон, дараҷаи хизматҳои пешниҳодшаванда и др.

Существительное+прилагательное+существительное - базаи моддии сайёҳӣ, маҳсулоти хӯроки парҳезӣ и др.

Существительное+прилагательное+прилагательное - боғи миллӣ, табиӣ, захираҳои рекреатсиявии табиӣ, машғулиятҳои рекреатсиявию варзишӣ и др.

Существительное+прилагательное+глагол- саёҳати маишӣ- гастрономӣ, саёҳати тандурустӣ - табобатӣ и др.

Четырёхкомпонентный

Существительное+существительное+существительное+существительное - банақшагирии рӯзмарра дар низоми иттилоотӣ, таъминоти барномавии афзорҳои барномарезӣ.

Существительное+прилагательное+существительное+прилагательное - бюрои байналмилалии сайёҳии ичтимоӣ, системаи дараҷабандии мумайизо (экспертҳо)-и озод. и др.

Структурные модели терминологии туризма русского языка:

двухкомпонентные

Прилагательное+существительное - чартерный авиарейс, ручная кладь, туристская деревня, курортный фонд, тематический парк и др.

Существительное+существительное - дом отдыха, аннуляция тура, повышение класса, индустрия гостеприимства и др.

трехкомпонентные

Существительное+прилагательное+существительное - поставщик туристских услуг, тур выходного дня, загрузка номерного фонда и др.

Существительное + прилагательное + прилагательное + существительное - **доплата за одноместное размещение, расходы на выездной туризм.**

Существительное+существительное+существительное - **время высвобождения номера, коэффициент загрузки транспорта.**

Сущ+предл+сущ+сущ-**тур в сопровождении гида, тур на место катастрофы, заявка на получение визы.**

прил+прил+сущ - **американский модифицированный план, въездной туристский поток.**

Четырехкомпонентный

Существительное+существительное+существительное+существительное- **коэффициент использования гостиничного фонда.**

Структурные модели терминологии туризма английского языка:

Двухкомпонентные

существительное+существительное - **h**all porter, hospitality industry, conference room, wine waiter, menu card, shoulder season, tourism resources.

существительное +прилагательное-Adjoining rooms, independent hotel, happy hour, ethnic restaurant, French service, domestic traveler.

существительное + глагол +существительное - bed and brealtfast, arrival without notice, heads in beds, length of stay, demandfor tourism, date of departure.

Трехкомпонентные

прилагательное + существительное+существительное - supplementary tourist accommodation, daily room rate, same day visitor.

существительное+существительное+существительное-passenger facility charge, country house hotel.

существительное+глагол +существительное+существительное- food and beverage facilities, hub and spoke tour.

существительное+прилагательное+существительное - tourism generating areas, group inclusive tour, horse riding tour.

Четырехкомпонентные

существительное+существительное+существительное+существительное - off-airport car rental firm, on- airport car rental firm.

Вывод: Согласно таблицы 1 и 2, самым многообъёмным компонентом является двухкомпонентная терминология в таджикском языке - это 198 терминов, которые составляют 51.3 % от общего объёма, в русском языке 378 двухкомпонентных терминов, составляющие 54% от общего объёма, в английском языке 635 двухкомпонентных терминов, которые составляют 65.07% от общего объёма. Большинство многокомпонентных терминов составляют модели существительное+прилагательное, например, культурный туризм в данном словосочетании **культурный** является прилагательным, в терминологии **спортивный туризм** слово **спортивный** является прилагательным, а **туризм** существительным.

В трехкомпонентных группах можно заметить очень много таких моделей: сущ+прил+сущ или сущ+прил+прил.

К низкому проценту относятся четырехкомпонентные, пятикомпонентные, шестикомпонентные и семикомпонентные группы. Они составляют менее 14% от общего количества.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдалимов, А., Кодирова М.И. Менеҷменти туризм. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 189 с.
2. Азимова, М.А. Кодирова М.И. Азизова М.З. Ташкили хизматрасонӣ. – Душанбе, 2014.
3. Квартальнов, В.А. Туризм. – М.: Финансы и статистика, 2006.
4. Кодиров, Ф.С. Саёҳатшиносӣ. - Душанбе: Истеъдод, 2010. – 135 с.
5. Кодиров, Ф.С.Захираҳои туристӣ: Ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012.
6. Советский энциклопедический словарь / Гл.ред. А.М.Прохоров 2-е изд.. – М., 1983. – 1600 с.
7. Спутник туриста / А.В.Бирковь И.Я.Брауде, Б.Е.Владимирский и др.; сост. К.И.Вахлис.-2-е изд., перераб. и доп.- Киев: Здоровье, 1991. -360 с.
8. Толковый словарь туристических терминов: Туризм. Туристская индустрия. Турбизнес/ Авт.-сост. И.В.Зорин, В.А. Квартальнов.- М.:Афины: INFOGROUP, 1994.
9. Шарапов, Д.С., Кодирова А.Н., Гадоев А.Ф. // Технологияи иттилоотӣ дар туризм. Душанбе, 2014
10. Энциклопедия туриста / Ред. кол.: В.И. Талим (гл.ред.), А.Х. Абухов, Ю.Н. Александров и др. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2006. – 607 с.

СТРУКТУРА И КЛАССИФИКАЦИЯ ТЕРМИНОЛОГИИ ТУРИЗМА В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Туризм по своему развитию в сфере экономики приближается к таким отраслям как автомобильной и нефтяной промышленности. Влияние туризма на определённые сферы экономики становится важным и приводит к значительному экономическому развитию целых районов. Туризм даёт определённое взаимодействие социокультурного контакта людей и целых народов. Значение туризма в сфере экономики страны обусловливает к

изучению терминов, использующихся в этой сфере. Терминология в сфере туризма в таджикском языке находится на стадии формирования. Становление соответствующих специальных номинаций (терминов) способствуют улучшению организации турпотоков в Республике. В данной статье приведен анализ терминологии туризма в таджикском, русском и английском языках. Проведена выборка туристских терминов в зависимости от составляющих компонентов. Определено количество однокомпонентных и многокомпонентных туристических терминов в таджикском, русском и английском языках. В рассмотренных туристских терминах таджикского языка в основном преобладают имена существительные и прилагательные, как и в русском языке, так и в английском языке. Изучена грамматическая структура слов в сфере терминологии туризма. Результаты анализа статьи приведены в виде таблицы 1 и 2 - процентное соотношение компонентов и структурные модели многокомпонентных туристских терминов в таджикском, русском и английском языках.

Ключевые слова: *туризм, терминология, однокомпонентный, многокомпонентный, структурные модели, имя существительное, имя прилагательное, таджикский язык, русский язык, английский язык.*

СОХТОР ВА ТАСНИФИ ИСТИЛОҲОТИ САЙЁҲӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Туризм дар раванди тараққиёти худ ба дигар соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла саноати автомобилсозӣ ва саноати нафт наздик мешавад. Таъсири туризм ба соҳаҳои алоҳидаи ҳаёт аҳамияти хоса дорад. Ин боиси пешрафти назарраси иқтисодии аксари минтақаҳо мегардад, инчунин, робитаи иҷтимоию фарҳангии ҷамъият ва миллатҳоро тавсеа мебахшад. Аҳамияти хосаи туризм дар соҳаи иқтисодиёти кишвар боиси омӯзиши истилоҳоти дар ин соҳа истифодашаванда мегардад. Истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ дар забони тоҷикӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Омӯзиш ва ташаккули истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ барои беҳтар шудани ташкили хатсайри сайёҳон дар ҳудуди ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Дар ин мақола истилоҳоти марбути соҳаи сайёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Шумораи истифодабарии истилоҳоти яккомпонента ва бисёркомпонента ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, ки дар бахши сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, муайян карда шудааст. Дар истилоҳоти баррасишудаи сайёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, асосан, исму сифатҳо бартарӣ доранд. Сохти грамматикии истилоҳоти марбути соҳаи сайёҳӣ таҳлил карда шудааст. Натиҷаҳои таҳлил дар шакли ҷадвалҳои 1 ва 2 - таносуби фоизии компонентҳо ва моделҳои сохтории истилоҳоти бисёркомпонентаи марбути соҳаи сайёҳӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: *сайёҳӣ, истилоҳот, бисёркомпонента, яккомпонента, моделҳои сохторӣ, исм, сифат, забони тоҷикӣ, забони русӣ, забони англисӣ.*

STRUCTURE AND CLASSIFICATION OF TOURISM TERMINOLOGY IN TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES

Tourism in its development in the economic sphere is approaching such industries as the automotive and oil industries. The influence of tourism on certain areas of life is becoming more important, which leads to significant economic development of entire regions, and also gives a certain interaction of the socio-cultural contact of people and entire nations. The importance of tourism in the sphere of the country's economy leads to the study of the terms used in this area. Terminology in the field of tourism in the Tajik language is in the process of formation. The formation of the relevant special nominations (terms) contribute to the improvement of the organization of tourist flows in the Republic. This article analyzes the terminology in Tajik, Russian and English in the field of tourism. The number of single-component and multi-component terms in Tajik, Russian and English languages used in the tourism sector of the Republic of Tajikistan has

been determined. In the considered tourist terms of the Tajik language, nouns and adjectives mainly prevail, both in Russian and in English. The grammatical structure of words in the field of tourism terminology has been studied. The results of the analysis of the article are given in the form of tables 1 and 2 - the percentage of components and structural models of multi-component terms of tourist terms in Tajik, Russian and English.

Keywords: tourism, terminology, one-component, multi-component, structural models, Tajik language, Russian language, English language

Маълумот дар бораи муаллиф: Соҳибова Азиза Нуруллоевна *- Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳо. Нишонӣ: шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел.: .: (992) 501910881. E-mail: sohibova96@mail.ru*

Сведение об авторе: Сохибова Азиза Нуруллоевна *- Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры языков Адрес: г. Душанбе, 734055, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Тел.: (992) 501910881. E-mail: sohibova96@mail.ru*

Information about the author: Sohibova Aziza Nurulloevna *- International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant of the Department of Languages Address: Dushanbe, 734055, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. Phone: (992) 501910881. E-mail: sohibova96@mail.ru*

УДК: 802.0: 809.155.0

СРЕДСТВА ПЕРЕДАЧИ РУССКИХ ГЛАГОЛОВ СОВЕРШЕННОГО И НЕСОВЕРШЕННОГО ВИДА С ПРИСТАВКОЙ «ОТ» В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ (НА МАТЕРИАЛЕ РОМАНА М. ГОРЬКОГО «МАТЬ»)

Турсунов Ф.М., Сабирова Ф. С.

Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода

В русском языке при классификации слов по частям речи важная роль отводится морфологическим показателям (признакам), а в таджикском языке главным образом учитываются лексико–семантическое значение слова, определенные словообразовательные морфемы, а также синтаксические функции слов в словосочетаниях и предложениях.

Как известно, русский язык принадлежит по своему грамматическому строю к языкам синтетического типа, исходя из этого, в глагольном словообразовании широко представлены суффиксальные, префиксальные, постфиксальные, префиксально-суффиксальные, способы словообразования [1, с. 26.].

Целью настоящей статьи является анализ средства передачи русских глаголов совершенного и несовершенного вида с приставкой «от» в таджикском языке. Для анализа примеров используются тексты оригинала и перевода романа М. Горького «Мать».

Традиционное разделение всех приставок в глаголах на две группы – чистовидовые и смешанные, лексико-грамматические, оказывается неточным, если учесть следующее:

1. В русском языке все без исключения приставки могут менять реальное значение глагола, поскольку нет особых префиксов, используемых только для видообразования.
2. Все префиксы многозначны в системе языка и по-разному активны при соединении с разными основами.
3. Существует большая группа префиксов, вообще не участвующих в образовании видовых форм глагола, они выступают только в словообразующей функции (*в-, до-, над-, низ-, без-, обез-, пре-, под-, пред-*).
4. Не следует смешивать термины «функция» и «значение» приставки. В одной и той же функции (словообразовательной) приставка имеет разные значения в составе разных приставочных глаголов.

Приставочная типология, как отмечает Б.Н. Головин, может строиться на основе межтиповой общности словообразовательных изменений, выражаемых одной и той же приставкой [7, с. 26].

Учение о видах русского глагола входит в грамматики Виноградова В.В., Дудникова А.В., Земского С.Е., Максимова Л.Ю., Шанского Н.М. [3; 4; 8; 9].

По мнению В. Виноградова, категория вида лежит в основе большей части процессов внутриглагольного формообразования и словообразования. Морфологический механизм категории вида сложнее и разнообразнее, чем другие категории глагола. Но его рисунок нем, невыразителен без освещения внутренних, семантических основ видовых различий [2, с. 393].

Теория видов русского глагола – один из наиболее трудных, спорных и неразработанных отделов русской грамматики [2, с. 393].

Новая семантика приспособила к себе элементы старой языковой техники, включив их в новый строй видовых соотношений. Бесприставочных форм совершенного вида, соотносительных с формами несовершенного вида, в современном языке немного. Эти ряды соотношений образуют непродуктивный тип образований. В кругу бесприставочных глаголов форма несовершенного вида чаще всего выступает не как основная, а как вторичная, производная форма [2, с. 415].

Тут есть небольшая группа простых глагольных основ, в которых видовое соотношение образуется противопоставлением морфем -и-, -а-, -я- при соответствующем чередовании согласных. Приставки, этимологически присущие некоторым из этих слов, в

живом употреблении не ощущаются. Это глаголы: *благословить - благословлять; бросить - бросать, возвратить возвращать; отличить – отличать; осклабить – осклаблять; ответить – отвечать; отвратить – отвращать* и другие [2, с. 415].

В глаголах, произведенных от этих основ с помощью приставок, видовое соотношение, образуемое противопоставлением суффиксов –и-, -а-, обычно нарушается. Ср.; например: *забросить – забрасывать; прощаться – попрощаться, распрощаться; охватить – охватывать* и др. Впрочем, в части слов и производные формы сохраняют то же соотношение основ (ср.: *разрешить – разрешать, отрешить – отрешать, переступить – переступать, наступить – наступать* и т. п.) [2, с. 415].

Более многочисленна группа предложных или приставочных глаголов, в которых соотношение видов также выражается противопоставлением морфем -и-, -а-. У некоторой части этих глаголов приставки тоже теряют свой семантический вес и почти не выделяются. Например: *вырубить - вырубать (подрубить – подрубать, срубить – срубать* и т. п.); *отметить – отмечать; заметить – замечать, сложить – слагать; положить – полагать* и многие другие [2, с. 415].

Исследователь И.Б. Мошеев в своём учебном пособии отмечает, что в отличие от таджикского, категория вида составляет яркую характерную черту русского глагола. Она определяет состав грамматических форм глагольного слова [5, с. 81].

В системе русского глагола вид охватывает все глагольные формы. Нет ни одной глагольной формы, которая не выражала бы видового значения.

Категория вида обозначает отношение действия к внутреннему пределу. Внутренний предел действия следует понимать как его естественный исход, достижение известной границы, вытекающей из семантической природы глагольного действия [там же].

В настоящей работе принято понимание семантики совершенного вида как семантики достижения внутреннего предела действия, как его естественный исход или результат [там же].

Другой исследователь Н.М. Шанский отмечает, что в системе русского глагола нет ни одной грамматической формы, которая не выражала бы видового значения. Этим вид отличается от грамматических категорий наклонения, времени, лица, числа, рода, присущих лишь отдельным разрядам глагольных форм. Так категория времени свойственна лишь формам изъявительного наклонения, категория числа отсутствует в инфинитиве, категория рода присуща только формам прошедшего времени и сослагательного наклонения. Виды того ограничения не имеют. Категория вида органически переплетается со всеми другими грамматическими категориями глагола, образуя в их пределах четкую, последовательную, регулярную систему видовых противопоставлений. Ср.: 1) формы инфинитива: *ставить – поставить;* 2) личные формы: а) настоящего и простого будущего времени: *ставлю – поставлю, ставишь – поставишь, ставит – поставит;* б) будущего сложного и простого времени: *буду ставить – поставлю, будешь ставить – поставишь, будет ставить – поставит, будем ставить – поставим, будете ставить – поставите, будут ставить – поставят;* в) прошедшего времени: *ставил – поставил, ставила – поставила, ставило – поставило, ставили – поставили;* г) сослагательного наклонения: *ставил бы – поставил бы, ставила бы – поставила бы, ставило бы – поставило бы, ставили бы – поставили бы;* д) формы повелительного наклонения: *ставь – поставь, ставьте – поставьте* [9, с. 168].

Ниже рассмотрим примеры из художественной литературы:

1. Несовершенный вид; например: *Он ходил по комнате, взмахивая рукой перед своим лицом, и как бы рубил что-то в воздухе, <u>отсекал</u> от самого себя (Г.110). - У дар хона роҳ мерафт ва дастонашро дар пеши рӯи худ ҷавлон дода гуё чизеро дар ҳаво мекафонд, пора карда, аз худ дур ва <u>рафъ менамуд</u> (М.148).*

2. Желание толкнуть людей туда, за сыном, за Андереем, за всеми, кого <u>отдали</u> в руки солдат, оставили одних (Г.141). - Мехост мардумро далолат кунад, ки аз паси писараш, аз паси Андрей, аз паси касоне, ки ба дасти солдатхо афтода танҳо <u>монда буданд</u>, раванд (М.188).

3. А когда он неловко и смущённо стал отговаривать её, и она согласилась, - сразу повеселел (Г.150). - Аммо вақте, ки у бо ошуфтагї ва хиҷолатманди модарро ба гуфтаи худ розї кунанд ва модар ба гапи ӯ даромад, Николай якбора шод ва хурсанд гардид (М.201).

4. Перечисляя побои мужа, и сама поражалась ничтожностью поводов к этим побоям, сама удивлялась своему неумению отклонить их…(Г.159). - Муштзаниҳои шавҳарашро мешумурд, ба беаҳамиятии баҳонаҳои ин заданҳо тааҷҷуб мекард ва ба нотавонии худ барои бартараф кардани онҳо дар ҳайрат буд…(М.212).

5. Только что выпустили вас, - вам бы отдохнуть! – вздохнув и качая головой, сказала мать (Г.65). - Шумо ба наздикї аз ҳабс баромадед, дам гирифтанатон даркор буд, аммо шумо… - гуфта модар оҳе кашид ва сарашро ҷумбонд (М.87). Таким образом, в романе М. Горького «Мать» переводчик переводит глаголы с приставкой от- несовершенного вида на таджикский язык глаголом.

6. Каждый хочет быть сытым сегодня, никто не желает отложить свой обед даже на завтра, если может съесть его сейчас (Г. 94). - Ҳар кас мехохад имрӯз сер бошад ва агар имконияти хурдан дошта бошад, наҳори худро ба фардо намонда ҳамин рӯз бихӯрад (М.127).

7. Ефим взял её, повертел в руках и, отложив в сторону, спокойно сказал…(Г.119). - Ефим китобро гирифт ва дар дасташ он сӯ - ин сӯ гардонда, ба як тараф гузошту оромона гуфт…(Г.160). В следующих предложениях глаголы с приставкой от- переведены деепричастием. Поэтому русские глаголы с приставкой от- в таджикском языке переводятся несколькими видами как глагол, инфинитив и деепричастие. 8. *За ними шло несколько десятков, и каждый шаг вперед заставлял кого-нибудь отскакивать в сторону, точно путь посреди улицы был раскалён, жег подошвы (Г.137). - Аз паси онҳо, аз паси байрақдорон якчанд даҳ нафар мерафтанд ва ҳар қадаме, ки ба пеш партофта мешуд, як нафарро ба баргаштан маҷбур мекард, гӯё замини миёни кӯча чунон зунон ва тафсон буд, ки пои мардумро месӯзонид (М.182).* В этом предложении глагол с приставкой от- переводится на таджикский язык инфинитивом.

1. Глаголы с приставкой от- совершенного вида; например: *Я предлагаю, товарищи, бросить работу до поры, пока он не откажется (Г.55). - Рафиқон, ман таклиф мекунам, ки то ин як тинро аз болои мо набардоранд, кор кардан даркор нест…(М.74).*

2. Какой-то молодой человек, в котором пальто с поднятым воротником столкнулся с нею и молча отскачил, взмахнув рукою к голове (Г.300). - Ҷавоне, ки палтои кӯтоҳ пӯшида ва гиребонашро бардошта буд, дар ин ҷо ба модар бархӯрд ва нохост дасташро бардошту хомӯш ба гӯшае ҷаст (М.395). В этих предложениях глаголы с приставкой от- совершенного вида передаются на таджикский язык глаголом, но в примерах русские глаголы с приставкой от- редко передаются на таджикский язык глаголом.

3. Она отшатнулась от Людмилы, утомлённая волнением, и села тяжело дыша (Г.297) - Ӯ аз шиддати ҳаяҷон монда шуда, аз Людмила чудо шуд ва сахт нафас кашида нишаст (М.392).

4. Самойлов откинулся назад и за спиной жены гудел, отрывисто выбрасывая слова: (Г.281). - Самойлов аз ақиб, дар паси занаш истода канда-канда гуфт: (М.371).

5. Николай и мать встали и пошли вместе, но у двери в кухню Николай отшатнулся в сторону, сказав: (Г.257). - Николай ва модар хеста хамрох рафтанд, аммо дар дами дари ошхона Николай худашро ба як су кашида гуфт: (М.339).

6. Николай быстро отвернулся в сторону, вынул платок, громко высмаркался и пробормотал: (Г.256). - Николай бо тези рӯяшро ба як тараф гардонда, руймолчааашро аз киса баровард ва биниашро сахт афшонду гуфт: (М.337). В приведённых выше примерах глаголы с приставкой от- совершенного вида переводятся на таджикский язык деепричастием. В романе М. Горького «Мать» глаголы с приставкой от- употребляются мало, а их переводы на таджикский язык переводятся то деепричастием, то глаголом, то инфинитивом.

Таким образом, глаголы совершенного и несовершенного вида с приставкой от- переводятся на таджикский язык формой деепричастия, простым и сложным глаголом-сказуемым.

Анализ собранного материала по роману М. Горького «Мать» и его статистическая обработка показывают, что приставочные глаголы (с приставкой от-) малоупотребльны, и при переводе с русского языка передаются в основном в таджикском языке формами деепричастия.

Литература

1. Азизова, М.Э. Семантико-структурный анализ способов передачи русских глаголов с приставкой в таджикском языке (в вероятностно-статистической интерпретации). – Душанбе, 2010. – 116 с.
2. Виноградов, В.В. Русский язык (Грамматическое учение о слове): учеб. пособие для вузов/ отв. ред. Г.А. Золотова. – 3-е изд., испр. – М.: Высш. шк., 1986. – 640 с.
3. Дудников, А.В. Русский язык: Учеб. пособие для гуманитарных групп подгот. отд-ний пед. ин-тов. – 2-е изд., испр. и доп. – М.: Просвещение, 1983. – 352 с.
4. Земский, А.М. Русский язык. Ч.1. Лексикология. Стилистика и культура речи. Фонетика. Морфология. Учебник для учащихся пед. училищ по спец. № 2001 «Преподавание в нач. классах общеобразов. школы/ А.М. Земский, С.Е. Крючков, М.В. Светлаев; под ред. акад. В.В. Виноградава. – 9-е изд., испр. и доп. –М.: Просвещение, 1980.-303 с.
5. Мошеев, И.Б. Сопоставительная типология русского и таджикского языков. Морфология. Учебное пособие для студентов. –Душанбе: Душанбинский госпединститут им. Т.Г. Шевченко,1991. – 230 с.
6. Немченко, В.Н. Современный русский язык. Словообразование: Учеб. пособие для филол. спец. ун-тов. – М.: Высш. шк., 1984. – 255 с.
7. Рак, О.И. Семантический анализ приставочных глаголов в автобиографической трилогии М.Горького. Автореф. дис… канд. фил. наук. – Л., 1965. – 23 с.
8. Русский язык. Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов по специальности № 2110 «Педагогика и психология (дошкольная)» / Под ред. Л.Ю. Максимова. - М., Просвещение, 1978. – 320 с.
9. Русско-таджикский словарь: Свыше 72000слов/ С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М.Бегбуди и др.; Под ред. М.С. Асимова. – М.: Рус. яз., 1985.-1280с. В надзаг.АН ТаджССР , ин-т яз. и лит. им. Рудаки.
10. Современный русский язык: В 3-х ч. Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов по спец. № 2101 «Рус. яз. и лит». Ч. 2. Словообразование. Морфология/ Н.М. Шанский, А.Н. Тихонов. – М.: Просвещение, 1981. – 270 с.
11. Современный русский язык: Учебник.-2-е изд., испр. и доп. – М.: Высш. шк., 1989.-800 с.

СРЕДСТВА ПЕРЕДАЧИ РУССКИХ ГЛАГОЛОВ СОВЕРШЕННОГО И НЕСОВЕРШЕННОГО ВИДА С ПРИСТАВКОЙ «ОТ» В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ (НА МАТЕРИАЛЕ РОМАНА М. ГОРЬКОГО «МАТЬ»)

В современной научной грамматике существуют различные определения грамматического значения глаголов, но наибольшее распространение получило определение грамматического значения совершенного и несовершенного вида. Значение совершенного вида определялось как действие, достигшее своего внутреннего абстрактного предела, т.е. такой критической точки, по достижении которой действие должно исчерпать себя, прекратиться. Соответственно глаголы несовершенного вида обозначают процесс в его протекании без указания на предел. Категория вида обозначает отношение действия к внутреннему пределу. Внутренний предел действия следует понимать как его естественный исход, достижение известной границы, вытекающей из семантической природы глагольного действия. В статье рассматриваются глаголы несовершенного и совершенного вида с приставкой «от» в таджикском языке. Приведена небольшая группа простых глагольных основ, в которых видовое соотношение образуется противопоставлением морфем -и-, -а-, -я-

при соответствующем чередовании согласных. Примерами послужили глаголы: *благословить - благословлять; бросить - бросать, возвратить - возвращать; отличить – отличать; осклабить – осклаблять; ответить – отвечать; отвратить – отвращать* и другие. Проанализированы средства выражения русских глаголов совершенного и несовершенного вида с приставкой «от» на конкретных примерах их художественной литературы русского и таджикского языков.

В настоящей статье принято понимание семантики совершенного вида как семантики достижения внутреннего предела действия, как его естественный исход или результат. Показаны особенности функционирования глаголов, для употребления которых можно легко представить ситуации повседневного устного общения.

***Ключевые слова**: глагол, совершенный и несовершенный вид, категория, значение, особенность, русский язык, таджикский язык, группа, семантический, многозначность, грамматический строй, префикс, префиксальный, суффиксальный, точный, образование глаголов, вид, время.*

ВОСИТАҲОИ ИНТИҚОЛИ ФЕЪЛҲОИ МУТЛАҚ ВА ҒАЙРИМУТЛАҚ БО ПЕШВАНДИ «АЗ» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР МИСОЛИ РОМАНИ «МОДАР»-и М. ГОРКИЙ)

Дар грамматикаи муосир таърифхои гуногуни маънои грамматикии феълҳо мавҷуданд, вале таърифи маънои грамматикии шакли мутлақ ва ғайримутлақи феъл бештар паҳн шудааст. Маънои шакли мутлақ ҳамчун амале муайян карда мешуд, ки ба ҳадди абстрактии дохилии худ расидааст, яъне ба чунин нуктаи интиқодӣ, ки пас аз расидан ба он амал бояд худро тамом кунад, қатъ мешавад. Феълҳои ғайримутлақ бошад, равандро дар ҷараёни он бидуни нишон додани маҳдудият ифода мекунанд. Категорияи намуди феъл алоқаи амалро ба ҳадди дохилӣ ифода мекунад. Маҳдудияти дохилии амалро ҳамчун натиҷаи табиии он, расидан ба ҳадди муайян фаҳмидан лозим аст, ки аз моҳияти амали феълӣ бармеояд. Дар мақола феълҳои мутлақ ва ғайримутлақ бо пешванди «аз» дар забони тоҷикӣ баррасӣ мешавад. Гурӯҳи хурди асосҳои соддаи феъл дода шудааст, ки дар онхо таносуби тарафҳо бо роҳи муқобил гузоштани морфемаҳои -и-, -а-, -я- бо ивазшавии мувофиқи ҳамсадоҳо сохта мешавад. Ҳамчун мисол феълҳои зерин оварда шудаанд: благословить - благословлять; бросить - бросать, возвратить - возвращать; отличить – отличать; осклабить – осклаблять; ответить – отвечать; отвратить – отвращать ва ғайра. Воситаҳои ифодаи феълҳои мутлақ ва ғайримутлақи русӣ бо пешоянди «от» дар мисолхои мушаххаси бадеии онҳо дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ таҳлил карда шудаанд.

Дар мақолаи мазкур семантикаи шакли комил ҳамчун маънои расидан ба ҳадди дохилии амал, натиҷаи табииї он ё натиҷаи он ба назар гирифта шудааст. Хусусиятҳои фаъолияти феълҳо нишон дода шудаанд, ки бо истифода аз онҳо вазъиятҳои муошират шифоҳии ҳаррӯзаро ба осонӣ тасаввур кардан мумкин аст.

***Ключевые слова**: феъл, шаклҳои мутлақ ва ғайримутлақ, категория, маъно, хусусият, забони русӣ, забони тоҷикӣ, гурӯҳ, семантикӣ, бисёрмаъноӣ, сохтори грамматикӣ, калимасозии феълҳо, намуд, вақт.*

TRANSMISSION FACILITY OF RUSSIAN VERBS PERFECT AND IMPACT WITH THE ADDITION FROM- IN THE TAJIK LANGUAGE (BASED ON THE MATERIAL OF THE ROMAN M. GORKY "MOTHER")

In modern scientific grammar, there are various definitions of the grammatical meaning of the perfect and imperfect verbs, but the most widespread definition is the grammatical meaning of the perfect and imperfect forms. The meaning of the perfect form was defined as an action that reached its inner abstract limit, i.e. such a critical point, upon reaching which the action must stop exhaust itself. Accordingly, imperfect verbs denote a process in its course without indicating a limit.

The view category denotes the relationship of an action to an internal limit. The internal limit of the action should be understood as its natural outcome, the achievement of a certain border arising from the semantic nature of the verbal action. The article deals with imperfect and perfect verbs with the prefix ot- in the Tajik language. A small group of simple verbal stems is presented, in which the species ratio is formed by opposing the morphemes with the appropriate alternation of consonants. Examples were the verbs: to bless - bless; to throw - throw, to return - return; to distinguish - distinguish; to grin - grin; to answer - answer; to turn away - turn away and others. The means of expression of Russian verbs of the perfect and imperfect form with the prefix from are analyzed on specific examples of their fiction in the Russian and Tajik languages.

In this article, the understanding of the semantics of the perfect form is accepted as the semantics of reaching the internal limit of an action, as its natural outcome or result. The features of the functioning of verbs are shown, for the use of which one can easily imagine situations of everyday oral communication.

Keywords: *verb, perfect and imperfect aspect, category, meaning, feature, Russian language, Tajik language, group, semantic, polysemy, grammatical structure, prefix, prefix, suffix, exact, verb formation, aspect, tense.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума.* ***Нишонӣ****: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел.: 935772037; почтаи электронӣ: fayzbakhsh@rambler.ru*

Сабирова Фариза Сайфитдиновна *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи таҷума.* ***Суроғa:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мухаммадиева17/6.* ***Тел. моб.:*** *(+992) 98 724 71 79*

Сведения об авторах: Турсунов Фаёзджон Мелибоевич *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: 935772037; E-mail: fayzbakhsh@rambler.ru*

Сабирова Фариза Сайфитдиновна *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзада, соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6.* ***Моб. тел.:*** *(+992) 98 724 71 79*

Information about the authors: Tursunov Fayozjon Meliboevich *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philology, Professor of the Department of Comparative Linguistics and Theory of Translation.* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6.* ***Mob. Phone:*** *(+992) 92 721-06-71*

Sabirova Fariza Saifitdinovna *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Researcher of the Department of Russian language of .* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6.* ***Mob. Phone:*** *(+992) 98 724 71 79*

ТДУ: 802.0+801

МЕТАФОРАШАВИИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Таґоева Т.М.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Зооморфизмҳо дар забоншиносӣ дар баробари номи аслии ҳайвонот, инчунин, дигар хусусиятҳои маҷозиро ифода менамоянд, ки тавассути онҳо баҳогузории зооморфии инсон сурат мегирад. Баҳогузории бевоситаи зооморфӣ дар чаҳорчӯбаи инсонмарказӣ тавассути хусусиятҳои одам сурат ёфта, асоси он монанд кардани хислатҳои инсонӣ ба хосияти олами набототу ҳайвонот мебошад. Заминаи монандкунии хислатҳои инсонӣ ба олами набототу ҳайвонот аввалин маротиба дар тотемистҳо ва бутпарастҳо зоҳир гардида, хосияти зоонимҳо нисбат ба фитонимҳо ба инсон наздиктар дониста шудаанд. Аз ҷиҳати шакли зоҳирӣ ва хислатҳои ботиниашон зоонимҳо бештар ба инсон монандӣ дошта, онҳо дорои одатҳои мухталиф, хулқу атвори махсус буда, ба ҳар яки он тарзи ҳаёти мухталиф таносуб дорад.

Инъикоси хислати инсон дар асоси тасвири образноки зоонимҳо ба роҳ монда шуда, хусусияти миллии забонҳо ба воситаи образҳои баҳодиҳии хоси намояндагони ин гурӯҳи этникӣ низ нишон дода мешавад. Воситаи асосии ташаккули хусусиятҳои зооморфӣ метафора – маҷоз дониста шуда, баъзе олимон онро «равиши гуфтор донистаанд, ки барои номбар кардани ашё ва ё падидаи як синф хусусияти ашё ё падидаи синфи дигар хизмат мекунад». Метафора – истифодабарии ҳар гуна намуди гуфторро дар шакли маҷоз меноманд, ки заминаи он дар ҷое имконпазир мебошад, ки дар он таҷассуми образноки ду объекти гуногун имконпазир аст [3,233]. Метафора инъикоскунандаи хусусиятҳои миллии дарки олами воқеӣ ба шумор рафта, ҳамчун равиши универсалии забонӣ, вазифаи номинативиро адо мекунад [12, с. 7].

Зооморфизмҳо шакли маҷозии зоонимҳо ба шумор рафта, тавассути онҳо хислати як ҳайвон барои тасвири хислати шахс истифода бурда мешавад. Боиси қайд аст, ки ҷараёни метафорашавии зоонимҳо аз тарафи инсон на ин ки барои гӯшрас кардани маълумот, балки барои расонидани таъсири мухталиф ва зоҳир намудани таассуроти махсус дар шунаванда истифода бурда мешавад. Аз ин ҷост, ки инсон ба воситаи ин образнокии фикр маълумоти ҳиссиётиро дар асоси рӯйирост ё маҷозан истифода намудани зоонимҳо сабт карда метавонад. Ҷараёни метафорашавии зоонимҳо ба образнокии зооморфӣ-ассотсиативӣ такя намуда, ба воситаи ҷаҳонфаҳмӣ ва арзаи ҷаҳонии соҳибзабонон амалӣ мегардад.

Таснифи зооморфизмҳо нисбатан мушкил буда, аз рӯйи нишондоди семантикиашон онҳоро метавон ба ду гурӯҳи калон ҷудо намуд: зооморфизмҳое, ки аз як калимаи сода – номи ҳайвон иборат буда, тавассути ин як калима дар баробари номи ҳайвон хусусиятҳои ассотсиативӣ низ дарҷ мешаванд: *рӯбоҳ* (з. тоҷ) – fox (з.англ.) – номи ҳайвони ваҳшиест, ки маҷозан маънои дурӯягӣ, зиракӣ ва лаганбардориро дорад. Гурӯҳи дуюми зооморфизмҳо ҳамчун воҳиди зооморфӣ дар таркиби ибораҳои фразеологӣ корбаст гардида, барои боз ҳам пурқувват намудани маънои маҷозии ибора хизмат мекунанд: *гурги борондида* (з. тоҷ) – *the old wolf* (з. анг.) – одами ботаҷриба.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таркиби ду забони омӯхташаванда: забони англисӣ ва тоҷикӣ метафорашавии зооморфизмҳо дар таркиби ибораҳои фразеологӣ зиёд ба назар расида, маънои онҳо ҷариб ба ҳамдигар наздиканд. Мисоли равшани гуфтаҳои болоӣ намунаҳои зерин шуда метавонанд:

Дар забони англисӣ зооними *cat –гурба* дар таркиби ибораҳои фразеологӣ маҷозан маъноҳои *кунҷковӣ, мароқро* ифода менамояд:

-*curiosity killed the cat*– кунҷковӣ гурбаро кушт (тарҷума): *He drew people's attention to fact that this action of hers showed that curiosity killed the cat* [11,21]. Ӯ диққати ҳамагонро ба он ҷалб кард, ки кунҷковӣ гурбаро кушт (кунҷковӣ ягон натиҷае намебахшад) (тарҷума).

-*bell the cat* – таҳдиди хатарро ба дӯши худ гирифтан: *When he saw the complexity of the whole situation he* ***bellt the cat*** [11, с. 21]. Вақте ки ӯ мушкилии тамоми вазъиятро дид, ӯ таҳдиди хатарро бар дӯши худ гирифт.

-*cats are grey in the dar* – нишон додани сифоти гуногуни одамон ба таври якхела: *Everyone thought that he was not such a person, but when he behaved inappropriately, everyone said:* ***all cats are grey in the dark*** [11, с. 21]. Ҳамагон фикр мекарданд, ки ӯ одами нағз аст, аммо ҳангоми содир кардани амали бад ҳамагон гуфтанд: ҳамаи гурбаҳо дар торикӣ (ниҳоди ҳамаи одамон дар ин маврид) якхелаанд.

-*a cat may look at a king* – ғурур кардан, мағрур будан новобаста аз мансабашон: *Interesting before he has different and now everything has changed for good reason they say* ***a cat may look at a king*** [11, с. 21]. Аҷоиб, пеш вақтҳо вай дигар буд ва имрӯз дигар шудааст. Беҳуда нагуфтаанд, гурба худро ба шоҳ баробар кардааст.

-*a dead cat bounce* – бениҳоят хандаовар: *Students were in a position that even* ***a dead cat bounced*** [11, с. 21]. Донишҷӯён дар вазъияте монданд, ки гурбаро ҳам хандааш омад.

-*fight like cat and dog* (of two people) –мисли сагу гурба ҷанг кардан, хусумати беандоза доштан: *Their relationship had knee-deep at work and they* ***fight like cat and dog*** *with each other* [11, с. 21]. Муносибати онҳо тамоман вайрон буд, онҳо монанди сагу гурба меҷангиданд.

-*turn cat in pan change sides* –хиёнаткор будан*: The soldiers' monevre was so interesting that they* ***turned cat in pan change sides*** [11, с. 21]**.** Амалиёти ҳафтсарон чунон аҷоиб буд, ки хиёнати онҳо ба назар мерасид.

-*like a cat on a hot tin roof (or on hot bricks)* –андешаманд, ба ташвиш андохташуда, ноосуда, пурандеша: ***Like a cat on a hot tin roof*** *all of them were disappointed* [11, с. 21]. Чунон дар андешаву таҳлука афтодагӣ буданд, ки ҳамагон хафа шуда монданд.

-*no room to swing a cat see*–тамоман имконият надоштан: *There were so many people that* ***no room to swing a cat*** *see* [11, с. 21]. Дар он ҷо мардуми зиёде ҷамъ шуда буд, ки тамоман имконияти ҷунбидан набуд.

Зооними *гурба* дар забони тоҷикӣ низ маънои маҷозии гуногунро ифода менамояд. Аз ҷумла:

-*гурба барин газида (лесида) калон кардан* – касеро бо эҳтиёт, ғамхорӣ, меҳру муҳаббат парварида, ба воя расонидан: *Падару модар ӯро* ***гурба барин газида калон кардаанд*** [14, с. 241].

-*гурба беҳуда ба офтоб намебарояд* – ба иҷрои хизмати касе бояд чизе дод, ҳеҷ хизмат бе додани музде ё тӯҳфае намешавад: *Ӯро ҳама вақт чизе додан лозим.* ***Гурба беҳуда ба офтоб намебарояд*** [14, с. 38].

-*гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг меандозад* – касе ки умедашро аз ҷон канд, далер мегардад, дар вақти тангӣ аз ҳар имконият истифода мебарад: «***Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг меандозад****» гуфтаанд: вай медонад, ки имрӯз набошад, фардо ҳамаи молу мулкаш аз дасташ хоҳад рафт* [14, с. 241].

-*ба гурбаи касе пишт гуфта натавонистан* – ба ҳеҷ кори касе эроде расонида натавонистан, касеро сарзаниш карда натавонистан: *Гумон мекунӣ, ки қаҳрамони меҳнат шудӣ, дигар* ***гурбаи туро пишт гуфта наметавонанд*** [14, с. 242].

Метафорашавии зооними *dog* дар таркиби ибораҳои фразеологии забони англисӣ ба таври гуногун ифода мегардад, ки ин маъноҳо дар асоси муҳтавои матн нишон дода мешаванд. Чунончи:

-*hair of the dog*– миқдори ками машруботе, ки барои бартараф кардани ҳолати вазнини баъди шароби зиёд нӯшидан, рамзи ёрӣ расондан: *After the party everyone felt like* ***hair of the dog*** [11, с. 179]. Баъди шабнишинӣ ҳамагон мисли мӯйи саг буданд (тарҷума).

-*love me, love my dog* – шахсро бо тамоми камбудиашон дӯст доштан: *When a gay proposes to a girl he says:****love me, love my dog*** [11, с. 179].

-*dog-and-pony* –худнамоӣ кардан, худро нишон додан: *Happy as I always am to help the Bank of England, I have... supplied the script for its euro* ***dog and pony*** *show* [11, с. 79]. Хушбахтона, чун ҳаррӯза ман доимо ба Бонки Англия ёрӣ мерасонам... Ман сенарияи худро нишон дода, таҳия намудам.

-*dog eat dog*– муқовимати шадид нишон додан: *It was a terrible war everyone was*

opposed to each other and it looked like ***dog eat dog*** [11, с. 80]. Ин ҷанги шадиде дар нисбати ҳамдигар буд ва ин ба он монанд буд, ки гӯё саг сагро мехӯрад.

-*dog go to the dogs*– берун аз чаҳорчӯба амал кардан: *The collision was terrible everyone was against each other it seems like* ***dog go to the dogs*** [11,с. 80]. Коолитсия он қадар хуб набуд, фаъолияташ ба он монанд буд, ки саг муқобили саг мерафт.

-*dog in the manger* – маҷбур кардани шахсе ба иҷро кардани амал: *Being a* ***dog in the manger*** *is not a good feeling* [11,с. 81]. *Аз м*аҷбур кардани касе ба иҷрои амал ҳиссиёти хуберо ба бор намеовард.

-*help a lame dog over a stile* – мадад расонидан, дасти мадад дароз кардан: *Come to the rescue and to* ***help a lame dog over a stile*** *in time gave them a chance to avoid big losses* [11, с. 81]. Таваккал карда, дасти мадад дароз кардан дар вақташ ба онҳо имконият медиҳад, ки талафоти зиёдро аз даст надиҳанд.

-*keep a dog and bark yourself*– касеро пул додан барои иҷрои кор ва корро худашон иҷро кардан: *His work was like* ***keep a dog and bark yourself*** [11,с. 81]**.** Кораш ба он монанд буд, ки пулро дод, аммо корро худаш иҷро мекард.

-*let the dog see the rabbit* – ба иҷрои коре омода будан: ***Let the dog see the rabbit*** *otherwise he will not learn nothing* [11, с. 81]. Бояд ба иҷрои коре омода бошад, дар сурати акс, ягон чизро намеомӯзад.

-*dog's life*– зиндагии бадбахтонаи пур аз мушкилӣ, муомилаи беадолатона: *His life with these people was like a* ***dog's life*** [11,с. 82]. Зиндагии ӯ қатии он мардум ба зиндагии саг монанд буд.

-*dog tired*– бисёр монда шудан: *Tourists after passing through this valley were* ***dog tired*** [11, с. 82]. Сайёҳҳон баъди гузаштани ин дара ранги саг монда шуданд.

-*dogs of war*– аскарони кироӣ, фазои холигӣ (хаос): *The outcome of the war was predetermined due to the direct participation of* ***dogs of war*** [11, с. 82]. Маблағҳои ҷанг имконият медоданд, ки шахсони муайянро барои ҷангидан киро кунанд.

-*dressed (up) like a dog's* –либоси намунавӣ: *They* ***dressed (up) like a dog's*** *to this presentation* [11, с. 82]. Онҳо бо либоси намунавӣ ба рӯнамоӣ ҳозир шуданд.

-*every dog has his (or its) day*– лаҳзаи хушбахтӣ, ҳарчи вақту замони худро дорад: *Everyone was happy with this ending and shouted after them:* ***every dog has his*** *(or* ***its) day*** [11,82]**.** Ҳамагон бо анҷоми ин кор чунон хушбахт буданд, ки баъди ӯ фарёд мезаданд: ҳар чиз вақту замони худро дорад.

-*put on the dog* – худнамоӣ кардан: *Company representatives always tried to* ***put themselves on the dog*** *and always pointed out people's mistake* [11,с. 82]. Намояндагони ширкат доимо худнамоӣ карда, хатогии дигаронро нишон медоданд.

-*not a dog's chance* – тамоман имконият надоштан: *They had* ***not a dog chance*** *to resolve these problems because every person had his own idea* [11,с. 82]. Онҳо заррае имконияти ҳалли мушкилие надоштанд, чунки ҳар касе аз онҳо нуқтаи назари худро дошт.

Маънои маҷозии зоонимии *саг* дар забони тоҷикӣ ба забони англисӣ монанд буда, асоси маънои зооморфии он вафодорист ва дар баъзе мавридҳо мувофиқи муҳтавои матн маъноҳои дигарро низ ифода менамояд:

-*саг ба соҳиби худ нигоҳ намекард* – саг соҳибашро намешинохт: *Дар роҳи кӯҳ бошад, саг ба соҳибаш нигоҳ намекард, ҳар кас дар ғами ҷони худ буд* [15, с. 12].

-*саг барин кӯфта шудан* – ниҳоят хаставу монда гардидан: *аз чойхона* ***саг барин кӯфта шуда*** *омадаму худамро ба рӯйи бистар партофтам* [15,с. 12].

-*саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг* – бад дар чӣ шакл ва қиёфате набошад, бад аст: *барои мо фуқаро* ***саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг*** [15,с. 12].

-*саг соҳибашро намешинохт (намеёфт)* – хеле бетартиб, бесаранҷом буд, ҳар касе дар пайи кори худ буд, ҳама дар ғаму ташвиши худ буд: *Набошад, дар як вақте ки* ***саг соҳибашро намешиносад****, киро ба кӣ кораш ҳаст!* [15, с. 12]

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ифодаи метафорашавии зоонимҳо низ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ назаррас буда, ба воситаи онҳо хусусиятҳои гуногуни коннотативӣ ифода

мегарданд. Характеристикаи табиии зоонимҳо имконият медиҳад, ки ин номвожаҳо дар матн кадом маънои маҷозиро ифода намоянд. Барои исботи фикрҳои болоӣ метавон хусусияти маҷозии дигар зоонимҳоро номбар намуд.

Асп – номи ҳайвонест, ки бештар ба кашидани одам ва бор вобаста карда шуда, хусусияти зооморфии он дар ифодаи маънои гуногуни маҷозӣ ба назар мерасад:

-*back the wrong horse*– интихоби нодурурст ё номуносиб: *Everyone screamed you are* ***backing the wrong horse****, get out of this way* [11, с.12]. Ҳамагон фарёд заданд, ки роҳи интихобкардаатон нодуруст аст, баргард аз ин роҳ.

-*beggar on horseback* – бечора дар пушти асп, шахси бенавое, ки соҳиби сарват шудааст, шахси нодида: *When their wedding took place, everyone realized that they are* ***beggars on horseback*** [10, с. 20]. Вақте ки тӯйи онҳо баргузор гардид, ҳамагон фаҳмиданд, ки онҳо одамони нодидаанд.

-*put the cart before the horse* – аз самти даркорӣ дур шудан: *I don't know what happened, they* ***put the cart before the house***[11, с. 47].Ман намедонам чӣ шуд, ки онҳо аз самти даркорӣ дур шуданд.

Муодили ин ибораи рехтаи фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ин: «пеш аз пода чанг бардоштан»,«бача дар камар номаш Музаффар» ва монанди ин мебошад.

-*drive a coach and horses* – кори бефоидаро иҷро кардан: *Overtime he realized that all this time their efforts were like* ***driving a coach and horses***[11, с. 57]. Баъде чанд вақт онҳо дарк карданд, ки ҳамаи кӯшиши онҳо бефоида будааст.

-*a dark horse* – шахсе, ё рақибе, ки дар бораашон маълумот кам дастрас аст: *Because of his secretiveness, everyone considered him as* ***a dark horse*** [11, с.73]. Ҷиҳати махфияти ӯ ҳамагон ӯро рақибе мешумориданд, ки дар бораашон маълумоти кам дастрас буд.

-*on your high horse* – муроҷиат ба шахсе, ки карру фарри зиёдатӣ дорад: ***"On your high horse"****– said the teacher mocking to his student when he did not obey any rules*[11, с.144]. « Муҳтарам ҷаноб! » – гуфт муаллим ба донишҷӯе, ки қонунҳоро тамоман риоя намекард.

Зооними *асп* дар забони тоҷикӣ низ маънoҳои гуногуни маҷозиро ифода мекунад. Чунончи:

Асп– аспи бахти касе ба ҳар ду по лангидан – Хеҷ барор накардани кор: *Ҷуръат кард, аммо чунонки мегӯянд,* ***аспи бахташ ба ҳар ду по лангидааст*** [14, с.37].

-*Ба асп наъл заданд, курбоққа (буз) ҳам пояшро бардоштааст*– тақлиди номувофиқ, ба касе аз худ калону тавоно тақлид кардан: ***Ба асп наъл заданд, курбоққа (буз) ҳам пояшро бардоштааст****, мегӯянд. Тӯю маъракае нест, ки дар он Ахмадови доирачӣ бе пуш-пӯш наояд…* [14, с.37].

-*Ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин* – ба одами нағз, бофаҳм як ишора бас аст, вале барои одами бад сад бор таъкид кардан ҳам кам аст: *Аммо* ***ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин*** *гуфтагӣ барин ин гарданшаҳҳои якрав боз нонҳои нимхомро бебаркаш пул карда истодааанд* [14, с.38].

-*Аз асп фурояд ҳам, аз узангу намефарояд* – аз мансабе ва ё мартабае фаромада бошад ҳам, боз аз калонгириаш намефарояд, ҳавобаландии гузаштаи худро давом медиҳад, шарманда шавад ҳам, сирро бой намедиҳад [14, с.38].

-*Ба аспи чӯбин савор шудан* – мурдан, вафот кардан: *Пагоҳ-фардо* ***ба аспи чӯбин савор мешавию*** *ҷонат халос* [14, с.39].

-*Аспи кашқа* – шахсе, ки ба ҳама маълум аст (дар мавриди манфӣ): *Ин шахс ҳамчун* ***аспи қашқа*** *дар ҳама ҷо маълум аст* [14,с. 39].

-*Ба аспи ҷаҳл савор шудан* – дар хашму ғазаб будан, оташин шудан, якраҳагӣ исрор кардан: *Ҳошимҷон ҳошимҷони аввала набуд. Ӯ* ***ба аспи ҷаҳл савор шуда*** *буд* [14, с.39].

Ифодаи маънои маҷозии зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ *гов, хар* дар забони англисӣ кам ба назар расида, дар забони тоҷикӣ зиёд корбаст шудааст.

Дар забони англисӣ аз ҳама маъмултарин ибораи фразеологӣ *have a cow* ба шумор меравад, ки маънои маҷозии қаҳр кардан, ғазаболуд шудан, мутаассир шуданро ифода менамояд: *Susin Nielsen Wheels 'Don't* ***have a cow****,' she said huffily. 'It's no big dea l*[11, с.65] –

Сусин Ниелсон Уилс оҳистекак гуфт: Қаҳр накунед, ин кори он қадар калон нест.

Дар забони тоҷикӣ ифодаи маҷозии зоонимии *гов* нисбатан зиёд буда, мавқеи истифодабарии он чунин аст:

-*Гов барин хӯрдан* – баднафсӣ кардан, пурхӯрӣ кардан, аз андоза зиёд хӯрдан: *Дар вақти хӯрок* ***гов барин мехӯрӣ****, кор фармоям, хари ланг* [14, с.228].

-*Гови бешохбанд шудан* – бетартиб, беинтизом, ноитоаткор: *Ин хел бошад, ана ҳамон ҳаромӣ аз роҳ мебарорад, ки* ***гови бешохбанд шуда*** *рафтаӣ* [14, с.229].

-*Гови касе гӯсола зоидан* – бахт ба касе рӯ овардан, аз чизе хурсанд будан: *Ҳамон рӯз* ***говашон гӯсола зоида*** *будааст-мӣ, ба ман дилаш сӯхта ва бо раҳму шафқат сар чунбонда гуфт* [14, с.229].

-*Гови пир кунҷора хоб мебинад* – гурусна дар хобаш нон мебинад: ***«Гови пир кунҷора хоб мебинад»****, фаҳмидӣ?* [14, с.229]

-*Гови Худою хари Мустафо* – одами нодон, бефаросат: *Ту бошӣ* ***гови Худою хари Мустафо*** *барин дар кӯҳу дашт мегардию намедонӣ, ки аз олам чӣ мегузарад* [14, с.229].

-*Аз гов ғадуд* – аз чизи калон як қисми ночиз, аз ҳиссаи калон андаке: … *аз ин ошу нон ҳам саҳми калонро бандибонон хӯрда,* ***«аз гов ғадуде»*** *ба худи бандиён медоданд, ки инҳо ин як луқмаро бо бандиёни бекас бо ҳам медиданд* [14, с.243].

-*Гӯсола* – гӯсола аз боло (сар)-и мех мепарад – аз паси касе калонӣ кардан, аз паси касе болидан: *Лекин ҳозир аз дасташ ҳеҷ кор намеояд,* ***гӯсола аз сари мех мепарад*** *гуфтагӣ барин, ин одам ҳам аз болои Иброҳимбек мепарад…*[14, с. 255].

-*Гӯсола бо гӯсола – ошноёни садсола* – ҳар табақа бо табақаи худ ошноӣ дорад, ҳамҷинс бо ҳамҷинс соз аст: *…гумоштаи Ӯрунбой Қалъачӣ муносиб буд,* ***«Гӯсола бо гӯсола–ошноёни садсола»*** *гуфтааанд* [14,2 с. 55].

-*Гӯсфанди фарбеҳ* – ягон чизи муфт, сердаромад, бафоида: *Қорӣ-ишкамба он «****Гӯсфанди фарбеҳи*** *ба пойи худ омада»-ро дида, оби даҳонаш рафта, гулӯяш хоридан гирифт* [14, с. 257].

Дар ибораи «for donkey's years - for a very long time» [11, с.84] дарозии умр ба дарозии гӯшҳои хар нисбат дода шуда, ибораи мазкур маҷозан бисёркаратаи амал ё корро нишон медиҳад.

Дар забони тоҷикӣ ифодаи маънои маҷозии зоонимии *хар* ба таври зерин ифода гардидааст:

-*Хари касе аз лой гузаштан* – ба ичро расидани кори касе, итмом ёфтани кори касе, осон шудани мушкилии касе, ба орзую максади худ расидани касе: *Аммо чун* ***«хари Абдувосит аз лой гузашт»,*** *вай тамоми ваъдаҳояшро бароварда ба бод сар дод* [15, с.252].

-*Хари касеро иш гуфтан* – ба кори касе халал расонидан, монеъ шудан, ба касе кордор шудан: *Ману ту чӣ кор кардем? «****Хари киро иш****, пишаки киро пиш ва саги киро тур гуфтем?»* [15,253].

-*Хари кӯру оғили танг* – ба ҷойи танг чизҳои нодаркорро ҷой дода, боз ҳам тангтар кардан [15, с.253]: ***«Хари кӯру оғили танг»*** *гуфтагӣ барин дар хоначаи хурди мо ин қадар чиз барои чӣ лозим?–гуфт Умарҷон.*

-*Хари лӯлиро об деҳу пулашро гир* – қатъи назар аз ки, чӣ будани касе кори ӯро ичро куну муздатро гир, ҳар кор бошаду аз он фоидае рӯяд, фақат манфиати худро донӣ бас аст: *Вазифаи мо кори ҳаррӯзаро мувофиқи гуфту фармони ҳаминҳо кардан ва моҳонаамонро гирифтан аст, инҳо бо босмачӣ як шаванд, ё ки босмачӣ шаванд, ба мо дахл надоранд* ***«хари лӯлиро об деҳу пулашро гир!»*** *гуфтаанд* [15,с. 253].

-*Ба хар муносиб ҳангос, ба хурӯс муносиб овоз* –ҳар кас мувофиқи ҳиммат ва қобилияташ кор мекунад, рафтор мекунад: ***«Ба хар муносиб ҳангосу ба хурӯс муносиб овоз»****. Зиёфати бурёкӯбон муддаои табъ буд* [15, с.254].

-*Хари худро аз лой гузаронидан* (хари худро аз об гузаронидан) – кори худро ба ичро расонидан, ба мақсади худ расидан: *Ҷаббор бо ҳамин найрангҳо ин дафъа ҳам* ***харашро аз лой гузаронида*** *гирифтааст…*[15, с.254]

-*Хари худро ҳай кардан* – аробаи худро ҳай кардан: *Беҳтар, ки худат аз ин ҷо* ***хубтар***

***харата ҳай кун**, набошад, мардумро ҷеғ зада, расвота мекашам* [15, с.255].

-*Хар ҳамон хар, полонаш (туқумаш) дигар*– зоҳиран дигар шуда бошад ҳам, ботинан, мазмунан боз худи ҳамон пештара аст: *Ин одам ҳоло он одами шумо мегуфтагӣ нест. Маълум мешавад, ки ин одам ҳозир яке аз амалдорони дарбори олӣ шудааст. –* ***«Хар ҳамон хар асту полонаш дигар шудааст»*** [15, с.255].

Метафорашавии зоонимҳои ваҳшӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ низ зиёд ба назар расида, тавассути онҳо хислатҳои манфӣ ва мусбӣ ифода мегарданд.

Зооними *wolf– гург* дар таркиби ибораҳои фразеологӣ бештар рамзи манфии зооморфиро ифода намуда, вобаста ба мавқеи истифодабарии он маънои мушаххаси маҷозӣ ифода меёбад:

-*cry wolf* – сохтакорӣ кардан, амали маснуъ кардан: *His action towords him was like* ***crying wolf*** [11, с. 316]. Амали ӯ дар нисбати вай амали гургона буд.

-*have (or hold) a wolf by the ears*– одами хатарнок, хавфангез будан: *His father always warn him about* ***having*** *(or* ***hold) a wolf by the ears*** [11, с.316]. Падари вай ӯро доимо дар бораи одами хатарнок дар паҳлӯяш бударо огоҳ мекард.

-*keep the wolf from the door* – зиндагии худро пеш бурдан тавонистан: *He knew how* ***to keep the wolf from the door*** [11, с.316], Ӯ зиндагии худро чӣ хел пеш бурдан медонист.

Дар забони тоҷикӣ ба воситаи зооними *гург* маъноҳои зерини маҷозӣ нишон дода шудаанд:

-*гурги борондида* – одами гарму сардии ҳаётро чашида, пуртаҷриба, кордида, пухта: *Абдулло, ки* ***гурги борондида*** *буд, табассум карда монд* [14, с.242].

-*Гурги хонадон* – каси бегонае, ки аз сирри хонадон бохабар аст [14, с.243]: *Ман дар он ҷо на меҳмон, балки як аъзои оилаи мутаваллӣ барин шуда мондам… кутоҳ карда гӯем, ман он ҷо* ***«гурги хонадон»*** *шуда будам…*

-*Гургро шаґол – дӯсти бемалол* – бад бо бад дӯст нагз аст, бадҷинс бо бадҷинс бахубӣ созиш мекунад: *Одамони оқпошшо дар ҳаққи инҳо гапҳои беҳуда гуфтаанд:* ***«Гургро шаґол – дӯсти бемалол»*** *гуфтаанд* [14, с.243].

-*Гург дар ҷомаи меш* – душмане, ки зоҳири худро дигар кардааст [14, с.242].

-*Гург шудан* – зарарасон шудан: *Дар он вақт роҳи халосии аз вай ба даруни он даромада* ***гург шудан*** *ва роҳ надодан аст* [14, с.243].

Ифодаи маҷозии номи ҳайвоноти ваҳшии *шер* ва *паланг* дар забони англисӣ зиёд ба назар расида, дар забони тоҷикӣ кам дида мешаванд:

-*have a tiger by the tail* –палангро аз думаш қапидан, таваккал кардан: *Opponents brutally blackmailed him as they* ***had a tiger by the tail*** [11, с.293]. Рақибонашон ӯро бераҳмона таҳдид мекарданд, гӯё ки палангро аз думаш қапидаанд.

-*a tiger in your tank*– қувва, илҳом, рӯҳбаландӣ, зиндадилӣ: ***A tiger in tank*** *feeling was reached by consideration of the fair dealing* [11, с. 293]. Бо ҳис кардани адолат ҳисси баланди илҳом ҳис карда мешуд.

-*a lion in the way* – хатари монеа, монеа мавҳумӣ: *This attack was useless, everyone was waiting for a more terrible opponent and everyone was expect* ***a lion in the way*** [11, с.174]. Ин ҳамла бефоида буд, ҳамагон рақиби ҷиддитарро интизор буданд ва ҳамагон шери дар роҳ мебудагиро дидан мехостанд.

-*the lion's den*– талаб карда шуда, мутаваҳҳим, ҷойи ҳаросанда: *Compared to all the dangerous places of this jungle this place was considered as* ***the lion's den*** [11, с.175]. Дар муқоиса бо дигар ҷойҳои хатарнок ин ҷангалҳо ҷойи аз ҳама даҳшатовар буданд.

-*the lion's mouth*– ҷойи тавакалии калон: *Don't go there, that place is* ***the lion's mouth*** [11, с.175].Он ҷо наравед, он ҷо ҷойи таваккалист (хатарнок аст).

-*the lion's share*– ҳиссаи бузург, қисми хубтарин: *In the development of the country's business, they have* ***the lion's share since*** *they originally invested in it* [11, с.175].Дар рушди соҳибкории кишвар онҳо ҳиссаи бузург гузошта, то ин дам онҳо маблағгузорӣ карда истодаанд.

-*throw someone to the lions cause* [11, с.175] – дар лаҳзаи ниҳоят душвор

мондани касе: *They acted cruelly at that moment that they* ***throw him to the lions*** *cause.* Онҳо ваҳшиёна ҳуҷум карда, дар лаҳзаи душвор ӯро партофта монданд.

Дар забони тоҷикӣ зооними *шер* дар таркиби ибораи *шер ё рӯбоҳ* маҷозан фотеҳ ё мағлуб будани шахсро нишон медиҳад: *Ба мақсади худ расидӣ, ё не? Хуб, гап занед,* ***шеред ё рӯбоҳ?*** [15, с.438]

-*Бо думи шер бозӣ кардан* –рафтори беақлона кардан.

Ифодаи маънои маҷозии зооними *elephant* – фил дар ду забони омӯхташаванда ба таври зерин сурат меёбад:

-*a white elephant* – мушкилие, ки ҳал кардани он осон нест, ҷойи бефоида: *All his problem came to him as* ***a white elephant****, but despite this, he tried to solve them* [11, с.311]. Ҳамаи ин мушкилот ҳалнашаванда менамуданд, аммо новобаста аз ин, ӯ кӯшиши ҳал кардани онҳоро мекард.

-*see the elephant*– ҷаҳонро дидан, таҷрибаи зиндагиро гирифтан: *"Go and* ***see the elephant!****"– said Mark's uncle when he went to another country* [11, с.93] .«Рав ва ҷаҳонро бин!» – гуфт амаки Марк, вақте ки ӯ ба мамлакати дигар мерафт.

Пашшаро фил карда нишон додан – чизеро аз будааш зиёд карда нишон додан, муҳобот кардан [15].

Аз пашша фил сохтан – пашшаро фил карда нишон додан [15]:
Агар онҳо зарра барин муваффақият пайдо кунанд, ***аз пашша фил месозанд*** [15].

Ҳамин тариқ, зооморфизмҳо дар забонҳои муқоисашаванда дар баробари номи аслии ҳайвонот, инчунин, вазифаи метафоршавии онҳоро доро буда, ба воситаи онҳо баҳогузории зооморфии инсон сурат меёбад. Метафорашавӣ дар асоси монандкунии хислатҳои инсонӣ ба хосияти олами набототу ҳайвонот мебошад, ки он аз тафаккури гузашта ва эътиқоди қадимӣ сарчашма гирифтааст. Дар баробари монандкунии хислатҳои инсонӣ ба зоҳири олами набототу ҳайвонот, хусусиятҳои миллии забонҳо бо назардошти образҳои баҳодиҳии гурӯҳи мухталифи этникӣ сурат меёбад. Таҳқиқот нишон дод, ки воситаи асосии нишон додани хусусияти зооморфӣ–метафора муайян гардида, тавассути он образнокии зооморфӣ-ассотсиативӣ инъикос мегардад.

Адабиёт

1. Азимова, М. Н. Сопоставительный анализ соматической лексики и фразеологии таджикского и английского языков/ М. Н.Азимова: АКД. – Душанбе, 1980. – 19 с.
2. Азимова, М. Н. О сопоставительно-типологическом изучении таджикской фразеологии / М.Н. Азимова. // Лингво-методологические вопросы преподавания иностранных языков. – Душанбе: Дониш, 1982.
3. Арутюнова, Н. Д. Метафора. / Н. Д. Арутюнова / / Русский Язык. Энциклопедия. – М., 1997. – С. 233–236.
4. Бабаскина, О.В. Зоосемический фразеологические единицы в современном английском языке: дис…канд.фил.наук / О.В.Бабаскина. – Т.: 2002. – 232с.
5. Гафарова К.Т. Сопоставительный анализ фразеологических единиц с зоонимами и фитонимами в таджикском, немецком и русском языках: дис....канд.филол.наук / К.Т.Гафарова. –Душанбе, 2007. – 164 с.
6. Григорьева , Г. С. Фразеологические единицы с зоонимами в аспекте теории номинации (на материале совр. англ. языка): автореф. дис… канд. филол. наук (10.02.04). / Г. С. Григорьева.– Одесса, 1985. –16 с.
7. Гутман, Е. А., Черёмисина М. И. Зооморфизмы в современном английском языке в сопоставлении с русским. / Е. А.Гутман, М. И. Черёмисина // В помощь преподавателям иностр. языков. Вып. 3. –Новосибирск: Наука. Сиб. отд-ние, 1972. – С. 42-59.
8. Клушин, Н. А. Зоо и фитоморфные характеристики человека в английской разговорной речи: дис. . канд. филол. наук (10.02.04). / Н. А. Клушин. – Н. Новгород, 1991. –157 с.
9. Куражова, И.В. Имена животных как отражение ценностной картины мира в английской лингвокультурологии: автореф. дис… кан. филол.наук..- Иваново, 2007 – 22 с.

10. Маҷидов, Х. Хусусиятҳои лексикӣ - семантикии воҳидҳои фразеологии феъли забони ҳозираи адабии тоҷик./Х.Маҷидов.–Душанбе,1968.–249 с.
11.Oxford dictionary of Idioms.– United States: Oxford University Press, 1999, 2004.–352 p.
12. Пейбонен, Р. Зооморфная метафора, характеризирующая человека в русской и эстонской разговорной речи (па материалам анкетирования русско-эстоноязычных жителей эстонии). / Р.Пейбонен.–Тарту, 2013.–82 с.
13. Троянова, Т. Антропоцентрическая метафора в русском и эстонском языках: дисс. … док. филос. наук. / Т. Троянова.– Тарту, 2003 –166 с.
14.Фозилов, М.Фарҳанги ибораҳои рехта. / М.Фозилов, Ҷ.1. – Душанбе: Дониш,1964. – 952 с.
15.Фозилов, М.Фарҳанги ибораҳои рехта. / М.Фозилов, Ҷ. – Душанбе: Дониш,1964–802 с.

МЕТАФОРАШАВИИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақола ба омӯзиши метафорашавии зооморфизмҳо бахшида шуда, тавассути ин хусусияти маҷозии зооморфизмҳо дар ду забони омӯхташаванда: забони англисӣ ва тоҷикӣ муайян карда шудаанд. Дар доираи хусусиятҳои маҷозии зоонимҳо хусусиятҳои миллӣ-мадании забонҳо инъикос гардида, асоси он ифодаи маъноҳои рамзӣ, моҳияти эҳсосотӣ-ассотсиативии гуфтор дониста шудааст. Шарҳи раванди ассотсиативӣ-эксперименталӣ ва миллии зооморфизмҳо ба таври муқоиса дар мақола ба роҳ монда, умумияту фарқияти онҳо бо мисолҳо нишон дода шудааст.

Илова ба ин, дар мақола тавассути таҳқиқи маънои маҷозии зооморфӣ бештар дар таркиби ибораҳои фразеологӣ маъноҳои гуногуни алоқаманд бо вожаҳои зоонимӣ ифода гардидаанд, ки барои пуробуранг гардонидани гуфтор хизмат намудаанд. Зооморфизмҳо аз рӯйи хусусияти табиии худашон ба ду гурӯҳи калон: зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ ва зоонимҳои ифодкунандаи номи ҳайвоноти ваҳшӣ ҷудо гардида, дар асоси характеристикаи табиии ин зоонимҳо метафорашавии онҳо сурат ёфтааст.

Бо зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ: *саг* – додзанӣ, бовафоӣ; *гурба* – тоқатфарсоӣ, тезбинӣ, хунукхӯрӣ, чолокӣ; гов – тамбалӣ, фарбеҳӣ; *маркаб* – тоқатфарсоӣ, қаноатмандӣ, меҳнаткашӣ ва бо зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти ваҳшӣ: *гург* – ваҳшоният, қаҳру нафрат, таҷриба, пинҳонкорӣ, хунхорӣ; *рӯбоҳ* – дурӯғгӯӣ, дурӯягӣ, лаганбардорӣ; *шер* – мағрурӣ, далерӣ, ҷасурӣ, нотарсӣ маҷозан ифода гардидааст.

Калидвожаҳо: *зооморфизмҳо, метафорашавӣ, маънои маҷозӣ, хусусияти табиии зооморфизмҳо, моҳияти эҳсосотӣ ва ассотсиативӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ, раванди ассотсиативӣ-эксперементалӣ.*

МЕТАФОРИЗАЦИЯ ЗООМОРФИЗМОВ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Статья посвящена изучению метафоризации зооморфизмов с помощью которых выражаются метафорические особенности зоонимов двух изучаемых языков: английского и таджикского. В рамках метафорических особенностях в статье также отображаются культурно-национальные особенности языков, основой которых послужила эмоционально-ассоциативная суть речи. В статье ассоциативно-экспериментальные и национальные особенности зооморфизмов были изучены в сравнительно-сопоставительном аспектах, при которых были отмечены схожесть и отличия между ними.

Также в статье с помощью изучения метафорических зооморфических значений, в составе фразелогических единиц, были отмечены следующие разные значения связанные с зоонимическими единицами, которые послужили для яркого выражения речи. Согласно своим природным особенностям зоонимы были разделены на две большие группы: зоонимы–названия домашних животных и зоонимы – назавания диких животных, оба которых послужили для преподнесения метафорчесиких качеств.

С помощью назаваний домашних животных были отмечены следующие разные значения: *dog* – *саг* (собака) – крикливость, преданность; *cat* – *гурба* (кошка) – выносливость, зоркость, бойкость; *cow* – *гов* (корова) – неповоротливость, неуклюжесть;

donkey – маркаб (осёл*)* – трудолюбие, удовлетворенность и с зоонимами обозначающие название диких животных: *wolf –гург* (волк) – дикость, злость, ненависть, опыт, скрытость, кровожадность; *fox – рӯбоҳ* (лиса) – лицемерия, двуличия, подхалимство; *lion –шер* (лев) – гордость, отвага, безстрашие, сила.

Ключевые слова: *зооморфизмы, метафоризация, метафорическое значение, природная характеристика зооморфизмов, эмоционально-ассоциативная суть, культурно-национальные особенности, ассоциативно-экспериментальный процесс.*

THE METAPHORIZATION OF ZOOMORPHISMS OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The presented article is devoted to the methaphorizations of zoomorphisms with the help of which are expressed the metaphorical features of zoonyms of two studied languages: English and Tajik. Whithin the framework of metaphorical features, the article also displays the cultural and national features of languages, the basis of which was the emotional and associative essence of speech. In the article, the associative-experimental and national features of zoomorphisms were studied in comparative and contrastive aspects, in which similarities and differences between them were noted.

Also in the article, with the help of the study of metaphorical zoomorphic meanings in the composition of phraseological units, the following different meanings were noted associated with zoonymic units, which served for a vivid expression of speech. According to natural features, zoonyms were divided into two large groups: zoonyms–names of domestic animals and zoonyms – names of wild animals, both of which showed to present a metaphorization of anthropocentric qualities…

The following different values were noted using the names of pets: *dog – sag* (sobaka) – rudeness, devotion; *cat – gurba* (koshka) – endurance, vigilance, agility; *cow – gow* (korova) clumsiness ; *donkey – markab* (osyol) – diligence, satisfaction and using the names of wild animals: *wolf – gurg* (volk) – savagery, anger and hatred, experirnce, secrecy, bloodlust; *fox –* ruboh (lisa) – hypocrisy, duplicity, sycophancy; *lion – sher* (lev) – pride,courage, fearlessness, strength.

Keywords: *zoomorphism, methaphorizations, methaphorical meaning, natural characteristic of zoonyms, emotional and valuable aspects, national and cultural features, experimental development process.*

Маълумот дар бораи муаллиф*:* ***Тағоева Таҳмина Муродқуловна*** *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи филологияи англис. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, E-mail:taghoevatahmina@mail.ru, Тел.: (+992) 935075727.*

Сведения об авторе*:* ***Тагоева Тахмина Муродкуловна*** *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, ассистент кафедры английской филологии. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 935075727. E-mail: taghoevatahmina@mail.ru*

Information about author*:* ***Taghoeva Tahmina Murodkulovna*** *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Assistant of the Department of English Philology.* ***Address:*** *734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6.* ***Mob. Phone:*** *(+992) 935075727. E-mail: taghoevatahmina@mail.ru,*

УДК: 801.3

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ИСТИЛОҲОТИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шамсов Б. С.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои ҳориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар бораи афзоиши босуръати истилоҳот дар забон, ки мо бевосита дар даҳсолаҳои охир мушоҳида мекунем, метавон таҳқиқоти забоншиносони тоҷик М. З. Мусоямов., Ш. Толиб, А. Ҳ. Асламов, С. С. Ҷоматов, Б. М. Султонов ва забоншиносони хориҷӣ В. М. Лейчик, С. В. Гринев, Б. Л. Головин ва Р. Ю. Кобринро хотиррасон шуд. Истилоҳоти компютерӣ як қабати нави луғавӣ дар забони тоҷикӣ буда, дар солҳои охир бо суръат афзоиш ёфта истодааст ва барои қишрҳои зиёди аҳолӣ шинос мебошад. Имрӯз ҳар як истифодабарандаи компютери инфиродӣ аз захираи муайяни луғавӣ дар соҳаи технологияи компютерӣ бархӯрдор аст.

Зери вожаи «истилоҳот» маҷмуи воҳидҳои луғавие фаҳмида мешавад, ки «мафҳумҳои соҳаи муайяни илм ва ё фаъолияти одамонро ифода мекунанд». Тибқи ақидаи С.В. Гринев асоси истилоҳотро вожаҳои истилоҳӣ ташкил медиҳанд, ба мисли:

-истилоҳот ва ё терминҳо (воҳидҳои луғавии забони махсус, вожаҳо ва ё ибораҳое, ки барои дақиқан ифода намудани мафҳумҳои махсус ба кор бурда мешаванд);

-терминоидҳо (вожаҳое, ки мафҳумҳои устуворнагардида ва дар ҳоли ташаккул қарордоштаро ифода мекунанд);

- вожаҳои истилоҳшаванда ва ё предтерминҳо (истилоҳоте мебошанд, ки маънои дақикро ифода намекунанд ва бештар дар нутқи гуфтугӯйии намояндагони касбу кори муайян истифода мешаванд) [3, с. 309].

Истилоҳоти компютерӣ як бахши луғати махсуси (компютерӣ) забонро ташкил медиҳанд. И. Л. Комлева ин бахши лексикаро «забони компютерӣ» ном мебарад ва ин мафҳумро «забони махсусе, ки дар соҳаи муайяни аз лиҳози технологӣ марбут ба истеҳсоли компютерҳои инфиродӣ ва сохтани барномаҳо барои онҳо ташаккул меёбад», тафсир кардааст [4, с. 16]. Мафҳуми марказие, ки дар атрофи он ин забон махсус ташаккул меёбад, мафҳуми «компютер» мебошад. Мафҳуми маъмули «технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ» мафҳуми васеъ буда, технологияҳои дигар (телевизион, мухобираи сотӣ ва ғайра)-ро фаро мегирад. Мутобиқан, вожаҳои истилоҳии забони компютериро мо «истилоҳоти компютерӣ» ном мебарем.

Баъзан, барои ифодаи ҳамаи истилоҳоти соҳаи ҷудогона мафҳуми «системаи истилоҳот»-ро ба кор мебаранд. Мафҳуми мазкур чунин хусусияти муҳимми истилоҳот, яъне системанокиро нишон медиҳад. Системаи истилоҳот метавонад ба бахшҳои алоҳида ҷудо шавад. Дар ин маврид мафҳуми «доираи истилоҳӣ» ва ё «доираи терминологӣ» аҳаммияти муҳимро касб мекунад.

Доираи истилоҳот «системаи аз ҷиҳати зинабандӣ муташаккил ва мантиқан пайдарҳами робитаҳои байни истилоҳот ва зергурӯҳҳои дар атрофи онҳо гурӯҳбандишуда ва ё доираҳои хурди системаи мушаххаси истилоҳот» мебошад [4, с. 144].

Доираи истилоҳот дар атрофи мафҳуми марказӣ (доминант) ташаккул ва тавсеа меёбад. Дар мавриди мавзуи мавриди баррасии мо мафҳуми марказӣ ин мафҳуми «компютер» маҳсуб мешавад. Ҳамаи истилоҳоти компютерӣ ба ин ё он дараҷа бо мафҳуми мазкур алоқаманд мебошанд. Баъдан, чунонки маълум аст, таркиби компютер ба ду қисм: дастгоҳҳо ва барномаҳо ва ё нармабзорҳо ҷудо мешавд. Аз ин рӯ, доираи истилоҳоти забони компютериро метавон ба доираҳои хурд ё зергурӯҳҳо ҷудо кард, ки дар онҳо мафҳумҳои марбута мафҳумҳои ҳамҷинс ба шумор мераванд. Бинобар ин, метавон, дар бораи истилоҳоти марбут ба дастгоҳҳо ва истилоҳоти марбут ба барномаҳои компютерӣ сухан ронд. Инчунин, доираҳои хурд дар навбати худ метавонанд ба доираҳои хурдтар ва ё зергурӯҳҳои дараҷаи поёнтар ҷудо шаванд. Масалан, истилоҳоти барномасозӣ метавонанд

марбут ба системаи амалиётии Microsoft ва ё Lunix бошанд. Ин мафҳумҳо метавонанд доираи хурди истилоҳоти худро ташкил диҳанд.

И. Л. Комлева равияҳои мавзуии зеринро ҷудо кардааст, ки аз рӯйи онҳо истилоҳоти компютерӣ афзоиш меёбанд:

-маълумоти умумӣ дар бораи компютер (таърихи сохтан, истеҳсол, моделҳо ва таъиноти онҳо);

-таъминоти дастгоҳҳо (таҷҳизот, фарогири монитор, воҳиди системаи компютерӣ, клавиатура ва мушак дар компютерҳои рӯйимизӣ ва ё нотбукҳои аз ҷиҳати дастгоҳҳо омехта, планшета ва ё смартфон);

-таъминоти барномавӣ (системаи амалиёт бо маҷмуи барномаҳои (замимаҳо) стандартӣ);

-барномасозӣ (доираи васеи имконоти коркарди иттилоот, ки марбут ба сохтану истифодаи барномаҳои алгоритмии гуногун);

-амалкарди системаи ҳисоббарор (амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъалаҳо бо ёрии компютер);

-технологияи компютерӣ (технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, технологияҳои мултимедӣ ва ғайра).

Ҳар кадоме аз ин равияҳо доираи хурд барои доираи умумии истилоҳоти компютерӣ маҳсуб мешавад. Агар ба назар гирифта шавад, ки доираҳои хурди истилоҳот мумкин аст, дар асосҳои мухталиф ҷудо шуда бошанд, он гоҳ соҳаҳои онҳо ҳамдигарро мебуранд [4, с. 364].

Ба ғайр аз ин, И.Л. Комлева истилоҳоти компютериро бо дарназардошти таркиби луғавӣ- маъноӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардааст:

- ашёҳо (флеш-корт, диски сахт);
- амалҳо (нусхабардорӣ, ҳифз);
- андозаҳо (байт, пиксел);
- аломату хусусият (намуди мизи корӣ, танзимоти пайкарабандии системаи амалиёт).

Лексикаи компютерии забони тоҷикӣ дар заминаи забони тоҷикӣ рушд кард. Вале бо паҳн гардидани компютери инфиродӣ ба забони тоҷикӣ миқдори зиёди вожаҳои забони англисӣ ворид гардид ва бисёр мафҳумҳои одӣ бо муодилҳои иқтибосиашон иваз гардиданд. Мошинаи электронии ҳисоббарор - компютери инфиродӣ, дастгоҳи чопии алифбоию рақамӣ – принтери хаттӣ ва нақшакаш - плоттер ва ғайра ном гирифтанд.

Бояд таъкид кард, ки муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Т. Шарифов, З. М. Мусоямов ва Х. А. Асламов ки таҳқиқоташон бевосита ба масъалаҳои истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ бахшида шудааст, ташаккул ва умуман, таҳаввули густурдаи забони компютерӣ натиҷаи рушди босуръати технологияҳои гуногунсамтаи иттилоотӣ мебошад [2, с. 164].

Дар давраи ҳозира таъсирпазирии забони компютерӣ аз забони англисӣ равшан ба назар мерасад, чунки бештари истилоҳоти муосири компютерӣ аз забони англисӣ иқтибос шудаанд, ки дар навбати худ, чун қоида, решаи юнонию лотининӣ доранд. Масалан, истилоҳоти протсессор, сканер, интерфейс, монитор, модем ва ғайра.

Забоншиноси шинохта И. Л. Комлева соҳаҳои зерини истилоҳоти соҳаи мазкурро муайян кардааст, ки дар онҳо истилоҳоти компютерӣ зина ба зина тасниф мешаванд:

- маълумоти умумӣ дар бораи компютерҳо (таърихи офариниш, истеҳсолот, моделҳо ва ҳадафи онҳо).
- сахтафзор (таҷҳизот, воҳидҳои система аз ҷумла монитор, клавиатура ва муш дар компютери доимӣ, дастгоҳҳо, ноутбук, планшет ё смартфон).
- нармафзор (таъминоти барномавӣ, системаи амалиётӣ бо маҷмуи барномаҳои стандартӣ).
- барномасозӣ (доираи васеи имкониятҳои коркарди маълумот), ки бо эҷод ва истифодаи гуногуни барномаҳои алгоритмӣ алоқаманд аст.

- кори системаи компютерӣ (амалҳои арифметикӣ ва ҳалли мушкилоти дигар бо истифодаи компютер).
- технологияи компютерӣ (иттилоот ва алоқаи технологӣ).

Технологияи омехта. Ҳар яке аз ин бахшҳо гурӯҳи истилоҳоти ифодакунандаи ҷузъҳои хурди худро доранд [4, с. 221].

Забоншиносӣ шинохта И. Л. Комлева дар забони русӣ қариб 4500 истилоҳи компютериро муайян кардааст [4, с. 221]. Аз ин миқдор 57-тояш дар худи забони русӣ сохта шудаанд, ба мисли *память, ссылка, вставка* ва ғайра. Бисёр воҳидҳои луғавии забони компютерӣ (WiFi, URL, LAN), номи замимаҳо (Microsoft Word), суроғаи манбаъҳои электронӣ (http://www.yandex.ru) танҳо ба забони англисӣ навишта мешаванд ва ин метавонад, барои нафароне, ки забони англисиро намедонанд, мушкилиро ба вуҷуд меорад.

Ҳар як гурӯҳи истилоҳоти компютерие, ки дар боло номбар шуданд, дар алоҳидагӣ як системаи лексикаи компютериро ташкил медиҳанд.

Забоншинос И. Л. Комлева истилоҳоти компютериро дар асоси сохтори мантиқӣ-семантикӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунад:

- ашёҳо (флешкорт- flash card, диски сахт – hard disk);
- равандҳо (нусхабардорӣ - copy, сабт - record);
- арзишҳо (байт -byte, пиксел - pixel);
- аломатҳо ва хосиятҳо (намуди мизи корӣ - desktop, параметрҳои конфигуратсионии низоми амал - operation system) [4, с. 221].

Н. Равжаа 4 принсиперо нишон додааст, ки дар асоси онҳо истилоҳоти соҳавӣ ташаккул меёбанд:

1. ***Принсипи тарҷума***. Истилоҳот бо роҳи тарҷума ташаккул меёбанд. Бештари истилоҳоти компютерӣ аз забони англисӣ ба забони русӣ ва аз он ба забони тоҷикӣ тарҷума мешаванд. Чунончи, home page – **домашняя страница**- саҳифаи хонагӣ; Random Access Memory-**опративная память**-хотираи фаврӣ.

2. ***Принсипи такя ба забони модарӣ***. Принсипи мазкур аз он иборат аст, ки баъзе истилоҳот, ба мисли *правка* (дуруст), *вставка* (гузоштан) дар худи забони тоҷикӣ сохта шудаанд. Калимаҳои иқтибосӣ бошанд, дар забони тоҷикӣ ба меъёрҳои истеъмолии он мутобиқ мешаванд.

3. ***Принсипи аз вожаҳои маъмул сохтани истилоҳот***. Чунин вожаҳо ба мисли *мушак, сабад, равзана* ва ғайра ба қатори истилоҳоти компютерӣ аз гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмол ворид гардидаанд. Дар ин ҳолат, албатта, маънои луғавии онҳо тағйир меёбад.

4. ***Принсипи муттаҳидсозӣ***. Ба вуҷуд омадани истилоҳоти компютерӣ дар буриши соҳаҳои илм ва технология, баъзан гузариши истилоҳ аз соҳа ба соҳаи дигар мушоҳида мешавад. Масалан, мафҳуми «шабакаи иҷтимоӣ» ҳам дар сотсиология ва ҳам дар технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба кор бурда мешавад [7, с. 364].

Аз солҳои 70-уми асри гузашта дар чаҳорчӯби равиши когнитивии таҳқиқот чунин ақидае роиҷ гардид, ки тибқи он мағзи инсон ва компютер аз рӯйи схемаи муайян кор мекунанд. Алгаритмҳои ҳисоббарорӣ инъикоси равандҳои маърифатии шуур мебошанд ва зеҳни сунъӣ бошад, ин моделизеҳни табиї мебошад. Аз ин рӯ, истилоҳоти компютерӣ барои ифодаи равандҳои маърифатӣ дар тасвири компютерии нави ҷаҳон истифода мешаванд. Истилоҳоти компютерӣ тибқи принсипҳои таҳиякунандаи меъмории мошини электронии ҳисоббарор (МЭҲ) Ҷон фон Нейман (1946) дар муқоиса бо луғат, ки амалкарди мағзи сари инсонро тасвир мекунад (компютер ҳам ба мисли инсон хотира дорад ва вазифаи мағзи сари инсонро протсессори асосӣ ва ғайра иҷро мекунад), ташаккул ёфтаанд.

Аз як тараф, ҳар гуна истилоҳот як бахши луғати забони миллиро ташкил медиҳанд, ки дар он принсипи фарҳангшиносии миллии ташаккули он зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, шакли истилоҳи компютерӣ, яъне талаффуз, сарфу наҳв, дар забони тоҷикӣ тибқи

меъёрҳои забони тоҷикӣ сурат мегирад. Чунончи, истилоҳи **провайдер,** ки аз забони англисӣ иқтибос шуда, мафҳуми хизматрасони дастрасӣ ба интернетро ифода мекнад, дар забони тоҷикӣ ҳамроҳи пешоянду пасояндҳо таркибҳои зерини синтаксисӣ месозад: провайдерро, ба провайдер, бо провайдейр, аз провайдер, доир ба провайдер ва амсоли инҳо [5, с. 243].

Аз тарафи дигар, истилоҳоти компютерӣ (мушаххасан, вожаҳои наве, ки аз забонҳои дигар иқтибос мешаванд) аз калимаҳои умумиистеъмол бо нигоҳ доштани аломатҳои хоси худ, ки хоси забони миллӣ намебошанд, фарқ мекунанд. Яъне, истилоҳоти компютерие, ки аз забонҳои англисию русӣ ба забони мо ворид шудаанд, дорои аломатҳое мебошанд, ки умуман, хоси забони тоҷикӣ нестанд, масалан:

-таркиби овозию морфологии калимаҳо, ки хоси забони тоҷикӣ нестанд (слайд, брандмауэр, картридж ва ғайра);

-ҳамнишинии калимаҳои забони тоҷикӣ бо калимаҳои забони англисӣ ва истифодаи ихтисораҳои забони англисӣ (web- SMS- паём);

-ҳамнишинии истилоҳоте, ки дар забони англисӣ маъно доранд (файл-сервер, компакт-диск);

-имлои истилоҳоти шаклан мураккаб, масалан, навишти калима бо нимтире дар сурати мавҷудияти алоқаи тобеъ, ки барои имлои забони тоҷикӣ хос нест (кэш- хотира-хотираи зудамал, ZIP-файл- файл дар шакли ZIP);

-номҳои рақамӣ-ҳарфӣ, ки барои забони тоҷикӣ хос нест (дастгоҳи воридкунӣ/хориҷкунӣ, 3D-формат).

Ҳамин тавр, истилоҳи компютерие, ки аломатҳои овозӣ, морфологӣ ва ситаксисии забони тоҷикӣ дорад, бо баъзе хусусиятҳое, ки хоси забони тоҷикӣ нестанд, фарқ мекунанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки истилоҳоти компютерӣ ба меъёрҳои забони миллӣ мутобиқ мешаванд: қисман бо он мувофиқ меоянд ва қисман аз доираи меъёрҳои он берун мемонанд.

Адабиёт

1. Алексеева, Л.М. Стилистический энциклопедический словарь русского языка / [Электронный ресурс]. - Режим доступа. - URL: http://slovarix.ru/stilisticheskiy_entsiklopedicheskiy_slovar/page/termin.220
2. Асламов, Х.А. Словообразовательный анализ терминологии компьютерной технологии в таджикском и английском языках, дис. канд. филол. наук: 10.02.19 / Асламов Хикматулло Акбархонович. –Душанбе. - 2019. – 164 с.
3. Гринев, С.В. Введение в терминоведение. – М., 1993. — 309 с.
4. Комлева, И.Л. Принципы формирования русской компьютерной терминологии: Дис. … канд. филол. наук: 10.02.01. – М., 2006. С. 221
5. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ. 1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 243 с.
6. Мусоямов, З.М. Структурно-семантический анализ терминов программного обеспечения компьютера (на материалах таджикского и английского языков): дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич – Душанбе, - 2017. – 203 с.
7. Равжаа, Н. Обучение монгольских студентов-нефилологов (программистов) рецепции и продукции текстов, содержащих дефиниции компьютерных терминов: Автореф. дис. … д-ра пед. наук: 13.00.02. — М., 2009. С. 364
8. Шарипов, Т. Компьютерная лексика таджикского языка. дис. канд. филол. наук: 10.02.22 / Т. Шарипов. – Душанбе, 2003. – 160 с.

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ИСТИЛОҲОТИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола истилоҳоти марбут ба соҳаи технологияи компютерӣ таҳлил карда шудааст. Истилоҳоти мазкур аз ҷиҳати баромад, таснифот, хусусиятҳои хос ва ҷойгоҳи онҳо дар забони тоҷикӣ, бахусус, дар лексикаи касбии он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар мақола масъалаи истилоҳоти компютерӣ ҳамчун соҳаи нави илм мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст. Он

ҳамчун равияи чудогонаи илм босуръат инкишоф ёфта истода, асосҳои метадологии он омӯхта шуда, предмету объект, доираи проблемаҳои он муйаян карда мешаванд.

Ба андешаи муаллифи мақола, роҳҳо ва тарзҳои пайдоиши истилоҳоти компютерӣ хеле гуногунанд.

Қайд гардидааст, ки истилоҳоти компютерӣ (мушаххасан, вожаҳои наве, ки аз забонҳои дигар иқтибос мешаванд) аз калимаҳои умумиистеъмол бо нигоҳ доштани аломатҳои хоси худ, ки хоси забони миллӣ намебошанд, фарқ мекунанд. Яъне, истилоҳоти компютерие, ки аз забонҳои англисию русӣ ба забони мо ворид шудаанд, дорои аломатҳое мебошанд, ки умуман, хоси забони тоҷикӣ нестанд.

Калидвожаҳо: *забон, луғат, вожагон, забоншиносӣ, забоншиносии компютерӣ, истилоҳоти компютерӣ, технологияҳои иттилоотӣ, калимаҳои нав, неологизмҳо.*

ИЗ ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье проводится анализ терминов, относящихся к области компьютерных технологий. Эти термины исследованы с точки зрения их появления, классификации, специфических характеристик и их места в таджикском языке, особенно в его профессиональной лексике.

По мнению автора статьи, способы и методы компьютерной терминологии очень разные.

Отмечается, что компьютерные термины (в частности, новые слова, заимствованные из других языков) отличаются от общеупотребительных слов сохранением собственных признаков, не характерных для национального языка. То есть компьютерные термины, пришедшие в наш язык из английского и русского языков, имеют признаки, не характерные для таджикского языка.

Ключевые слова*: язык, словарный запас, слова, лингвистика, компьютерная лингвистика, компьютерная терминология, информационные технологии, новые слова, неологизмы.*

FROM THE HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF COMPUTER TERMS IN THE TAJIK LANGUAGE

The article analyzes the terms related to the field of computer technology. These terms were discussed in terms of their appearance, classification, specific characteristics and their place in the Tajik language, especially in its professional vocabulary.

According to the author of the article, the ways and methods of computer terminology are very different.

It is noted that computer terms (in particular, new words borrowed from other languages) differ from commonly used words by retaining their own features that are not characteristic of the national language. That is, computer terms that came into our language from English and Russian have features that are not characteristic of the Tajik language.

Keywords*: language, vocabulary, words, linguistics, computational linguistics, computer terminology, information technology, new words or neologisms.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шамсов Бахтовар Салмонович *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи информатика ва фанҳои табиӣ-риёзӣ. Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мухаммадиева 17/6. E-mail: shamsovb@gmail.com Тел.: (+992) 918. 27. 00. 94.*

Сведения об авторе: Шамсов Бахтовар Салмонович *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, старший преподаватель кафедры информатики и естественно-математических наук. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. Электронная почта: shamsovb@gmail.comя Тел.: (+992) 918. 27. 00. 94.*

Information about the author: Shamsov Bakhtovar Salmonovich *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, senior lecturer of the department of informatics and natural-mathematical sciences. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17/6 Muhammadieva street. E-mail: shamsovb@gmail.com Tel: (+992) 918. 27. 00. 94.*

АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

ТДУ: 82-1

КОРБУРДИ АВЗОНИ ШЕЪРӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Сӯфизода Ш.З., Шарипов Ш.Р.
Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии АМИТ,
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Рукни муҳимми сохтории шеър вазни он аст. Маҳз вазн пояи каломи мавзун ва офарандаи мусиқии шеър аст ва шоирони қудратманд то ҷое ифодаи маъноро низ дар он гунҷонидаанд. Аз ин ҷо, дар шинохти вежагиҳои хоси сохтории эҷодиёти ин ё он шоир ва мақоми ӯ дар ташаккулу такомули анвои осори ғиноӣ мавриди баррасӣ қарор додани чигунагии корбурди авзони шеърии мероси ӯ амри муҳим арзёбӣ мешавад.

Интихоби вазни шеърӣ, ки бояд ба муҳтаво ва утуфат муртабит бошад, дар ғазал, аксаран, аз ҷониби шоир ноогоҳона сурат мегирад, агарчи «дар мавриди достонсаройӣ ва мавзуъпардозӣ шоир вазнро мутаносиб бо мавзуъ интихоб мекунад»[9, 217].

«Хоҷа Насир дар мавриди ин ки дар шеъри юнонӣ ҳар вазн ихтисос ба ғарази хосе дорад, чунин мегӯяд: «Юнониёнро ағрозмаҳдуд будааст, дар шеър ва ҳар якеро вазне хоси муносиб, масалан, навъе будааст, муштамил бар зикри хайру ихёр ва тахаллус ба мадҳи яке аз он тоифа, ки онро тарофудё (трожедӣ) хондаанд ва он беҳтарин навъ будааст ва онро вазни бағоят лазиз буда ва навъе дигар муштамил бар зикри шурур ва разойил ва ҳаҷви касе ва навъе муштамил бар умури ҳарбу ҷидол ва таҳайюҷу ғазабу зуҷират ва навъе дигар муштамил бар умури маъод ва таҳвили нуфуси шарира ва навъе дигар муқтазои тарабу фараҳ ва навъе дигар муштамил бар сиёсат ва навомис ва ихёри мулук ва ҳамчунин, анвоъи дигар ва ҳар навъеро аҷзое хоси мураттаб ва муваддӣ ба мақсуд» [9, 217].

Вазни шеърии суннатии мо арӯз аст, ки бар мабнои ҳиҷо (баста ва кушода, кӯтоҳ ва дароз) бунёд ёфта, сохтмони асосии асари ғиноист ва фарогири буҳури мухталиф (аслӣ ва фаръӣ) аст. Вазни шеърӣ қолаби мушаххас барои баёни матлаб буда, то ҷое оҳанги эҳсосу ҳаяҷон ва шавқу шӯри шоирро тадоӣ менамояд ва маншаи эҷоди вазнҳои шоду ношод мегардад.

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ мутобиқати вазнҳои шод (рангӣ ва рақсовар) [9, 217] ва ношод бо муҳтавои асари лирикӣ яке аз масъалаҳои ҷиддии ҳунари шоирӣ ва сохтории шеър буда, дар мароҳили гуногуни адабӣ таҳқиқи ин мавзуъ низ таваҷҷуҳи олимон, адибон ва муҳаққиқонро ҷалб намудааст[17; 8, 34-51; 9, 217-220].

Дар ин замина, масъалаи дигари сохтории ғазалиёти Зуҳурӣ корбурди вазнҳои шеърист, ки шоир дар баёни матлаб аз вазнҳои хушоҳанг, маъмулу дилнишин, шоду ношод, баҳраҷӯйӣ намудааст ва то ба имрӯз мавзуи авзони эҷодиёти ӯ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқону олимон қарор нагирифтааст.

Ҷиҳати муайян намудани мақоми Зуҳурӣ дар такомули ғазали асрҳои XVI-XVII баррасии авзони ашъори ӯ муҳим буда, ба пиндори Парвиз Нотили Хонларӣ «аз қадимтарин замоне, ки истилоҳи шеър ё муодили он дар забонҳои дигар ба яке аз анвои ҳунар итлоқ шуда, ҳамеша мафҳуми он бо мафҳуми вазн мулозима доштааст» [19, 12].

Парвиз Нотили Хонларӣ, ҳамчунин, афзудааст, ки «ихтиёри вазн дар ғазалсароӣ танҳо манут ба завқи шоир нест, балки суннати шоирӣ ва шеваи маъмули замон шоирро бе он ки худ бидонад, ба ихтиёри баъзе аз авзон ва тарки баъзе дигар вомедорад. Пас вазн низ яке аз нукоте аст, ки дар баҳс аз сайру таҳаввули ғазали форсӣ бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад»[20, 202].

Сирус Шамисо «вазн дар хуни шоир аст» [22, 70-77] мегӯяд ва Абуалӣ ибни Сино «мантиқиро ба ҳеҷ як аз вазну баробарӣ ва қофия назар нест, магар бубинад, ки чӣ гуна сухан хаёлангезу шуронанда мешавад», - гуфтааст[18, 72] ва афзудааст, ки «вазнҳое ҳаст сабук ва вазнҳое сангин ва муаққар» [14, 78]. Роҷеъ ба таассури вазн дар зеҳн Спенсер (Spencer)

муътақид аст, ки «вазн гузашта аз он, ки тақлиди оҳанги шавқ ва ҳаяҷон аст, василае барои сарфаҷӯйӣ дар таваҷҷуҳи зеҳн ба шумор меравад ва лаззате, ки аз он ҳосил мешавад, натиҷаи он аст, ки чун калимот бар тибқи зарб ва вазне маъҳуд ва ошно бо ҳам талфиқ шавад, зеҳн онро осонтар идрок мекунад» [19, 14]. Дар ин замина, ҳар гуна шоир низ барои идроки осони матлаб вазни хушояндро мегузинад, то вазн ҳадалимкон ҳамрадифи маънӣ бошад.

Ба пиндори Қамари Ориён «дар назди шоирони ин давра (сабки ҳиндӣ – Ш.Ш.) тақрибан, авзони муътадил ҳамонҳост, ки дар шеъри Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ буд ва ба назар меояд, ки эҳтирози онҳо аз авзони ғариб то ҳадде низ барои он буд, ки ҳифз ва мурооти он, табаҳҳур дар арӯзро эҷоб мекард, ки назди шуарои оммаи ин адвор наметавонист амалӣ бошад ва гӯё аз ҳамин замонҳо буд, ки ин гуна авзони номаънусро номатбуъ хонданд» [12, 292].

Дар бораи корбурди авзони мухталифи шеърӣ дар эҷодиёти адибони форсу тоҷик мақолоти зиёд ва пажӯҳишҳои алоҳидаи судманди муҳаққиқон ва адабиётшиносони тоҷику эронӣ, аз қабили Т.Зеҳнӣ [5, 400], Х.Шарифов, У.Тоиров [24, 384], Нуров Н. [11, 30-40], Азизов С.С. [1, 66-86; 2, 114-123], Маҳмудзода О.Б. [7, 78-84], Насириддини Тӯсӣ [17, 590], Маҳдӣ, Ахавони Солис [8, 34-51], Парвиз Нотили Хонларӣ[19, 298; 20, 296; 21, 2134], Ваҳидиёни Комёр Тақӣ [15, 64-66], Сирус Шамисо[22, 150; 23, 70-77], Наҷибуллоҳ Қайюм[9, 217-220] ва дигарон рӯйи кор омадаанд.

Муҳаққиқи эронӣ - Масъуди Фарзод рӯйи корбурди авзони шеърӣ дар эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пажӯҳиш анҷом додааст.

Ба пиндори Н. Нуров, «дар девони Бедил аз лиҳози касрати истифода баҳрҳои рамал ва ҳазаҷ пуркорбурдтарин ба шумор мераванд ва маҷмуан, 11 баҳри мавриди истифодаи шоир аз инҳо иборатанд: баъд аз рамалу ҳазаҷ, музореъ, муҷтас, раҷаз, комил, мутақориб, хафиф, мунсареҳ, муқтазаб, сареъ» [10. 75].

Муҳаққиқ Маҳмудзода О.Б. гуфтааст, ки «аз баррасии авзони ғазалиёти Назирӣ чунин бармеояд, ки шоир дар ғазалсароӣ бештар аз вазнҳои маъмулро дар ғазал ба кор бурдааст. Аз баҳрҳои аслӣ дар девони шоир аз ҳама бештар баҳрҳои рамал, ҳазаҷ, раҷаз ва аз баҳрҳои фаръӣ музореъ, муҷтас, хафиф, сареъ ва мунсареҳ истифода шудааст» [7, 79].

Ба пиндори Азизов С.С., «Саъдӣ дар маҳзуф ва мақсури ин вазн (рамали мусаммани маҳзуф ва мақсур – Ш.Ш.) 46 ғазал, Ҳофиз 33 ғазал ва Аттор 42 ғазал сурудаанд»[1, 66-86].

Аз баррасии авзони шеърӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бармеояд, ки шоир бештар аз баҳрҳои рамалу ҳазаҷу раҷаз, сареъ ва мунсареҳ, хафифу муҷтасу музореъ ва мутақориб баҳра ҷустааст.

Шукуфа Дороӣ дар мавриди корбурди авзони шеърӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ гуфтааст, ки «баҳрҳои рамал, ҳаҷаз ва муҷтас басомадтарин буҳуре ҳастанд, ки вай аз онҳо баҳра бурдааст» ва ҳамин муҳаққиқ 500 ғазали шоирро ба тариқи интихоб аз ҷиҳати вазни шеърӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки Зуҳурӣ «аз 8 баҳри арӯзӣ истифода кардааст, ки ба тартиби басомад аз рамал (34/3%), ҳазаҷ (20/3%), муҷтас (19/2%), мунсареҳ (8/2%), музореъ (8/3%), хафиф (6/8%), раҷаз (2/1%) ва мутақориб (1/3%)» иборатанд[3, 135, 152].

Агарчи Шукуфа Дороӣ бар он аст, ки Зуҳурӣ аз 8 баҳри арӯзӣ истифода кардааст, баррасии мо нишон медиҳад, ки буҳури мавриди баҳра қарордодаи шоир ҳудуди ин теъдодро убур мекунад.

Аз ин ҷо, метавон бар он пиндор омад, ки корбурдатарин авзон шеърӣ дар осори адибони сабки ироқӣ ва ҳиндӣ ҳазаҷу раҷазу рамал будаанд.

1. **Баҳри ҳазаҷ**. Ғазалҳои зерини Зуҳурӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим (мафоилун, мафоилун, мафоилун, мафоилун) V- - - / V - - - / V - - - / V - - - / суруда шудаанд:

Кас аз ман комронтар нест, нокомист ком ин ҷо,
Надонам бастатар аз хеш, озодист дом ин ҷо[16, 30].

Ва:

Димоғам барнаметобад фусуни пиру барноро,
Ҷунуне ку, ки дар занҷир печам кӯҳу саҳроро[16, 31]?

Ва ё:

Зи беморӣ чӣ ҳосил паҳлуи бистарпарастонро,
Мабодо захми марҳам синаи ханҷарпарастонро[16, 33].

Аз навъҳои баҳри ҳазаҷ, ки хушоҳангу мутантан аст, дар девони Зуҳурӣ баҳри ҳазаҷи мусаммани солим бештар корбурд дорад. Вазн дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба муҳтаво ва отифат мутобиқат дошта, шоир авзонеро баргузидааст, ки бо муҳтаво ва ҳолати инфиъолии ғазалаш ҳамоҳанг аст:

Чу шукраш ҳар/ замон хоҳам/, ки бедодаш/ фузун бошад,
Хушо роҳат/, ки озори/ касе ӯро/ шугун бошад [16, 289].

Зи тарки ул/фаташ ҷонам/, ба тан улфат/ намедонад,
Зи шавқи суҳ/бати ӯ хил/валӣ хилват/ намедонад [16, 292].

Ба гулгашти/ чаман рафтӣ/, чаман сарви/ равон дорад,
Хиҷил шуд бо/ғбон, пиндош/т, боғаш ар/ғувон дорад [16, 298].

Дил аз андешаи васли ту олӣ карда ҳимматро,
Тамошо дар тамошои ту ҳайрат карда ҳайратро [16, 33].

Ҳазаҷи мусаддаси ахрабу мақбузу мақсур (мафъӯлу мафоилун, мафоӣл) - - V / V – V- / V - ~ (2 бор):

Нам дар ҷигар аз тафи дарун нест,
Аз гиря баромадем, хун нест[16, 162].

Ва:

Ку дида, ки дидане зарур аст,
Ку дил, ки тапидане зарур аст[16, 148].

Дар баъзе байтҳо ба ҷойи рукни охирини мақсур – мафоӣл маҳзуф – фаӯлун (V - -) меояд:

Бар ёди ту заҳрҳо шакарҳо,
Бо рӯйи ту шомҳо саҳарҳо[16, 24].

Ё

Ё Раб, асаре дуои моро,
Сабре дили мубталои моро[16, 26].

Ҳазаҷи мусаддаси мақсур (мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣл) V- - - / V- - - / V - ~ :

Ба заҳр олуда ҳар ҷо ангубин аст,
Хасак дорад ба ҷайб, ар ёсумин аст[16, 172].

Ва:

Чу ҳиҷрон душмани камфурсате нест,
Ду рӯзи дӯстонро муҳлате нест[16, 142].

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун) V- - - / V- - - / V - - :

Раҳи сад марг дар кӯйи дил афтад,
Агар як дам зи ёдаш ғофил афтад[16, 384].

Ва:

Шудам ғаввоси найсони дил имшаб,
Бибор, эй дида, борони дил имшаб[16, 45].

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби маҳзуф (мафъӯлу мафоӣлун, фаӯлун) - - V / V- - - / V - - :

Хоке, ки зи хуни мо шавад гил.
Гар бифишорӣ, фурӯ чакад дил[16, 452].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (--v\v--v\v--v\v-- мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлун[13, 93]):

Май амну амон сохта хавфу хатарамро,
Мастӣ шуда хуш муҳтасибе шӯру шарамро[16, 19].

Ид аз гили қурбонгаҳи мо сохт ҳиное,
Шояд ки бибӯсем ба иде кафи пое[16, 668].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (- -v/ v—v / v-~ мафъӯлу / мафоӣлу / мафоӣлу / мафоӣл[13, 930]):

Ҷонмурдаи дарде, ки пазирои даво нест,
Захме, ки ба марҳам шавад олуда, зи мо нест[16, 47].

2. **Баҳри рачаз.** Рачази мусаммани солим, ки аз 4 маротиба такрори мустафъилун (- - v - / - - v - / - - v - / - - v – мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун) сохта шудааст[5, 339].

Овардаам/ пеши назар/ ҳар гӯша сад/ гулзорро,
То аз баро/и пойи дил/ хуш кардаам/ як хорро[16, 24].

Рачази мусаммани матвию махбун: муфтаилун/ мафоилун/ муфтаилун/ мафоилун -v v -/ v - v - /-v v -/ v - v - (вазни 16-ҳиҷоии рачаз):

Ишқ куҷо, ки то хӯрад хуни умеду бимро
Тоза кунад ба душманӣ дӯстии қадимро[16, 30].

3. **Баҳри рамал.** Вазни рамали мусаммани маҳзуф ва мақсур (фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун -v--\-v--\-v--\-v) аз вазнҳои маъмули ғазал (умуман, шеъри форсии тоҷикӣ) буда, аз 15 ҳиҷо (11-то дароз ва 4-то кӯтоҳ) иборат аст ва аз оғози ташаккули ин жанри лирикӣ то ба имрӯз дар густураи адаби форсӣ вазни пуркорбурд маҳсуб аст. Ин навъи вазн дар ғазалиёти Зуҳурӣ низ чашмгир аст. Агарчи интихоби вазн дар ғазалиёти Зуҳурӣ бештар огоҳона сурат нагирифтааст, аммо шоир кӯшидааст, ки то ҷое дар ибрози муҳтаво вазни хушояндро низ интихоб намояд. Чунончи, дар вазни рамали мусаммани маҳзуф **(**-v--\-v--\-v--\-v- фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун):

Маҳраме ку/, ки барад пе/ши касе но/ми маро,
Во кунад сар/сухани но/маву пайғо/ми маро[16, 16].

Ва ё:

Сад чаман дар/ пешкорӣ/ боғи зиндо/ни туро,
Боғи риндон/ андалебо/ни гулисто/ни туро[16, 36].

Рамали мусаммани мақсур —v--\-v--\-v--\-v~ (фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилон)

Дар шиканҷи/ доми ӯ бул/бул ба гулшан/ душман аст,
Тавқи рангин/ хоси ман, қум/рӣ ба гардан/ душман аст[16, 95].

Рахши оҳу ноларо андози ҷавлон кам шудаст,
Дарду ғам хоҳанд марду марди майдон кам шудаст[16, 119].

Бодае, к-аз ҳасраташ Ҷам мурд, дар ҷоми ман аст,
Кард он сайде, ки аз Баҳром рам, роми ман аст[16, 135].

Рамали мусаммани махбуни маҳзуф (-v--/vv--/vv--/vv- фоилотун, фаилотун, фаилотун, фаилун)

Ҳол пурси/д маро қув/вати тақри/р набуд,
Чӣ харобӣ/, ки дигар о/лати таъми/р набуд[16, 289].

Рамали мусаммани махбуни мақсур (-v--/vv--/vv--/vv~ фоилотун, фаилотун, фаилотун, фаилон)

Эй ҷунун, ат/ре, ки мастон/ дар димоғи/ худ зананд,
Санг бар хум/хонаи ҷо/му айёғи/ худ зананд[16, 335].

Беилоҷам ҳарфи дарди бедаво хоҳам навишт,
Нестам, то худ намедонам чиҳо хоҳам навишт[16, 59].

Рамали мусаммани махбуни аслам (фоилотун, фаилотун, фаилотун, фаълун —v--/ vv--/ vv--/ --):

Дидаро парданишин карда ба дидан рафтам,
Пунба дар гӯш ниҳодам ба шунидан рафтам[16, 492].

Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббаг **(** -v-- / vv-- / vv-- / -~ фоилотун/ фаилотун/ фаилотун/ фаълон):

Ишқ агар тухфапазир аст, дилу ҷоне ҳаст,
Шавқ, агар бар сари лутф аст, гиребоне ҳаст[16, 157].

Рамали мусаддаси мақсур (фоилотун, фоилотун, фоилон) -V - - / -V - - / -V ~:

Нест ҷисм аз ҷисми ман бетобтар,
Нест чашм аз чашми ман бехобтар[16, 401].

Ва:

Рӯзам аз бахтам хизоболудтар,
Лутфаш аз қаҳраш итоболудтар[16, 401].

Рамали мусаддаси махбуни мақсур (фоилотун, фаилотун, фаилон) -V - - / V - - - / V- - :

Эй зи рӯят биҳишт манзили мо,
Айши озод кардаӣ дили мо[16, 9].

4. **Баҳри сареъ.** Вазни 11-ҳиҷоии мусаддаси матвии мақсур ё мавқуф (муфтаилун/муфтаилун/фоилун ё фоилон: - vv-/- vv-/- v-, ё - vv-/- vv-/- v~)

Шаҳд барад чошнӣ аз коми мо,
Рехта ин заҳр, ки дар ҷоми мо[16, 43].

5. **Баҳри музореъ.** Баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (--v\-v-v\v--v\-v- мафъӯлу/ фоилоту/ мафоӣлу/ фоилун[13, 124]):

Ҳар дам ҳавас ниҳад сухане бар забони мо,
Муҳре ба бӯса кош ниҳӣ бар даҳони мо[16, 5].

Баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (--v\-v-v\v--v\-v~ мафъӯлу/ фоилоту/ мафоӣлу/ фоилон[13, 124]):

Гулҳо зи боғи рӯйи ту дар якдигар шукуфт,
Ҳусни ту ғунча буд, ба боди назар шукуфт[16, 132].

6. **Баҳри муҷтаси мусаммани махбуни аслами мусаббаг (**v-v-\vv--\v-v-\-~ мафоилун, фаилотун, мафоилун, фаълун)

Намонд ҳеҷ ҳиҷобе, ғами ҷудоӣ нест,
Миёни мову ту ҳоил ҷуз ошноӣ нест[16, 49].

Дар мисоли зер охири рукни мисраъҳо мусаббаги аслам – фаълон омадааст, ки дар вазн тағйир ба вуҷуд намеорад:

Ба маҷлисе, ки даровӣ, шавам сипанд он ҷо,
Сипандвор дар оташ фитад газанд он ҷо[16, 26].

7. **Баҳри хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф (**-v--/v-v-/vv-: фоилотун / мафоилун / фаилун):

Ишқ бар маснади ифода нишаст,
Доғҳо шарҳи матни синаи мо[16, 4].

Хафифи аслам (-v-- /v-v-/- -: фоилотун / мафоилун / фаълун):

Хоҳам аз Ҳақ ба муддао сӯзе,
Нафаси гарм, дар дуо сӯзе[16, 674].

8. **Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф (**--v-\v--\--v-\v--мустафъилун, фаӯлун, мустафъилун, фаӯлун)

Ҷуръат ба кӯйи хоҳиш муҳкам фишурд пое,
Дорад забон қироат бо арзи муддаое.
Имрӯз менишинам дар ҷиргаи шаҳидон,
Фоли шугуни ман шуд гулгунаи қабое[16, 660].

Яке аз омилҳои муассир будани шеъри форсии тоҷикӣ қаринии вазн бо муҳтавои он аст, ки Насириддини Тӯсӣ гуфтааст: «Ва чун авзону тахайюлоти муносиби ҳар навъе муқорини он истеъмол мекардаанд, онро таъсири бештар будааст ва бар ҷумла чун дар ин рӯзгор он сиёқат маҳҷур аст, аз шарҳи он анвоъ фойида зиёдат сурат набандад» [17, 103; 9. 217].

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавриде ба чашм мерасад, ки вазну муҳтаво ба ҳам қаринӣ надоранд ва «гоҳе дида мешавад, ки баъзе аз шоирони дигар низ риояи ин ҳамоҳангиро накардаанд, аз ҷумла, Носири Хусрав, ки на аҳли висол асту на ҳиҷрон ва саргарми афкору мўътақидоти мазҳабӣ ва ҳикамӣ аст, дар баёни ин маъонӣ, ки бо вазнҳое сангин мутобиқат дорад, аз ҳамин вазни рақсовар истифода кардааст:

Хира накардаст диламро чунин,
Не ғами ҳиҷрону нашавқи висол.

Шигифттар ин ки гоҳе баъзе аз шоирон вазнҳои зарбӣ ва шодро барои сурудани марсия ба кор гирифтаанд ва пайдост, ки он марсияҳо зодаи авотифи шоир набуда, ҷанбаи фармоишӣ доштааст, монанди марсияи Хоқонӣ, ки дар расои амире дар вазни мафъўлу мафоъилун фаъўлун сурудааст, ки вазне шод аст:

Эй қиблаи ҷон куҷот ҷўям,
Ҷониву ба ҷон ҳавот ҷўям» [9, 217].

Омили шинохти вазнҳои шоду ношод дар дарозӣ ва кўтоҳии ҳиҷоҳо буда, Насириддини Тўсӣ гуфтааст, ки «авзон дар разонат (сангинӣ) ва хиффат (сабукӣ) мухталиф бошанд, чи ба ҳасби ихтилоф ва иттифоқи аҷзои даврҳо ва чи ба ҳасби касрат ва қиллати ҳаракот дар ҳар давре»[9, 218] ва Парвиз Хонларӣ дар шарҳи «разонат ва хиффати авзон» бар он пиндор аст, ки «ҳамеша таълифе аз алфоз, ки дар он шумораи нисбии ҳиҷоҳои кўтоҳ ё шадид бештар бошад, ҳолати отифӣ шадидтар ва муҳаййиҷтареро илҳо мекунад ва баръакс барои ҳолоти мулоимтар, ки мусталзами таанниӣ ва оромиш ҳастанд, вазнҳое ба кор меравад, ки ҳиҷоҳои баланд ё заъиф дар онҳо бештар бошад»[9, 218].

Аз ин ҷо, маълум мешавад, ки оҳангҳои тунду муҳаййиҷ, зарбӣ, рақсовар ва ҳиҷоҳои кўтоҳ ба вазни шод ва оҳангҳои орому ҳиҷоҳои дароз ба вазни ғамноку сангин мансубанд. Чунончи, Зуҳурӣ ин абётро дар вазнҳои шод сурудааст:

Ишқ куҷо, ки то хўрад хуни умеду бимро
Тоза кунад ба душманӣ дўстии қадимро[16, 30].

Мутаносибии ҳиҷои кўтоҳ бар дароз 8 бар 8 (муфтаилун/ мафоилун/ муфтаилун/ мафоилун -v v -/ v - v - /-v v -/ v - v - (вазни 16-ҳиҷоии рачаз) аст.

Ишқи боло/даст ку, то /чарх пасти/ ман шавад,
По ниҳам бар/тар, таманно/ зердасти/ ман шавад[16, 294].

Мутаносибии ҳиҷои кўтоҳ бар дароз 7 бар 8 (-v--/vv--/vv--/vv- фоилотун, фаилотун, фаилотун, фаилон) аст.

Гулҳо зи боғи рўйи ту дар якдигар шукуфт,
Ҳусни ту ғунча буд, ба боди назар шукуфт[16, 132].

Мутаносибии ҳиҷои кўтоҳ бар дароз 7 бар 8 (--v\-v-v\v--v\-v~ мафъўлу/ фоилоту/ мафоӣлу/ фоилон) аст.

Намонд ҳеҷ ҳиҷобе, ғами ҷудоӣ нест,
Миёни мову ту ҳоил ҷуз ошноӣ нест[16, 49].

Мутаносибии ҳиҷои кўтоҳ бар дароз 7 бар 8 **(**v-v-\ vv--\ v-v-\ -~ мафоилун, фаилотун, мафоилун, фаълун) аст.

Зуҳурии Туршезӣ ин абётро дар вазни ношод сурудааст:

Ба мо, ё Раб, намояд толеи мо рўзгореро,
Ки бинад дар бағал нахли таманно навбаҳореро.
Ҷуз ин таъвиз дар дафъи сияҳбахтӣ намебошад,
Ки аз зулфи ту бар бозуи ҷон бандем тореро[16, 41].

Мутаносибии ҳиҷои кўтоҳ бар дароз 4 бар 12 (мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣлун, V- - - / V - - - / V - - - / V - - - /) аст.

Ҳолате низ вуҷуд дорад, ки дар ду вазн шумораи ҳиҷоҳои кўтоҳ ва дароз баробаранд, аммо вазни яке шоду дигаре ношод аст. Чунончи,

«Дӣ саҳарӣ бар гузаре гуфт маро ёр,
Шефтаву бехабарӣ чанд аз ин кор.
(Муфтаъилун / муфтаъилун / муфтаъилун / фаъ)

Эй ситораҳо, ки бар фарози осмон,
Бар ҷаҳони мо назорагар нишастаед.
(Фоъилоту / фоъилоту / фоъилоту / фаъ)

Пас, омили дигаре низ дар ҳолат ва мусиқии вазн дахолат дорад. Ин омил тартиби қарор гирифтани ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва баланд аст, зеро дар аввалӣ тартиби –УУ-аст ва дар дигарӣ –У-У ва ихтилофи ду вазн танҳо дар ҳамин омил аст» [9, 219].

Чӣ тавре ки аз баррасии масъалаи авзони шоду ношод дар ғазалиёти Зуҳурӣ бармеояд, шоир аксар авзони ношодро ба кор бурдааст ва дар фасли «Бозтоби адабии намоди ранг дар ғазалиёти Зуҳурӣ»-и ҳамин рисола дар асоси 4798 маротиба ба кор гирифтани вожагони марбути ғаму андуҳ мо бар он хулоса омада будем, ки девони ғазалиёти шоир «ғамнома»-ро мемонад.

Муҳаққиқон авзони шоду ношодро бо номҳои гуногун низ ёд мекунанд, ки Муҳаммадкозими Козимӣ дар китоби «Равзана» дар заминаи пиндори Шафеии Кадканӣ [6, 394-395] онҳоро вазнҳои шаффоф – дорои мусиқии ошкору қобили дарк ва кадар (андуҳ) – дерёб ва номаҳсусу хезобӣ - пуртанину пуртаҳрику ҷуйборӣ - орому мулоим номидааст [25].

Шукуфа Дорой низ аз истилоҳоти «авзони ҷуйборӣ», «авзони хезобӣ» ва «вазни даврӣ» истифода намуда, гуфтааст, ки «бо баррасии 500 ғазали Зуҳурӣ мушаххас шуд, ки беш аз 70 дар сади ғазалҳои вай аз навъи ҷӯйборӣ ва мулоим ҳастанд» ва «аз миёни 500 ғазали баррасишуда ҳудудан сӣ дар сади онҳо дорои вазни хезобӣ буда ва истеъмоли ин авзон бар ғиноии мусиқии шеъри ӯ афзуда ва ӯ ба хубӣ мафоҳуми ғамангезу шодро бо ҳам ба кор мебурда аст» [3, 135-136].

Корбурди зиёди авзони ҷӯйборӣ дар ғазалиёти Зуҳурӣ гувоҳи он аст, ки шоир тавонистааст маъниҳои бикр ва хаёлоти рангини худро дар шеваҳои устувор баён кунад. Чунончи,

Ҳоли ман сар карда зорӣ, гиря меояд маро,
Хуш азизам карда хорӣ, гиря меояд маро[16, 34].

Намунаи авзони хезобӣ аз девони ғазалиёти шоир:

Омода аз висолаш айшу фароғи мардум,
Шаб карда рӯзи моро чашму чароғи мардум[16, 527].

Шафеии Кадканӣ дар бораи вазнҳои ҷӯйборӣ гуфтааст, ки «авзони ҷӯйборӣ аз таркиби низоми иқои (зарб, вазн) махсусе ҳосил мешаванд, ки бо ҳамаи зулолӣ ва зебой ва матбуъ будан шавқ ба такрор дар сохтмони онҳо асос намешавад ва сохтори арӯзии афойл низ дар онҳо ба гунаест, ки рукнҳои арӯзӣ дар он айнан такрор намешаванд». Вазнҳои тунд ва муҳаррике, ки аглаб низоми иқои фаоъйли арӯзӣ дар онҳо ба гунаест, ки дар муқотеи хосе навъе ниёз ба такрорро дар зеҳни шунаванда эҷод мекунанд ва ғолибан, аз рукнҳои солим ё солиму музоҳафе ташкил шуда, ки ҳолати тарҷеъ ва дур дар онҳо маҳсус аст[6, 393, 395].

Вазни даврӣ вазне пӯё ё мутаҳаррикест, ки аз такрори ним мисраъ ба вуҷуд меояд ва дар он ҳар мисраъ аз ду пора ташкил мешавад, ки пораи дуюм такрори пораи аввал аст ва ба пиндори Шукуфа Дорой «тибқи баррасии 500 ғазали Зуҳурӣ ҳудудан, дорои вазни даврӣ ҳастанд ва ҷӯшишу ҳаяҷон ва нағмаи гӯшнавозе дар ашъори вай эҷод кардаанд» [3, 135-137; 15, 50].

Таваҷҷуҳи Зуҳурӣ ба авзони даврӣ боиси таҳаррук ва нишоти ғазали шоир ва барангехтани зеҳни хонанда шуда, девони шоир бо ҳамин сон вазн оғоз шудааст. Чунончи,

Он, кӣ хоҳад дошт фардо раҳматаш имони мо,
Гашта васфаш офтоби матлаи девони мо[16, 1].

Обод карда ишқи ту ҷони харобро
Дар хирмани аташ зада барқи саробро[16, 17].

Ёфт зи рӯят сафо оинаи ҷони мо,
Боз ҷилопарвар аст дидаи ҳайрони мо[16, 14].

Хулоса, дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар ҳама маврид (корбурди авзони шод -

хезобӣ, пуртанину пуртаҳрик ва ношод – ҷуйборӣ, ором ва мулоим) муҳтаво ва отифати шеъри ӯ бо вазн мутобиқат дошта, дар онҳо корбурди бештари авзони ношод чашмгир аст.

Ҳар яке аз авзони шеърӣ дар ғазалҳои Зуҳурӣ дорои мусиқӣ ва ҳолати хосест, ки ин мусиқӣ ва ҳолат «василае барои сарфаҷӯйӣ дар таваҷҷуҳи зеҳн» буда, барои осонтар шудани ифодаи маъно корбаст шудаанд. Шоир дар баёни матлаб аз баҳрҳои рамалу ҳазаҷу рачаз бештар баҳра ҷуста, сареъ, мунсареҳ, хафифу муҷтас ва музореъро камтар истифода кардааст. Корбурдатарин вазни Зуҳурии Туршезӣ баҳри аслии ҳазаҷ буда, шоир беш аз 9 баҳрро истифода кардааст. Вазн дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба муҳтаво ва отифат мутобиқат дошта, шоир авзонеро баргузидааст, ки бо муҳтаво ва ҳолати инфиъолии ғазалаш ҳамоҳанг аст. Агарчи ин интихоб бештар огоҳона сурат нагирифтааст ва ба пиндори Арасту «табиат худ муносибтарин вазнеро, ки шоистаи он аст эҳдо мекунад»[4, 33], аммо шоир кӯшидааст, ки то ҷое дар ибрози муҳтаво вазни хушояндро низ интихоб намояд. Дар умум, чун ғазалиёти Зуҳурӣ аз дили ӯ ҷӯш задааст, ноогоҳона вазнҳои муносиб ва табиӣ ба онҳо ҳамоҳанг шуда, авзони даврӣ боиси таҳаррук ва нишоти ғазали шоир ва барангехтани зеҳни хонанда ва шунаванда шудаанд.

Адабиёт

1. Азизов, С.С. Авзони ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ / С.С. Азизов // Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2020. –№2(22). – С. 66-86.
2. Азизов, С.С. Баъзе мулоҳизаҳо роҷеъ ба поэтикаи ғазалиёти Низомӣ. / С.С. Азизов // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров: илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – № 4 (57). – С. 114-123.
3. Дорой, Шукуфа. Таҳлили вежагиҳои сабки ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ//Баҳористони сухан. - №49. 1399. –С.131-154.
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Фанни шеъри Арасту // Абдулҳусайн З. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1343. – 248 с.
5. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан.-Душанбе: Адиб, 2007. - 400 с.
6. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър. – Теҳрон: Баҳор, 1373. – 679 с.
7. Маҳмудзода О.Б. Баррасии авзони ғазалиёти Назирии Нишопурӣ//Паёми ДДЗТ, 2020. - №3 (39). – С. 78 -84.
8. Маҳдӣ, Ахавони Солис. Навъе вазн дар шеъри имрӯзи форсӣ// Паёми нав.-1342.- № 5-10. – С. 34-51.
9. Начибуллоҳ Қаюм. Робитаи вазн ва муҳтаво дар шеър// Паёми ДДОТ. – 2021.- №1. – С. 217-220.
10. Нуров, Н.Н. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил. Дис.... доктори илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – С.75.
11. Нуров, Н. Вежагиҳои корбурди анвоъи авзони ғазал дар «Девон» -и Бедил / Н. Нуров // Паёми ДДҲБСТ. – 2015. – №2 (63). – С. 30-40.
12. Ориён, Қамар. Вижагиҳо ва маншаи пайдоиши сабки машҳур ба ҳиндӣ дар сайри таҳаввули шеъри форсӣ//Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Фирдавсӣ. -1352.- №34. – С. 292. (-С.261-296.)
13. Розӣ, Шамси Қайс.Ал-муъҷам. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
14. Сино, Абуалӣ. Аш-шифо. Аш-шеър. Ба кӯшиши Абдураҳмони Бадавӣ. - Қоҳира, 1966 – 78 с.
15. Тақӣ, Ваҳидиёни Комёр. Вазн ва қофияи шеъри форсӣ. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1374 - С.64-66.
16. Туршезӣ, Зуҳурӣ. Девони ғазалиёт / Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Асғари Бобосолор/ Зуҳурии Туршезӣ. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ, 1390. – 1622 с.
17. Тӯсӣ, Хоҷа Насириддин. Асос-ул-иқтибос. Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1355 – 590 с.
18. Фанни шеър: Доир ба санъати шеърӣ (Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов). – Душанбе: Ирфон, 1985. – С.72. (192 с.)
19. Хонлар, Парвиз Нотил. Баҳс ва таҳқиқи арӯз. -Душанбе: Матбааи ДДОТ, 2018.-298 с.
20. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Вазни шеъри форсӣ. –Теҳрон: Интишороти Тус, 1367. -295с.
21. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал. - Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон,1327. – 213 с.
22. Шамисо, Сирус. Вазн дар хуни шоир аст//Кайҳони фарҳангӣ. – 1372.- №100.- С.70-77.

23. Шамисо, Сирус. Ошноӣ бо арӯз ва қофия. –Теҳрон: Митро, 1393. -150 с.
24. Шарифов Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.
25. https://shahrestanadab.com/Content/ID/6464/ (Таърихи бардошт: 23.03.2023)

ВЕЖАГИҲОИ КОРБУРДИ АВЗОНИ ШЕЪРӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Муаллифон яке аз масъалаҳои муҳимму сохтории ғазалиёти Зуҳуриро таҳқиқ карда, ба хулосае омадаанд, ки шоир аз вазнҳои хушоҳанг, маъмулу дилнишин, шоду ношод ва баҳрҳои рамалу ҳазаҷу раҷаз, сареъ ва мунсареҳ, хафифу муҷтасу музореъ ва мутақориб истифода кардааст. Муайян карда шудааст, ки корбурдатарин авзон шеърӣ дар осори адибони сабки ироқӣ ва ҳиндӣ ҳазаҷу раҷазу рамал аст. Муайян гардидааст, ки Зуҳурӣ беш аз 9 баҳри арӯзӣ истифода карда, аксар вазнҳои ношодро ба кор бурдааст. Муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки корбурди зиёди авзони ҷӯйборӣ дар ғазалиёти Зуҳурӣ гувоҳи он аст, ки шоир тавонистааст маъниҳои бикр ва хаёлоти рангини худро дар шеваҳои устувор баён кунад. Муайян шудааст, ки беш аз 70 дар сади ғазалҳои шоир дар вазнҳои ҷӯйборӣ ва сӣ дар сади онҳо дорои вазни хезобӣ суруда шудаанд. Диққати Зуҳурӣ ба вазнҳои даврӣ боиси ҳаракат ва нишоти ғазали шоир ва барангехтани зеҳни хонанда шуда, девони шоир бо ҳамин вазн оғоз шудааст. Ҳар яке аз вазни шеърӣ дар ғазалҳои Зуҳурӣ дорои мусиқӣ ва ҳолати хосест, ки барои осонтар шудани ифодаи маъно корбаст шудааст. Корбурдатарин вазни Зуҳурии Туршезӣ ҳазаҷ буда, вазн дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба муҳтаво ва отифат мутобиқат дошта, шоир вазнҳоеро интихоб кардааст, ки бо муҳтаво ва ҳолати ғазалаш ҳамоҳанг аст. Муаллифон ақида доранд, ки Зуҳурӣ вазнҳои муносиб ва табииро интихоб накарда, онҳо ба ғазалиёти шоир ноогоҳона ҳамоҳанг шудаанд.

***Калидвожаҳо**: Зуҳурии Туршезӣ, шеър, шоир, вазн, арӯз, баҳр, рамал, ҳазаҷ, раҷаз, сареъ, мунсареҳ, хафиф, муҷтас, музореъ, мутақориб, ҷӯйборӣ, хезобӣ, шод, ношод, маънӣ, хаёл.*

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОЭТИЧЕСКИХ РАЗМЕРОВ В ГАЗЕЛЯХ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

Авторы, изучив размер – один из важных структурных элементов газелей Зухури, пришли к выводу, что поэт использовал весёлые, невесёлые, народные и интимные размеры, как рамаль, хазадж, раджаз, сареъ, мунсарех, хафиф, муджтас, музареъ и мутакариб. Установлено, что наиболее используемые поэтические размеры в произведениях поэтов «иракского» и «индийского» стилей является хазадж, раджаз и рамаль. Установлено, что Зухури использовал более 9-ти размеров аруза, большинство которые – невесёлые ритмы. Исследователи пришли к выводу, что широкое использование «ручьевиных» ритмов в газели Зухури свидетельствует о мастерстве поэта выражать свои оригинальные мысли в конкретные формы. Установлено, что более 70 процентов газелей поэта созданы в «ручьевиные» ритмы, а тридцать процентов - в ритме «морского прибоя». Симпатия Зухури к цикличным размерам стало причиной живости и веселости его газелей. Каждый поэтический ритм в газелях Зухури имеет свое особое звучание и способствует легкому восприятию смысла. Зухури Туршези больше всего употребляет размер – хазадж. Поэт выбирает размер в соответствии с выбранным содержанием. Авторы считают, что Зухури специально не выбирал стихотворные размеры, они у него рождаются самопроизвольно.

***Ключевые слова:** Зухури Туршези, поэма, поэт, ритмы, размер аруза: рамал, хазадж, раджаз, сареъ, мунсарих, хафиф, муджтас, музареъ, весёлые, невесёлые, народные, душевные ритмы, смысл, воображение.*

THE PECULIARITIES OF USING OF POETIC METERS IN GHAZALS OF ZUHURI TURSHEZI

The authors, having studied the poetic meters - one of the important structural elements of Zuhuri's ghazals, came to the conclusion that the poet used cheerful, sad, folk and intimate sizes,

such as ramal, hazaj, rajaz, sare, munsareh, khafif, mujtas, muzareh and mutakarib. It has been established that the most used poetic meters in the works of poets of the "Iraqi" and "Indian" styles are hazaj, rajaz and ramal. It is established that Zuhuri used more than 9 sizes of aruz, most of which are sad rhythms. The researchers came to the conclusion that the widespread use of "stream" rhythms in the Zuhuri ghazal testifies to the poet's skill in expressing his original thoughts in specific forms. It has been established that more than 70 percent of the poet's gazelles were created in "brook" rhythms, and thirty percent - in the rhythm of the "surf". Zuhuri's sympathy for cyclic dimensions became the reason for the liveliness and gaiety of his gazelles. Each poetic rhythm in Zuhuri's ghazals has its own special sound and contributes to an easy perception of meaning. Zuhuri Turshezi most of all uses the meter - hazaj. The poet chooses the size according to the chosen content. The authors believe that Zuhuri did not specifically choose poetic meters, they are born spontaneously in him.

Keywords*: Zuhuri Turshezi, poem, poet, rhythms, aruz size: ramal, hazaj, rajaz, sare, munsarikh, khafif, mujtas, muzare, cheerful, sad, folk, spiritual rhythms, meaning, imagination.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур *– Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии АМИТ, директор, доктори илмҳои филологӣ, профессор. Нишонӣ: Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 37 2214302; E-mail: sufizadeh@gmail.com*

Шарипов Шариф Раҳмонович *– Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯйи шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

Сведения об авторах: Суфизода Шодимухаммад Зикриёпур *– Центральная научная библиотека имени Индиры Ганди НАНТ, директор, доктор филологических наук, профессор. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992) 37 2214302; E-mail: sufizadeh@gmail.com*

Шарипов Шариф Рахмонович *- Институт Азиатских и Европейских исследований Национальной академии наук Таджикистана, соискатель отдела Среднего и Ближнего Востока. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992)92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

Information about the authors: Sufizoda Shodimuhammad Zikriyopur *- Director of the Scientific Library named after Indira Gandhi NAST, Doctor of Philology, Professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. Phone: (+992) 37 2214302; E-mail: sufizadeh@gmail.com*

Sharipov Sharif Rahmonovich *- Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctoral Researcher of the Department of the Middle and Near East. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. Phone: (+992)92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

ТДУ: 82.03

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ТАРҶУМАИ БАДЕӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Бобоалиева З. П.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар оғози марҳилаи нахустини барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ тоҷиконро имтиҳони душворе интизор буд: собит намудани он далел, ки тоҷик миллати дорои таърихи қадим, фарҳангу тамаддуни арзишманд ва адабиёти пурғановат буда, ин ҳама дар марказҳои илму тамаддуне ба мисли шаҳрҳои Самарқанду Бухоро тараққӣ намудааст.

Маҳз дар ин марҳилаи ҳасоси таърихӣ донишмандону сиёсатмандороне ба майдон омаданд, ки баҳри собит намудани ин далелҳо мубориза мебурданд. Ва дар ин давраи бисёр мушкилу ҳалкунандаи тақдири минъбадаи миллат, офаридани адабиёту тарҷума кори саҳл ва осон набуд. Ҳамин тариқ, марҳилаи рушд ва ташаккули нави тарҷумаи бадеии тоҷикро метавон пас аз Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр (Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр, соли 1917) ҳисобид. Зеро пас аз ин воқеаи таърихӣ соли 1924 дар натиҷаи гузаронидани тақсимоти миллии ҳудудӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар таркиби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон сохта шуд [2, с. 35].

Зодгоҳи тамаддуну фарҳанг ва офарандагони забони форсӣ-тоҷикӣ дар натиҷаи ин амали сунъӣ парешон гардид ва танҳо, соли 1929 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз Ӯзбекистон ҷудо шуда, ҳудуду марзи худро ба даст овард ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ном гирифт [2, с. 35].

Аммо ин ҳама маънои онро надорад, ки то соли 1924 ва 1929 ба забони тоҷикӣ дар самти тарҷума ва ё худ тарҷумаи бадеӣ коре анҷом дода нашудааст. Баръакс, то солҳои зикршуда, ҳанӯз соли 1909, яъне 15 сол пеш Абдулқодири Шакурӣ «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» ном китоберо аз тарҷумаи чанд ҳикояи Лев Николаевич Толстой («Алтар ва айнак», «Зоғ ва рӯбоҳ» ва ғайра) таҳия намуд [5, с.175]. Сипас соли 1912 дар саҳифаи рӯзномаи «Бухорои Шариф» боз чанд тарҷумаи ҳикояҳои Лев Николаевич Толстой ба табъ расид. Пас, нахустин тарҷумаи бадеии тоҷик маҳз аз ҳамин тарҷумаҳои Абдулқодири Шакурӣ, ки оғозаш соли 1909 ва баъдан соли 1911-1914 идома ёфтааст, ба ҳисоб рафта, ин амр минбаъд ба майдон омадани мутарҷимон ва ба рушду равнақи тарҷумаи бадеии тоҷик асос гузоштааст.

Дар солҳои аввали барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ ҷиҳати ташаккули тарҷумаи бадеии тоҷик ба андешаи мо ҷараёну падидаҳо ва омилҳои гуногуни дигар низ сабаб гардидаанд, ки метавон онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Шомил шудани тоҷикон ба узвияти Ҳукумати Шуравӣ ва ё худ таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки яке аз заминаҳои асосии тарҷумаи бадеии тоҷик ба ҳисоб меравад;
2. Мақоми давлатӣ гирифтани забони русӣ ва таъсири забону адабиёти рус ба осори бадеии тоҷик;
3. Таъсиси нахустин рӯзномаҳою маҷаллаҳо, махсусан адабию соҳавӣ, ба монанди «Бухорои шариф», «Самарқанд», «Ойина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Садои Шарқ» ва ғайра;
4. Таъсис ёфтани Нашриёти Давлатии Тоҷикистон дар соли 1925;
5. Баргузории нахустини Анҷумани нависандагону шоирони узви собиқ Иттиҳоди Шуравӣ;
6. Баргузори даҳаи адабиёт, солгарду солҷашнҳои ба истилоҳ халқҳои бародар;
7. Таъсиси маркази тарҷума дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ғайра.

Дар ин мақола бо назардошти омилҳои зикршуда ва далелу мадракҳои муътабар мекӯшем, ки заминаи нахустини рушди тарҷумаи бадеии тоҷикро дар доираи имконият таҳқиқ ва баррасӣ намуда, минбаъд, баъзе аз ин омилҳоро дар дигар навиштаҳоямон пажӯҳиши амиқ намоем.

Заминаи нахустини ташаккули тарҷумаи бадеии тоҷикро чуноне, ки дар фавқ зикр доштем, мо дар ин далел мебинем, ки миллати тоҷик ба узвияти Ҳукумати Шуравӣ пазируфта шуд ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Ин амр бегуфтугӯ ба он овард, ки низоми давлатдорӣ аз маркази ҳукумат, яъне Москва ба нақша гирифта мешуд ва тамоми соҳаҳо, аз қабили адабиёту тарҷумаи бадеӣ низ аз низоми давлатдорӣ вобастагӣ дошт. Худи ҳамин далел, ки оғози марҳилаи нахустини тарҷумаи бадеии тоҷик аз осори адабиёти рус (тарҷумаи Абдулқодири Шакурӣ, соли 1909) шуруъ гардида, ин тамоюл то солҳои 1930-1935 рушду тараққӣ намудааст, шоҳиди гуфтаҳои болост.

Асосан дар ин солҳо тарҷумаҳо аз адабиёти рус ва забони русӣ бештар ба забони тоҷикӣ ба чашм мерасанд, ки оид ба тарҷумаи осор ва тарҷумонҳои ин давр таҳқиқоти алоҳида бояд сомон дод. Дар ин ҷо ҳамин нуктаро зикр карданӣ ҳастем, ки нахустин марҳилаи тарҷумаи бадеии тоҷикро (бо ба инобат гирифтани солҳои таъсиси Ҳукумати нави Шуроҳо) ба ду қисм метавон ҷудо кард:

1. Оғози садаи ХХ шурӯъ аз солҳои 1912 то соли 1920;
2. Аз соли 1920 то соли 1960.

Боиси зикр аст, ки оғози соли 1960 тарҷумаи бадеии тоҷик марҳилаи нави сифату ҳаҷмро сипарӣ менамояд, ки ин дар давраро яке аз марҳалаҳои алоҳидаи таҳаввули тарҷумаи бедии тоҷик метавон шуморид.

Дар мақолаи олимони шинохтаи тоҷик Нағзибекова Меҳриниссо ва Муллоҷонова Закия «Таърихи тарҷумаи бадеӣ дар Тоҷикистон» («Об истории художественного перевода в Таджикистане») марҳилаҳои рушди тарҷумаи бадеии тоҷик шаш равандро аз сар сипарӣ намудааст, ки чор марҳилаи он ба барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ ва ба даст овардани Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд: «***марҳилаи III*** оғози асри ХХ солҳои 1910-1912; ***марҳилаи IV*** аз солҳои 1920-1940-и асри ХХ; ***марҳилаи V*** аз солҳи 1950-1980-и садаи ХХ то оғози солҳи 1990; ***марҳилаи VI*** аз солҳои 1990-и асри ХХ ва оғози ҳазорсолаи III» [3, с. 174].

Ба андешаи мо марҳилаҳои пешниҳоднамудаи олимони мазкур то ҷое қобили қабул буда, то ҷое баҳсбарангезанд, аммо ҳамин далел, ки аз ҷониби муаллифон кӯшиши тақсимбандии марҳилаҳои тарҷумаи тоҷик анҷом дода шудааст, боиси истиқбол ва таҳсин мебошад.

Чуноне ки зикр доштем, агар заминаи аввали тарҷумаи бадеии тоҷик, ин узвият дар Ҳукумати Шуравӣ ва таъсири низоми давлатдорӣ бошад, пас заминаи дигар ташаккул ва рушди тарҷумаи бадеии тоҷик - ин забони русӣ ба ҳисоб меравад, ки он замон мақоми давлатӣ касб намуда буд. Дар ин хусус олими рус Герасимова Наталя Ивановна дар маводи таълимии худ бо номи «Маводи лексионӣ» («Курс лекций») чунин овардааст: «Эътирофи забони русӣ ҳамчун забони давлатии Ҳукумати Шуравӣ (СССР) тақозо менамуд, ки аз забони русӣ ҳуҷҷатҳои зиёд, маводҳои дидагтикӣ ва матнҳои адабиёти бадеӣ ба забонҳои бародар, ки ба узви Ҳокимияти Шуравӣ шомиланд тарҷума шаванд. Дар солҳои 20-30-ум ба забони русӣ асарҳои бадеӣ аз забонҳои грузинӣ, арманӣ, туркманӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ ва қазоқӣ тарҷума гардид» [1].

Чуноне аз ин иқтибос бармеояд, маводу мадракҳои гуногун аз забони русӣ ба забонҳои миллатҳои аъзои Иттиҳоди Шуравӣ тарҷума гардида, ҳамзамон аз забонҳои ин миллатҳо ба забони русӣ низ тарҷумаҳо анҷом ёфтаанд, ки ин масъала ба рушди тарҷумаи тоҷик бегуфтугӯ таъсири мондагоре доштааст.

Пас аз пазируфта шудани забони русӣ ба ҳайси забони давлатӣ раванди тарҷумаи бадеӣ аз ин забон ба забони русӣ рушду тараққӣ намуда, беҳтарин осор аз забони мазкур ба забони тоҷикӣ тарҷумаю тадвин мегардад. Ҳамин далелро Ҳабиб Аҳрорӣ-тарҷумони шинохтаи тоҷик дар мақолаи худ «Дар бораи баъзе масъалаҳои тарҷумаи наср» чунин таъкид намудааст: «Пеш аз Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр асарҳои адабиёти рус ба забони тоҷикӣ тарҷума карда намешуданд. Фақат дар солҳои ҳокимияти советӣ бисёр асарҳои бадеӣ ба забони тоҷикӣ нашр шуд, ки ин яке аз бузургтарин муваффақиятҳои маданияти халқи тоҷик аст. Хонандаи мо ба воситаи тарҷумонҳо ба бисёр асарҳои адабиёти

классикӣ ва советии рус шинос шуд» [4, с. 91]. Мо бо қисми аввали ақидаҳои устод Ҳабиб Аҳрорӣ, ки «Пеш аз Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр асарҳои адабиёти рус ба забони тоҷикӣ тарҷума карда намешуданд» наметавонем розӣ бошем, зеро чуноне ки дар фавқ зикр доштем, ҳанӯз соли 1909 нахустин осори тарҷумавӣ аз забони русӣ сомон дода шудааст. Аммо ба қисми дуюми андешаҳои устод комилан мувофиқем, ки «Хонандаи мо ба воситаи тарҷумонҳо ба бисёр асарҳои адабиёти классикӣ ва советии рус шинос шуд».

Оид ба ошноӣ аз адабиёти рус ва рушду равнақи равобити адабии халқҳои тоҷику рус олимон Нагзибекова М. ва Муллоҷонова З. чунин андеша доранд, ки «Бе Аҳмади Дониш дар садаи ХХ пешравӣ намебуд. А. Дониш гӯё ки нависандагони тоҷик ва шахсони пешрафтаи ҷомеаро ба қабули фарҳанг, адабиёт, санъат ва илми рус то ҷое омода кард, зеро мардуми Шарқ дар ин замон дар доми ақидаҳои хурофоти динӣ ва зулмати қафомондагӣ қарор доштанд» [3, с. 176]. Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки нахустин қадамро ҷиҳати ошноӣ пайдо намудан бо адабиёту осори бадеии рус маҳз маорифпарвари шинохтаи тоҷик Аҳмади Дониш асос гузоштааст, ки мо низ ба ин ақида ҳамовозем.

Ҳамин тариқ, омили нахустин марҳилаи рушди тарҷумаи бадеии тоҷик, ба он овард, ки миллати тоҷик ба фарҳангу тамаддун, адабиёт, тарзи зисту зиндагонӣ ва забони русӣ ошноии комил пайдо намуда, то ҳадде ба онҳо пайравӣ низ менамудааст.

Дигар омилҳо, ки ба раванди ташаккулу таҳаввули тарҷумаи осори русӣ ба тоҷикӣ таъсир гузоштааст он буд, ки аксарияти нависандагону шоирони замон мекӯшиданд, то ки курсҳои кутоҳмуддати забони русӣ ё шуъбаю факултетҳои забони русиро хатм намоянд. Сабаби дигар дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ширкат варзидани онҳо мебошад. Дар ин ҷо метавон тарҷумони касбии тоҷик Ҳабиб Аҳрориро мисол овард, ки соли 1937 факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи педагогии шаҳри Тошкандро хатм намуда, аввали соли 1942 ба хизмати армия дохил мешавад ва баъди омӯзишгоҳи артиллерия ба фронти Ленинград меравад. Ҳамин гуна адиби дигар Абдулқосим Лоҳутӣ мебошад, ки пас аз фирор аз Эрон соли 1923 ба Москва меояд ва қариб нисфи ҳаёташро дар Москва мегузаронад. Ҳабиб Юсуфӣ низ пас аз хатми Донишгоҳи шаҳри Тошканд ба адабиёти рус дил бохта, бештар осори намояндагони ин миллатро тарҷумаю тадвин намудааст. Махсусан, ба осори шоири шинохтаи рус Лермонтов майли бештар пайдо намуда, дар раванди эҷод намудани шеърҳо ба ӯ пайравӣ низ намудааст [5, с. 176].

Ин тамоюл ба он оварда мерасонд, ки нависандагону шоирон ва тарҷумонҳои тоҷик забони русиро аз худ намуда, майлу рағбат ба адабиёти рус ва тарҷумаи он пайдо менамоянд ва минбаъд ин омил ба эҷодиёти онҳо таъсир низ мегузорад.

Ҳамин тамоюл буд, ки дар ин марҳила шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳон «Ромео ва Ҷуллета»-и Шекспир, «Кола Брюнон»-и Р. Роллан, «Мазҳака илоҳӣ»-и Данте, «Сид»-и Корнел аз ҷониби мутарҷимини рус М. Л. Лазинский; «Фауст»-и Гёте, трагедияҳо ва соннетҳои Шекспир аз ҷониби Б. Пастернак; достонҳои Р. Бернс ва Шекспир аз ҷониби В. Левик, «Лорелея»-и Г. Гайне ба забони русӣ тарҷумаю тадвин шуда, баъдан ба забони тоҷикӣ аз ҷониби Сотим Улуғзода, Абдулқосим Лоҳутӣ, ва дигарон тарҷумаю нашр гардиданд.

Мусалламан бояд таъкид намуд, ки дар марҳилаи нахустин нависандагону шоирон дар баробари офаридани осори бадеии худ, ки адабиёти ин аҳдро бою ғанӣ мегардониданд, инчунин, мекӯшиданд, бо фаъолияти тарҷумонӣ аз як забон ба забони дигар низ нақши арзандаи худро гузоранд. Ин ибтикорот пояи нахустини тарҷумаи бадеии тоҷикро дар даврони барқарорсозии Ҳукумати Шуравӣ боз ҳам мустаҳкам намудааст.

Агар адабиёти муосири тоҷикро Садриддин Айнӣ асос гузошта бошад, пас тарҷумаи бадеии тоҷикро низ маҳз устод поя гузоштаанд. Соли 1928 устод ҳикояи «Қамар»-и Фердинанд Дюшен нависандаи Фаронсаро аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки ҳикояи мазкур аз забони асл нахуст ба забони русӣ тарҷума шуда, баъдан ба забони ӯзбекӣ баргардонида мешавад. Ҳамин ҳикояро метавон нахустин пайки тарҷумаи бадеии тоҷик дар даврони барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ номид, ки дар соли 1928 рӯйи чопро дидааст [8, с. 176].

Дар баробари ин, Садриддин Айнӣ оид ба ҳусну қубҳи тарҷумаҳо мақолаю таҳқиқотҳои алоҳида анҷом дода, ҳамчун муҳаррир чандин осори тарҷумашудаи даврро ба монанди романи нависандаи Фаронса Виктор Гюго «Наваду сеюм», ки аз ҷониби М. Юсуфӣ соли 1934 аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст, ба зимма доштааст. Ҳамин рисолатҳо буд, ки устод маҳорати тарҷумонии шахсони алоҳидаро кашф намуда, ҷиҳати давом додани фаъолияти тарҷумонӣ онҳоро ҳидоят ва роҳнамоӣ низ намудааст. Махсусан солҳое, ки вазифаи сармуҳаррии нашриёти Самарқандро ба зимма дошатааст. Он солҳо аз ҷониби Сотим Улуғзода повест-достони «Сом ва Дик»-и М. Алексеева аз забони русӣ ба форсии сириликии тоҷикӣ тарҷума мешавад ва Садриддин Айнӣ бо ин тарҷума ошно шуда, ба номи мудири шуъбаи нашриёт мактуб нигошта, тарҷумони ҷавон Сотим Улуғзодаро ба фаъолияти минъбадаи тарҷумонӣ талқин ва ҳидоят мекунад [8, с. 176].

Ҳамин хусусиятро метавон дар бораи Мирзо Турсунзода низ дарҷ намуд, зеро устод фаъолияти тарҷумонии Ҳабиб Юсуфиро соли 1947 дар Анҷумани дуюми нависандагони Тоҷикистон баҳои баланд додааст. Аз забони яке аз шахсиятҳои бонуфузи давр тарҷумаҳои ӯ арзишмандтарин тарҷумаи бадеӣ ҳисобида шуданд, ки ба андешаи инҷониб ҷиҳати идомаи ин масири душвор ангезаи барои Ҳабиб Юсуфӣ гардидааст: «Беасос нест, ки аз тарҷумаҳои шеърҳои Пушкин ва Лермонтов беҳтаринашон тарҷумаи Юсуфӣ ҳисоб меҳӯранд» [8, с. 176].

Заминаи дигари рушду таҳаввули тарҷумаи бадеии тоҷик, ин дар соли 1925 таъсис ёфтани Нашриёти Давлатии Тоҷикистон мебошад. Нашриёти мазкур ҷиҳати ба чоп расидани адабиёти гуногун, бавижа адабиёти тарҷумашуда нақши бузург дорад: «Аввалин тарҷумаҳои бадеӣ дар Нашриёти Давлатии Тоҷикистон (таъсисаш соли 1925) ба табъ расиданд. Солҳои 1926-1936 нашриёт 10 номгӯй асари бадеии тарҷумавиро нашр кард, ки онҳо асарҳои Л. Толстой (повести «Поликушк», мутарҷим А. Бектош, 1935), И. С. Тургенев (ҳикояи «Муму мутарҷим Фаридун, 1936), А. П. Чехов («Ҳикояҳо», мутарҷим Ҷ. Икромӣ, 1936) ва дигарон буданд. Пас аз ин тарҷумаи бадеӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод» [4, с. 91]. Аз ин иқтибос бармеояд, ки нақши ин муассиса дар тарҷумаи бадеии тоҷик дар он даврон бисёр назаррас ва мондагор будааст.

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон муассисаи бонуфуз ва масъули нашри маводҳои гуногун, бахусус осори тарҷумавӣ, ки аз ҷониби ҳукумат интихоб карда мешуд, ба ҳисоб мерафтааст. Фаъолияти ин муассиса ва осори тарҷумавӣ комилан аз ҷониби давлат зери назорати ҷиддӣ қарор дошт. Интихоби маводи тарҷумавӣ дар асоси меъёрҳои давлатдорӣ ва ҳизби ҳоким ба роҳ монда мешуд. Ба асарҳое, ки барои ҷомеа, идеологияи замон ва диду ҷаҳонбинии хонанда манфиати мусбӣ мерасонданд, бештар афзалият дода шуда, ҷиҳати тарҷума интихоб карда мешуданд. Аксарияти ин гуна тарҷумаҳо аз ҷониби коллективи тарҷумонҳо, ки хусусияти ин гуна тарҷумҳо дар фавқ зикр шуд, ба анҷом мерасид. Ба андешаи мо тарҷумаҳои осори бадеӣ дар Нашриёти Давлатии Тоҷикистон се марҳила ва ё се зинаи махсусро сипарӣ мекард:

1.Интихоби осори бадеии адабиёти ҷаҳон, ки нахуст ба забони русӣ тарҷума шудааст;

2.Тарҷеҳ додан ба асарҳое, ки барои ҷомеа, идеологияи замон ва диду ҷаҳонбинии хонанда (ҳизби ҳоким) мувофиқ аст;

3.Афзалият ба тарҷумаи адабиёти кӯдакона;

4.Тарҷумаи гурӯҳӣ (коллектив) ва таҳриру мутобиқати он ба матни русӣ, на ба асл.

Чуноне ки маълум аст, тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодии халқ нахуст дар маркази давлати Шуроҳо, яъне Россия рушд ва тараққӣ менамуд, ки тарҷума низ аз ин амр истисно нест. Ҳамин аст, ки Нашриёти Давлатии Тоҷикистон ҷиҳати чопи осори бадеии адабиёти ҷаҳон, ки нахуст ба забони русӣ тарҷума шудааст, нисбатан таваҷҷуҳи бештар доштааст. Ин гуна асарҳоро ба назардошти мутобиқат намудан ба афкору андешаи ҷомеа, идеологияи замон ва диду ҷаҳонбинии хонанда (ҳизби ҳоким) интихоб намуда, ба гурӯҳи тарҷумонҳо ҷиҳати баргардон намудан дастур дода мешуд. Дар баробари дастури тарҷума ба мутарҷимин вақт ва замони муайян низ таъин мегардид, то ки тарҷума сомон дода шавад. Ин раванд ба он оварда мерасонд, ки аксарияти ин гуна тарҷумаҳо бо усули тарҷумаи сатрбастр анҷом меёфт ва баъдан он коркард шуда, ба матни асл мутобиқ гардонида мешуд. Истифодаи усули

тарҷумаи сатрбасатр дар он замон аз ҷониби мутарҷимони тамоми 15 кишвар яке аз муассиртарин роҳ ба ҳисоб мерафт. «Тарҷумаи сатрбасатр васеъ истифода шуда, тарҷума дар ду марҳила сурат мегирифт. Дар марҳалаи аввал тарҷумаи сатрбасатр ба вуҷуд оварда шуда, баъд аз он коркард мешуд ва имкон медод, то мазмуни он бо назардошти арзишҳои ҷомеа ҳамвор ва ё баръакс, аз ҷиҳати иҷтимоӣ тезу тунд карда шавад. Азбаски муаллифи тарҷума коллектив буд, аксар вақт номи тарҷумон нишон дода намешуд» [1].

Ба андешаи мо истифода ва корбурди усули тарҷумаи сатрбасатр аз ҷониби мутарҷимони тоҷик дар меъёр ва қонуниятҳои тарҷума кор гирифта шудааст, ки сабаби он фаъолияти Нашриёти Давлатии Тоҷикистон ва интихоби тарҷумонҳои бомаҳорат аз ҷониби нашриёти мазкур ва зери таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумат қарор гирифтани ин ҷараён мебошад.

Омили дигари сифати баланди тарҷума дар он солҳоро (1920-1940) мо дар он мебинем, ки тарҷумаҳо пас аз таҳрири мӯшикофона ва омӯзиши дақиқи Садриддин Айнӣ, ки ба кори худ ва дигарон муносибати бисёр ҷиддӣ ва серталаб дошт, будааст. Ин соҳаро устод садриддин Айнӣ то соли 1940 зери роҳбарию таваҷҷуҳи вижаи худ қарор дода будааст.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи аввали ташаккули адабиёти тарҷумавии тоҷик дар замони барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ ҳар марҳила бо хислати маводи тарҷумашуда, таъсири ҷомаеа, аз қабили Инқилоби Октябр, низоми коммунистию ҳизби ҳоким, сохти давлатдорию сиёсат, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, даврони бозсозӣ ва ғайра ба рушду равнақи адабиёт ва ё таназзули он ва ҳамзамон, ба тарҷумаи бадеӣ низ таъсир доштааст.

Дар ин давра Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Аҳрорӣ, Эммануил Муллоқандов, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Ҳ. Ирфон, И. Абрамов ва дигарон фаъолияти пурсамар намуда, заминаҳои нахустини ташаккули тарҷумаи бадеии тоҷик ва тарҷумониро асос гузоштаанд.

Пажӯҳишҳо нишон доданд, ки дар марҳилаи нахустини наҳзати тарҷумаи бадеии тоҷик як падидае ба ҳукми маъмул ворид гардида будааст, ки аксарияти тарҷумаҳо фармоишӣ буда, аз ҷониби гурӯҳи мутарҷимин (коллектив) анҷом дода мешудааст. Дигар паҳлуи масъала дар он буд, ки дар марҳилаи нахуст ба кори мутарҷим ва муҳаррири он таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда намешуд. Мо ба ин нукта ба он хотир расидем, ки баъзе аз мутарҷимин шахсияти худро бо ишораи ду ҳарф аз сарҳарфҳои ному насаби худ иктифо менамудааанду бас, ки ин амр, боиси номуайян мондани шахсияти мутарҷим мегардад. Ин омил ба он овардааст, ки дар раванди дақиқ намудани он далел, ки осори тарҷумашуда моли кист барои муҳаққиқ бисёр душвору муракккаб аст. То ба ҳадде, ки дар аксар вақт мушаххас намудани муаллифи тарҷума имконнопазир мегардад ва дар қатори тарҷумонҳои давр номи онҳо ҷой дода намешавад.

Адабиёт:

1. Герасимова, Н.И. Курс лекций. По дисциплине «Теория перевода». Для бакалавров. https://studfile.net/preview/2915853/page:30/.
2. Набиева, Р., Зикриёев Ф. Таърихи халқи тоҷик (барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ). – Душанбе: Сарпараст, 2001. – 240 с.
3. Нағзибекова, М., Муллоҷонова З. Об истории художественного перевода в Таджикистане // Вестник МГЛУ. – 2015.- Вып. 11 (722).
4. Аҳрорӣ, Ҳ. Дар бораи баъзе масъалаҳои тарҷумаи наср // Шарқи Сурх.- 1952.-№11. – С. 91-100.
5. Шодиқулов, Ҳ. Тарҷумаи бадеӣ //Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. – 524 с. – С.175-177.
6. Шукуров, М. тарҷумаи бадеӣ дар марҳилаи имрӯзаи адабиёти тоҷик //Садои Шарқ, 1983.- №10.
7. Муллоқандов, Э. Назаре ба забони тарҷума дар матбуоти тоҷик // Шарқи Сурх.- 1961. -- №3.
8. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Дар 3 ҷилд. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 2004. – Ҷ. 3.

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ТАРҶУМАИ БАДЕЙ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола муаллиф оид ба нахустин заминаҳои тарҷумаи бадеии тоҷик пажӯҳиш анҷом дода, ба ин натиҷа расидааст, ки дар солҳои аввали барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ ҷиҳати ташаккули тарҷумаи бадеии тоҷик ҷараёну падидаҳо ва омилҳои гуногун, аз қабили шомил шудани тоҷикон ба узвияти Ҳукумати Шуравӣ, мақоми давлатӣ гирифтани забони русӣ ва таъсири забону адабиёти рус ба осори бадеии тоҷик, таъсиси нахустин рӯзномаҳою маҷаллаҳо, махсусан адабию соҳавӣ, ба монанди «Бухорои шариф», «Самарқанд», «Ойина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Садои Шарқ», таъсис ёфтани Нашриёти Давлатии Тоҷикистон дар соли 1925, баргузории нахустини Анҷумани нависандагону шоирони узви собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, баргузори даҳаи адабиёт, солгарду солҷашнҳои халқҳои бародар ва таъсиси маркази тарҷума дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон заминаҳои асосӣ ба ҳисоб мерафтаанд.

Аз таҳлилҳо маълум гардидааст, ки аз нигоҳи вақту замон тарҷумаи бадеии тоҷик ду марҳилаи асосиро сипарӣ намудааст: оғози садаи ХХ, шурӯъ аз солҳои 1912 то соли 1920 ва аз соли 1920 то соли 1960.

Пажӯҳишҳо нишон додаанд, ки дар баробари таъсири тамоюлу сабабҳои мазкур, ба рушди тарҷумаи бадеии тоҷик, инчунин ҷиҳати ташаккули он нақши арзандаи нависандагону шоирон низ зиёд будааст, ки дар баробри бою ғанӣ намудани адабиёти тоҷик ба фаъолияти тарҷумонӣ низ машғул будаанд.

Хулосаи ниҳоии муаллифи мақола дар он зоҳир мегардад, ки дар марҳилаи аввали ташаккули адабиёти тарҷумавии тоҷик дар замони барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ ҳар марҳила бо хислати маводи тарҷумашуда, таъсири ҷомаеа, аз қабили Инқилоби Октябр, низоми коммунистию ҳизби ҳоким, сохти давлатдорию сиёсат, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, даврони бозсозӣ ва ғайра ба рушду равнақи адабиёт ва ё таназзули он ва ҳамзамон, ба тарҷумаи бадеӣ низ таъсир расонидааст. Инчунин, дар ин давра Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Аҳрорӣ, Эммануил Муллоқандов, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Ҳ. Ирфон, И. Абрамов ва дигарон фаъолияти пурсамари тарҷумонӣ намуда, заминаҳои нахустини ташаккули тарҷума ва тарҷумонии бадеии тоҷикро асос гузоштаанд.

Калидвожаҳо: *тарҷума, тарҷумаи бадеӣ, тарҷумон, Ҳукумати Шуравӣ, марҳилаҳои нахустин, маҷаллаҳо, нависандагон, замина, ҷомеа, мавод, адабиёти бадеӣ, ташаккул ва таназзул, асри ХХ* .

ПРЕДПОСЫЛКИ СТАНОВЛЕНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПЕРЕВОДА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье автор провел исследование о первых переводах таджикской художественной литературы и пришёл к выводу, что в первые годы восстановления Советской власти для становления таджикского художественного перевода были необходимы различные процессы, явления и факторы, такие как вхождение таджиков в Советское правительство, государственный статус русского языка и влияние русского языка и литературы на таджикские произведения искусства, выпуск первых газет и журналов, особенно литературно-отраслевых, таких как «Бухара Шариф» («Бухарои Шариф»), «Самарканд», «Зеркало» («Ойина»), «Пламя революции» («Шуълаи инқилоб»), «Голос Таджикистана» («Овози тоҷик»), «Голос Востока» «Садои Шарк», образование Таджикского государственного издательства в 1925 году, проведение первой Ассоциации писателей и поэтов бывшего Советского Союза, проведение декады литературы, юбилеев так называемых братских народов и создание центра перевода в Союзе писателей Таджикистана.

Анализ доказывает, что во временном отношении таджикский художественный перевод прошел два основных этапа: начало ХХ века, с 1912 по 1920 и с 1920 по 1960 годы.

Исследования показали, что наряду с влиянием этих тенденций и причин на развитие таджикского художественного перевода, в ее формировании была велика и достойна роль писателей и поэтов, которые также занимались переводческой деятельностью с целью обогащения таджикской литературы.

Заключительный вывод автора статьи показывает, что на первом этапе становления таджикской переводной литературы в период восстановления Советской власти на каждый этап влиял характер переводного материала, влияние общества, такого как Октябрьская революция, коммунистический строй и правящая партия, устройство власти и политики, Великая

Отечественная война, период реконструкции и т. д. влияли на развитие литературы или ее упадок, и в то же время оказывали влияние и на литературный перевод.

Также в этот период Садриддин Айни, Сотим Улугзода, Хабиб Ахрори, Эммануэль Муллокандов, Джалал Икроми, Хаким Карим, Х. Ирфан, И. Абрамов и другие вели плодотворную переводческую деятельность и положили начало становлению таджикского художественного перевода и переводоведения.

Ключевые слова: *перевод, художественный перевод, переводчик, Советская власть, первые этапы, журналы, писатели, предыстория, общество, материал, художественная литература, становление и упадок, XX век.*

PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF LITERARY TRANSLATION IN TAJIKISTAN

In the article, the author conducted a study of the first foundations of Tajik literary translation and came to the conclusion that in the early years of the restoration of Soviet government, various processes were necessary for the formation of Tajik literary translation, phenomena and factors such as the entry of Tajiks into the Soviet government, the state status of the Russian language and the influence of the Russian language and literature on Tajik works of art, the establishment of the first newspapers and magazines, especially literary and industrial ones, such as "Bukhoroi Sharif", "Samarqand", "Oyina", "Flame of the Revolution", "Voice of Tajikistan", "East Voice" the establishment of the Tajik State Publishing House in 1925, holding of the first Association of Writers and Poets, the Soviet Union was considered the main base, holding a decade of literature, anniversaries of the so-called fraternal peoples and the creation of a translation center in the Union of Writers of Tajikistan.

It can be seen from the analysis that in temporal terms the Tajik literary translation went through two main stages: the beginning of the twentieth century, from 1912 to 1920 and from 1920 to 1960.

Studies have shown that along with the influence of these trends and causes, the development of Tajik literary translation, as well as the significant role of writers and poets engaged in translation activities in the enrichment of Tajik literature, also played a significant role in its development.

The final conclusion of the author of the article boils down to the fact that at the first stage of the formation of Tajik translation literature during the restoration of Soviet government, the nature of the translated material influenced each stage. The influence of society such as the October Revolution, the communist system and the ruling party, the structure of power and politics, the Great Patriotic War, the period of reconstruction, etc., influenced the development of literature or its decline, and at the same time about artistic translation. Also during this period, Sadriddin Aini, Sotim Ulugzoda, Habib Ahrori, Emmanuel Mullokandov, Jalol Ikromi, Hakim Karim, H. Irfon, I. Abramov and others conducted fruitful translation activities and laid the foundation for the formation of Tajik and literary translations.

Keywords: *translation, literary translation, translator, Soviet government, first stages, magazines, writers, background, society, material, fiction, formation and decline, XX century.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: 734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: zebosh@list.ru, тел.: (+992) 931038191.*

Сведения об авторе: Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзада, кандидат филологических наук, доцент кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: Таджикистан, 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. E-mail: zebosh@list.ru, тел.: (+992) 931038191.*

Information about the author: Boboalieva Zebonisso Pirmurodovna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philology, associate professor of the department of comparative Linguistics and translation theory. Address: Tajikistan, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev street. E-mail: zebosh@list.ru, phone: (+992) 931038191.*

УДК: 82.0

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД - СЕРДЦЕВИННОЕ ЗВЕНО ВЗАИМОДЕЙСТВИЙ ЛИТЕРАТУР

Раджабова К.Х.

Таджикский государственный институт языков имени С. Улугзода

Таджикский литературовед Мулладжанова З.О. о художественном переводе говорит следующее: «Художественный перевод как один из источников взаимовлияния и взаимообогащения национальных культур в последние годы становится насущной проблемой современной культуры. Мы не оговорились, упоминая здесь вопрос о взаимовлиянии и взаимообогащении литератур в связи с проблемами художественного перевода – эти два вопроса тесно взаимосвязаны. Ведь разноязычные народы мира и нашей страны именно посредством перевода на тот или иной язык произведений литературы познают богатую многовековую культуру и современную культуру друг друга, что, безусловно, способствует взаимовлиянию и взаимообмену литератур народов стран Запада и Востока. В таджикском литературоведении в области теории перевода предпринимаются только первые попытки анализа того огромного материала, который накопился у нас как в области перевода с таджикского на русский, так и с русского на таджикский язык» [7, с.30].

Следует указать, что художественный перевод в современном литературоведении определяется не только как «вид литературного творчества, в процессе которого произведение, существующее на одном языке, воссоздается на другом» [11, с.65]. Художественный перевод является также средством культурного общения, обмена литературными ценностями и создаёт условия для взаимовлияния и взаимообогащения литератур «в постоянном взаимодействии литератур, в усвоении одной литературой художественного опыта другой» [6, с.314].

Вместе с тем, в построении и в теоретических аспектах исследований, посвящённых изучению перевода в контексте межлитературных связей, всё ещё много неясного. Эта мысль как нельзя лучше была ещё раз подчёркнута в дискуссии «Художественный перевод и взаимодействие литератур», поднятой на страницах журнала «Вопросы литературы» (1978-1979 годы). М. Новикова, характеризуя художественный перевод, определила его: «как самое сердцевинное звено» взаимодействия литератур, «как непосредственную зону контакта» [9, с.27]. Она справедливо отметила, что «литературы народов СССР всё ещё осмысляются как явления скорее параллельные, нежели взаимодействующие. А тем временем пересекаются жанры и сюжеты, перевешиваются ракурсы освоения жизненного материала и закономерности характерологии, - все они энергично напрашиваются на сравнение. Непредвиденные «сближения» - генетические, типологические - будят интерес, притом не только исследователей, но и читательской публики. Так не пора ли вести анализ переводов и литератур в едином русле? [9, с.27].

Кроме того, следует отметить, что художественный перевод выступает средством взаимопроникновения и взаимообогащения национальных литератур. Любая национальная литература не остаётся в стороне от этого процесса. При этом художественный перевод стал «посредником дружбы народов». Известный литературовед Н.И. Конрад отмечал роль художественного перевода в развитии литератур всех народов, в том числе и творческий труд переводчика, следующим образом: «Главным орудием проникновения одной литературы в другую является, конечно, перевод. Но переводчик далеко не только «посредник». Воссоздание на своём языке литературного произведения, написанного на другом языке, всегда есть акт творчества. Появление перевода представляет в той или иной степени обогащение собственной литературы. Литературное произведение возникает в орбите своего языка, неотрывно от него; уже само появление произведений другой литературы на языке данной страны вводит их в орбиту литературы этой страны» [5, с.305].

Национальная форма в художественном переводе сохраняется лишь в том случае, если переводчик глубоко проникает в суть национального своеобразия народа, его быта,

культуры, истории, убедительно раскрывает общность психического склада народа, ярко выраженного в его языке. Всё это неизбежно преломляется в индивидуальном своеобразии стиля писателя - переводчика, его метода отражения действительности.

Переводчик всегда должен рассматривать оригинал как действительность, которая уже отражена в произведении и которую он должен воссоздать на другом языке: «И воссоздать не фотографически, но средствами реалистического искусства сохраняя дух и форму подлинника, правильно воспроизводя существенные детали, стилистические особенности произведения. При переводе национальных писателей особенные трудности представляет исследование, изучение отыскание, угадывание, схватывание национально - специфического в изображении конкретного материала в обрисовке характеров, воспроизведении типажей» (7, с.63).

Начиная с первых дней Советской власти уровни культурного развития многочисленных народов, были несопостовимы. Советская власть ускорила развитие международных отношений и открыла новые формы преобразования действительности, что, в свою очередь, способствовало формированию прогрессивной литературы в Средней Азии. В ходе развития советского государства укреплялись взаимосвязи туркменской и таджикской литературы.

В 1960 году в дни декады таджикской литературы в журнале «Ашхабад» были опубликованы стихи и рассказы таджикских писателей: С. Айни, М. Турсунзаде, А. Лахути, М. Миршакара, Р. Джалила, Хакима Карима, Ф. Ансори, Х. Назарова. В свою очередь в 1967 в журнале «Садои Шарк» («Голос Востока») на таджикском языке были опубликованы стихи и рассказы туркменских писателей и поэтов: Наримона Джумаева (пер. Ш. Собира), Анны Ковусовой (пер. Убайда Раджаба), С.Отаева (пер. Н. Атобоева), Ата Атаджонова (пер. Б. Собира), О. Дурдиева (пер. С. Шафака).

В 70-80 гг. были опубликованы стихи Анаберди в переводе С. Маъмура «Акси садо» («Эхо»), рассказы К. Тангракулова «Анор» «Гранат»).

В 1987 году увидел свет сборник рассказов и повестей Бобониёза Каюмова под названием «Белая роза», и для его перевода на таджикский язык были задействованы лучшие перводческие силы. В их числе – Ато Хамдам, Низом Косим и Мухтарам Хотам. Основная тема рассказов туркменского прозаика - жизнь и труд современников, героический подвиг дедов и отцов в годы Великой отечественной войны.

В 2008 году в Таджикистане была издана антология «Насими Хазар» («Ветерок Хазара»). В антологию вошли стихи и рассказы туркменских мастеров художественного слова в переводе Одина Мирака, Саидали Мамура, Хикмата Рахмата, Сафармухаммада Айюби, Бобо Ходжи, Гулназара, Юсуфджона Ахмадзода, Басира Расо, Парда Хабиба, Ато Хамдама, Нурмухаммада Исхоки, Тохира Махмадризоева, Абдугаффора Абдуджаббора, Маджида Салима, Мубашира Акбарзода, Низома Косима, Зиё Абдулло, Пури Джахонгира, Истад Косимзода. Среди авторов антологии - поэты Каюм Тангрикулиев, Атамурод Атабаев, Байрам Жутдиев, Уйгилджамол Чориев, Давлат Гиркан, Оразгули Аннаева, Шоддурди Чорикулиев, Бяшима Одека, Биби Ораздурлиева, Ахмада Мамед, С. Дергай, Курбонниёз Дашгинов, Ахмад Курбаннепесов, Аллаёр Чориев и известные туркменские прозаики Осман Оде, Чори Гелдимуродов, Гурбонназар Оразгулиев, Агагелди Алланазаров, Косим Нурбодов и Худойберди Девонакулиев.

Примечательно то, что стихотворение Атамурада Атабаева «Лоик» посвящено таджикскому поэту Лоику Шерали. В этом стихотворении туркменский поэт говорит об огромном уважении и любви к таджикскому поэту, даёт высокую оценку таланта Лоик как национального поэта Таджикистана. Рассказ Косима Нурбодова «Последнее завещание Лахути», (пер. М. Акбарзода) посвящён последним мгновениям жизни выдающегося таджикского поэта Абдулькасыма Лахути [8, с.9].

Ато Хамдам говоря о взаимосвязях туркменских и таджикских современных поэтов, и писателей, пишет о том, что в периодических изданиях Туркменистана появились произведения таджикских писателей, в том числе Аскара Хакима, Мехмона Бахти. Благодаря

усилиям народного поэта Туркменистана Атамурада Атабаева на туркменском языке издана антология произведений таджикских поэтов под названием «Чаша Хайяма».

Ато Хамдам, изучая публикации произведений туркменских авторов на таджикском языке, подчёркивает: «Минувшие годы показали, что нами, книгоиздателями Таджикистана, сделано немало. За короткое время мы перевели и издали документально-публистическую книгу народного писателя Туркменистана Таджмамеда Джурдекова под названием «Внук, воплощающий мечту деда» - о жизни, трудовой, политической и общественной деятельности Президента Туркменистана, уважаемого Гурбангулы Бердымухамедова, также книги самого президента «Экономическая стратегия Туркменистана – с опорой на народ и для народа». Кроме того, изданы первый и второй том фундаментальной книги Гурбангулы Бердымухамедова «Лекарственные растения Туркменистана», сборник стихов народного поэта Туркменистана Атамурода Атабаева «Букет цветов» в переводе народного поэта Таджикистана Саидали Маъмура. Мы вдвойне рады, что в этом году в Душанбе изданы поэтические сборники Нурмухаммеда Андалиба и Махтумкули Фраги на таджикском языке»[10, с.344].

Сборник стихов Нурмухаммада Андалеба был издан на таджикском языке в 2011 году. Составители сборника перевели персидскую графику на кириллицу, но не назвали имя перводчика стихотворений. В этом сборнике А. Аширов знакомит таджикских читателей с историей жизни и творчеством поэта. Исследователь подчёркивает роль Андалеба в создании национальной туркменской классической литературы. Изучая историю жизни и творчества поэта, А. Аширов, отметил, что до сих пор не все творения поэта изучены досконально. Причиной этого является арабская графика, которой до революции пользовались туркмены. В этом сборнике было обнаружено стихотворение «Стал я», которое хранилось в фонде Института востоковедения Таджикистана под №1581 [10, с.48].

Перевод как объект изучения сравнительного литературоведения должен быть сопоставлен с подлинным произведением на всех уровнях, потому что переводные произведения как одна из форм литературных связей разных народов являются неотъемлемой частью мирового литературного процесса.

В ходе исследования выяснилось, что таджикско-туркменские литературные взаимосвязи имеют глубокие корни. В средние века основной формой литературного взаимообогащения было подражание. Общая тенденция развития туркменской литературы в XVII-XIX вв. сводилась к освоению опыта таджикско-персидской литературы, заимствованию художественных образов.

В советский период развитие таджикско-туркменских литературных связей происходило в составе одного общего великого государства, в едином культурном, социальном и политическом пространстве. В этот период появилась возможность личных контактов, туркменские и таджикские писатели проводили деловые встречи, обсуждали различные творческие вопросы и посвящали стихи друг другу.

Советский период развития был самым плодотворным и эффективным в развитии художественного перевода с туркменского на таджикский и наоборот. Согласно утверждению большинства учёных, время интенсивного развития переводов стихотворений туркменских поэтов на таджикский язык приходится на 50-80-е годы.

В годы независимости Таджикистана возрождается традиция переводов произведений с туркменского языка. Наиболее важным шагом в изучении туркменско-таджикских литературных взаимосвязей стало углубление научной разработки данного вопроса в современном Таджикистане. В начале XXI века процесс изучения таджикско-туркменских литературных взаимосвязей стал глубже и обширнее. Появились новые формы литературных связей.

Литература

1. Ауэзов, М., Развитие литератур народов СССР / М. Ауэзов // Очерки истории казахской литературы. - Алма-Ата, 1958. – С.457–469.

2. Афсахзод, А. Љомӣ адиб, мутафаккир / А. Афсахзод. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 365 с.
3. Аширов, А. Новое в изучении Махтумкули / Аннагурбан Аширов: [Электронный ресурс]. – Режим доступу: www.turkmenistan.gov.tm/?id=5856.
4.Аширов, А. А. Поэт и мыслитель Махтумкули Фраги / А.А.Аширов // Вестн. Библиотечной Ассамблеи Евразии. - 2014. - № 4. - С. 82-86.
5. Конрад, Н.И. Запад и Восток: статьи / Н.И. Конрад, - 2 изд. - М., 1972. – 520 с.
6. Литературный энциклопедический словарь. - М.: Сов. энцикл., 1987.– 752 с.
7. Муллоджанова, З. А. Стиль оригинала и перевод / З.А.Муллоджанова. – Душанбе, 2014. – 192 с.
8. Насими Хазар. Баёзи назму насри муосири Туркманистон. – Душанбе: Адиб, 2008. – 224 с.
9. Новикова, М. Художественный перевод и взаимодействие литератур / М. Новикова // Вопр. лит. – 1978. – №10. – С.27.
10.Хамдам, А. Дружба народов - дружба литератур / А. Хамдам. –Душанбе: Эр-граф, 2013. – 413 с.
11. Художественный перевод: Крат. лит. энцикл. – М., 1968. - Т.5. - 635 с.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД-СЕРДЦЕВИННОЕ ЗВЕНО ВЗАИМОДЕЙСТВИЙ ЛИТЕРАТУР

В статье рассматривается историко–культурная, этнографическая и литературно-художественная взаимосвязь таджикско-туркменской литературы. Художественная литература, являясь образным отражением действительности, материализует в слове не только основные этапы историко-культурного развития, эволюцию взаимоотношений человека и мира, своеобразие эстетического мировосприятия, но и сам «дух» народа, особенности его миросозерцания, этногенетическую память нации. Тем более интересно проследить типологические черты древней литературы в историко-культурном и этнографическом своеобразии её художественных проявлений, в сопоставлении с другими литературами мира.

М. Новикова, характеризуя художественный перевод, определила его: «как самое сердцевинное звено» взаимодействия литератур, «как непосредственную зону контакта». Непредвиденные «сближения» - генетические, типологические - будят интерес, притом не только исследователей, но и читательской публики.

Следует указать, что художественный перевод в современном литературоведении определяется не только как «вид литературного творчества, в процессе которого произведение, существующее на одном языке, воссоздается на другом». Художественный перевод выступает средством взаимопроникновения и взаимообогащения национальных литератур. Любая национальная литература не остаётся в стороне от этого процесса. При этом художественный перевод стал «посредником дружбы народов».

Ключевые слова: *эволюция, историко-культурное развитие, современная культура, посредник, литературная ценность, взаимовлияние, взаимообмен, художественный перевод, национальная литература*

ТАРҶУМАИ БАДЕӢ ПАЙВАНДГАРИ РАВОБИТИ АДАБӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи робитаҳои таърихӣ-фарҳангӣ, этнографӣ ва адабиёти бадеии халқҳои тоҷику туркман мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Адабиёти бадеӣ, ки инъикоскунандаи бадеии воқеият ба шумор меравад, дар сухан на танҳо марҳилаҳои асосии рушди таърихӣ-фарҳангӣ, таҳаввули муносибатҳои тарафайни инсону олам, хусусияти хоси дарки эстетикии олам, балки худи “рӯҳ”-и халқ, хусусиёти ҷаҳонфаҳмӣ ва хотираи этногении миллатро ҳам тасвир мекунад. Бахусус, пайгирии хусусиятҳои типологии адабиёти бостон аз дидгоҳи хусусиёти таърихӣ –фарҳангӣ ва мавқеи ҷуғрофии зиндагии халқҳо, зуҳуроти бадеии онҳо дар муқоиса бо адабиёти дигари ҷаҳон басо ҷолиб мебошад.

М. Новикова хусусиёти тарҷумаи бадеиро тавзеҳ дода, онро “ҳамчун бахши меҳварӣ”-и робитаҳои адабӣ, “соҳаи робитаи бевосита” маънидод мекунад. “Наздикшавиҳо”-и пешбининашуда, яъне наздикии хусусиёти генетикию типологӣ на танҳо рағбати муҳаққиқон, балки рағбати хонандагони одиро ҳам бедор мекунанд.

Қобили зикр аст, ки тарҷумаи бадеӣ дар адабиётшиносии муосир на танҳо ҳамчун як навъи эҷодиёти бадеие фаҳмида мешавад, ки дар раванди он асари ба як забон эҷодшуда ба

забони дигар баргардонда мешавад. Тарҷумаи бадеӣ воситае мебошад, ки тавассути он таъсирпазирӣ ва ғанисозии мутақобилаи адабиёти миллӣ сурат мегирад. Ҳар гуна адабиёти миллӣ аз ин раванд дар канор нахоҳад монд. Дар айни замон тарҷумаи бадеӣ ҳамчун “воситаи таҳкимбахши дӯстии халқҳо” хизмат менамояд.

Калидвожаҳо: *таҳаввулот, рушди таърихӣ-фарҳангӣ, фарҳанги муосир, миёнрав, арзиши адабӣ, таъсирпазирии мутақобила, мубодилаи тарафайн, тарҷумаи бадеӣ, адабиёти миллї.*

LITERARU TRANSLATION IS THE CARE LINK OF INTERACTIONS BETWEEN LITERATURES

The article deals with the historical - cultural, ethno-geographical and literary - artistic relationship of Tajik - Turkmen literature. Fiction, being a figurative reflection of reality, materializes in the word not only the main stages of historical and cultural development, the evolution of the relationship between man and the world, the peculiarity of the aesthetic worldview, but also the "spirit" of the people, the features of their worldview, the ethnogenetic memory of the nation. It is all the more interesting to trace the typological features of ancient literature in the historical, cultural and ethno-geographical originality of its artistic manifestations, in comparison with other literatures of the world.

M. Novikova, characterizing literary translation, defined it: "as the most core link" of the interaction of literatures, "as a direct zone of contact." Unforeseen "rapprochements" - genetic, typological - arouse interest, moreover, not only of researchers, but also of the reading public.

That exists in one language is recreated in another". Literary translation acts as a means of interpenetration and mutual enrichment of national literatures. Any national literature does not remain aloof from this process. At the same time, literary translation has become a "mediator of friendship between peoples.

Keywords: *evolution, historical and cultural development, modern culture, intermediary, literary value, mutual influence, mutual exchange, literary translation, dreams come true.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабова Қаноат Ҳоҷиматовна *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти рус. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+972) 918-80-56-55; Emal: Surad@mail.ru*

Сведения об авторе: Раджабова Каноат Ходжиматовна *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории русской литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992)918 80 56 55, E-mail: Suhrod92@mail.ru*

Information about the author: Radjabova Kanoat Khodjimatovna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda,, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Russian Literature, Address: 734019, 17/6 Muhammadievst., Dushanbe, phone: (+992)918 80 56 55, e-mail: Suhrod92@mail.ru*

ТДУ 891.550

СИМОИ ЗАН-МОДАР ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОИРОНИ КЛАССИКИ ТОҶИКУ ФОРС

Қобилов Ф.Н., Турсунов Ғ.А.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Бадеи Балхӣ шоири асри XI дар “Пандномаи Анӯшервон” мавзуи ахлоқӣ, панду андарз ва насиҳатро матраҳ карда, 93 мавридро баён намуд, ки ризои падару модар ҷустан аз қабили он ба шумор меравад [20, 38].

Бигардон зи беҳашматӣ рою рӯй,
Ризои падар в-они модар биҷӯй.
Агарчи Худои ҷаҳон-т офарид,
Туро аз адам дар вуҷуд оварид [7, 137].

Фазл ва бузургии модару падар ба фарзандон роҳнамоӣ кардааст. Бояд ёдовар шуд, ки ин асари шоир аз осори басе ҷолиби ахлоқии форсу тоҷик маҳсуб меёбад [6, 4].

Дар нисбат додани ин асар ба Бадеи Балхӣ байни муҳаққиқон чандин назарест, ки бархе аз онон, ба мисли Ризоқулихони Ҳидоят онро ба Бадеи Балхӣ мешуморанд. Бархе дигар байни Бадеъ ва Бадоеӣ фарқе гузоштаанд, ки яке ҳамасри Сомониён ва дигаре ҳамасри Ғазнавиён медонанд [20, 33].

Бояд қайд намуд, ки нусхаҳои “Андарзномаи Анӯшервон”, аз қабили матн, тарҷумаҳои форсиву англисӣ ва олмонӣ дар шаҳрҳои Мумбай соли 1855, дар Лондон ва Петербург соли 1877 ба табъ расид [20, 36].

Шоир ғамхорӣ ва баландарзишии модарро чунин иброз медорад:

Бувад бар ту-бар ҳаққи эшон басе,
Набошад чу эшон туро ҳар касе [7, 137].

Воқеан, ҳар касе барои инсон чу модар азизу меҳрубон ва дилсӯз намешавад, аз ин рӯ, мебояд, ки розигӣ ва хушнудии модар ҳамеша дар мадди назари аввали фарзанд буда, доимо дар хидмат ва фармонбардории эшон бошад, зеро:

Яке модарат доду фаррух падар,
Ки парвардат андар бару дар ҷигар [7, 137].

Тарбия ва парвариди модар самимӣ ва ҳақиқист, ки онро шоир бо вожаи “ҷигар” нигошт, ки ба манзума таъсири амиқ мегузорад. Ба андешаи И. С. Брагинский, “Носири Хусрав дар эҷодиёти худ инсони заҳматкаше, ки пайваста барои воло намудани ахлоқи баланди инсонӣ мекӯшад, тавсиф менамояд” [9, 180], ки мақом ва манзалати модар аз ҷумлаи он ба ҳисоб рафта, дар осори Носири Хисрав дарҷ гаштааст, ки намунаи он дар “Саодатнома” зикр гаштааст ва дар асл, асари “Саодатнома” фарогири панду андарз ва насиҳатҳост, ки тӯли чандин асрҳо дастурамали ахлоқӣ баҳри рушди инсонпарварӣ ба ҳисоб рафта [15, 26], ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накарда, хонандаро, бахусус, насли наврасро ба роҳи рост, покӣ, донишомӯзӣ, созандагӣ ва ватандӯстӣ ҳидоят мекунад [16, 3], вале дар ин китоб гулчин аз “Саодатнома” интихоб гардид, ки дар он абёти дар васфи мақом ва эҳтироми модар ҷой дода нашуда ва мо онро аз дигар мадрак, махсусан, аз силсилаи “Ахтарони адаб” пайдо кардем, ки он дар боби даҳуми “Саодатнома” нигошта шуда, чунин унвонро дорост: “Дар роҳат расонидан ва некуӣ хостан”.

Носири Хусрав ин бобро бо абёти зерин оғоз менамояд:

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.
Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,
Накухоҳу ба кас роҳатрасон бош [17, 388].

Дар давоми он порчаи манзум Носири Хусрав ҷавононро ба накуӣ кардан нисбати падару модар ҳидоят намуда, ин амалро аз растагориву парҳезгорӣ меҳисобад:

Бипӯй андар ҷавонӣ роҳи Яздон,
Ҷавон беҳтар худотарсу худодон.
Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,

Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун [17, 388].

Чун шоир бо тафаккур ва андешаи ирфонӣ ва фалсафӣ дар байни адибони классик шуҳрат дошт, дар роҳнамоӣ аз услуби сабабӣ кор бурдааст, ки сабаби вазифадор будан дар эҳтирому хидматгузорӣ ҷавоб ба меҳнату заҳматҳои эшон аст, ки фарзанд дар пешгоҳи ин фазилат қарздору масъул мебошад.

Ки парвардаст модар дар канорат,
Падар буд солҳо тимордорат.
Мазан таъна бар эшон аз дили сер,
Ки гар ёбӣ замон, гардӣ ту ҳам пир.
Биҷӯ дилшон ба хулқу хубрӯй,
Ки ин аст, эй бародар, некрӯй [17, 388].

Ин ҷо шоир вожаҳои “хулқ”, “хубрӯй” ва “некрӯйӣ”-ро ба кор бурдааст, ки ба шеър мазмун ва маънии латифе бахшида, дар зеҳни фарзанд падидаи инсонпарварӣ ва хушахлоқиро бедор месозад.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Чиҳил ҳадис’’ модарро васф карда, чаҳор мисрае ба назм даровардааст, ки дар он фазилат ва эҳтироми модар ёдовар шудааст.

Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф,
Гарде аз роҳи модарон бошад.
Хок шав зери пойи ӯ, ки биҳишт,
Дар қадамгоҳи модар бошад [3, 322].

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷаҳони шарқ анъанаи “Арбауна’’–нависӣ дар байни олимони ҳадис ва шореҳони он хеле ранҷ буда, таъсири он ба адабиёти тоҷику форс расид, ки байни шоирону адибон навиштани “Чиҳил ҳадис’’, ё худ «Арбауна’’–нависӣ бевосита расидааст. Фарқ байни “Арбауна’’-нависии муҳаддисон ва «Чиҳил ҳадис’’–и шоирон дар он буд, ки адибон маонии аҳодиси паёмбари исломро ба риштаи назм медаровардaнд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз онҳо ба ҳисоб рафта, ин асари худро соли 1481 таълиф намудааст [6, 153].

Дар ин қитъа Абдураҳмони Ҷомӣ вожаи “модар’’- ро 3 маротиба оварда, бо ин шоир бузургӣ ва сареҳ иброз намудани ифодаи баён вожаи “модар’’-ро ба кор бурдааст, ки ин падидаро дар санъати сухан “санъати такрир (такрор)’’ меноманд. Калима ё ибора ба тарзи таъкид дар як байт ва ё чанд байт гаштаву баргашта такрор меёбад [2, 147].

Қитъа бо насиҳат ва панд оғоз ёфта, фарзандро ба фармонбардории модар роҳнамоӣ менамояд. “Сар зи модар макаш’’ ва корбурди услуби маҷозӣ маонии ин манзумаро расотар ва фаҳмотар намуда, “тоҷи шараф’’-ро ба гарди роҳи модар ва “биҳишт’’ –ро ба “қадамгоҳи модарон’’ ташбеҳ намудан хонандаро ба олами мазмуни олӣ ва ахлоқи ҳамида ворид менамояд. Абдураҳмони Ҷомӣ “Чиҳил ҳадис’’-и хешро тавассути корбурди санъатҳои сухан ва аносири бадеӣ зиннат бахшида, омилҳои тасвири бадеиро ҷиҳати муассиру матлуб гардонидани таъсири маонии аҳодиси набавӣ корбаст намудааст [14, 309].

Аз ин рӯ, метавонем гуфт, ки дар ин қитъа симои модар ва фазлу эҳтироми ӯ хеле олӣ тасвир гаштааст, ки яке аз намунаҳои беҳтарин ба шумор рафта, онро бо шоҳбайтҳо ворид намудан ҷоиз аст.

Илова бар ин, дар “Баҳористон’’-и Абдураҳмони Ҷомӣ мавзуи модар дар чанд ҳикоёте омадааст. Масалан, дар шахсияти фарзанди дузд ҳам модари ӯро зани ғамхору меҳрубон ва шуҷову зирак тасвир кардааст, ки суханони ӯро Абдурамони Ҷомӣ чунин тасвир намудааст:

Фарзанд бувад чу ҷон бибахшой,
Бар ҷони мани ситамрасида!
Сарриштаи рӯзиям кафи ӯст,
Мапсанд ки он шавад бурида [3, 109]!

Ин ҷо, ба назари мо, шуҷоату далерии модар ба назар мерасад, ки аз ҳайбату салвати халифа натарсида, баҳри наҷоти фарзандаш ба ӯ хитоб намуд: “Фарзанд бувад чу ҷон бибахшой’’, яъне фарзанди ман бароям баробари ҷон аст ва ту бояд ӯро бибахшӣ, сипас баҳри дигаргун сохтани тасмими халифа чунин таъбирҳоро пеш овард: “мани ситамрасида’’,

“сарриштаи рӯзиям’’. Вале халифа аз азми худ нагашта, иродаи буридани дасти фарзанди он модар намуд, ки дасташро бибуранд. Заковату ҷасорат ва меҳри фарзанд модарро водор месозад, ки талоши наҷоти ҷигаргӯшааш кунад: “Ай халифа, инро хат дигаре аз он гуноҳон шумору аз он бигзар, ки хатвора аз он истиғфор мекунӣ ва омӯрзиш мехоҳӣ” [3, 109].

Абдурамони Ҷомӣ ин нуктаро дар сурати мансур оварда, бо санъатҳои бадеӣ ороиш додааст, ки хеле фаҳмову сода иброз гаштааст. “Забони он (Баҳористон) дар баробари нигоҳ доштани забонҳо ва фасоҳати саҷъ содаву равон буд [3, 109]’’.

Дар ин ҷо Абдураҳмони Ҷомӣ заковату хиради модарро изҳор кардааст, ба халифа ҷуз бахшиш роҳеро нагузошт. Чунин кирдор ва суратро адиб дар шакли чаҳор мисраъ ифода намудааст:

Ай хуш доно, ки пеши шоҳ дам,
Гоҳи каҳр аз нуктаи хуш мезанад.
Нуктае чун об меорад латиф,
Шоҳро обе бар оташ мезанад [3, 109].

Гарчанде ақлу заковат дар умум мадҳ гашта бошад ҳам, он дар васфи модар омадааст. Калимаҳои “Ай хуш доно’’, “нуктаи хуш’’ ва “нуктаи чун об’’ аз хираду ҳикмати зан-модар дарак дода, ҳам худ ва ҳам фарзандашро аз ғазаб ва қаҳри подшоҳ дар амон гузоштан иброзгари самимияту садоқати модар мебошад.

Таъсири рафтору атвори модар ба фарзанд хеле бузург аст. Зеро фарзанд ҳама намуди кирдору тарбияро аз модар меомӯзад. Ин нуктаро Абдураҳмони Ҷомӣ чунин нигоштааст:

Айби модар бувад, ар фарзанде,
Хулқу хӯяш на ба вафҳи падар аст.
Гӯши аштар, ки дароз аст гувост,
К-аш на аст падар, балки хар аст [3, 109].

Ба андешаи Абдураҳмони Ҷомӣ, хулқу хӯйро фарзанд бештар аз модар мегирад, вале дар хилқату сурат падар таъсиргузори асосист. Аз ин рӯ, барои равшан гаштани ин гуфта мисоле меорад, ки гӯши дарози хачир нишона аз падар-хар на падар-асп аст. Бо ин гуфтаҳо шоир тарбия ва таълими зан-модарро дар мадди аввал мегузорад, чунки тарбияи фарзанд аз ӯ вобастагӣ дошта, бадахлоқӣ ва бетарбиягии фарзанд айбу ор нисбати модар ба ҳисоб меравад. Ин ҷо шоир ошкори мушкилӣ ва ҳалли онро пешкаш намуда, аз дигар тараф ахлоқи модари бадрафторро маҳкум сохта, даъват ба накурафторӣ мекунад.

Дар дигар ҷойи “Баҳористон’’ адиб насиҳати модар-рӯбоҳ ба фарзандашро бисёр олӣ ба риштаи назм дароварда, мегӯяд:

Чу бо ту ҳаст шавад сифлае, на аз хирад аст,
Ки дар хусумат ӯ макру ҳила соз кунӣ.
Ҳазор ҳила тавон сохт в-аз ҳама он беҳ,
Ки ҳам зи сулҳу ҳам аз ҷангаш эҳтироз кунӣ [3, 109].

Модар нафари самимӣ ва ғамхорест, ки ҳамеша дар пешравӣ, фарохиву амонӣ, тарбия ва нашъунамо зиндагӣ кардани фарзандаш фикр мекунад. Ӯ мехоҳад, ки ба фарзандаш касе зарар нарасонад, доимо дастболову комёб зиндагӣ намояд. Чун фарзанд аз ӯ пурсид ки ’’маро ҳилае биёмӯз, ки чун дар кашокашии сагон дармонам, худро бираҳонам’’. Ҷавоби модари мушфиқу ғамхор дар ин ибора хулоса гаштааст: ’’Эҳтироз кунӣ, эҳтиёт шав. Аз сулҳу ҷанги душман дар амон бошӣ’’. Абдураҳмони Ҷомӣ саволи фарзандро дар шакли наср ва ҷавоби модарро дар шакли назм овардааст, ки шояд яке аз хусусиятҳои нотакрори “Баҳористон’’ ҷамъ байни ин ду услуб бошад.

Фаридаддин Аттори Нишопурӣ шоири тавонои асри XII ба шумор рафта, бо шеъри зуҳдӣ шуҳрат пайдо кардааст. Симои модар дар осори ӯ дар тасвирҳои гуногун таҷаллӣ ёфтааст. Махсусан, дар асари «Мантиқ–ут- тайр’’:

Модареро тифл дар об уфтод,
Ҷони модар дар табу тоб уфтод.
Дар таҳайюр тифл мезад дасту по,
Об бурдаш то ба нови осиё.

Об азбас рафт, он тифли азиз,
Бар сари он об аз пас рафт низ.
Хост шуд дар нов, модар, к-он бидид,
Шуд сӯйи дарзоб, ҳоли баркашид [19, 38].

Ин ҳикоя дорои ғоя ва мазмуни фалсафӣ буда, тасвири модару тифл тамсилист, ки шоир баҳри таҳвияти андешаи ирфонии худ аз воқеият: меҳри модар бар фарзандашро тасвир намудааст. Оғози ин ҳикоя бо байти: “Модареро тифл бар об уфтод” шуруъ шуда, дар ин порча Аттор ғамхорӣ ва хавотирии модарро иброз дошта, дар табу тоб афтодани ҷони модар барои фарзандро қайд мекунад. Воқеан, бо расидани душвориву мусибат ба фарзанд ҳолат ва авзои модар тағйир ёфта, баҳри дур кардани он газанд ба тамоми ҷонфидоиҳо қодир аст. Калимаи “табу тоб’’ маънии сӯзу гудоз ва ранҷу азобро инъикос менамояд, ки Аттор такя ба маънии маҷозӣ симои модари мусибатзадаву ошуфтаҳолро бо маҳорати олӣ баён намудааст.

Вожаҳои “модар, к-он бидид”, “шуд сӯйи дарзоб” ва “ҳоли баркашид’’ ба хонанда кӯшиш ва муборизаи модар баҳри наҷоти фарзанд ва пайваста ғамхории ӯро талқин менамояд.

Аммо байти :

Модараш барҷасту ӯро баргирифт ,
Шир додаш ҳолию дар бар гирифт [19, 38].

Маонии қуввату шуҷоат ва меҳру ғамхорӣ дар ин байт изҳор гаштааст, ки намунаи нотакрор ва мазмуни нобро дар худ ҷой додааст, ки хонандаро ба дарки олами воқеияти зиндагӣ фурӯ мебарад. Аммо санъати таҷнис, ки дар як байт 2 калимаи ҳамҷинсу ҳамшакл ба 2 маънои ҷудогона зикр ёфтааст [11, 119], ба ҳикоя тобиши дигаре медиҳад. Агар , “баргирифт”-и мисраи аввал дар худ мафҳуми парешониву хавотириро тазмин намуда бошад, дар мисраи дуюм “бар гирифт” ифодаи сарҷамъиву оромӣ ва осудаҳолиро инъикос менамояд.

“Шир додаш’’ хотимаи нек ва фарҷоми хуби он ҳикояро ба хонанда мерасонад. Аттор хонандаро водор ва маҷбур месозад, ки ба олами ирфон ворид гардад. Дар охир сабки ирфонӣ – фалсафӣ дида мешавад, ки меҳри модарон ато ва доди илоҳист ва оё дар ин зиндагӣ роҳи наҷоте вуҷуд дорад, ба мисли нови осиё дар ҳикояи боло.

Ғайр аз ин, ҳикояи тарбиявие, ки дар он симои зани оқилаву доно таҷаллӣ ёфтааст, дар “Бӯстон” –и Саъдии Шерозӣ буда, аз ҷиҳати адабӣ баландмазмун ба ҳисоб меравад, ки оғози он бо ин байтҳост:

Ҷавоне сар аз ройи модар битофт,
Дили дардмандаш ба озар битофт.
Чу бечора шуд пешаш овард маҳд,
Ки эй сустмеҳри фаромӯшаҳд [18, 243].

Абдуманнон Насриддин байти аввалро чунин шарҳ додааст: “Ҷавоне ба модари худ нофармонӣ карда, дили дардманди ӯро бо оташи бемеҳрии худ ба сӯзиш даровардааст” [1, 208] .

Ин ҷо шоир симои модари ғамхору меҳрубонеро, ки аз нофармонии фарзандаш нороҳат гардад ҳам онро ифшо насохта, баръакс, баҳри роҳнамоӣ ва ҳидояти ҷигаргӯшааш тамоми василаҳоро ба кор мебарад, таҷаллӣ додааст. Истифодаи “битофт” –ро Саъдии Шерозӣ бисёр моҳирона ва муносиб овардааст, ки ба ин достон ғоя ва мазмуни баланд бахшида, “пешаш овард маҳд” ин таъбир хирад ва дониши модарро ба мо иброз месозад, ки бо овардани маҳд, яъне гавҳора модар мехоҳад, ки фарзандашро ёдрас ва ёдовар шавад, ки ӯ шоиста ва сазовори ин беҳурматӣ намебошад.

Услуби хитоб ва гуфтугӯйӣ ба шеър мазмуни воқеӣ ва реалиро бахшидааст, дарак аз хушбаёнӣ ва ҷиддияти модар медиҳад, ки бо лаҳни “Эй сустмеҳри фаромӯшаҳд“ нидо мекунад.

Аммо боқӣ насиҳатҳои пургуҳар аз номи модар ба писар гуфта шудааст, ки саршор аз ғамхориву дилсузӣ будани ӯро инъикос мекунад, ки “Бӯстон”-и Саъдӣ дар худ мақосиди олӣ ва фикри устуворро ҷой додааст [4, 281].

Ин сабк ва услубро мо дар гуфтугӯйии Фаронак бо фарзандаш дида метавонем, ки чӣ тавр модар дилсӯзона фарзанди худро ба роҳи рост роҳнамоӣ мекунад. Аммо ин ҷо байни фарзанди тасвиркардаи Саъдӣ ва фарзанди дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ инъикосёфта тафовут ва тазод ба назар мерасад, зеро яке нофармону дигаре фармонбардор.

Дар дигар мавзуи “Бӯстон” Саъдӣ зан-модари далеру қавииродаро тавсиф менамояд, ки шавҳари худро насиҳат ва дилбардорӣ кардааст, чунончи:

Яке тифл дандон бароварда буд,
Падар сар ба фикрат фурӯ бурда буд.
Ки ман нону барг аз куҷо орамаш,
Мурувват набошад, ки бигзораташ [18, 206].

Саъдӣ ирода ва пешдастии он модарро мардона ҳисобида, мегӯяд:

...Нигар, то зан ӯро чӣ мардона гуфт:
Махӯр “ҳавли Иблис то ҷон диҳад,
Ҳам он кас, ки дандон диҳад, нон диҳад” [18, 207].

Модар мехоҳад, ки шавҳари худро дастгирӣ ва роҳнамоӣ намуда, ӯро дар хусуси фикру андешаи нодрусташ насиҳат ва қонеъ намояд. Баҳри амиқ ва побарҷо намудани гуфтаи модар Саъдии Шерозӣ аз ақида ва андешаҳои фалсафиву мантиқӣ кор бурдааст: “Ҳамон кас, ки дандон диҳад, нон диҳад”.

Воқеан ҳам, дар ин ҳикоя симои он зани хирадманд бо ҳикмати мардона [1, 187] ва донишу маърифати баланд тасвир гаштааст.

Шафқату меҳрубонии фарзандро модар бо навозишу дӯстдорӣ иброз медорад, ки дар “Бӯстон” чунин тасвир ёфтааст:

Шунидам, ки ноболиғе рӯза дошт,
Ба сад меҳнат овард рӯзе ба чошт.
Ба куттобаш он рӯз соиқ набуд,
Бузург омадаш тоат аз тифли худ.
Падар дида бӯсиду модар сараш,
Фишонданд бодому зар бар сараш [18, 196].

Чун фарзанд кореро анҷом дод, модар сари ӯро бӯсиду аз хурсандӣ бодому зор чашонданд.

Илова бар ин, Саъдӣ канори модарро ба биҳишт монанд кардааст, ки ташбеҳи балеғ ҳисоб ёфтааст, зеро дар ин навъи санъат ҳиссачаи ташбеҳкунанда ва ваҷҳи ташбеҳро зикр намудааст. Монандии модар ба биҳишт аз лиҳози оромиву хурсандӣ зебогиву тароват мебошад:

Канору бари модари дилпазир,
Биҳишт асту пистон дор чун шир [18, 242].

Ин намуди корбариро санъати тазмин меноманд, ки шоир бар иқтибоси ҳадиси “алҷаннату таҳта ақдом ил уммаҳот”. Ин маониро тавассути назм иброз дошта, ин раванд ва махсусан овардани мазмуни аҳодиси набавӣ дар шакли назм дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷику форс бисёр ба назар мерасад [14, 309].

Метавон гуфт, ки ин байт дар мадҳ ва фазилати модар иншо гаштааст, ки мақсади шоир эҳтиром ва гиромидошти мавқеи зан – модар аст. Дар ҷойи дигари “Бӯстон” шоир бардошт ва иршоди ҳадиси дигари набавиро аз забони Марғозӣ бисёр олӣ пешкаш намудааст, ки он ҳикоя бо ин абёт оғоз гардидааст :

Тариқатшиносони собитқадам,
Ба хилват нишастанд чанде ба ҳам.
Яке з-он миён ғайбат оғоз кард,
Дари зикри бечорае боз кард [18, 224].

Гарчанде мавзуъ ва мазмуни ин ҳикоя дар бобати ғайбат ва тақлиди кӯркӯронаи аҳли тасаввуф даъвост, вале дар он мақом ва манзалати зан-модар зикр шудааст.

Ҳадисе, к-аз он лаб ба дандон газӣ:
Ман ар номи мардум ба зиштӣ барам,
Нагӯям ба ҷуз ғайбати модарам.
Ки донанд парвардагони хирад,
Ки тоат ҳамон беҳ, ки модар барад [18, 224].

Мафҳуми ҳадиси набавӣ: "чун шахсеро ғайбат ва дар набуданаш бадгӯйӣ намудӣ, фардо гуноҳону зиштии ӯро ба зиммаи худ гирифта, тоату хубиҳояш ба ӯ дода мешавад".

Шоир, ки тақлиди кӯркӯрона ва худнамову риёкории баъзе аҳли тасаввуфро маҳкум месозад, дар ин порча ҳоли онҳоро ба риштаи назм дароварда, илму маърифати девонаи Марғазиро боло аз дониши онҳо гузоштааст: "агар касеро ғайбат карданӣ бошам, модарамро ғайбат мекардам, то ки тоатам ба ӯ баргардад".

Шутурбача бо модари хеш гуфт:
"Пас аз рафтан охир замоне бихуфт".
Бигуфт: " Ар ба дасти ман астӣ миҳор,
Надидӣ қасам баркаш дар қатор" [18, 194].

Дар ин ҷо шоир баҳри дурандешӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳикояи шутурбачаеро овард, ки аз танбалӣ ва бетаҷрибагии худ коргурезӣ мекард. Модари вай ӯро насиҳат ва раҳнамоӣ намуда, дилсӯзиву ғамхории модарро Саъдӣ тасвир намуда, аз хираду заковат ва таълиму тарбияаш ёдовар шудааст. Агарчи ин ҳикоя тамсилист, вале дар асл, ғояҳои баланди инсонпарварӣ дар он дарҷ ёфтааст, ки симои модари оқилаву дурандеш инъикос гаштааст . Аз ин рӯ, модарони офаридаи ӯ шахсони мушфиқу меҳрубон ҳастанд, ки дар нокомиҳои фарзандон месӯзанду нисбати тақдири фарзанди худ бетараф нестанд [8, 96].

Якшаба ранҷи ту, ки модар кашид,
Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид...
Ӯ, ки надорад зи паят ҷон дареғ,
Вой, ки чун дорӣ аз ӯ нон дареғ [5, 424].

Амир Хусрави Деҳлавӣ абёти дар боло зикршударо дар маснавии "Матлаъ-ул-анвор" ёдовар шудааст, ки он ба тарбияи фарзандаш равона мегардад. Дар он шоир аз ранҷу заҳмати модар хотиррасон месозад, ки дар тарбияи фарзанд хеле муҳим ва бузург буда, ба чизе баробар намешавад, аз ин рӯ, ба таъбири "Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид", такя намудааст, ки дар худ ченаки гаронарзишеро ҷой додааст. Илова бар ин, модар ҳамеша қуввату тавоноӣ, ҳатто, ҷонашро дар барои хушбахтиву саодати ҷигаргӯшааш дареғ намедорад. Мо метавонем ин порчаро ба васфу бузургдошти модар ворид созем, чун дар он гиромидошти эҳтироми модар изҳор гаштааст, то ки қадрдониву эҳтироми модар вазифаи муқаддаси ҳар фарзанд мебошад [10, 78].

Дар ин ҷо симои модари ғамхору меҳнаткаш шуҷову нотарс тасвир гашта, бо санъатҳои тазод ва муқобала бар мазмуни он ғояҳои баланди ахлоқиро таҷаллӣ менамояд.

АДАБИЁТ

1. Абдуманнони Насриддин . Достонҳои дилангез аз "Бӯстон "–и шайх Саъдӣ . – Хуҷанд: Ганҷинаи Сухан, 2008. – 225 с.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон ва расоили Ҷомӣ. Мероси мактуб. –Теҳрон,1379. - 513 с.
3. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Таҳиягари матн муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 139 с.
4. Али Даштӣ. Қаламравӣ Саъдӣ. – Теҳрон: Муассисаи Интишороти Амири Кабир, 1354 . – 400 с
5. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб иборат аз 4 ҷилд /Ба чоп тайёркунандагон Муҳаммадвафо Бақоев Алиқул Девонқулов Асғар Ҷонфидо. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1971- 490 с.
6. Афсаҳзод Аълохон. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе. –Дониш. - 1980 . – 224 с.
7. Ашъори ҳакимон ва орифон. — Душанбе: Адиб, 2010. - 480 с.
8. Аҳророва, Г. Инъикоси симои зан дар "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ. / Г. Аҳророва //Ахбори ДДҲБСТ (маҷаллаи илмӣ). - 2015. - №4. - С. 93-98.

9. Брагинский, И. С. Иранское литературное наследие. – М.: Наука, 1984. – 262 с.
10. Ғаффорова, З. Нигоҳи Амир Хусрави Деҳлавӣ ба фарҳанги ахлоқии зан дар мисоли насиҳатномаи шоир ба духтараш – Мастура. / З. Ғаффорова // Номаи Донишгоҳ.- 2016.- №3. -С. 78-84.
11. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. - Душанбе: Маориф, 1992. - 304 с.
12. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб иборат аз 4 ҷилд / Ба чоп тайёркунандагон Муҳаммадвафо Бақоев Алиқул Девонқулов Асғар Ҷонфидо . Деҳлавӣ А. – Душанбе Ирфон, 1971 – 490 с.
13. Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие. – М.: Наука, 1984. – 262 с.
14. Камолов, Ф. Пайравии Абдурраҳмони Ҷомӣ ба анъанаи чиҳилҳадиснависии манзум дар адабиёти форсу тоҷик. / Ф. Камолов // Паёми донищгоҳи омӯзгорӣ.- 2014. - №4. -С. 307-311.
15. Мирзо Муллоахмад. Зерцало человечности. – Душанбе: Дониш, 2016. – 304 с.
16. Носири Хусрав. Осори баргузида. – Хуҷанд: Китоб, 2003. – 154 с.
17. Носири Хусрав. девони ашъор — Душанбе: Адиб, 2010. - 480 с.
18. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.- 292 с.
19. Фаридуддини Аттор . Мантиқ – ут – тайр) ва Асрорнома. - Душанбе : Адиб , 2013. – 480 с.
20. Ҳошими Муҳаммадӣ. Бадеи Балхӣ ва пандномаи Анӯшервон. Фаслномаи таҳқиқоти таълимӣ ва ғиноии забон ва адаби форсӣ.-№ 15.– Теҳрон, 1392. – 154 с.

СИМОИ ЗАН-МОДАР ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОИРОНИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК

Мақола ба мавзуи симои зан-модар дар адабиёти классикии тоҷику форс нигошта шуда, дар он хусусиятҳои образ ё симои зан-модар таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар адабиёти классикии тоҷику форс роҷеъ ба эҳтиромо волидайн панду андарзҳои зиёд ба назар мерасад, ки бевосита ба он равона карда шудааст. Аз ин ҷиҳат, барои тақвияти гуфтаҳои боло бархе андарзҳоеро аз “Пандномаи Анӯшервон”-и Бадеи Балхӣ, ки перомуни мавзуи ахлоқӣ ва панду андарзҳост, иқтибос шудааст. Сипас, абёте аз “Саодатнома”-и Носири Хисрав пешкаш гаштааст. Бояд тазаккур дод, ки “Саодатнома”-и Носири Хисрав дастурамали ахлоқӣ ба шумор меравад. Ғайр аз ин, аз “Чиҳил ҳадис’’ ва “Баҳористон’’-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Мантиқ–ут–тайр’’-и Фаридаддин Аттори Нишопурӣ, “Бӯстон”–и Саъдӣ, “Матлаъ-ул-анвор”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ байтҳову ҳикоятҳоеро, ки дар васфи модар буданд, оварда, тавассути сифат ва васфҳои шоирони дар боло зикргашта, аз қабили: ғамхориву меҳнаткашӣ, ранҷу заҳмати модар, дилсӯзӣ, хираду заковаташ симои зан-модар пурратар тасвир гаштааст.

Илова бар ин, таҳлили абёти дар мақола зикргашта аз нигоҳи корбурди санъатҳои адабӣ, махсусан, ташбеҳу истиора ва такрор ба мақола хусусияти илмӣ бахшидааст.

Аз нигоҳи иқтибосот, андешаҳои гуногун ва сабкҳои шеърӣ инъикосгардии симои зан-модар мазмун ва муҳтавои мақола васеътар гардид, ки онро ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Калидвожаҳо: *Симо, зан-модар, шеър, адабиёт, классика, арзишҳои адабӣ, эҳтиром.*

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ-МАТЕРИ В ТВОРЧЕСТВЕ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ ПОЭТОВ-КЛАССИКОВ

В статье рассматривается образ женщины-матери в классической таджикской и персидской литературе, анализируются и обсуждаются особенности образа женщины-матери. В таджикско-персидской классической литературе много наставлений об уважении к родителям, адресованных непосредственно матерям. С этой точки зрения, чтобы укрепить сказанное, процитированы некоторые нравоучения из «Панднома Анушервана» Бадея Балхи, где затрагивается тема морали. Затем представлены стихи из «Саадатнома» Насыра Хысрава. Следует отметить, что «Саадатнома» Насыра Хысрава является моральным трактатом. Точно так же представлены стихи из «Чихил Хадис», «Бахористан» Абдуррахмана Джами, «Мантик-ут-Таир» Фаридуддина Нишопури, «Бустан» Саади, «Матла-уль-Анвар» Амир Хусрава Дехлави, посвященные матери, исходя из качеств упомянутых выше поэтов, такие

как забота и трудолюбие, материнское страдание, сострадание, мудрость и разум, в которых описывается образ матери.

Кроме того, анализ упомянутых в статье стихов с точки зрения использования литературных аспектов, особенно сравнений, метафор и повторов, придал статье научный характер.

Из сводки цитат, различных мнений и поэтических стилей отражение образа женщины-матери расширило содержание статьи, что легко проследить.

Ключевые слова: Образ, женщина-мать, поэзия, литература, классика, литературные ценности, уважение.

THE IMAGE OF A WOMAN-MOTHER IN THE WORKS OF TAJIK-PERSIAN CLASSICAL POETS

This article analyzes and discusses the features of the image of a woman-mother in Tajik classical literature. In the Persian-Tajik classical literature, there are many instructions about respect for parents, which are directed. From this point of view, in order to strengthen what has been said, some moral teachings from Badei Balkhi's "Pandnom Anushervan" are quoted, where the theme of morality is touched upon. Then verses from “Saadatnom” by Nasyr Khysrav are presented. It should be noted that Saadatnomah by Nasyr Khysrav is a moral treatise. Similarly, from "Chikhil Hadith", "Bahoristan" by Abdurrahman Jami, "Mantik-ut-Tair" by Fariduddin Nishopuri, "Bustan" by Saadi, "Matla-ul-Anwar" by Amir Khusrav Dehlavi, verses dedicated to the mother are presented, based on the qualities mentioned above poets, such as care and diligence, maternal suffering, compassion, wisdom and reason, the image of the mother is described. . . In addition, the analysis of the verses mentioned in the article in terms of the use of literary aspects, especially comparisons, metaphors and repetitions, gave the article a scientific character.

From different views and opinions and poetic styles, the reflection of the image of a woman-mother has expanded the content and content of the article, which can be seen in the text.

Keywords: Image, woman-mother, poetry, classics, literature, literary values, respect.

Маълумот дар бораи муаллифон: Қобилов Фаридун Нарзуллоевич *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи филологияи Шарқи Наздик. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 927-40-60-78.*

Турсунов Ғолиб Абдусобирович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубӣ. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) (+992) 935581818, Email: dilkhasta@ mail.ru*

Сведения об авторах: Кобилов Фаридун Нарзуллоевич *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода, старший преподаватель кафедры языков Ближнего Востока. Адрес: 734019 г. Душанбе ул.Мухаммадиева 17/6 тел.: (+992) 927-40-60-78.*

Турсунов Ғолиб Абдусобирович *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой филологии Юго-Восточной Азии. Адрес: город Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел. (99237) 2325000, моб. (+992) 935581818, Email: dilkhasta@ mail.ru*

Information about the authors - Qabilov Faridun Nazrulloevich *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda assistant teacher of the chair of The Near East Languages. Address 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone:(+992)92-740-60-78*

Tursunov Gholib Abdusobirovich *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philological sciences, associated professor, the chairman of the department of Eastern and Southern Asian Philology. Address 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Tel тел. (99237) 2325000, Mobile: (+992) 935-58-18-18, E-mail: dilkhasta@ mail.ru*

ТДУ 891.550 [575.3]

ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН ДАР АШЪОРИ ФАРЗОНА

Раҳимӣ Миҷгона Раҳим
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷиии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Шеър дар адабиёти тоҷики замони истиқлол ҳам аз нигоҳи муҳтаво ва ҳам аз нигоҳи сохтору корбурди анвои адабӣ хеле рушд кард. Яке аз шоирони насли дувуми замони истиқлол, ки дар ибтидои фаъолияти шоириаш дурахшид ва мақбули хосу ом гардид, Фарзонаи Хуҷандӣ мебошад, ки бо таҳлили ашъораш метавон хусусиятҳои асосӣ ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, алалхсус, тасвири симои занро дар замони истиқлол муайян кард. Фарзона дар адабиёти муосири тоҷик яке аз шоирони муваффақ аст, ки бино ба гуфтаи муҳаққиқон, аз як шеър то шеъри дигар, аз як маҷмуа то маҷмуаи дигар сухани тоза дораду дар ин ҷода ба қуллаи камол расидааст. Фарзона ҳам аз шоирони мақбултарин ва ҳам пуркортарин тоҷик аст, ки то кунун маҷмуаҳои зиёде аз ӯ ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, силсилаи ашъори Фарзона дар Руссия, Америка, Франсия, Англия, Германия, Покситон, Арабистони Саудӣ, Ироқ, Ӯзбекистон, Белорусия ва ғайра тарҷума ва интишор ёфтаанд. Фарзона ба ҷандин ҷоизаҳои ватанию хориҷӣ сазовор гашта ва чандин муҳаққиқон перомуни ашъораш рисолаву китоб ва мақолаҳои сершуморе навиштаанд.

Нахустин маҷмуаи Фарзона зери унвони «Тулуи хандарез» соли 1987 бо пешгуфтори Лоиқ Шералӣ дар Душанбе ба нашр расид. Пеш аз нашри ин маҷмуаи аввалинаш ашъори ӯ дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла «Ҳақиқати Ленинобод» дар солҳои донишҷӯияш ба нашр расидаанд. Лоиқ Шералӣ дар пешгуфтори худ ба ин маҷмуа аз зуҳури шоираи боистеъдоде хабар дода менависад, ки «пораҳои асил, ташбеҳу истиораҳои ғайримунтазира, паҳлугардониҳои хаёлангези сухан, суханбозиҳои ширин, назари поки ошиқона ба зиндагӣ, ба инсон, ба замон, нигориши хоссаи шоирона ба ашёи тасвиршаванда ва ҳаводиси ғарази шеър, иборапардозиҳо ва истифода аз таъбирҳои корхӯрдаи классикӣ ва фарҳанги мардум моро итминон медиҳад, то мо ба ояндаи файзбахши назми Фарзона имон биёварем» [5, 6]. Фарзона бо азми қавӣ вориди майдони адабиёт шуд ва дар нахустин қадамҳояш дар ин ҷода паём дод, ки бо «нури сухан» «тирашабҳоро бедордил» ва «нури чашми ҳар ситора» «аз он чи дӯш буд, бештар» мекунад ва собит намуд, «на он кас» аст, ки «зи бими азобҳо аз ибтидои раҳи ҳақ бозпас равад». Имрӯз дар «осмони ситорапарвари шеър»-и тоҷик Фарзона чун «кавкаби тоза» дурахшон аст, ки бо нури сухан дилҳоро мунаввар мекунад.

Дар шеъри Фарзона симои зани тоҷик, пеш аз ҳама, дар образи қаҳрамони лирикӣ, ки шахсияти худи шоир аст, таҷассум ёфтааст. Ин шахсияти шоир, ё худ қаҳрамони лирикӣ симои зани эҷодкори тоҷик аст, ки фарҳанги бузурги гузаштаи миллатро бо худ дорад ва меросбари воқеии бузургони пешин аст. Ин қаҳрамони лирикӣ бо ҳаводису воқеаҳои зиёди олами муосир рӯ ба рӯст ва дар баробари падидаҳои мусбат, амсоли тараққиёти илму техника, ки зиндагии инсонҳоро ба маротиб осон кардааст, касодии ахлоқ, бемаърифатӣ, беимонӣ, гум шудани раҳму шавқат, беэҳтиромӣ нисбат ба калонсолон ва монанди инҳо мебинад ва муқобили ин гуна падидаҳои нангин қиём мекунаду худро ба ҳайси ҳомии ғояҳои баланди инсондӯстию одамгарӣ нишон медиҳад. Фарзона шахсияти зани эҷодкорро озод аз ҳар гуна банди алоиқи шебу фарози зиндагӣ дидан мехоҳад ва бо унсурҳое, ки мехоҳанд ин озодиро мутеъ созанд, сари созгору муросо надорад ва мехоҳад оламу одамро зебо ва озодаву ороста бинад:

Ман омадаам, ки офтоби камнамойро
Ба рӯзҳои тирамоҳӣ хабар кунам.
Ман омадаам, ки нури чашми ҳар ситораро
Аз он чӣ дӯш буд, бештар кунам[10, 293].

Зане, ки Фарзона ба сифати қаҳрамони лирикӣ ба тасвир меоварад, саршор аз отифаву меҳрубонист, озодаву зебост, як умр аз пайи ҷустуҷӯйи ҳақиқат аст, оламу одамро зебо дидан мехоҳад ва бо зиштию палидӣ дурӯғ ҳаргиз созиш намекунад:

Аз пардаҳои чашм бияфшон ғуборро,

Шодӣ бубахш ҳастии фурсатшуморро.
Гарм аст, маҳфиле, ки ту бошию чун туе,
Эй меҳрубон, тарона бибанд ин баҳорро…
Минбаъд моҳиёна набошам ғариқи худ,
Барон шавам, такон бидиҳам сангу хорро... [14, 13].

Шахсияти фардии шоир, ки дар ғазали зер ба сифати қаҳрамони лирикӣ ба тасвир омадааст, занест озоду вораста, пойбанди ҳеч касеву ҳеч чизе нест ва ҳеч гуна тааллуқотро намепазирад. Шоир озодии руҳи ин зани озоду озодаро ба қофилаи лӯлиён ва ҳатто, бештар аз он шабеҳ медонад. «Ваҷҳи қиёс ин ҷо озодӣ аст: лӯлиён побанди қонунҳое нестанд, ки инсонҳои муқаррарӣ барои худ эҷод кардаанд. Лӯлиён аз қайди тааллуқот озоданд»[119,10] :

Аз қолабам барояму хоҳам, ки ҷон шавам,
Ворастатар зи қофилаи лӯлиён шавам[14, 313].

Қаҳрамони лирикӣ, ин зани озода мехоҳад, «ҳарфи хуршед бигӯяду ӯро забон шавад». Хуршед намоди гармиву равшанӣ ва меҳру муҳаббат аст, ки бедареғ, бидуни миннат, хомӯшона ҳастияшро ба коинот ва алалхусус, ба инсон, ки ашрафи махлуқот аст, мебахшад ва дар подошаш чизе талаб надорад. Қаҳрамони лирикӣ мехоҳад тарҷумон ва шореҳи хуршед бошад, то инсон қадри муҳаббати хуршедро бидонад, зеро ба қавли Саъдӣ, «ҳама аз баҳри ӯ саргаштаву фармонбардор»-анд»:

Хуршед хамӯш аст бад-он сурхии забон,
Ман ҳарфи ӯ бигӯяму ӯро забон шавам [14, 13].

Руҳи ин зани озода монанди оинаи беғуборест, ки дар байни инсонҳо қарор дораду аз муҳаббат қисса мекунад ва мехоҳад то абадият аз ишқу муҳаббат инсонҳо сухан бигӯяд:

Оинаам, ки байни туву ту нишастаам,
Бигзор, то ҳамеша чунин тарҷумон шавам [14, 13].

Муҳаққиқони шеъри Фарзона, монанди Матлубаи Мирзоюнус, Алиризои Қазва дар ин ғазал таъсири Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро мушоҳида намудаанд ва аввалӣ ин ғазалро пурра шарҳ додааст. Хулоса, дар ин ғазал қаҳрамони лирикӣ дар шахсияти шоир таҷассум ёфтааст, занест, ки мехоҳад «монанди руҳ озод бошад, мисли оина муфассири эҳсосҳои покиза гардад, дар дили инсонҳои азиз мисли гавҳари ноб ҷо бигирад»[5, 13].

Чунин андешаҳои инсонгароёнаву озодихоҳона ва зебоибинии қаҳрамони лирикӣ, ки як зани озоду вораста аст, лобалои шеъри Фарзонаро фаро гирифтааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки қаҳрамони лирикии Фарзона танҳо дар олами руъё парвоз дораду ояндаи зеборо орзу мекунад. Дар шеъри «Номаи фардо», ки дар қолаби шеъри нав суруда шудааст, қаҳрамони лирикӣ, ҳамон духтари ҷавони пурғайрату пурэнержӣ, ки «ҳамшеваи баҳор» асту «нотаи офтоб»-ро медонад, ба асри ХХ1 қадам мениҳад:

Инак бо гесувони заифам,
ки аз шаҳомати пешин асар надоранд,
Гулбанд мезанам ва меравам
бо чунин сурати музҳик
ба асри нав.
Сӯйи фардое, ки хотираи компутерияш
Намедонам, чакомаҳои киро ҳифз мекунад.
Сӯйи фардое, ки умедворам
боз дар чашми касе партави самимият,
боз дар хилқати касе асолати мардӣ,
боз дар оинае ҷавҳари аҳуроӣ,
боз дар ҷавҳаре ҳақиқати зебоӣ
тулуи нозанин хоҳад кард… [5, 213].

Қаҳрамони лирикӣ дар ин шеър занест, ки ҷавонияш рафтаву ба асри нав ба умед қадам мениҳад, то он суннатҳои неке, ки дар даврони ҷавонии ӯ буд, монанди самимият дар чашми мардум, асолати ҷавонмардӣ дар хилқати мардон, ҳақиқати зебоӣ дар ҷавҳари мардум боқӣ

мемонад. Шоир умед дорад, аммо уммедаш қатъӣ нест. Омадани соли нав - асри навро мардум дар зоҳир бо шодиву сурур пешвоз мегиранд…

Нигоҳи шоир аз осмон ба замин меафтад ва мебинад, ки духтарону писарон сӯйи сайргоҳ мераванд ва дар зоҳир гӯё ҳама шоданд. Шоир рӯзгори иҷтимоии замонро дар арафаи асри нав ба тасвир мекашад, тараққиёти илму техника ва дар баробари он мушкилоти печидаи зиндагии мардумро баррасӣ мекунад ва хулосаҳои дурандешона мебарорад, моварои зиндагии хушҳолонаро мебинад:

Зани фартути фарангие
бо як араба саргин
аз асри бист меравад ба асри бисту як.
Кӯдаке кӯча ба кӯча дар дар ҳамин сардии даймоҳ
яхмос мефурӯшад.
Гадое бо дастҳои холии талбанда
ба асри тоза ворид мешавад.
Гадое, ки дар асри нав шояд шоҳ хоҳад шуд,
ё боз гадо хоҳад монд [14, 214].

Шоир набзи замони нав - асри ХХ1-ро бо образҳои зани фартут, кӯдаки яхмосфурӯш, гадо ва марди фақир ба тасвир мекашад. Зани фартути аврупоинажод, ки замоне дар ин диёр зиндагии бофароғате дошта, кунун ба асри ХХ1 ба асри олами сармоя бо «як арабаи саргин» қадам мениҳад. Ин зан руҳану ҷисман хаставу ранҷур асту ба талаботи зиндагӣ дар асри нав омода нест. Ин зан намоди он занонест, ки бо суннатҳои асри гузашта зистанд ва дар асри нав бо он боварҳову эътиқодоташон зиндагиии сангине хоҳанд дошт. Дар шеъри Фарзона, бино ба таҳқиқи муҳаққиқон, «нигоштаҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи шоиста» дорад. «Шоир дар пазириши иҷтимоие, ки дар шеъраш эҳсос мешавад, бар он мекӯшад, ки гиреҳҳои печ дар печи рӯзгори мардумро дар қаламрави андешаҳояш бо хулосаву бардоштҳои ҳакимона боз кушояд» [16,108]. Ҳамин нигориши иҷтимоӣ, тасвири рӯзгори табақаҳои мухталифи мардум дар образи кӯдаки яхмофурӯш барҷастатар ифода ёфтааст, «шояд дар хона ӯро нафароне интизоранд, ки ба буридаи ноне ниёз доранд [5, 217]. Ворид шудани «гадое бо дастҳои холии талбанда» ба асри ХХ1, ки «шояд шоҳ хоҳад шуд ва ё гадо мемонад», киноя ба авзои буқаламуни даврони нав, ки ҳар лаҳза иваз шудану шоҳро гадову гадоро шоҳ карданаш мумкин аст.

Аз ин тоифаи ба қавли муфассири ин шеър, «ранҷурон» таваҷҷуҳи қаҳрамони лирикӣ ба марди фақирест, ки шояд бори нахуст ба кӯдаконаш савғои идона - гулқанд мебарад. Шоир лаззату фараҳи зиндагиро дар ин ҷаҳони қаҷдорумарез дар шодии кӯдакони ин марди фақиру қаноатмандии ӯ мебинад:

Як марди фақир ба хонааш мешитобад
ва нахустин бор шояд ба кӯдаконаш гулқанд мебарад.

Шоир ин марди фақирро «бародарҷон» хитоб мекунад ва шодии ӯву кӯдаконашро тимсоли шодию комгории башарият дар асри нав мебинад:

Эй бародарҷон! Фикрҳоят баъд аз ин дар иҳотаи
гул бод!
Кош ширин кунад ин гулқанди кӯчаки маъсум
Зиндагии турову аҳли башарро...[5, 214].

Ҳангоми тасвири зани фартути фарангӣ, кӯдак ва гадо лаҳни гуфтори шоир маҳзунона чун ҳолати ин се нафар аст, аммо ҳамон гулқанди марди фақиру шодии кӯдаконаш шоирро умедвор ба зиндагӣ дар асри нав мекунад.

Шоир бо дирӯзи худ, ба даврони ҷавонии нозанинаш, ки бо «субҳҳои атрогину шомҳои шукуфабанду гуловез» ҳамроҳ буд, падруд мегӯяд ва фардои баҳори сабзи худро дар симои духтаронаш, тифлакони хуҷастааш мебинаду зиндагиро дуруд мегӯяд:

Духтаронам, тифлакони хуҷастаи ман!
Дар сурати шумо баҳор шаъшаъаи сабз мезанад.
Биёед, аз чашмакони содаатон бӯсам.

Ба эҳтироми кӯдакии шумо,
ба эҳтироми бузургии модар,
Ба эҳтироми ҳар касе, ки дӯсташ дорам,
зиндагиро дуруд мегӯям.
Дубора мегирям, дубора механдам…[5, 214].

Шоир ба олам бо диди занона, модарона, ки пур аз отифаю муҳаббат аст, менигарад. Ҳатто, амалу рафтори кӯдакон, ки рафтори маъмулист, аз назари шоир муъҷиза асту аз олами хушбахтӣ дарак медиҳад. Масалан, дар шеъри «Имзои аввалин» таваҷҷуҳи шоир ба амали кӯдаки дусолаест, ки рӯйи девор хат мекашаду деворро хароб мекунад. Аммо диди шоир ба моварои ин амали кӯдак аст, ки бо вуҷуду ҳастияш ва бо ин амали ноогоҳонаи худ ба хонадони зан хушбахтӣ овардааст:

Хонаат хушбахт аст
Бо ҳузури азизи одамаке оламофарин.
Хонаат хушбахт аст,
Зеро ки тифлаки дусолаи ту
бо муқалами рангаи худ
дар саҳифаи девор
имзо ниҳодааст.
Имзои аввалин [5, 237].

Дар ин шеър нуктаи калидии мақсади шоир дар таъбири «хонаат хушбахт аст», нуҳуфтааст. Шоир бо истифода аз санъати ташхис хонаи зани ҷавонро ба масобаи инсоне ба тасаввур меоварад, ки хушбахт ё бадбахт буда метавонад. Аз диди зебоишинохтии шоир вуҷуди кӯдак дар хонаи зани ҷавон нишони хушбахтист ва ин дидгоҳ аз ҳикмати ниёгон сарчашма мегирад. Матлубаи Мирзоюнус дар шарҳи ин шеър менависад: «Хонае, ки дар он кӯдак, яъне одаме оламофарин ҳузур дорад, воқеан, хушбахт аст. Ва он суратҳои булаҷабе, ки ин тифл дар рӯйи девор кашидааст, нишоне аз ҳастии нишотбахши ӯст. Бинобар ин, барои чунин кор ӯро набояд танбеҳ дод, балки табрик бояд гуфт. Маҳз ҳузури ҳамин тифл ва нақше, ки ӯ ба девор гузоштааст, дар баробари ифшои розҳои кӯдакона ин хонаро хушбахт кардааст. Зеро чӣ қадар қасрҳои пурҳашамату азиму зебое ҳастанд, ки дар онҳо кӯдакон зиндагӣ намекунанд ва дар онҳо нишоне аз гармию шодии ҳаёт нест» [5, 237].

Симои занон дар шеърҳое, ки Фарзона аз аҳволу авзои иҷтимоии замон ҳарф мезанад, нақш муҳим дорад. Дар баробари симои занони эҷодкор, ки дар нақши қаҳрамони ғиноӣ бештар арзи ҳастӣ мекунанд, образи занони одӣ вобаста ба вазъи замон тасвир шудаанд, ки баёнгари ҳоли ҷомеаи имрӯзи мост. Масалан, дар шеъри «Содаву мураккаб», ки дар қолаби шеъри нав эҷод шудааст, тасвири зиндагии як марди муҳоҷир аст, ки бо баҳои ҷон пул меёбад:

Мард дар кишвари ғайр,
Бомҳоро тоза мекард аз барф.
Шӯшаҳоро зи гӯшаҳои бом бармеканд…[5, 233].

Шоир тасвиргар дар қисмати аввали шеър кори марди муҳоҷирро, ки барфу шушаҳои яхро аз бомҳои чандошёна тоза мекунад, кор бо оҷу дурру булур медонад. Гӯё мард, ки бо хуршеду моҳ ҳамсоя аст, лоҷварду руххом бармеканаду дурру булур аз хизонаи саҳар бармегирад:

Оҷ бармегирифту дурру булӯр
аз хизонаҳои саҳар,
Лоҷварду руххом бармеканд.
Боми чандин бинои даҳтабақа,
балки бисту ситабақа
коргоҳи ӯ буд.
Осмони абрӣ бо ҳама шаҳомати зимистонӣ
Боргоҳи ӯ буд…[5, 233].

Шоир вазъи замони муосирро бо диди зебоишинохте, ки дорад, ба сад обу ранг зебо ба тасвир мекашад. Марди муҳоҷир, бо ин ки сахту ифлос ва хатарноктарин корҳоро барои мардуми бумӣ анҷом медиҳад, дар чашми кабуди онҳо (ишора ба мардуми рус) пасту сиёҳ аст:

Ӯ ба чашми кабуди мардуми бумӣ
Аз ҳама паст менамуду сиёҳ.
Гарчи ҳамсояи хуршед буду додари моҳ…[5, 233].

Накӯҳиши шовинизм - миллатгароию бад дидану паст шуморидани миллатҳои дигар ва ситоиши ҷонфидоии мардони муҳоҷир барои волидайну зану фарзанд, ки зиндагии шоиста дошта бошанд, ҷанбаи иҷтимоии шеърро пурқувват кардааст. Дар тасвири шоир марди муҳоҷир, ки таъмини маишати хонаводаашро қарзи худ медонаду барои ин аз хатарноктарин корҳои рӯй наметобад, аз ин кабудчашмони мутакаббир сад сару гардан баланд аст, ҳарчанд ки аз онҳо таҳқир мебинад:

Дар лабаш «бисмиллоҳ»
Пой мемонад ба ҳар бом,
ба боми баланди ваҳшатзой
ҳамчунон бар пули Сирот.
Марди танҳотарини танҳо
дар тамоми ин харобобод…[5, 233].

Мурод аз мафҳуми «харобобод» дар адабиёти гузашта мо, аслан, киноя аз ин дунёст, ки ободии вай дар айни харобист. Аммо ғарази шоир дар ин шеър аз харобобод ҳамон шаҳрҳои бузурги чун Маскав аст, ки муҳоҷирони тоҷик ба баҳои ҷон нон барои аҳли оилаашон меёбанд. Шоир марди муҳоҷирро ситоиш мекунад, зеро ин марди ҷонфадои зану фарзанд ва модару падараш аст. Шоир бо ситоиши мард таъкид ба суннати миллӣ дорад, дар мавриди мақом ва вазифаи мард дар назди волидайн ва зану фарзанд, ки имрӯз баъзе мардон ба боди фаромӯшӣ додаанд.

Шеър вобаста ба мазмун романро ба хотир меоварад, ки сужети мукаммал дорад: Ниҳоят зимистон гузашта, баҳор омад ва марди муҳоҷир ба ватан баргашт. Маблағи ба баҳои ҷон ёфтаташро ба ҳамсараш, ки дар набудани ӯ аробаи рӯзгорро мекашид, супурд:

Оқибат
Дай гузашту баҳор ҳам омад.
Мард баргашт зи ғурбат ба ватан.
Дастмузди ба баҳои ҳаёт ёфтаро дод ба зан.

Муроди шоир аз ин ҳама тасвири ҳаёти марди муҳоҷир дар сатрҳои зер аст, ки ҳамсари мард пулҳои бо гарави ҷон ёфтаи ӯро чӣ тавр харҷ мекунад:

Бонуи ӯ
Пираҳанҳои муҷалло хариду
Ҷумла ашёи нозарур зарур,
латтаву колаи аз мӯд бароянда
аз барои арӯси оянда…[5, 233].

Шоир занҳои каммаърифату беандеша ва исрофкорро ба чолиш мекашад, ки, мутаассифона, дар рӯзгори мо хеле зиёданд. Аз назари ҳакимонаи шоир, зиндагӣ содаву табиист ва ин умри кӯтоҳ кирои онро надорад, ки барои худнамоию такаббур ва дигар чизҳои нозаруру нопойдор заҳмат кашид. Шоир дар қатори он зан, ки чеҳраи умумиятёфтаи занҳои исрофкоранд, худро низ гунаҳкор медонад, ки мо - инсонҳо на танҳо ба худ, балки ба дигарон низ зиндагиро душвор кардаем. Суннатҳои неки ниёгонро, ки аз кураи таҷрибаи ҳаёт гузаштаву ҳар як ҳикмате доранд, ба фаромӯшӣ супурдаем ва маъракаҳое бофтаву сохтаем, ки зиндагии содаву табииямонро душвор кардааст. Байти мақтаъ, ё худ ду сатри охири шеър бардошти ҳакимонаи шоир аст аз ҳаёти иҷтимоии имрӯзаи мардуми мост:

Зиндагӣ сода буду бо гуноҳи ману ту мураккаб шуд
зери ин гунбади нопоянда [5, 236].

Дар ашъори Фарзона чунин шеърҳое, ки дар онҳо ҷанбаҳои иҷтимоии рӯзгори мардум вобаста ба руҳия замона бо истифода аз образи занону кӯдакон ва аз диди занона ба тасвир омадаанд, хеле зиёданд. Шоир шеърро пайванди зебо ва ҳунармандона бо руҳи замон, иҷтимоиёт додааст.

Образи зан, алалхусус, зани тоҷик бо ҳамон бузургию шаҳомату матонаташ ва аз сӯйи дигар, бо ҳақирию забунияш, ки дар тули таърихи дароз ҷомеаи мардсолорӣ ба ӯ менигаристанд, дар ашъори Фарзона ба тасвир омадааст. Дар абёти зер, гуфтан метавон, шоир тавонистааст симои умумиятдодашудаи занро ба таври ихчаму муъҷаз ба тасвир оварад:

Зан будани маро ба таҳи шубҳа мениҳад
Нодилбарию садагию бефусуниям.
Як пайкари ҳақираму як ҷавҳари мунир,
Ниме бузургиям ману ниме забуниям…
Ман ҷамъи ман баробари икс аст дар ҳисоб,
Сад файласуф хира шуд аз «зуфунуниям» [14, 278].

Тасвирҳои олии шоирона на танҳо дар ғазал, балки дар шеърҳои дар қолаби арӯзи озод ё худ шеъри нав навиштаи Фарзона низ мушоҳида мешавад. Бояд гуфт, ки шоир дар шеъри нав ё худ арузи озод имкони васеътаре дорад, метавонад мисраъро дароз кӯтоҳ кунад, аммо ба таъкиди муҳаққиқон, дар ин гуна шеърҳо ҳунар бояд мақоми аввалро дошта бошад. Ҳамин гуна ҳунари шоириро мо дар шеърҳои дар қолаби шеъри нав сурудаи Фарзона мушоҳида мекунем. Масалан, дар шеъри «Поянда»:

Дар абри тираи чашмони ту оҳанги борон аст,
Марез ашке,
ки ҳатто, дар фалак хуршед гирён аст.
Чаро маҳзунӣ,
эй модар,
Чаро зангулаҳои хандаҳоят занг барбаста,
Чаро мавҷи садоҳои ту бишкаста?...[6, 47].

Дар тасвирҳои шоирона, пеш аз ҳама, ибораву таркибҳо ва калимаҳо бояд зебову шоирона бошанд. Дар шеъри боло таркибу ибораҳои «абри тираи чашмон», «оҳанги борон», «занг бастани зангулаҳои садо», «шикастани мавҷи садо» шоиронаву ҳунармандонаанд, ки ҳар як маъниеро ифода мекунанд. Таносуб байни калимаҳои ин ибоаву таркибҳо хеле қавист. Масалан, ташбеҳи абри тира ба чашм ва ё таносуби «оҳанги борон» бо «абри тираи чашмон» хеле муносибу олӣ буда, инсиҷоми калимот побарҷост. Ҳамчунин, дар байни «зангулаи садо»-ю «ханда»-и модар ва ё дар байни калимаи «зангула» ва «занг», чи аз назари шакл ва чи аз ҷиҳати маънӣ, таносуби маъноӣ барқарор аст. Бояд зикр кард, ки шеърҳои ба модар бахшидаи Фарзона дар адабиёти муосири тоҷик беназир аст ва бо хусусиятҳои худ аз модарномаҳои шоирони дигар фарқ дорад, ки мавзуи бахси алоҳида аст.

Хулоса, мавзуи тасвири зан дар шеъри Фарзона доманаи фарох дорад ва ҳар як шеъри дар ин мавзуъ сурудаи ӯ дорои мазмуни тозаву нав ва таркиботу ибороти шоиронанд, ки хосси худи ӯст. Ҳангоми тасвири мавзуи мазкур Фарзона суннатҳои адабии шоирони пешинро собитқадамона идома дода, онро ба авҷи камолоти худ расонидааст. Бешубҳа, Фарзона аз беҳтарин шоирони насли дувуми замони истиқлол аст, ки дар ашъори ӯ мавзуи тасвири симои зан бо мазмуни тозаву ороиҳои нодири адабӣ зиннат ёфта, таҳаввули бештареро касб кард. Шеърҳои ба зан бахшидаи Фарзона аз намунаҳои беҳтарин ашъори замони истиқлоланд ва баёнгари таҳаввули мавзуи мазкур дар адабиёти давраи мавриди назаранд.

Адабиёт

1. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн] /Х. Асозода. -Душанбе: Маориф ва фарҳан, 2014. - 672 с.
2. Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър[Матн] /М.Аҷамӣ. –Душанбе: Адиб, 2008. - 150 с.

3. Бобоева, Т.Р. Система образов в современной таджикской поэзии (на примере творчества Фарзоны): Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических нау к/ Т.Р. Бобоева. - Худжанд, 2002. - 23 с.
4. Қазва, А. Фарзонае аз Хуҷанд[Матн] А.Қазва // Фарзона. Сад барги ғазал. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – С. 3-5.
5. Мирзоёнус, М. Шарҳи шаст шеъри Фарзона [Матн]/М. Мирзоюнус. - Хуҷанд: Ношир, 2019. - 242 с.
6. Ризобоева Н.М.Тасвирҳои породоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият): Автореферати дисссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология / Н.М. Ризобоева. - Хуҷанд, 2022. – 25 с.
7. Фарзона. Ашки сӯзон [Матн] /Фарзона. - Душанбе: Адиб, 2014. - 240 с.
8. Фарзона. Найшакар [Матн] / Фарзона. - Душанбе: Маориф, 2019. - 240 с.
9. Фарзона.Ояти ишқ [Матн] /Фарзона. - Душанбе: Адиб, 1994. -17 с.
10. Фарзона. Муҳри гули мино [Матн] /Фарзона. - Хуҷанд: Ношир, 2006. - 400 с.
11. Фарзона. Паёми ниёгон. Гузидаи ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ [Матн] / Фарзона. -Теҳрон: Суруш,1375. - 129 с.
12. Фарзона. Себарга [Матн] / Фарзона. - Хуҷанд: Ношир, 2011. - 488 с.
13. Фарзона. Ҳама гул ҳама тарона. Ҷилди аввал [Матн] / Фарзона. -Хуҷанд, 2014. - 504 с.
14. Фарзона. Девон. Панҷсад ғазали дилангез [Матн] / Фарзона. - Хуҷанд: Хуросон, 2014. - 528 с.
15. Ҳаким, А. Анвои шеъри ғиноӣ[Матн] /А. Ҳаким. - Душанбе: Дониш, 2020. - 546 с.
16. Ҳакимова, С. Шеър, ҳунар ва иҷтимоъ[Матн] /С. Ҳакимова. - Хуҷанд: Ношир, 2018. - 336 с.

ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН ДАР АШЪОРИ ФАРЗОНА

Мавзуи тасвири симои зан аз мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёт буда, дар адабиёти тоҷики замони истиқлол аз лиҳози мавзую муҳтаво, маъно, сохтору тасвирҳои шоирона ва корбурди анвои гуногуни шеърӣ ҷилваҳои тоза касб карда, аз ҳар ҷиҳат бою ғанӣ гардидааст. Яке аз шоирони ин насли дувуми замони истиқлол, ки дар ибтидои фаъолияти шоириаш дурахшид ва мақбули хосу ом гардид, Фарзонаи Хуҷандӣ мебошад, ки бо таҳлили ашъораш метавон хусусиятҳои асосӣ ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, алалхсус, тасвири симои занро дар замони истиқлол муайян кард. Фарзона дар адабиёти муосири тоҷик яке аз шоирони муваффақ аст, ки бино ба гуфтаи муҳаққиқон, аз як шеър то шеъри дигар, аз як маҷмуа то маҷмуаи дигар сухани тоза дораду дар ин ҷода ба қуллаи камол расидааст.

Дар мақола перомуни тасвири зан дар ашъори шоири номдори тоҷик Фарзонаи Хуҷандӣ, ки дар ташаккули адабиёти тоҷик нақши муҳим дорад, сухан меравад. Муаллифи мақола бо далоили илмӣ ва шоҳидҳои шеърӣ собит менамояд, ки Фарзона дар тасвири мавзуи мазкур тозакориҳо ва навпардозиҳо зиёде дорад, ки шеъри ӯро аз дигар шоирон мутамоиз мегардонад. Бино ба таҳқиқи муаллифи мақола, дар шеъри Фарзона симои зани тоҷик, пеш аз ҳама, дар образи қаҳрамони лирикӣ, ки шахсияти худи шоир аст, таҷассум ёфтааст. Ин шахсияти шоир, ё худ қаҳрамони лирикӣ симои зани эҷодкори тоҷик аст, ки фарҳанги бузурги гузаштаи миллатро бо худ дорад ва меросбари воқеии бузургони пешин аст.

Ҳадафи мақола таҳқиқи илмии тасвири симои зан дар шеъри Фарзона ва таъини нақши ӯ дар рушду таҳаввули шеъри замони истиқлоли адабиёти тоҷик аст.

Муҳимтарин хусусияти шеъри Фарзона ҳангоми тасвири мавзуъ гулчини калимот ва ҳуруфи ҳамҷинс аст, ки ба шеъри ӯ оҳанги мусиқоие бахшида, ба қалби хонандаву шунаванда таъсир мерасонад. Корбурди ҳанармандонаи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла санъатҳои таҷнис ва ташбеҳу истиора таъсири шеъри шоирро бештар кардааст. Фарзона суннатҳои миллии тоҷикро бо воистаи тасвири симои зан-модар ба тасвир кашидааст. Тасвирҳои шоирана дар ҳар як шеъри ба зан бахшидаи шоир ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: *Фарзона Хуҷандӣ, адабиёт, шеър, зан, образ, мавзуъ ,истиқлол ,таҳаввул, тасвир, ғазал, шеъри нав, тасвирҳои шоирона.*

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В ПОЭЗИИ ФАРЗАНА

Тема изображения женского образа является одной из вечных тем литературы, а в таджикской литературе времен независимости по тематике и содержанию, смыслу, поэтическим структурам и образам, использованию различных поэтических жанров она приобрел новые нюансы и обогатился во всех аспектах. Одним из поэтов периода Независимости, блиставшим в начале своей поэтической деятельности и ставшим популярным, является Фарзона Худжанди, чьи стихи можно анализировать, чтобы определить основные характеристики и эволюцию таджикской поэзии, особенности образа женщины в период независимости. Фарзона – один из самых успешных поэтов современной таджикской литературы, который, по мнению исследователей, обладает свежими словами из одного стихотворения в другое, из одного сборника в другой и достиг в этом пика совершенства.

В статье говорится об образе женщины в стихах известного таджикского поэта Фарзона Худжанди, сыгравшего важную роль в развитии таджикской литературы. Автор статьи научными данными и поэтическими свидетельствами доказывает, что Фарзона имеет массу уточнений и новшеств в описании этой темы, что отличает ее стихотворение от других поэтов. Согласно исследованиям автора статьи, в поэзии Фарзоны образ таджикской женщины воплощен, прежде всего, в образе лирического героя, который является личностью самого поэта. Эта личность поэта, или сама лирическая героиня, есть образ творческой таджикской женщины, несущей в себе великую культуру прошлого народа и являющейся истинной наследницей великих прошлого.

Целью статьи является научное исследование образа женщины в поэме Фарзоны и определение ее роли в развитии и эволюции поэзии в период независимости таджикской литературы.

Важнейшей особенностью стихотворения Фарзоны при описании сюжета является цветение слов и букв одного рода, что придает ее стихотворению музыкальный тон и воздействует на сердце читателя и слушателя. Художественное использование художественных искусств, в том числе искусства сравнения и метафоры, усилило влияние поэзии поэта. Фарзона изобразила таджикские национальные традиции в образе женщины-матери. Поэтические образы можно увидеть в каждом стихотворении, посвященном женщине.

Ключевые слова*: Фарзона Худжанди, литература, поэзия, женщина, образ, тема, независимость, эволюция, образ, газель, новое стихотворение, поэтические образы.*

THE IMAGE OF A WOMAN IN THE POETRY OF FARZONA

The theme of depicting a female image is one of the eternal themes of literature, and in the Tajik literature of the times of independence, in terms of themes and content, meaning, poetic structures and images, the use of various poetic genres, it has acquired new nuances and has been enriched in all aspects. One of the poets of the period of Independence, who shone at the beginning of his poetic activity and became popular, is Farzonai Khujandi, whose poems can be analyzed to determine the main characteristics and evolution of Tajik poetry, the features of the image of a woman in the period of independence. Farzona is one of the most successful poets of modern Tajik literature, who, according to researchers, has fresh words from one poem to another, from one collection to another, and has reached the peak of perfection in this.

The article deals with the image of a woman in the poems of the famous Tajik poet Farzonai Khujandi, who played an important role in the development of Tajik literature. The author of the article proves with scientific data and poetic evidence that Farzona has a lot of clarifications and innovations in the description of this topic, which distinguishes her poem from other poets. According to the research of the author of the article, in the poetry of Farzona, the image of a Tajik

woman is embodied, first of all, in the image of a lyrical hero, who is the personality of the poet himself. This personality of the poet, or the lyrical heroine herself, is the image of a creative Tajik woman who carries the great culture of the past people and is the true heir to the great past.

The purpose of the article is a scientific study of the image of a woman in Farzona's poem and the definition of her role in the development and evolution of poetry during the period of independence of Tajik literature.

The most important feature of Farzona's poem in describing the plot is the flowering of words and letters of the same kind, which gives her poem a musical tone and affects the heart of the reader and listener. The artistic use of the artistic arts, including the art of comparison and metaphor, increased the influence of the poet's poetry. Farzona depicted Tajik national traditions in the image of a mother woman. Poetic images can be seen in every poem dedicated to a woman.

Keywords: *Farzona Khujandi, literature, poetry, woman, image, theme, independence, evolution, image, gazelle, new poem, poetic images.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимӣ Миҷгона Раҳим *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

Сведения об авторе: Рахими Миджгона Рахим *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

Information about the author: Rahimi Mijgona Raheem*- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, applicant of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 931924884*

ТДУ: 891.550

НАҚШИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР РОМАНИ «ХУДОЁ, ХУДРО БИШНОСАМ»-И РАСУЛ ҲОДИЗОДА

Убайдзода А.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо шарофати Истиқлол забону адабиёти тоҷик бо як маромі хосса рушду такомул ёфта, ҷойҳои холигии фарҳангу тамаддуни миллати тоҷикро боз ҳам бойу ғанитар гардонида истодаанд. Албатта, давраи Истиқлоли давлатӣ ҳам ба мисли дигар давраҳои таърихӣ мушкилоти худро дошт. Мушкилот дар ҳама самтҳо ба назар мерасиданд. Масъалаҳои ҳалталаб ва мушкилоте, ки дар самти илм ба назар мерасид, хушбахтона, олимону донишмандони мо ба осонӣ паси сар карда тавонистаанд. Масъалаи зеринро Пешвои муаззами миллат чунин ЗИКР намудаанд:"Чунон ки аз таърихи сиёсӣ ва таҷриба ҷаҳонӣ медонем, масъалаи гузариши ҳар як давлату кишвари тобеъ ба сӯйи истиқлол давраи басо душвор ва кори пурмасъулият барои миллат ва пешвоёни сиёсии он буда, дар ҳар кишвар вижагиҳо дорад [13, с. 5].

Ин падидаи сиёсиву иҷтимоиро миллати кӯҳнабунёди тоҷик ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ташкилшавии ҷумҳуриямон ба мушоҳида гирифта буданд. Донишмандону олимони он давра на танҳо барои барпо намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷидду ҷаҳд менамуданд, инчунин, барои пеш бурдани фаъолият дар ҳама соҳаҳое, ки бо зисту зиндагонии халқи азизамон иртибот доштанд, хизматҳои шоёнеро адо намудаанд. Устод Садриддин Айнӣ, ки барои барпо намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои назаррасеро ба анҷом расонидаанд|, дар китоби "Ахгари инқилоб" диди худро чунин овардаанд:"Барои пеш бурдани нашриёти Тоҷикистон ба як дастурамали муайян ва бо як хатти ҳаракати равшан ба кор шуруъ кардан лозим [3, с. 85].

Бо фаро расидани Истиқлоли миллат низ, гарчанде дар забону адабиёти тоҷик масъалаҳои навпайдошуда бошанд ҳам, аммо бештари анъанаҳое ки дар адабиёти тоҷик мавҷуд буданд, бомаром идома меёфтанд. Яке аз ин анъанаҳо инъикоси қаҳрамонони таърихӣ дар асарҳои бадеии адибон ба шумор мерафт, зеро дар мабдаи ташаккул ва инкишофи адабиёти ҳар як миллат қаҳрамонони барҷаста ва заковатманд, ки бо талабу тақозои замон, бо донишу хирад ва заковати хеш дар он таҳаввулот ворид намудаанд, нақши муҳиммеро мебозанд.

Яке аз чунин шахсон устоди сухан Садриддин Айнӣ ба ҳисоб меравад, ки номи ӯ дар радифи дигар қаҳрамонони тоҷик дар саҳифаи аввали китоби "Тоҷикон" бо ҳарфҳои заррин дарҷ гардидааст: "Осори гаронбаҳои устод Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, корномаи шоистаи Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, таълифоти беназири аллома Бобоҷон Ғафуров барои мо манбаи арзишманди худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, намунаи олии мактаби ватандӯстӣ, садоқат ва устувориву мардонагӣ ба ҳисоб меравад [8, с. 15].

Чи тавре ки маълум аст, устод Садриддин Айнӣ аз зумраи намояндагони барҷастаи адабиёти ҷаҳонӣ аст, ки дар ташаккулу таҳаввули адабиёти муосири тоҷик хизмати арзандаро анҷом додааст. Хизматҳои шоёни ин марди фарзонаи миллатро ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ӯро ба қатори "чеҳраҳои мондагор"-и ҳалқи тоҷик шомил дониста, чунин овардааст:"... Ба майдони мубориза устод Айнӣ ба ҳайси як қаҳрамони миллӣ ворид гардид.Ӯ тавассути таълифи "Намунаи адабиёти тоҷик", мақолаҳои илмӣ ва асарҳои барҷастаи мустанад алайҳи идеалогияи бадхоҳон дар роҳи бедориву худшиносии миллати тоҷик хидмати барҷаста кард.Устод дар офаридаҳои хеш бисёр масъалаҳои ҳаёти таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷикро ба миён мегузорад ва бо мӯшикофиҳои хирадмандона таъриху тамаддуни қадима доштани тоҷиконро исбот месозад" [15, с. 297].

Саҳми устод Садриддин Айнӣ дар адабиёти тоҷик, паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ ва осори ӯ аз ҷониби муҳаққиқони хориҷию ватанӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ба осори устод Садриддин Айнӣ муҳаққиқон баҳои сазовор додаанд ва то имрӯз ҷанбаҳои

дигари он омӯхта шуда истодааст. Адабиётшиноси тоҷик А. Муллоев дуруст таъкид менамоянд, ки «… бевосита дар офаридани симоҳои адабӣ, масъалаи маънавиёти инсон ва таҷрибаи маънавии наслҳои гузашта, рӯ овардани нависандагон барои андӯхтани таҷрибаи иҷтимоиву таърихии адабиёт, маданияти маънавию худшиносии фалсафию иҷтимоии наслҳои гузашта ва дигаргуниҳои имрӯзаи ҳаёти ҷомеа кӯмак мерасонад» [10, с. 23].

Асарҳои Садриддин Айнӣ ҳар кадом як хусусияти ба худ хоси давраҳои гуногуни тараққиёти забони тоҷикиро нишон медиҳад,зеро майлу кӯшишҳои С.Айнӣ оид ба забон ва услуб ба таври амалӣ тадричан дар асарҳои бадеии ӯ татбиқ гардидаанд [10,с.4].

Боиси зикр аст, ки андешаву ақидаҳои Садриддин Айниро тамоми донишмандони тоҷик ҷонибдорӣ намуда, сатрҳои беҳтарини худро барои инъикоси ин шахсият бахшидаанд. Шоири шинохтаи тоҷик Мирзо Турсунзода Садриддин Айниро«инсони дилхоҳ» номида, байтҳои зеринро дар достони “ Чароғи абадӣ” ба васфи устод бахшидааст.

Салом омад, дуруд омад ба Айнӣ,
Саломе чун суруд омад ба Айнӣ.
Муяссар шуд маро дар як саҳаргоҳ,
Ки бинам рӯйи ду инсони дилхоҳ [7, с. 118].

Мусаллам аст, ки Садриддин Айниро на танҳо хизматҳои шоёнаш қаҳрамон намудаанд, инчунин асарҳои нодире, ки бо қалами устод навишта шудаанд, миллати тоҷикро дар тамоми дунё тавонистаанд, муаррифӣ намоянд. Заҳмати чандинсолаи устод Садриддин Айнӣ боиси он гардид, ки имрӯз асари нодири устод “ Ёддоштҳо-ро” ҳамчун таърихи миллати мо дар замони салтанати охирин амирони манғитӣ медонанд. Беҳамтоӣ ва ягонагии асарро ба инобат гирифта, дар атрофи он донишмандон ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд.

Адиби шинохта Расул Ҳодизода низ дар қатори дигар шоиру нависандагони тоҷик дар бораи Садриддин Айнӣ хотироти неки худро дар асари ёддоштии хеш «Худоё, худро бишносам» оварда тавонистааст.

Равшан аст, ки адабиётшинос ва нависандаи маъруф Расул Ҳодизода дар китоби хотироти худ «Худоё, худро бишносам» на танҳо ба тасвири марҳилаҳои зиндагӣ ва фаъолияти худ, балки дар бораи воқеаҳои таърихии илму маданият ва симоҳои шинохтаи адабиёт, илм ва фарҳанги тоҷик ҳикоятҳои ҷолиб аз диду дили худ нақл намудааст. «Эҳсос мекунам, ки зиндагиномаи ишон на ҳамчун нақли саргузашт ҷолиб аст, балки хотироти онҳо барои насли имрӯз, барои ояндагон, барои таърих сабаке ва ибрате маҳсуб мешаванд» 11, с. 3].

Зиндагинома ва осори устод Садриддин Айнӣ таърихи воқеӣ ва оинаи ҳақиқатнамои ҳаёти халқи тоҷик аст. Дар асарҳои устод Айнӣ “муҳимтарин ҳодисаҳои таърихию иҷтимоӣ, саҳифаҳои сарнавиштсозу сарнавиштсӯз ва омилҳои худогоҳӣ ва худшиносии халқ инъикос ёфтааст.Устод С.Айнӣ на танҳо нависандаи тавоно, таърихнигор ва чеҳраи шинохтаи адабиёти тоҷик, балки ҳамчун мураббию раҳнамо дар ёддоштҳои ҳамзамононаш ва шогирдон тасвир шудааст.

Дар асари «Худоё, худро бишносам» бештар хислатҳои некӣ аз асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ёд мешавад. Аввалин ишора аз рӯзгори устод Айнӣ аз муносибати дӯстии Ризохон- амаки нависанда бо устод аст. Нависанда ҳангоми зикри хонаводаи худ, бахусус, амакаш Ризохон ва чанд муддат дар мадрасаи Шердор ҳамроҳи устод Айнӣ зиндагӣ кардани онҳо ва дӯсту рафиқ буданашон маълумот медиҳад. Ва пуртоқативу пурсабрии устодро инъикос менамояд. Қариб дар тасвири аксари ҳодисаву воқеаҳои рӯзгори нависанда симои Айнӣ, нақши устод ба назар мерасад. Хотироти дигарро нависанда аз айёми дар мактаби рақами 21 таҳсил кардан ва ба суҳбати устод Айнӣ мушарраф шуданаш нақл мекунад. Ин аввалин вохӯрии Р.Ҳодизода бо устод Айнӣ буд. Нависанда ин вохӯриро «воқеае, ки дар зиндагиам нақши бузургдошта» ҳисобидааст. Зеро тақдири минбаъдаи нависанда, таҳсил дар аспирантура, навиштани рисолаи номзадӣ, ба роҳи илм қадамҳои устувор гузоштан, дар омӯзиши масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносии тоҷик талош варзидани ӯ аз ҳамин вохӯрӣ сарчашма мегирад. «Ин мулоқоти аввалини ман буд бо устод Айнӣ. Он вақт намедонистам, ки ин мулоқот дар зиндагии ман марҳилае хоҳад

шуд ва қазои осмонӣ чунин навишта буда, ки Айнӣ дар роҳи ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти адабиву илмии ман нақши раҳнамоиро хоҳад дошт» [11, с. 53].

Аҳли зиёии замони Шӯравӣ дар баробари эҷод намудани асарҳои баландарзиш, ҳамзамон пайваста дар миёни мардум буданд. Бештар бо хонандагони ҷавон, ҷавонон, коргарону деҳқонон мулоқотҳои адабӣ мегузаронданд. Агар, аз як ҷониб, ин талаботи ҳамонвақтаи партияи роҳбар – Ҳизби коммунистӣ бошад, аз ҷониби дигар, рисолати аслии аҳли зиёро адо менамуданд. Устод Садриддин Айнӣ бо вуҷуди бори гарони адабиёти муосири тоҷик ва ӯзбекро кашидан, боз имкон пайдо менамуданд, ки бо донишҷӯёну хонандагон, коргарони фабрикаву заводҳо вохӯриҳо гузаронанд. Аз чунин як вохӯрии тақдирсоз барои нависанда ва адабиётишиноси оянда Р. Ҳодизода дар асари ёддоштии худ нақл мекунад. Нависанда пас аз тасвири лаҳзаҳои гуногуни зиндагиаш аз соли 1948 ёдовар мешавад, ки он сол боз ба дидори устод С.Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ мушарраф шуда, аз суҳбати ҷонпарвари устод шарафёб шудааст.

Даврони таҳсил дар институт ба нависанда на танҳо дари илмро боз карда, ба ӯ имкон додааст, то аз олимони варзида ва устодони тавонои илми шарқшиносӣ сабақ омӯзад, ҳамзамон ӯро дар муҳити беҳтарин намояндагони илм, адабиёт, мусиқӣ, ҳунар фаро гирифтааст, ки ҳар яки онҳо дар тақдири минбаъдаи нависанда саҳм доранд. Нависанда бо эҳтиром номи бузургони адабиёт – Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Гафур Ғулом Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдулло Қаҳҳор, Фотеҳ Ниёзӣ, адабиётшиносон - Иля Павлович Петрушевский, Александр Николаевич Болдирев, Александр Александрович Семенов, Евгений Эдуардович Бертелс, Михаил Степанович Андреев, забоншинос - Тоҷӣ Усмон, мусиқишиносону сарояндагони маъруф Шаҳидиву Сулаймон Юдаков, Бурҳонову Манас Левиев, Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов (устодони «Шашмақом - И.А), Исҳоқ Маҳвашев, Саодат Қобилова, Ашот Иванович Туманян, Якуб Довудов, Салимахон Хоҷаева, Довуд Муллоқандов, Мутаваккил Бурҳонов ва дигаронро ёдовар мешавад, ки ҳар яки онҳо дар бою ғанӣ гардидани дунёи маънавии ӯ саҳмгузор буданд.

Инчунин, дар таҳсил намудани Расул Ҳодизода дар зинаи аспирантура саҳми устод Садриддин Айнӣ назаррас аст. Моҳи июли соли 1950 Расул Ҳодизода факултети филологияи Донишгоҳи Тошкандро хатм намуда, бо супориши устод Айнӣ ба Сталинобод раҳсипор мегардад. Ба аспирантураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, бо кӯмаки устод Айнӣ як соли таҳсили Р.Ҳодизода дароз карда шуда, ба шаҳри Ленинград (Санкт- Петербурги ҳозира- И.А) фиристода мешавад.

Зикри номи устод Садриддин Айниро дар хотироти нависанда бисёр вохӯрдан мумкин аст. Вақте ки Р. Ҳодизода ба навиштани рисола оғоз карданӣ мешавад, мехоҳад, ки С.Айнӣ устоди раҳнамояш шавад. Аммо устод Айнӣ узрхоҳона мактуб навишта, роҳбар шуданро рад мекунад. Ин мактуб барои хонандаи имрӯз ибратомӯз буда, аз маданияти баланди роҳбари илмӣ, касбият ва донишмандии устод Айнӣ дарак медиҳад. «Рафиқ Ҳодизода ба шумо маълум кунам, ки ман дар бораи дипломни работетон ба шумо роҳбарӣ карда наметавонам. Сабаби аввалини ин пирӣ ва набудани вақт аст….. Ман умедворам ва боварӣ дорам, ки шумо узрҳои маро мефаҳмед ва барои рад карданам коратонро аз ман намеранҷед….» [11, с. 148]. Албатта, ин сатрҳо аз масъулиятшинос будани устод Айнӣ дарак медиҳад. Чун дигар шахсони донишманд Садриддин Айнӣ метавонистанд роҳбарии Расул Ҳодизодаро бар дӯш гиранд, аммо аз сабаби бениҳоят дурандеш буданашон имкониятҳои худро ба инобат гирифта, чунин хулосабарорӣ намудаанд.

Тибқи мушоҳидаҳо огаҳ гаштем, ки ин мактуби ягонаи устод Садриддин Айнӣ набуда, ба ҷавононе, ки фаъолияти хешро ба пешрафти илм бахшидаанд навиштаҷоти худро пешниҳод намудаанд. Масалан, мактуби кушода ба рафиқ Толис ҳам навишта буданд: ”Ба фаҳми ман, дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт карданд. Аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим [11, с. 31].

Бояд зикр кунем, ки ғамхорӣ ва дӯстдории устод Садриддин Айнӣ ҷавононро на танҳо дар мактубҳои навиштаашон ба онҳо инъикоси худро ёфтаанд, инчунин дар роману повестҳои навиштаашон низ меҳру муҳаббати беполёни устод ба ҷавонон инъикос ёфтааст, ки

мо инро дар повести «Одина» ба мушоҳида гирифтем: Ту ҳанӯз бачаи нодон ҳастӣ, гарму сардии дунёро надидаӣ [2, с. 26].

Вақте Р.Ҳодизода рисолаи номзадиашро бомуваффақият дифоъ мекунад, бо тавсияи шоири ширинкалом М.Турсунзода ва пуштибонии Тихонов Николай Семенович, ки он замон вазифаи котиби Иттифоқи нависандагони собиқ Иттиҳоди Шуравиро ба уҳда дошт, ӯро дар Комиссияи адабиёти халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба кор даъват менамоянд. Вале ӯ аз устоди раҳнамояш – Айнӣ бо мактуб ризоияташро мепурсад. Устод Айнӣ дар ҷавоби мактуб таъкид мекунад, ки «…дар шароити ҳозираи беодамӣ ва қаҳтулриҷолии Тоҷикистонро ба назар гирифта, зуд биёед» ва ба ҳамин восита ин таклифи шогирдро рад мекунад. Аз ин мактуб бори дигар мо шоҳиди дилсӯзии устод Айнӣ на танҳо нисбат ба шогирдон, балки нисбат ба ояндаи илм ва адабиёти ин миллат эҳсос мешавем. Расул Ҳодизода ба Самарқанд баргашта, ба дидори устод Айнӣ меравад. Гарчанде дар ин муддат саломатии устод Айнӣ хуб набудааст, аммо бо шогирд нарму мулоим суҳбат карда, сабаби рад кардани мактубашро ба нармӣ фаҳмондаанд. Аз суҳбатҳои устоду шогирд хонанда эҳсос мекунад, ки чӣ қадар Айнӣ дар бораи тозагии забон, забони асарҳои бадеӣ ва матбуот, ҷонсӯзона, ғамғорона талош мекунад.

Хулоса, нависанда Расул Ҳодизода зимни тасвири симои сардафтари адабиёти муосири тоҷик, олим, таърихнигор, нависандаи тавоно ва чеҳраи маъруфи миллати мо – устод Садриддин Айнӣ образеро офаридааст, ки бунёдкор, ватанпараст, дилсӯз ба халқу миллат, забон ва фарҳангу адабиёти хеш мебошанд, ин намуд симоҳо ба рисолати фаъоли иҷтимоӣ ва ғановати маънавию ахлоқии сирати худ доимо назаррасанд.

Адабиёт:

1. Айнӣ, С. Дар атрофи забони тоҷикӣ / С.Айнӣ // Роҳбари дониш– Самарқанд. – Душанбе, 1928. - №4-5. – С 22-24.
2. Айнӣ, С. Одина / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1938. –150 с.
3. Айнӣ, С. Ахгари Инқилоб / С. Айнӣ // Шарқи Сурх. – Душанбе: Ирфон.-1974. –263 с.
4. Айнӣ С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис, аз «Адабиёти советии тоҷик”/ С.Айнӣ // Маҷмуаи мақолаҳо. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – С.31-32.
5. Бузургмеҳри Тоҷиддинӣ. Ёддоштҳо ҷаҳонӣ шуд // Адабиёт ва санъат. – 2019.- 28 феврал.
6. Горький. О литературе / М. Горький .- М.: Сов. писатель, 1953. – 448 с.
7. Гулчини ашъори Мирзо Турсунзода. – Душанбе, 2011. – 149 с.
8. Ғафуров, Б. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна). Китоби 1. / Б. Ғафуров – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 701 с.
9. Муллоев, А. Шахсияти эҷодкор ва образи адиб дар насри таърихӣ / А.Муллоев. - Душанбе, 1995. - 57 с.
10. Муллоев, А. Чеҳранигории ҳунарӣ дар насри таърихӣ / А.Муллоев. -Душанбе: Ирфон, 2003. - 173 с.
11. Ҳодизода, Р. Худоё, худро бишносам / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Деваштич, 2006. - 372 с.
12. Ҳусейнов, Ҳ. Забон ва услуби “Одина”-и Устод Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1973 . - 253 с.
13. Раҳмон, Э. Забони миллат - ҳастии миллат. Ҷ. 1 / Э. Раҳмон. – Душанбе: Таъминотчӣ, 2018. – 516 с.
14. Раҳмон, Э. Забони миллат - ҳастии миллат. Ҷ. 2. / Э. Раҳмон. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 516 с.
15. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 363 с.

НАҚШИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР РОМАНИ “«ХУДОЁ, ХУДРО БИШНОСАМ»-И РАСУЛ ҲОДИЗОДА

Дар мақола дарҷ гардидааст, ки бо шарофати Истиқлол забону адабиёти тоҷик бо як маромии хосса рушду такомул ёфта, ҷойҳои холигии фарҳангу тамаддуни миллати тоҷикро боз ҳам бою ғанитар гардонида истодааст.

Муаллиф дар мақола оид ба нақши Садриддин Айнӣ дар романи «Худоё, худро бишносам»-и Расул Ҳодизода маълумот додааст. Дар мақола омадааст, ки Расул Ҳодизода

тавассути навиштани роман хислатҳои наҷиби устод Садриддин Айниро инъикос намуда тавонистааст. Ҳатто, оид ба масъулияттшиносӣ ва уҳдадориҳои устод Садриддин Айнӣ Расул Ҳодизода суханҳои беҳтаринро овардааст.

Калидвожаҳо: Садриддин Айнӣ, Расул Ҳодизода, забон, адабиёт, нақши адиб, адабиёти муосир, ватанпарвар, нависандаи тавоно, донишманд, роман, сардафтари адабиёти муосири тоҷик.

РОЛЬ САДРИДДИНА АЙНИ В РОМАНЕ РАСУЛА ХАДИЗОДА «ХУДОЁ, ХУДРО БИШНОСАМ»

В статье отмечается, что благодаря обретению независимости язык таджикской литературы получил особое развитие, а местами еще больше обогатил культурно-цивилизационный разрыв таджикской нации.

В статье автор дал информацию о роли Садриддина Айни в романе «Худоё, худро бишносам» (Боже, я узнаю себя) Расула Хадизода. В статье говорится, что Расул Хадизода смог отразить благородные качества Устада Садриддина Айни, написав роман. Даже Расул Хадизода сказал самые лучшие слова об ответственности и обязанностях Мастера Садриддина Айни.

Ключевые слова: *Садриддин Айни, Расул Хадизода, язык, литература, роль писателя, современная литература, патриот, сильный писатель, ученый, роман, глава современной таджикской литературы.*

THE ROLE OF SADRIDDIN AINI IN THE NOVEL BY RASUL HADIZOD "GOD, I RECOGNIZE MYSELF"

The article notes that thanks to gaining independence, the language of Tajik literature has received a special development, and in some places it has even more enriched the cultural and civilizational gap of the Tajik nation.

In the article, the author gave information about the role of Sadriddin Aini in the novel “Khudoyo, khudro bishnosam” (God, let me recognize myself) by Rasul Hadizoda. The article says that Rasul Hadizoda was able to reflect the noble qualities of master Sadriddin Aini by writing a novel. Even Rasul Hadizoda said the best words about the responsibility and duties of master Sadriddin Aini.

Keywords: *Sadriddin Aini, Rasul Khadizoda, language, literature, role, modern literature, patriot, strong writer, scientist, novel, head of modern Tajik literature.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Убайдзода Азиза *- Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯй. Суроғa: 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: (+992)936994989*

Сведения об авторе: Убайдзода Азиза *– Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель. Адрес: 734003 ш. г. Душанбе, улица Саида Насыра, 33. Тел.: (992) 936994989*

Information about the author: Ubaydzoda Aziza *– Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Applicant. Address: 734003 sh. Dushanbe, Said Nasyr street, 33. Tel.: (+992) 936994989*

УДК 378

ФОРМИРОВАНИЕ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ У СТУДЕНТОВ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ

Каюмов А. Дж.

Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода

Познавательный интерес - это способность человека к поиску и получению знаний, а также его готовность к расширению кругозора и обучению. В образовательной среде познавательный интерес является ключевым фактором, который влияет на успех студентов в учебе и их готовность к продолжению образования. В данной статье мы рассмотрим, что такое познавательный интерес, как он развивается у студентов и как его можно поддерживать.

Что такое познавательный интерес?

Познавательный интерес – это способность и готовность человека познавать новое, исследовать мир вокруг себя. Это важный компонент когнитивного развития, который способствует успеху в учебе и работе. Если студент, интересуется какой-либо деятельностью, то появляется новый интерес к определённому труду, например, поиск вопросов и ответов, желание познавать новые темы, правильно ориентироваться в определенной ситуации, искать решения проблем. Как развивается познавательный интерес у студентов?

Познавательный интерес у студентов развивается с раннего детства в зависимости от семейного воспитания, образования и опыта. Родители играют главную роль в развитии познавательного интереса у своих детей, где избирается направленность личности, обращенная к области познания, к ее предметной стороне и самому процессу овладения знаниями. Однако познавательный интерес не останавливается на детстве. Он продолжает развиваться на протяжении всей жизни, особенно в том случае, если человек находится в стимулирующей образовательной среде. У студентов сильно увеличивается познавательный интерес в период учебного процесса во время научных исследований, лекций, семинаров и т.д. Это также может проявляться в различных формах, таких как: чтение книг, просмотр документальных фильмов, обучение новым навыкам или участие в научных исследованиях. Люди с познавательным интересом обычно стремятся расширять свой кругозор и углублять свои знания в различных областях: от науки и технологии до искусства и культуры. Это помогает развивать умственные способности и дает возможность понимать мир более глубоко.

Формирование познавательных интересов студентов является важной задачей высшего образования, так как это позволяет не только обогатить их знания, но и развить способность к самообразованию и критическому мышлению [1, с.36].

Для формирования познавательных интересов студентов используются следующие методы:

нтерактивный метод обучения. Метод, который позволяет привлечь внимание студентов и сделать процесс обучения более интересным и понятным: использование игр, дискуссий, кейсов, проектов и т.д.

рганизация экскурсий и выездных занятий. Метод, который помогает студентам увидеть в реальности то, что они изучают в теории, а также познакомиться с различными культурами, традициями и историей данного народа.

спользование современных информационных технологий: интерактивные доски, вебинары, видеоуроки и т.д. могут сделать процесс обучения более эффективным и интересным.

рганизация научных конференций и семинаров. Помогает студентам увидеть, каким образом теория применяется на практике, а также позволяет им поделиться своими научными достижениями и узнать о достижениях других [3, с. 253].

редоставление студентам возможности заниматься научной деятельностью, которая ускоряет работу в лабораториях, участие в исследовательских проектах и т.д.
азвитие культурно-досуговой деятельности. Позволяет студентам развивать свои интересы в области искусства, спорта, культуры и т.д., что может оказать положительное влияние на их общее развитие и увеличить мотивацию к учебе.

Однако, не стоит забывать, что формирование познавательных интересов у студентов зависит от индивидуальных особенностей каждого студента, поэтому важно учитывать их потребности и интересы.

Познавательный интерес у студентов – это один из ключевых элементов, необходимых для достижения высоких результатов в обучении. Он позволяет студентам углублять свои знания, расширять свой кругозор и развивать свои навыки.

Познавательный интерес у студенто – это желание узнать что-то новое, понять какой-то процесс или явление, попробовать что-то новое. Он может возникать из любопытства или желания понимать мир вокруг нас. Этот интерес может быть связан с различными областями знаний, такими как наука, искусство, спорт или культура. Важно понимать, что познавательный интерес не является врожденным качеством, он может быть развит и стимулирован.

Почему познавательный интерес важен для студентов? Как уже упоминалось, он способствует углублению знаний и расширению кругозора студентов. Он помогает им более полно и глубоко понимать темы, изучаемые в учебе. Познавательный интерес также помогает студентам развивать критическое мышление, аналитические навыки и способность к решению проблем.[7, с.78]

Однако, не все студенты интересуются по умолчанию. Многие студенты не видят смысла в учебе или не видят, как она может быть полезной для их будущей карьеры. Как же можно помочь им развить познавательный интерес и заинтересовать их учебной деятельностью?

Студенты с позиции познавательного интереса стимулируются самостоятельности, творческому подходу к изучению материала, к самообразованию. Если студенты заинтересованы в том, что они изучают, они будут более активно участвовать на занятиях.

Таким образом, интерес – это избирательное отношение к чему-либо.

Как известно, познавательный интерес – это интерес к познанию новых знаний и получению новых опытов. Он является важной составляющей успешной учебы, поскольку позволяет студентам лучше усваивать материал и достигать высоких результатов [9, с. 429]. Он основан на любопытстве и жажде знаний, а также на стремлении к познанию мира. Познавательный интерес – это качество, которое можно развивать и улучшать.

Одним из главных факторов, влияющих на познавательный интерес, является мотивация. Если студенту не интересен предмет, то он не будет заинтересован в нем. Поэтому важно помочь студентам найти интересные и важные аспекты в изучаемом предмете.

Познавательный интерес имеет большое влияние на учебный процесс. Студенты с высоким познавательным интересом обычно получают более высокие оценки, поскольку они более усердно занимаются и готовы вкладывать больше времени и усилий в учебу, ищут дополнительную информацию, что помогает им лучше усваивать материал.

Заинтересованность также может повлиять на мотивацию студентов. Если студенты находят тему интересной, они чувствуют большую уверенность в своих способностях и более склонны к самостоятельному изучению темы, более склонны к поиску дополнительной информации и использованию различных источников для расширения своих знаний.

Наконец, познавательный интерес может сильно повлиять на качество получаемых знаний. Когда студенты заинтересованы в теме, они обычно более тщательно анализировать информацию, а также связывать ее с уже изученными знаниями. В результате, они лучше запоминают информацию и могут лучше применять ее в практических ситуациях.

Существует множество способов, которые могут помочь студентам развить познавательный интерес. Пробудить интерес личности к изучаемому предмету, можно соблюдая требования построения программы преподавания. Данные требования формируются исходя из таких компонентов как:

1. Личность учителя.
2. Суть преподаваемого материала.
   ногообразность методов и способов обучения.

С точки зрения прогрессивной педагогической науки к педагогу также предъявляются конкретные требования, а именно:

- Стремиться обеспечивать вниманием каждого студента, поддерживая «обратную связь» с аудиторией, что позволит своевременно корректировать педагогический процесс, устранять недочеты, исправлять ошибки, давать необходимые пояснения.

- Оценивать работу студентов в совокупности, а не за отдельно взятый ответ.

- Проявлять активность в развитии достоинств и положительных качеств личности студентов.

- Развивать качества познавательного цикла, к которым относится фантазия, внимание, быстрота реакции и прочие.

- Проявлять активность в стремлении комбинировать знания, связывая предметы своего курса с другими

Познавательный интерес у студентов является одним из важнейших факторов, который определяет эффективность обучения и развитие личности.

Познавательный интерес – это психологическое состояние, которое возникает при восприятии новой информации и связано с желанием познавать и понимать мир вокруг себя. Он может проявляться в разных формах, например, как любознательность, увлечение, интерес к изучению определенной области знаний и т.д. Он является важным фактором, который влияет на успешность обучения. Когда студенты проявляют интерес к изучаемому материалу, они более внимательно его воспринимают, лучше запоминают и более глубоко понимают. Кроме того, познавательный интерес способствует формированию мотивации к обучению и развитию личности, поскольку он стимулирует любознательность и желание узнавать что-то новое.

Формирование познавательного интереса зависит от многих факторов. Один из самых важных – это связь изучаемой темы с реальной жизнью и интересами студентов. Если материал носит практический характер и применим в повседневной жизни, то вероятность возникновения познавательного интереса выше.

Кроме того, важным фактором является компетентность преподавателя и его способность заинтересовать студентов. Преподаватель, который умеет показать свою любовь к изучаемому предмету и демонстрировать его практическое применение, может стимулировать познавательный интерес у студентов.

Развитие познавательного интереса является важным компонентом личностного роста и развития. Ниже приведены несколько способов, которые могут помочь в этом процессе:

- Чтение книг: Чтение книг - один из лучших способов увеличить свой познавательный интерес. Чтение позволяет погрузиться в новые темы и области знаний, расширить свой словарный запас и улучшить критическое мышление.

- Изучение новых языков: Изучение новых языков помогает понимать иностранные культуры, общаться с новыми людьми и погрузиться в новые области знаний.

- Посещение музеев, выставок и конференций: Музеи, выставки и конференции предоставляют возможность узнать больше об истории, науке, искусстве и других областях знаний.

- Исследование новых тем: Изучение новых тем и областей знаний помогает узнать больше о мире вокруг нас, а также расширяет возможности для креативного мышления и развития новых идей.

- Участие в онлайн-курсах: Онлайн-курсы позволяют узнать новое и улучшить свои профессиональные навыки, не выходя из дома.

- Общение с экспертами в своей области: Общение с экспертами в своей области помогает узнать больше о последних тенденциях и достижениях в области, а также получить ценные советы и рекомендации.

- Изучение новых технологий: Изучение новых технологий помогает не только узнать о последних тенденциях в индустрии, но и улучшить свои профессиональные навыки.

- Путешествия: Путешествия предоставляют возможность узнать новые культуры, обычаи и традиции, а также погрузиться в новые области знаний.

Развитие познавательного интереса заключается в стимулировании и укреплении любопытства и желания узнавать новое.

Одним из ключевых факторов развития познавательного интереса является создание благоприятной обстановки, в которой человек может свободно исследовать мир вокруг себя. Это может быть достигнуто через образовательные программы, интересные книги, игры и игрушки. Таким образом, в результате проведения повторной диагностики мы можем сделать следующие выводы:

- связанные интересы взаимно влияют друг на друга;
- дидактические игры способствуют формированию познавательного интереса;
- внутренняя мотивация становится ведущей в учебной деятельности;
- познавательный интерес может быть условием управляемой поглощенности учебной деятельностью.

Важным фактором в развитии познавательного интереса является поощрение и поддержка со стороны родителей, преподавателей и других взрослых. Когда человек получает поддержку и позитивную обратную связь за свои усилия, это может вдохновить его на дальнейшее изучение новых тем и областей.

В целом, развитие познавательного интереса - это процесс, который требует постоянной поддержки и стимуляции, но он может привести к глубокому пониманию мира вокруг нас и к более удовлетворительной жизни.

Развитие познавательного интереса заключается в постоянном расширении знаний и навыков, в развитии любознательности и увлеченности изучением мира вокруг нас.

Формирование познавательных интересов является одной из ключевых задач педагогического процесса. Познавательный интерес – это внутреннее движение личности к изучению мира, к поиску новых знаний и опыта. Он является мощным мотиватором учебной деятельности и важным условием успешности обучения. Поэтому задача педагога – создать определенные условия для формирования познавательных интересов у студентов:

Первое условие – это привлечение внимания студентов. Педагог должен уметь заинтересовать своих студентов, сделать учебный материал интересным и доступным. Для этого необходимо использовать различные методы обучения, такие как игры, дискуссии, презентации и др.

Второе условие – это создание благоприятной обстановки для обучения. Студенты должны чувствовать себя комфортно и уверенно в учебном процессе. Для этого необходимо учитывать индивидуальные особенности каждого студента, создавать условия для саморазвития и самореализации.

Третье условие – это использование современных технологий обучения. Современные технологии позволяют сделать учебный процесс более интересным и эффективным. Это могут быть интерактивные доски, компьютерные программы, видеоуроки и др.

Четвертое условие – это индивидуализация обучения. Каждый студент имеет свои индивидуальные потребности и интересы. Педагог должен учитывать эти особенности и создавать индивидуальные программы обучения для каждого студента.

Пятое условие – это использование практических заданий. Практические задания позволяют студентам применять полученные знания на практике, что способствует более глубокому усвоению материала и повышению интереса к учебному процессу.

Проблемно-ориентированное обучение – это метод, основанный на решении реальных проблем и задач. Он позволяет студентам развивать свои когнитивные способности, аналитические и критические навыки. При этом, студенты ощущают себя активными участниками учебного процесса, что стимулирует их познавательный интерес [10, с. 352].

Самостоятельная работа является неотъемлемой частью учебного процесса. Она позволяет студентам углублять свои знания и навыки, а также развивать творческие способности. При этом важно создавать условия для самостоятельной работы, например, обеспечивать доступ к необходимой литературе, интернет-ресурсам, обеспечивать доступность преподавателя для консультаций и т.д.

В целом, познавательный интерес играет важную роль в учебном процессе и может повысить эффективность обучения. Поэтому, важно создавать условия, которые могут привлечь и сохранить интерес студентов к изучаемым темам. Формирование познавательных интересов у студентов является важной задачей педагогического процесса. Для этого необходимо создать определенные условия, такие как привлечение внимания, создание благоприятной обстановки, использование современных технологий.

Литература:

1. Анастасиев, А. И. Народная школа. Руководство для преподавателей и преподавательниц. - М: Просвещение, 2016. - 36 с.
2. Бунаков, Н. Ф. Как я стал и перестал быть «преподавателем преподавателей». – СПб., 1955. -159 с.
3. Крутецкий, В. А. Основы педагогической психологии. – М.: Просвещение, 1972. - 253с.
4. Мясищев, В. Н. О связи склонностей и способностей / В. Н. Мясищев // Склонности и способности. — Л.: Издательство ЛГУ, 1962. - С. 44–51.
5. Остроградский, М. В. Избранные труды. М.: Изд-во Академии наук СССР, 1958. - 583 с.
5. Рубинштейн Л. С. Основы общей психологии. — СПб.,2002. - 720 с.
6. Сауров, Ю. А. Проблемы методики решения задач / Ю. А. Сауров // Педагогика в школе. — 2019. — № 3. — С. 41–44.
7. Сулейманян, Е. А. Формирование учебных компетенций у студентов при обучении / Е. А. Сулейманян, И. А. Иродова // Ярославский педагогический вестник. — 2020. — № 1. — С. 78–84.
8. Сухомлинский В. А. Сто советов преподавателю. — М.: Педагогика, 1979. -127 с.
9. Ушинский, К. Д. Материалы к 3-му тому «Педагогической антропологии». Собр.соч. в 9-ти т. Т.10. — М., 1950.- 429 с.
10. Щукина, Г. И. Проблема познавательного интереса в педагогике.- М.: Педагогика, 1971. - 352 с.

ФОРМИРОВАНИЕ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ У СТУДЕНТОВ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ

Статья посвящена факторам, влияющим на познавательный интерес студентов, а также формированию познавательных интересов в педагогическом процессе учебной деятельности.

*Дар бораи замони Зардушт маълумотҳои мушоваши таърихӣ (аз қабили ривоятҳои юнонӣ ва паҳлавӣ) ва қобили мулоҳизае мавҷуданд. Ин сабаби худро дорад. Сабаби он дар ин аст, ки давраи қадими таърихи Эронзамин, ки он шомили ҳаводиси қабл аз ҳуҷуми Искандар ба Эронзамин аст ва дар ин давра (бавижа, даврони ҳохоманишӣ – солҳои 550-329 то милод), ки Эрон ба авҷи шукуҳу ҷалоли таърихии худ мерасад, вале мутаассифона, пас аз ҳамлаи Искандари бедодгар тамоми кутуби таърих ва осори хаттии ин аҳди Эрон ба оташи бедоди ӯ кашида шуд ва он аз байн рафт, ки моро барои донистани ҷузъиёти воқеоти он даврон дигар роҳе нест. Яъне, осори хаттии як давраи дарози таърихи Эрони қадим аз дасти ин ҳокими худкома ва бедодгар барои ҳамешагӣ аз байн рафт. Аз ин ҷост, ки дар таърихи аҳди қадими Эронзамин як фазои маҷҳул мавҷуд аст. Мунтаҳо, он чи мо дар бораи қисмате аз бузургтарин ва бошукуҳтарин даврони таърихи Эрони қадим медонем, аз рӯйи катибаҳо ва сангнавиштаҳои аҳди ҳахоманишӣ, навиштаҳои муаррихони Юнонӣ қадим (ривоятҳои афсонамаоби юнонӣ, яъне пас аз он ки ғосибони Юнону Мақдун тамоми кутуби таърихии як давраи дарози таърихи моро нест карданд, онҳо бо он ҳасодате, ки нисбат ба таъриху фарҳанги дурахшони Эрони қадим доштанд, барои камранг кардани он, қисме аз тахрихи қадими моро (Эронзаминро) муғризона аз нав ба тарзи афсонавию ривоятпардозӣ нигоштанд ва ҳамин ривоятҳову достонҳои фавқ ҷонишини таърих гашт) аст ва агар ин катибаҳо ва сангнавиштаҳои шоҳони ҳахоманиш ва навиштаҳои муаррихони юнонӣ набуд, як давраи пуршукуҳи таърихи Эронзамин бо тамоми воқеаҳояш ба асотир мепайваст (ба мисли шоҳони силсилаи Пешдодӣ – аз қабилӣ: Ҷамшед, Ожидаҳок (Заҳҳок), Рустам, Исфандиёр, Сом ва ғайра, ки сад афсус имрӯз аз сабаби набудани маълумотҳои хаттии таърихӣ мо гуфта наметавонем, ки оё онҳо воқеан ҳам шоҳони воқеӣ ва таърихӣ буданд ё хайр) ва ё аз миён мерафт. Албатта, дар аҳди Ашкониён ва Сосониён он чӣ дар зери хокистари оташи бедоди Искандар нимсӯхтаву хосӯхта боқӣ монда буд, аз онҳо дубора таърихи қадими Эронзамин дар шакли "Худойнома"-ҳо, "Ойиннома"-ҳо ва ғайра навишта шуд, ки дар таърих бо номи адабиёти паҳлавӣ (осори паҳлавӣ) маълуманд, вале он ривоятҳои паҳлавӣ ҳеҷ гоҳ бозгукунанда ва ё ифодакунандаи он давраи пурифтихори таърихи Эрони бостон буда наметавонад. Мунтаҳо, он чи аз таърихи қадими Эронзамин дар шакли "Худойнома" ва "Ойиннома" навишта шудаву мавҷуд буд, он низ ба коми оташи бедоди аъроби саҳронишин кашида шуд.

ҳаштоди то милод (асри XI то милод) ва мантиқан ҳам, таърихи дуюм нисбат ба таърихи аввал ба ҳақиқат наздиктар аст.

Барои дарки амиқтари мавзуи матраҳшаванда, тамоми он маълумотҳоеро, ки дар бораи замони зиндагии Зардушт дастраси инҷониб гардид, онҳоро ба шаш гурӯҳ тақсимбандӣ намудем.

а) навиштаҳои муаррихони Юнони қадим; б) навиштаҳои муҳаққиқони хориҷӣ (бахши таърих ва забоншиносӣ); в) адабиёти суннатии осори паҳлавӣ; г) навиштаҳои муаррихони қуруни вустои форсу тоҷик; д) навиштаҳои пажӯҳандагони эронӣ; е) навиштаҳои муаррихону забоншиносони тоҷик.

Нахуст, ручуъ мекунем ба навиштаҳои муаррихони Юнони қадим перомуни замони зиндагии Зардушт. Тавре ки тазаккур додем, муаррихони Юнони қадим дар бораи Зардушт ва замони зиндагии ӯ маълумоти дақиқ надоштанд. Аз ин рӯ, дар навиштаҳои онҳо дар ин бора як нуктаи муштарак ва ё як ҳамоҳангӣ мавҷуд нест. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки муаррихону файласуфони Юнуни қадим замони зиндагӣ ва давраи фаъолияти Зардуштро дар ҳудуди шаш ҳазор сол қабл аз Афлотун, то шашсад сол қабл аз милоди Масеҳ гумонизанӣ кардаанд.

Масалан, Эудокс ва Арасту – муаррих ва файласуфи маъруфи Юнони қадим, замони зиндагии Зардуштро шаш ҳазор сол қабл аз Афлотун (427-347 то милод) – яке аз барҷастатарин файласуфони Юнон (мулаққаб ба муаллими аввал) медонанд [27, с. 42].

“Ктесий (404-358 то мелод), табиби дарбори ҳахоманишӣ, замони зиндагии Зардуштро асри XIII то милод, Свид асри X то милод ва Плутарх панҷ ҳазор сол пеш аз ҷанги Троя* донистаанд” [27, с.42].

Гап дар сари он, ки Ктесий Зардуштро шоҳи Бохтар донистааст [22, с.8]. Ба ин савол, ки Ктесий кӣ буд? ва ривояти ӯ то чӣ андоза воқеият дорад? ҳаминро бояд гуфт, ки ӯ табиби меросӣ аз Кинда – шаҳри соҳили ғарбии Осиёи Хурд будааст. Ҳангоми ҳамлаи форсҳо ба Юнон ӯ ба дасти форсҳо асир афтод ва пас аз муддате ба хатири табиби ҳозиқ буданаш ҳамниши шоҳи Форс Дорои II гардида, ба мақоми «Табиби дарбор»-ӣ Ҳахоманишиён расид. Ктесий муддати 17 сол (аз соли 415 то 398 то милод) табиби махсуси Пурушот маликаи Эрон – зани Дорои II буд. Ӯ дар дарбори шоҳони ҳахоманиш эътибори баландеро сазовор буд. Вай ҳамчун табиби дарборӣ, шоҳ ва ҳамсари ӯро табобат мекард. Дар оғози асри IV то милод ӯ аз дарбори ҳохоманишиён гурехта, ба ватанаш бармегардад ва дар он ҷо оид ба таърихи Осиё китоби зиёде менависад, ки “Персико”, “Андико” ва “Дарёнавардӣ дар Осиё” аз ҷумлаи онҳоянд. Китоби таърихи ӯ аз 23 ҷилд иборат буда, ки 6 ҷилди он марбут ба таърихи давлатҳои Ошур ва Мод ва 7 ҷилд аз замони Куруш то Хишёршоҳ буда, аммо бештари он то замони мо нарасидааст [16, с. 141.]. Ктесий дар бораи Бохтари қадим низ ривоятҳои зиёдеро нақл кардааст, аммо навиштаҳои вай ба ақидаи муаррихони пасин чандон асоси воқеӣ-таърихӣ надоранд. Чунончи, ба гуфти донишманди рус И.В.Пнконов: “...аз Ктесий таърихчии хуб набаромад. Шарқи қадимро вай тамоман намедонист. Таҳти назари таърихи вай романҳои ишқии шавқовар эҷод карда, рӯйхати дуру дарози шоҳҳои бофтаро тартиб додааст. Аз диди мо, Ктесий насрнависи бад нест, вале ҳеҷ гоҳ таърихчӣ шуда наметавонад...” [22, с. 5]. Аз ин рӯ, дар навиштаҳои Ктесий наметавон яқин кард.

Ба андешаи инҷониб, аз навиштаҳои муаррихони Юнони қадим дар бораи замони зиндагии Зардушт ақидаи Свид (асри X то милод) ба ҳақиқат наздиктар мебошад. Зеро ба андешаи мо, замони зиндагии Зардушт бо такя бар мабнои ривояти осори паҳлавӣ ва навиштаҳои муаррихони қуруни вустои форсу тоҷик, ибтидои асри VII – интиҳои асри VI то милод, мебошад (ки шарҳашро дар поён хоҳем гуфт). Бинобар ин, ақидаи Свид, дар умум, назар ба навиштаҳои дигар муаррихони Юнони қадим, ба ақидаи камина, нисбатан наздиктар аст (яъне, ҳудудан дусад сол тафовут дорад).

Ба ин тарз мо аз шарҳи ривояти юнонӣ перомуни замони зиндагии Зардушт мегузарем, зеро ривояти юнонӣ ба ривояти порсӣ (паҳлавӣ) ва навиштаҳои муаррихони

* Ҷанги Троя дар ҳудуди асри XII то мелод сурат гирифтааст.

қуруни вустои форсу тоҷик мувофиқ нест ва ба гуфти Масъудӣ (соҳиби китоби “Ат-танбиҳ вал-ишроф”): “...шоиста аст, ки таърихи Порсро аз забони порсиён омӯхт, зеро “соҳибхона беҳтар медонад, ки дар хона чист” [16, с. 140]. Аз ин рӯ, мо аз ривоёти юнонӣ сарфи назар кардем ва ривоёти форсиро нисбатан манобеи муътамад дар мабдаи валодати Зардушт медонем ва ақидаи худро низ маҳз бар пояи ҳамин ривоёти форсӣ устувор доштаем, ки дар ин бора ҷойи дигар хоҳем гуфт.

Ҳоло ба таври иҷмолӣ руҷуъ мекунем ба навиштаҳои муҳаққиқони хориҷӣ (бахши таърих ва забоншиносӣ) перомуни замони зиндагии Зардушт.

Б) миллоди Зардушт аз назари муҳаққиқони хориҷӣ. Чӣ гунае ки дар оғози мақола ишора рафт, бар пояи пажӯҳишҳои забоншиносӣ ва муқоисаи гуйиши “Готҳо” бо забони “Ригведа” бархе аз забоншиносон замони зиндагии Зардуштро дар ҳудуди солҳои ҳазору ҳаштсад то нуҳсади пеш аз милод дониста, идае ба асрҳои XVIII-XIV то милод нисбат медиҳанд. Ва гурӯҳе аз муҳаққиқон дар асоси таҳқиқи таърихи суннатӣ замони Зардуштро дар ҳудуди асри IX то асри VII то милод медонанд. Яъне, дар ин бора дар байни олимони хориҷӣ ихтилофи фоҳише вуҷуд дорад.

Масалан, авестошиноси маъруфи немис Мултон бо такя ба назарияҳои нуҷумӣ аз гӯйиш ва истилоҳоти “Готоҳо” (Готҳо) – қадимтарин қисми Авесто, ки аксари муаррихон ва авестошиносон онро сурудаҳои худи Зардушт медонанд [19, с.42.], Зардуштро шахси таърихӣ ва нобиғаи бузург дониста, зуҳури ӯро байни солҳои ҳазору ҳаштсад – нуҳсади то милод донистааст. Ҳарлез низ бар асоси муқоисаи забони “Готҳо” ва забони санскрит чунин мешуморад, ки ин замон (яъне, замони офарида шудани “Готҳо”) набояд аз асри XIV то милод поёнтар бошад. Аммо забоншиносони дигар, аз қабили Виндишман, Гейгер, Тил ва Олденберг бошанд, даврони ҳаёту фаъолияти Зардуштро дар ҳудуди солҳои ҳазору дусад то ҳаштсади пеш аз милод донистаанд [27, с.44-45].

Авестошиноси маъруфи англис Мэри Бойс бошад, дар таҷдиди китоби хеш (“Зардуштиён”. – М., 1988. – С.27.) ва дар нашри тозаи он (Зардуштиён”. – Санк-Петербург, 2003. – С.18.) замони зиндагии Зардуштро дар ҳудуди соли 1200-и то милод донистааст. Ҳамин муаллиф, дар тадқиқоти дигаре худ “Чакидаи таърихи кеши Зардушт” баъди таҳқиқу баррасиҳои зиёди лаҳча ва истилоҳоти “Готҳо” ва матнҳои Авесто ба чунин хулоса омадааст, ки замони нисбатан наздиктари зуҳури Зардушт ва офарида шудани “Готҳо” асри XI то милод мебошад [17, с.43].

Вале санаи нисбатан воқеъгараи аҳди Зардуштро Ричард Фрай асри X то милод [26, с.52], Бартоломе асри IX то милод [27, с.45] медонанд. Артур Кристенсен перомуни ин масъала чунин менависад, ки: «Кеши Зардуштӣ пеш аз муҳоҷирати бузурги қабоили ориёӣ дар миёни қабоили эронӣ мунташир шуда буд ва модҳову порсиён ҳангоме, ки дар нимаи аввали қарни нуҳуми қабл аз милод ё дертар шуруъ ба ҳаракат ба тарафи мамолики ғарбӣ карданд, ин кешро бо худ оварда буданд. Лекин баъдҳо, дар натиҷаи ҷудо гардидани ақвоми шарқӣ ва ғарбии ориёӣ, ойини зардуштӣ ба суратҳои мухталифе дар ин минтақа такомул ёфт. Агар ҳақиқати амр ҳамин бошад, бисёр душвор аст, ки аҳди Зардуштро замони муаххир аз ҳазор соли пеш аз милоди Масеҳ донист” [8, с.9.].

В.Б. Ҳенинг бошад, дар асоси таърихи суннатӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои форсӣ (адабиёти паҳлавӣ), аз қабили: «Динкард», «Бундаҳишн”, “Ардавирофнома” ва навиштаҳои Берунӣ ва Масъудӣ, се эҳтимоли валодати Зардуштро пешниҳод намудааст: солҳои 630-553 ё 628-551 ва ё 618-541 то милод [7, с. 307)].

Ҳертсфелд ва Ҳертелд бошанд, Виштоспи падари Дорои I-ро бо Гуштосп (Виштосп) – подшоҳи Бохтар як хонда ва Зардуштро муосири Дорои I (522-486 то милод) ва падари ӯ медонанд [27,с.43].

Албатта, Виштосп шоҳи Бохтар бо Виштоспи падари Дорои I (522-486 то милод) – подшоҳи бузурги Ҳахоманишин ҳеҷ рабту умумияте надорад ва Зардушт ба ҳеҷ ваҷҳ муосири Дорои I ва падари ӯ нест.

Бешак, дар ин ҷо ҳақ ба ҷониби Ломмел аст, ки ӯ ақидаи Ҳертсфелд ва Ҳертелдро ба куллӣ беасос хонда, бо такя ба катибаи Саргон – подшоҳи Ошур, ки дар соли 714 то милод

тартиб дода шуда ва дар он номи Маздо ба чашм мехӯрад, ишора карда, зуҳури Зардуштро хеле барвақттар аз соли 714 то милод ва пеш аз салтанати Ҳахоманишиҳо (550-330 то милод) ва Модҳо (701 ё 708 то 550 то милод) медонад [27,с.44].

Муҳаққиқони рус низ дар ин бора корҳои зиёде анҷом додаанд. Масалан, авестошиноси маъруфи рус С.Н. Соколов дар тарҷумаи русии (1861-1996) муқаддимаи китоби Авесто милоди Зардуштро пеш аз замони Ҳахоманишиён (550-320 то милод) донистааст [23,с.9.]. Донишманди дигари рус М.И. Стеблин-Каменский зидди онҳое, ки Зардуштро як шахсияти тахайюливу афсонавӣ медонанд, баромад карда, замони зиндагии ин паёмбари ориёиро охири ҳазораи II ва аввали ҳазораи I то милод медонад [24,с.3.].

Муаррихи бузурги рус, донандаи хуби таърихи Варорӯд (Осиёи Миёна) И.В.Пинков дар китоби хеш «Осиёи Миёна дар номаҳои бостон” замони зиндагии Зардуштро асри VII то милод эҳтимол додааст [22,с.8.].

Донишманди бузурги Ҳинд Мавлоно Абдулкаломи Озод низ бар пояи он тадқиқи арзишманде, ки дар бораи Куруши Кабир – Зулқарнайн анҷом дода, ба мавзуи замони зиндагии Зардушт ҳам пардохта ва чунин гуфта, ки дар бораи ин ақида, ки оё «…Куруш ва Зардушт ҳудудан дар як замон мезистаанд», метавон тардид кард, «вале ин ки Куруш пайрави дини зардуштӣ буда, наметавон шак кард» [16,с.173]. Яъне, аз ин гуфтаи устод Абулкаломи Озод чунин хулоса кардан мумкин аст, ки (бар асоси таърихи суннатӣ, ки соли шашсади то милодро замони зиндагии вахшури ориёӣ мешуморад) ӯ милоди Зардуштро қабл аз империяи Ҳахоманишиён медонад. Ва марҳум Абдулкаломи Озод ин ақидаи худро чунин ташреҳ дода, ки: «дуруст аст, ки шавоҳиди таърихӣ, ки мустақиман моро дар он чи гуфтем таъйид кунад, надорем, вале он чи қароини таърихӣ ба мо медиҳад, диққат кунем, аз қабули он чи гуфтем, гузире нест» [16,с.173.].

Қобил ба таъкид аст, ки устод Абдулкаломи Озод дар ин гуфтори хеш бар ду чиз (мабно), яъне ба ду воқеаи муҳимми таърихӣ такя дорад. Яке шуриши Гаумоти муғ, ки ба қавли ӯ ҳашт сол пас аз марги Куруш рух додааст ва дуюм, ба катибаҳои Дорои I.

Барои рӯшанӣ андохтан ба ин масъала моро зарур аст, то як муруре ба таърих кунем. Ба навиштаи муаррихон, пас аз марги Куруш (530 то милод) писари аршадаш Камбуҷия (530-522 то милод) ба тахт нишаст. Камбуҷия сиёсати кишваркушоии падарашро идома дод ва ӯ баъд аз саркӯб кардани шуру ошубҳои дохилӣ бо сипоҳи неруманде дар соли 526 то милод ба Миср лашкар кашид ва он ҷоро тасарруф кард. Ҳангоми фатҳи Миср Дорои I фармондеҳи сипоҳи найзадорони Камбуҷия буд. Соли 525 то милод Камбуҷияро расман шоҳи Миср эълон карданд. Ӯ чор сол дар Миср монд. Вале ҳангоми кишваркушоии вай дар пойтахти Ҳахоманишиён – шаҳри Экбатон, Ҳикматон (Ҳамадон кунунӣ) мубаде бо номи Гаумати муғ (дар забони юнонӣ Смердис) худро Бардия – писари Куруш эълон карда, ҳокимиятро дар Эрон соҳиб шуд. Вақте ин хабар ба Камбуҷия расид, ӯ фармонравоии Мисрро ба Дорои I супурд ва худ барои саркӯб кардани исёни Гаумати муғ ба сӯйи Ҳамадон ҳаракат намуд, вале ӯ ҳеҷ гоҳ ба Ҳамадон нарасид. Бо сабабҳои номаълум соли 522 то милод ҳангоми бозгашт дар роҳ, яъне дар Шом вафот кард ва ё ба қавле кушта шуд (тариқи суиқасд) ,ё худкушӣ намуд. Шаҳриёрии Гаумат низ дер давом накард. Мардум аз шоҳи дурӯғин будани ӯ воқиф шуда, соли 522 то милод ӯро ба қатл мерасонанд ва яке аз хешовандони Куруши Кабир (ба қавле амуи ӯ) Дорои I (522-486 то милод) писари Виштоспро ба тахти Ҳахоманишиён нишонданд.

Албатта, худи масъалаи марги Камбуҷия; Исёни Гаумати муғу худро Бардия – писари Куруш эълон кардани ӯ ва ҳокимияти Эронро соҳиб шудани вай; муддати салтанати Гаумат; саркӯб шудани исёни Гаумат ва ба тахти Эрон нишастани Дорои I, ин худ як баҳси бисёр домангустардаи таърих аст, ки шарҳи он, бешак, як китоби пурвараҳро ташкил медиҳад ва ин мавзуи баҳси мо нест.

Ва аммо бармегардем ба ташреҳи гуфтаи устод Абулкаломи Озод перомуни шуриши Гаумоти Муғ, (яке аз далоили эшон оид ба зардуштӣ будани Куруш), ки устод дар ин бора як ақидаи қобили мулоҳизаеро баён доштааст. Ба ақидаи ӯ: «Мақсуд Гаумоти муғ (муғуш-маҷус) аст. Қиёми Гаумот ба унвони баргардондани ҳукумат ва дини модҳо будааст ва

Дориюш дар катибаи худ гӯяд: «Ман маобидеро, ки Гаумоти муғ хароб карда буд, барои мардум сохтам». Бояд донист, ки дини маҷус ғайр аз дини зардуштӣ будааст. Нуктаи лозим ба тазаккур ин аст, ки дини муғон, яъне муғпарастӣ қабл аз дини Зардушт дар Эрон ривоҷ дошта ва муғон ғайр аз пайравони Зардушт будаанд, бар хилофи тасаввури омма, ки маҷусро пайравони Зардушт медониста (Абулкалом)» [16, с.174].

Ва далели дуюм, тавре тазаккур додем, мабнӣ бар катибаҳои Дорои I аст, ки дар ин катибаҳо Дорои I дар ҳама ҷо номи Аҳуромаздоро бо арҷ ва ситоиш ёд мекунад ва тамоми муваффақиятҳо ва пешрафтҳои худро мадюни Аҳуромаздо медонад. Ва устод Абулкаломи Озод бар ин ақидааст, ки дар ҳеҷ манобеи таърихӣ ва ҳатто, дар навиштаҳои муаррихони Юнони қадим, аз ҷумла дар навиштаҳои Ҳеродот (тав. 484 то милод), ки таърихи худро қариб панҷоҳ сол пас аз вафоти Дорои I тадвин намудааст ва байни замони зиндагии Дорои I ва замони ӯ чандон фосилаи зиёде вуҷуд надорад, «матлабе далолаткунанда бар ин, ки Камбуҷия ё Дориюш дини тозае ихтироъ карда бошанд, вуҷуд надорад…

Ин далел бар ин аст, ки Камбуҷия ва Дориюш дини тозае гардан наниҳодаанд» [16,с175].

Тавре аз гуфтаи устод Абулкаломи Озод мушоҳида кардем, аввалан, шуриши Гаумоти муғ ба унвони баргардондани ҳукумат ва дини модҳо, яъне дини маҷус ё муғпарастӣ, ки ба ақидаи устод Абулкаломи Озод, қабл аз дини зардуштӣ дар Эрон роиҷ (ва эҳтимол, мазҳаби расмии давлати модҳо маҳсуб меёфтааст – Ҳ.А.) будааст.

Дуюм, ба ақидаи устод Абулкаломи Озод, дини маҷус ғайр аз дини зардуштӣ будааст ва муғон ғайр аз пайравони ойини зардуштиянд.

Аммо дар сиҳатии ин ақида наметавон яқин кард. Зеро бар хилофи гуфтаи устод Абулкаломи Озод, Ибни Халдун – мутафаккири барҷастаи олами ислом, ки суханаш мавриди таъйиди муаррихони пасин аст, дар бораи он ки пас аз Куруш (муддати подшоҳии Курушро Табарӣ ва Ибни Асир 22 сол ва Масъудӣ 23 сол донистаанд) чӣ касе ба салтанат расид ва ӯ чанд сол подшоҳӣ кард ва маҷус дар рӯзгори кадом як шоҳи ҳахоманиш падид омад, аз забони Ибни Амид чунин меорад ки: «…мегӯянд, баъди Куруш писараш Камбусиюс (Камбуҷия – Ҳ.А.) ҳашт сол, ба қавле нуҳ ва ба қавле бисту ду сол подшоҳӣ кард ва ба Миср ҳуҷум намуда, онро истило кард… Сипас, баъд аз ӯ Ариюш ибни Кастосиф, ки ҳамон Смердиюси маҷусӣ (Гаумот – Бардия дуруғин – Ҳ.А.) аст, як сол ва ба қавле, сездаҳ сол подшоҳӣ намуд. Маҷусӣ ном гирифтаи ӯ ба сабаби дар рӯзгори ӯ дини маҷусиро овардани Зардушт мебошад…» («Китоб-ул-ъибар». – ҷилди 2. – С.166-167) [16,с.67.].

Аз таҳлили гуфтаи Ибни Халдун метавон чунин хулоса баровард, ки маҷус* пайрави дини зардуштӣ буда ва шӯриши Гаумоти муғ, бар хилофи гуфтаи устод Абулкаломи Озод шояд як қиёми мазҳабӣ бар зиддӣ дини митроӣ (митроизм) ва ё меҳрпарастӣ (ки қабл аз оини Зардушт дар Эронзамин дини асосӣ маҳсуб меёфт ва эҳтимол мазҳаби расмии давлати Мод низ ба шумор мерафт) ва барои ҷорӣ намудани дини зардуштӣ дар Эрони ғарбӣ бошад. Зеро тавре аз гуфтаи Ибни Халдун мешоҳида кардем: «…Маҷус ном гирифтаи ӯ ба сабаби дар рӯзгори ӯ дини маҷусро овардани Зардушт мебошад». Агар гуфтаи Ибни Халдунро маҳак қарор дихем, ин маънии онро дорад, ки маҳз дар аҳди ҳукумати ӯ (Гаумати муғ) дини зардуштӣ ба Эрони ғарбӣ роҳ ёфта ва пас аз он зардуштия мазҳаби расмии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён гардидааст. Ба ақидаи мо, кушта шудани Гаумоти муғ, на ба хотири ғасби ҳокимият ва ё на ба хотири вайрон кардани маобидҳои дини зардуштӣ, балки ба хотири аз хонадони шоҳӣ набудани ӯ мебошад. Ва маҳз ба ҳамин хотир, мардум ӯро аз тахт ба зер кашиданд ва аз хонадони шоҳӣ Дорои I-ро ба тахт нишонданд.

Тавре Ибни Халдун дар «Муқаддима»-и хеш менависад: «Эрониён (эрониёни бостон) ҳеҷ касро ба пойгоҳи фармонравоӣ бар хештан намегумоштанд, магар он ки аз дудмони

---

* Маҷус – дар луғат ба маънои пайрави дини зардуштия; габр, оташпараст омадааст. «Маҷус – қавми оташпараст, ки аз тобеъони Зардуштанд (аз «Бурҳон»); ва дар «Мунтахаб» парастандагони моҳ ва офтоб ва оташ; маҷусӣ воҳиди он; ва дар «Қомус» ва «Рисолаи муарробот» навишта, ки маҷус муарраби манҷгуш, яъне сағирулузн; чун возеи дини маҷус марди хурдгӯш буд, лиҳозо чунин гуфтанд». Аз «Гиёс-ул-луғот». – Ҷ.2. – Душанбе, 1988. – С.234.

подшоҳӣ бошад, сипас, аз миёни онон касеро бармегузиданд, ки диндор ва донову фазилатманд ва тарбиятёфта ва саховатманду диловар ва некукор бошад ва он гоҳ фармонравоии ӯро бад-он машрут мекарданд, ки ба дод гирояд ва барои худ деҳ ва замину об ба даст наёварад, то мабодо мояи зиёни ҳамсоягони он деҳаҳову сарзаминҳо шавад ва бозоргонӣ пеша накунад, то мабодо дӯстдори гаронии нархи колоҳо гардад ва бандагон (ғуломон) ба корҳо нагуморад, чи онон ба хайр ё маслаҳате ройзанӣ (назардиҳӣ) намекунанд» [5,с.577-578].

Аммо дар сиҳатии ин ақида, ки Зардушт муосири Гаумоти муғ бошад, мо розӣ буда наметавонем. Зеро, чуноне ки мушоҳида намудем, ба андешаи Ибни Халдун: «…Маҷусӣ ном гирифтаи ӯ (Гаумоти муғ – Ҳ.А.) ба сабаби дар рӯзгори ӯ дини маҷусиро овардани Зардушт мебошад» [16,с.67.].

Дорои I, табиист, ки гоҳи ба тахт нишастан ба Зардуштия рӯ оварда буд ва тавре аз катибаҳои аҳди ҳахоманишӣ пайдост ва дар осори таърихӣ омада, ки ӯ дар густариши дини зардуштӣ бисёр кӯшидааст. Ва мунтаҳо ин ақидаи мо ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки Куруши Кабир пайрави дини зардуштӣ набуд. Ба андешаи инҷониб, Куруш шояд аз давраи ҷавонӣ, ҳадди ақал ҳангоми ба Бобул (ки тибқи манобеи таърихӣ он таҳти ҳукумати подшоҳони каёнӣ, ки дар Балх тахтгоҳ доштанд, қарор дошт)* ва ё ҳангоми ба Эрони шарқӣ, ба Бохтар ва Варорӯд* лашкар кашиданаш, аз таълимоти зардуштӣ воқиф шуда ва ба дини зардуштӣ гаравида бошад, вале, аз сабаби он ки ӯ ба ҳама дину эътиқодҳо ва мазоиҳу бовариҳо эҳтиром қоил буд, аз ин рӯ, дини зардуштиро дар Эрони ғарбӣ, ҳатто дар пойтахти худ – шаҳри Экбатон ба таври иҷборӣ мазҳаби расмии давлатӣ эълон накард.

Нуктаи ҷолиби дигаре, ки ин ҷо месазад онро зикр кард, ин аст, ки устод Абулкаломи Озод, Гуштосп (шакли авестоияш Виштосп) – шоҳи Бохтарро бо Виштоспи падари Дорои I (522-486 то милод- подшоҳи ҳахоманишӣ), ки аз номи писараш (Дорои I) дар вилояти Порт ё Парсава фармонраво буд, як медонад. Масалан, ӯ дар ин бора чунин менависад: «Падари Дориюш Гуштосб, ё ба қавли юнониён Ҳистосбиз ном дошт, ки дар «Авесто» ба номи Виштосб хонда мешавад» [16,с.153].

Вале мо ба ақидаи устод Абулкаломи Озод розӣ буда наметавонем. Зеро ба андешаи мо, Гуштосп (Gustasp) шакли авестоии ин ном Виштосп (Vistaspa) – шоҳи Бохтар; ҷузъи дувум aspa ба маънои «асп», аммо маънои ҷузъи нахуст равшан нест, бо Виштоспи падари Дорои I ҳеҷ як умумияте надоранд. Тавре аз катибаҳои аҳди ҳахоманишӣ ба мо маълум аст, баромади ҳахоманишиён аз ҷанубу ғарби Эрон аз шаҳри Аншон буда, он яке аз мулкҳои тобеи Давлати Мод маҳсуб меёфт, ки хонадони ҳахоманиш дар ибтидо бо итоат аз модҳо дар ин шаҳр ҳукумат мекарданд. Вале давлати Бохтар (Каёниён) мухтаси Эрони шарқӣ буд;

---

* Нуктаи ҷолиби дигаре, ки зикри он ин ҷо бамаврид аст, ин аст, ки дар манобеи муътамади таърих омада, ки Куриш (Табиист, ки ин Куруш он Куруши Кабир, яъне Куруши мавриди назари мо нест) яке аз муқаррабони шоҳони Балх – Гуштосп писари Луҳросп ва Баҳман писари Гуштосп (ва ба ривояте набераи Гуштосп писари Исфандиён) буд. Ба қавли Табарӣ "Куруши Кайкувон... ки аз фарзандони Ғилам писари Сом буд ва хазинадори амволи Баҳман буд..." (Таърихи Табарӣ. – К.1. – С.428.) ва ба гуфти Балъамӣ, Курус (Куруш – Ҳ.А.) сарҳанги Гуштосп буд" (Тарҷумаи Балъамӣ. – С.648). Ва чунин ба назар мерасад, ки дар он рӯзгор тамоми Эронзамин, Бобул ва Шому Фаластин ва ҳатто, Миср дар зери султаи подшоҳони Балх будааст.

* Дар манобеи таърихӣ навишта шудааст, ки Куруш дар соли 546 то милод Лидия ва дар солҳои 547-540 то милод Модро тасхир намуд. Ва соли 539 то милод Бохтарро бо шарти нигоҳ доштани ҳокимияти сатрапӣ ба шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён ҳамроҳ намуд. Ва соли 538 то милод Бобулро бидуни ҷангу пайкор ба даст овард.

Ҷойи зикр аст, ки дар илми таърих перомуни сана ва рафти забти Осиёи Миёна аз тарафи Куруш сарчашмаҳои муътамади таърихӣ мавҷуд нест. Вале аз рӯйи он далел, ки ӯ бар зидди сакоиҳои он тарафи Суғд (саки упарасуғда) лашкар кашид ва шаҳреро бо номи Курушкада /Киропол (Уструшана) бунёд гузошт, бармеояд, ки Суғдро низ тасхир карда бошад. Мувофиқи маълумотҳои Ҳеродот ва Ктесий, Куруш Гирканияю Парфия, баъд Бохтар, Хоразму сакҳо ва массагетҳоро забт намудааст. Ва аз рӯи ин гуфта, шояд ин воқеа пеш аз марги Куруш дар соли 530 то милод рух дода бошад. Зеро поёни умри Куруш дар ҷанг бо массагетҳо гирех хӯрдааст. Агар мо навиштаҳои Ҳеродотро бовар кунем (чаро ки хеле афсонаҳоеро Ҳеродот аз худаш сохтаву пардохтааст ва марги Куруш ҳам яке аз онҳост), аз рӯйи навиштаи ӯ, Куруш дар ҷанг бо массегетҳо шикаст мехӯрад ва аз тарафи маликаи массагетҳо – Томерис кушта мешавад.

дигар ин, ки дар Авесто боре ҳам аз шоҳони мод ва ҳахоманиш ёд намешавад; савум ин ки, фосилаи замонӣ мавҷудияти давлати Бохтар ва давлати Ҳахоманишиён бисёр зиёд аст.

В) Нигоҳи иҷмолие ба навиштаҳои осори паҳлавӣ дар бораи замони зиндагии Зардушт. Мо бо такя бар манобеи паҳлавӣ (камина ривоёти паҳлавиро манобеи нисбатан боэътимод дар валодати Зардушт медонад) ва дар асоси таърихнигории суннатӣ, Зардуштро муосири Виштоспшоҳ – шоҳи Бохтар медонем. Дар бораи сиҳатии ин ақида дар тамоми осори давраи форсии миёна, ки дар таърих бо номи адабиёти паҳлавӣ ва ё ривоёти паҳлавӣ ёд мешавад, маълумоти зиёд мавҷуд аст. Мо ин ҷо пораеро аз як ривояти паҳлавӣ «Визиркарди диниг» (Виљаркарди диник), таълифи Мидевмоҳ, писари Оросп оид ба «шарҳи ҳоли Зартушт» ва муосири Виштосп будани ӯ меоварем:

«Яке ин ки: Ман, ки Мидевмоҳ писари Оросп (Оросӣ) ва шогирди Зартушти пок ҳастам. Ва Зартушт Спитомон аз тухмаи Пурушасп буд; ва Пурушасп ва Оросп ҳарду бародар буданд…

Яке ин ки, чун ман ба он замон, ки Зартушти пок аз модар бизод, ба понздаҳсолагӣ расида будам, ба донишогоҳ ва ба фарҳанг ороста (visp-pêsit /висп-писит), аз ҳирбадони хирадманд баҳраҳо гирифта ва он чи аз варљ ва фарраву муъљизаҳои Зартушт, ки ба чашм дидам, ки ӯ андар [миёни] мардумони Эрон ва дигар шаҳрҳо фармонравоии **Кайвиштосп** ба он паёмбарӣ ба бовар буд, навиштам бо далел ва ниёиш ба паёмбари паёмбарон Зартушти Спитомони пок» [14,с.146.].

Дар “Ардовирофнома” (Ардовирознома) замони зиндагии Зардушт сесад сол пеш аз ҳамлаи Искандари Мақдунӣ ба шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён зикр шудааст. Чун Искандар дар соли 330 то милод ба Эронзамин тохтааст, пас таърихи валодати Зардушт дар ҳудуди соли 660 то милод сурат гирифтааст [13,с.97-99.].

Дар ин бора дар “Ардавирознома” чунин омадааст: “Чунин гӯянд, ки он замон, ки Зартушти аҳлав (порсо) дин пазируфту ба љаҳон онро раво кард ва то сесад сол сипарӣ нагашт, дин дар вижагиву бешакиву гумонӣ биистод. Ва пас Минуи Бади гаљаста (малъун) Алаксандари (Алаксандар,- Александр, ки дар шарқ бештар бо номи Искандари Мақдунӣ маълум аст – Ҳ.А) Ҳрумоик (харумоӣ)-ро ки дар Миср миҳан дошт (шояд манзури нависанда аз Миср Юнон дар назар аст – Ҳ.А.), бо кишвари Ирон барои набарду вайронӣ ва тарсу ҳарос ба пайдо овардан фиристод то мардум бигарданд (айнан: гумони бад бибаранд) аз дин. Ӯ даҳйубади (фармонраво) Иронро бикушт, дару (дарбор) худоӣ (фармонфармоӣ, ҳукмронӣ) биситад.

Ӯ патёраи (бадкор) бадбахти ноаҳлави (коноро) гунаҳкори (айнан: друванд), базаҳкор (бадкирдор) Алаксандари Ҳарумойи (к), ки ба Миср миҳан дошт, ҳамаи номаҳо, бавижа, ҳамаи Авистову Занд (Авестову Занд – Ҳ.А) ки бо оби зар дар чандин пӯсти виростаи гов навишта шуда буданду дар Истахри Побагон дар Дижи Нибишт нигаҳдорӣ мешуданд, бисӯхт. Чанд [тан аз] дастурону (кишишҳои бузург), додварон, ҳирбадону мубадон ва динбардорон (соҳибдинон), мардони тавонгар, худогоҳу донишмандони Иронро бикушт.

Ва ӯ [тухми] кину нооштӣ ба миёни миҳону (бузургон) кадхудоёни Ироншаҳр биафканд ва [ниҳоят] худ шикасту ба дӯзах бирафт...» («Ардавирознома», [14,с.154].

Тибқи маълумоти “Визиркарди диниг” (Виљаркарди диник) Зардушт дар соли саду даҳум аз подшоҳии Луҳросп аз тухмаи Фаридун ва аз пушти Пурушасп ва Дуғдова ба дунё омадааст. «Чунин пайдост, ки аз худоии [шоҳии] Лӯҳроспшоҳ саду даҳ сол биянљомида буд, ки ба рӯзи хурдод ва моҳи фарвардин [шашуми фарвардин] андар замон (яъне бомдодон) Зартушт ишками Дуғду (модари Зардушт – Ҳ.З.) бизод ва андар ҳамон замони зоиш бихандид. Аз он шигифтӣ ва фарра [фарри Зартушт] се зани љодугар ва хешону ҳамсоягон, ки ба ёрии Дуғду хонда шуда буданд, к-ишон перомун нишаста буданд, тарсиданд ва гуфтанд* ки: чи [ҳоле] ин буд, аз меҳӣ ва бузургӣ ва варљаст ё густохӣ ва љасоратро [ст], пас бо шитоб ба хонаи хеш рафтанд ва ба он љодугарон огоҳӣ (âkâhiŝ) доданд. Ҳамаи [он]

* гуфтанд (drâyit) – гуфтани анриманї.

гумроҳон бо тарсу бим барои нобудии Зартушт чора намуданд. Ва Пурушасп (падари Зардушт – Ҳ. А.) ба фаррухӣ Зартушт ном ниҳод ӯро» [14,с.147.].

Дар китоби «Мероси хаттии бостон» давраи нубуввати Зардушт оғози ҳазораи чаҳорум гуфта шудааст. «Чун Густошпшоҳ сӣ сол шоҳӣ карда буд, ҳазора ба сар расид. Пас, ҳазораи чаҳорум оғоз шуд. Дар он ҳазора, Зартушт динро аз Ҳурмузд пазируфту овард. Гуштоспшоҳ пазируфту ривоҷ бахшид. Бо Арҷосп корзоре шигифт кард. Бисёре аз эрониёну анирон (анирон-, ғайри эрониён – Ҳ.А) аз миён рафтанд…» [14,с.98.].

г) адабиёти қуруни вусто. Дар навиштаҳои муаррихони қуруни вустоӣ форс-тоҷик дар бораи валодати Зардушт маълумоти зиёд мавҷуд аст. Абурайҳони Берунӣ дар китоби мондагори худ дар "Осор-ул-боқия" ва Масъудӣ дар асари пурқиммати хеш "Муруҷ-уз-заҳаб" дар асоси ривоятҳои маъмули даврони сосонӣ (осори боқимондаи паҳлавӣ) милоди Зардуштро ба оғози асри VII то милод гумонизанӣ кардаанд. Масалан, ба гуфти Берунӣ: "Ва фосилаи зуҳури ӯ (Зардушт – Ҳ.А.) то оғози таърихи Искандар дусаду панҷоҳу ҳашт сол аст" [3,с.28.]. Ва тавре маълум аст, Искандар мутаваллиди соли 356-323 то милод аст. Агар гуфтаи Беруниро асос қарор диҳем ва рақами 356-ро ба 258 ҷамъ кунем, таърихи 614 то милод ба даст меояд ва тибқи ин рақам таваллуди Зардушт ба охири асри VII то милод рост меояд. Аммо гап сари он меравад, ки дар таърих ниёгони мо тақвимҳои зиёдеро ба кор бурдаанд ва воқеаҳоро аз рӯйи он тақвимҳо мабдаи сол қарор додаанд. Яке аз чунин тақвимҳо, ки дар мабдаи сол зиёд ба кор бурда шудааст ва бисёр воқеаҳоро аз рӯйи он муайян кардаанд, ин тақвими (солшумории) Селевкӣ (312 то милод) мебошад. Ва агар милоди Зардуштро аз рӯйи солшумории Селевкӣ 312 то милод муайян кунем: (312+258), он ба соли 570 то милод рост меояд. Ба ҳар тадбир санаи дақиқтари милоди Зардушт аз рӯйи гуфтаи «Осор-ул-боқия», соли 660 [12,с.226], - соли 614 ё 570 то милод мебошад. Ва мо низ тавре дар боло қайд кардем, замони дақиқтари зиндагии Зардуштро охири асри VII – аввали асри VI то милод медонем.

Вале аҷобати кор дар он аст, ки Абурайҳони Берунӣ дар «Қонуни Масъудӣ» фосилаи байни зуҳури Зардушт ва Искандари Мақдуниро дусаду ҳафтоду шаш сол мегӯяд. «Аммо Зардушт дусаду ҳафтоду шаш сол қабл аз асри Искандар буд» (4,с.144). Аз рӯйи ин гуфтаи Берунӣ, замони зиндагии Зардуштро метавон дар ҳудуди соли 632-555 ва ё 588-511 то милод гуфт.

Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» аз солшумории эроние, ки аз ба тахт нишастани Искандари Мақдунӣ (дар соли 336 то милод) оғоз ёфта буд, низ истифода кардааст. Тибқи он баъди шаш соли ба тахт нишастани Искандар Дорои III сарнагун мегардад. Тавре маълум аст, Искандар дар соли 336 то милод ба тахт нишаст ва Дорои III пас аз шаш соли ба тахт нишастани ӯ дар соли 330 то милод аз тарафи Бесс – сатрапи Бохтар кушта шуд. Аз рӯйи ин солшуморӣ милоди Зардушт (258+336=594) ба охири асри VI то милод рост меояд, яъне ба ҳудуди солҳои 594-517 то милод. Аммо агар умри Зардуштро 77 сол ҳисоб кунем (594-77=517). Зеро баъзе аз муаррихон умри ӯро 70 сол гуфтаанд [12, с.226.]. Вале ин сана муҳол аст, ки эҳтимоли валодати Зардушт буда тавонад.

Муаррих ва фақеҳи варзидаи форсу тоҷик Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ низ оғози нубуввати Зардуштро ба соли сиюмӣ подшоҳии Гуштосп баробар донистааст. Масалан, ӯ дар китоби «Таъриху-р-русули-ва-л-мулук»-и хеш чунин менависад: «Ба соли сиюми подшоҳии Буштосб (Гуштосп (Gustasp) шакли Авестоии ин ном Виштосп (Vistaspa), шоҳи Бохтар –Ҳ.А.) Зародушт писари Асфимон зуҳур кард ва даъвои паямбарӣ дошт. Ва Буштосбро ба дини хеш хонд, ки дар аввал напазируфт ва сипас ба дини вай гаравид ва китоби вайро, ки ваҳӣ мепиндошт, пазируфт.

Китоби Зародушт ба пӯсти дувоздаҳ ҳазор гов ҳак шуда буд ва ба тилло мунаққаш шуда буд ва Буштосб онро дар Истахр дар ҷое ба номи Дазнабишт ниҳод…». [2,с.447-448].

Ҳамон тавре ки дар боло тазаккур додем, Абурайҳони Берӯнӣ аз рӯйи тақвими эрониён (зардуштиён) зуҳури Зардуштро ҳазораи сеюми то милод хонда ва фосилаи байни ӯ ва Искандарро (356-323 то милод) дусаду панҷоҳу ҳашт сол гуфтааст. Ба қавли ӯ, он чи аз оғози ҷаҳон то замони Искандар гузаштааст, се ҳазору дусаду панҷоҳу ҳашт сол аст.

«Эрониён ва маҷус умри ҷаҳонро бинобар бурҷҳои дувоздаҳгона дувоздаҳ ҳазор сол донистаанд ва Зардушт, бунёдкунандаи дини эрониён чунин пиндоштааст, ки пайдоиши олам то замони зуҳури ӯ се ҳазор сол аст, ки кабисакардашуда ба чаҳоряк аст. Зеро худи ӯ солҳоро ҳисоб карда, нуқсонеро, ки аз ҷиҳати чаҳорякҳо лозим ояд, тасҳеҳ кардааст. Ва фосилаи зуҳури ӯ то оғози таърихи Искандар дусаду панҷоҳу ҳашт сол аст. Пас, он чи аз оғози ҷаҳон то замони Искандар гузаштааст, сеҳазору дусаду панҷоҳу ҳашт сол мебошад» [3,с.28.].

д) муҳаққиқони эронӣ низ дар ин боб бисёр тадқиқотҳои мондагореро анҷом додаанд, ки дар ин миён боист номи устод Иброҳим Пури Довуд, М.Муин, Забеҳи Беҳрӯзӣ, Ҷалолуддини Оштиёӣ, доктор Ризозода Шафақ ва Оқои Таққизодаро гирифт.

Доктор Ризозода Шафақ дар асоси солшумории суннатӣ замони зиндагии Зардуштро миёнаи асри VI то милод медонад. Ӯ дар китоби “Эрон аз назари ховаршиносон” дар ин бора чунин менависад, ки: “Зартушт паёми осмонии худро дар авосити қарни шашум (қабл аз милод) дар шимоли ғарбии Эрон оғоз кард” [25, с.166.].

Авестошиноси маъруфи эронӣ устод Иброҳим Пури Довуд баъди таҳлили ҳамаҷонибаи навиштаҳои муаррихони Юнони қадим дар бораи замони Зардушт ва бо ҷонибдорӣ аз ақидаи онҳо замони зиндагии Зардуштро асри XI то милод медонанд [21,с.110].

Забеҳи Беҳрӯз дар “Замони Зардушт” ном китобаш дар асоси таърихнигории суннатӣ ва бо такя ба ривоёти паҳлавӣ, таваллуди Зардуштро ҳудудан дар соли 1767 то милод тахмин задааст. Ба навиштаи ӯ: «Зардушт дар соле, ки Кай Гуштосп ба тахт нишаста буд, мутаваллид шудааст. ДаҚиқӣ дар “Шоҳнома” таърихи ҷулуси Гуштоспро бо ин байт баён додааст:

Ҳаметофт бар ҷаҳон яксара,

З-урдубиҳишт офтоб аз бара.

Бинобар ин, ин байт ду таърих барои мелоди Зардушт ба даст меояд. Яке соли 260 то милод ва дигаре соли 1767 то милод. Маълум аст, ки соли 260 то милод ба аҳди Зардушт тавоқуф надорад». [27,с.47].

Устод Ҷалолуддини Оштиёӣ бошад, пас аз таҳлилу муқоисаи сарчашмаҳои “Ведо”-ӣ ва Авесто ба ин натиҷа расидааст, ки “модоме, ки “Готҳо”* ва “Ригведа” ҳамзамон тадвин гардида, таърихи зуҳури Зардушт дар асрҳои XVIII ва XIV то милод сурат гирифтааст” [27,с.48].

Жолаи Омӯзгор ва Аҳмади Тафаззулӣ дар “Устураи зиндагии Зардушт” ном асари хеш замони зиндагии Зардуштро фосилаи байни солҳои ҳазору дусад то ҳазори пеш аз милод медонанд [11,с.22.].

Устод Муртазо Муттаҳҳарӣ аз Оқои ТаҚизода дар бораи таваллуди Зардушт чунин иқтибос меорад, ки: “занн (гумон)-и қавӣ меравад, ки Зардушт 258 сол қабл аз истилои Искандар бар Эрон ва қатли Доро (331-330 қабл аз милод) буда ё 272 сол қабл аз вафоти Искандар (323 қабл аз милод) ва лизо мавзуи қобили баҳс иборат аз он хоҳад буд, ки ин фосила, чунончи гуфта шуд, то таваллуди Зардушт аст, ё беъсати ӯ, ё имони Гуштосп. Ва бинобар ин, бояд таваллуди Зардуштро дар санаи 588 қабл аз Масеҳ ё 618 ва ё 630 қабл аз Масеҳ донист ва агар фосилаи 272 то вафоти Искандарро ҳақиқӣ фарз кунем, аъдоди фавқ 595 ва 625 ва 637 мешавад” [25,с.167.].

Ҳамин тавр, мо аз навиштаҳои муҳаққиқони эронӣ дар бараи замони зиндагии Зардушт ҷонибдори андешаи Доктор Ризозода Шафақ, Оқои Таққизода ва устод Маликушшуаро Баҳор ҳастем [11,с.42.].

е) муҳаққиқони тоҷик низ дар бораи Зардушт ва оини ӯ, маҳалли таваллуди вай ва ғайра тадқиқотҳои арзишмандеро анҷом дода, оид ба замони зиндагии Зардушт ҳам изҳори андеша намудаанд.

---

* “Готҳо” ё “Госа” қадимтарин қисмати Авесто аст, ки ба қавли Маликушшуарро Баҳор, маҳз ҳамин қисмати Авесто аз тарафи Зардушт байни солҳои 630-583 то милод китобат шудааст. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. – Душанбе, 2012. – С. 42.

Баъзе аз муаррихон ва авестошиносон замони зиндагии Зардуштро ба асрҳои IX-VII то милод нисбат медиҳанд. Ва бархе баронанд, ки Зардушт дар охири асри VII – нимаи аввали асри VI то милод зиндагӣ ва фаъолият кардааст. Ин ақида аз тарафи Б. Ғафуров низ дастгирӣ ёфтааст. "...дар замони ҳозира, ба ҳар ҳол, бо мушкилӣ метавон ба эътимоднокии ин таърих бовар намуд, гарчанде имкон дорад, ки дар ҳақиқат, Зардушт дар охири асри VII – оғози асри VI пеш аз милод зистааст" [9,с.71.]. Ва мо низ бар мабнои ҳамин воқеият ва назари таърихӣ мувофиқ ҳастем.

Иддае аз пажӯҳандагон ва авестошиносон милоди Зардуштро фосилаи байни солҳои 660 583 то милод [6, с.13] медонанд.

Ва гурӯҳе аз муаррихон таваллуди Зардуштро, тахминан аз нимаи ҳазораи дуюми то милод сар карда, то соли шашсаду шасти то милод ба қалам додаанд ва умри ӯро ҳафтод сол хондаанд [12, с.226.].

Ба ҳар тадбир, ба ақидаи мо, милоди Зардушт ба охири асри VII ва оғози асри VI то милод рост меояд. Зеро тавре аз манобеи таърихӣ мушоҳида кардем, ӯ таълимоташро дар дарбори шоҳи Бохтар – Гуштосп, дар Авесто Vistaspa, форсии миёна Wistasp ҷорӣ намуд ва давраи шаҳриёрии Виштоспро муаррихон солҳои 660-583 то милод гуфтаанд. Аз рӯйи ин таърих, Зардушт ҳамасри Виштосп буда, ба гуфти Абурайҳони Берунӣ Виштосп «ҳафтод сол мардумро ба кеши Зардушт даъват кард. Ва ба қавли дигар, чилу шаш сол [3,с.221.].

Дар ин бора дар осори паҳлавӣ чунин омадааст, ки: «эдун пайдост, ки Лӯҳроспшоҳ бисёр ба тан ранҷур буд ва пеши оташ ба парастиш истод. Аз фарраи оташ овози хуши менуи кирдори дармонбахше ба пайдоӣ ва равшанӣ [шунид], ки: эй Лӯҳроспшоҳ, хурсанд бош, ки чораи ранҷу дарди ту [ба дар омадани] ороянда порсоӣ Зартушти Спитомон аст, ки ба [замони] фармонравоии писари ту, Виштосп ба вахшварӣ хоҳад омад» [14,с150].

Тавре дар боло қайд гардид, давраи шаҳриёрии Виштосп ба охири асри VII ва оғози асри VI то милод рост меояд, ки муҳаққиқон онро шомили солҳои 660-583 то милод гуфтаанд, ки аз рӯйи ин таърих муддати шоҳии ӯ 77 солро ташкил медиҳад. Аммо муддати подшоҳии Гуштосп ба қавли Табарӣ, 112 сол ва ба гуфти Фирдавсӣ, 120 сол аст.

Дар ин бора дар "Бундаҳишн" чунин омадааст: "Кайгуштосп то омадани дин сӣ сол (шоҳӣ карданд); шумор як ҳазор сол аст. Пас ҳазорахудоӣ ба Буз омад. Зартушти Испитмон ба паёмбарӣ аз додор Ҳурмазд ба Гуштоспшоҳ омад. Гуштоспшоҳ, пас (аз) пазируфтани дин, навад сол…» [14,с.109] подшоҳӣ кард. Агар мо гуфтаи "Бундаҳишн"-ро бовар кунем, пас дар ин ҷо гуфтаи ҳаким Фирдавсӣ дар боби муддати салтанати Гуштосп, дуруст меояд. Яъне, 30+90=120. Ва агар мо ақидаи муаррихонеро, ки умри Зардуштро 77 сол медонанд, асос қарор диҳем, пас солҳои 660-583-ро на ҳамчун солҳои ҳукумронии Виштосп, балки замони зиндагии Зардушт метавонем бигуем.

Давраи ҳукмронии Виштосп ба ду воқеаи бузурги таърихӣ марбут аст: а) ба зуҳури Зардушт ва фаъолияти ӯ; б) ҷанги бохтариён бо кӯчиҳои шимол ё сакоиҳо, ки акнун бо номи турониён аниқтараш хиюнон, ки шояд хиёниён аз ҳамин решаи хиюнон баромада бошад, ёд мешуданд. (Хиюнон (хиёниён) ва ё турониён бечунучаро аҷдодони имрӯзаи тоҷикон мебошанд). Вале дар баъзе адабиёт хиюнон ҷамъи хиюн – қабилаи турк хонда шудаанд, ки дар Осиёи Марказӣ ва Эрони Шарқӣ мезистаанд [10,с.62]. Аммо ба ин ақида наметавон розӣ шуд. Зеро воқеияти таърих он аст, ки дар Осиёи Марказӣ, бахусус, Шарқи Эрон (Хуросон ва Варорӯд) аз қадимулайём аҷдодони тоҷикон – суғдиёну бохтариён, хоразмиёну портиён, фарғониён ва дигар қабоили ориёиҳои туронӣ (хиюнон (хиёниён), ҳайтолиён, йуҷиҳо, тахориҳо, сакоиҳо, масагетҳо, кидориҳо, усуниҳо, кангюйҳо ва ғайра зиндагӣ мекарданд. Яъне, аваалан, хиюнон яке аз ақвоми ориёии шарқӣ мебошанд. Дуюм ин, ки қабоили турк ба Варорӯд (Осиёи Миёна) хеле дертар, аниқтараш дар миёнаҳои асри VI милодӣ баъди заволи давлати Ҳайтолиён ворид шудаанд.

Хиюнон дар «Авесто» hyaona-, позанд hayun, санскрит turuska-samuha, чиноӣ hiung-nu=hun, форсии дарӣ hayun ёд шудааст [10, с.62].

Виштосп баъди қабули дини маздопарастӣ (зардуштӣ) аввал, онро дар дарбори худ ҷорӣ намуд ва баъдан, барои пазириши он бо ҳамқабилаҳои худ зараспҳо (бохтариҳо)

ҷангида, онҳоро ба кеши зардуштӣ овард. Пас аз он ки мардум ба дини маздопарастӣ рӯй оварданд, Ваштосп оини зардуштиро мазҳаби расмии давлатӣ эълон кард. Ва, ҳатто, барои густариши он бо давлатҳои ҳамсоя ҷангҳои зиёд намудааст. Масалан, Виштосп – шоҳи Эрон бо Арҷосп (Arjasp) шакли авестоияш (Arejat-aspa) – шоҳи Хиюнон (Турон), ки Табарӣ номи ӯро Харзосиф ва Ибни Хурдодбеҳ Ҳазорасф гуфтаанд, солҳои 602-583 то милод ҷангҳои беамон бурдааст. Дар ин ҷанг турониён бохтариёнро шикаст дода, ҳатто, пойтахти Бохтар шаҳри Балхро тасхир намуданд. Вале Виштосп бо ёрии писараш – Исфандиёр (навишти паҳлавӣ Spandi-dad), шакли авестоияш Speneto-data, ки шояд ҳокими Систон буд, солҳои 590-583 то милод турониёнро дар атрофии кули Ҳамун шикаст дода, ба шимол ронд ва дар соҳили Ваҳвидат (Омӯ) қалъаи Навдеҳ (байни шарқӣ ва ҷанубии Чорҷӯи имрӯза) асос гузошт. Инчунин, дар матни паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» бунёди шаҳристони Навозак ба ӯ нисбат дода шудааст. «Андар Балхи бомӣ шаҳристони Навозак(ро) Исфандиёр писари Гуштоспон кард» [10, с.64].

«Ёдгори Зарирон» - яке аз намунаҳои беҳтарини осори паҳлавӣ мебошад, ки аз ҷанги Виштосп ва Арҷосп перомуни пазириши дини зардуштия ҳикоят мекунад. Тибқи ахбори «Ёдгори Зарирон», Арҷосп огоҳ мешавад, ки Гуштосп (Виштосп) аз оини собиқа даст кашида, бо писарону бародарон ва шоҳзодагону ҳамроҳони хеш дини зардуштиро пазируфтааст. Он гоҳ Арҷосп номае навишта, онро ба дасти ду тан аз сипоҳиёни ба худ наздикаш – Видрафши ҷоду (дар осори форсии дарӣ ин ном – Бидарафши ҷоду зикр шудааст) ва Номхвости Ҳазорон (Namxwast Hazaran) дода, бо ду ҳазор сипоҳ ба дарбори Виштосп мефиристад. «…Ва эшон дароянд ва ба Гуштоспшоҳ намоз бурданду нома бидиҳанд. Авроҳим (=Иброҳим)* меҳтари дабирон бар пой истод ва номаро баланд бихонд. Ва бар нома чунин навишта бувад, ки шунидам, ки шумо шаҳриёрон ин дини поки маздиснонро аз Ҳурмузд пазируфтед ва агар инро барои он доред, ки моро аз он гарон зиёну душворӣ шояд будан. Лек, агар шумо шаҳриёрон писандед ва ин дини покро раҳо кунед ва бо мо ҳамкеш бошед, он гоҳ шуморо ба шаҳриёрӣ парастем, он гоҳ сол ба сол бас зару бас аспи неку ва бас гоҳи шаҳриёрӣ ба шумо диҳем. Ва агар ин (дин)-ро раҳо накунед ва бо мо ҳамкеш набошед, он гоҳ бар шумо расем, сабзро хӯрему хушкро сӯзем ва чаҳорпову дупоро аз кишвар ғулом кунем ва шуморо ба тамом гарон ва душворӣ кор фармоем…». («Ёдгори Зарирон») [10, с.53].

Ҳамин тавр, аз таҳлил ва баррасии манобеи таърихии фавқуззикр чунин натиҷа мегирем, ки:

нахуст, мо ба он муаррихон ва пажӯҳандагоне муттафиқем, ки милоди Зардуштро ба охири асри VII оғози асри VI то милод нисбат медиҳанд.

дуюм, ба андешаи камина, Зардушт як шахсияти таърихӣ аст ва ӯ муосири Гуштосп, (дар Авесто Vistaspa) – шоҳи Бохтар, яке аз подшоҳони силсилаи каёнӣ, ки дар Балх маҚар дошт, мебошад.

сеюм, ба ақидаи инҷониб, эҳтимолан, санаи дақиқтари таваллуди Зардуштро дар асоси таърихнигории суннатӣ ва солшумории селевкӣ (312) ва солшумории эронии искандарӣ (336) ва бо бардошт аз навиштаҳои муаррихони қуруни вустои форс-тоҷик (Табарӣ, Берунӣ…) соли 660 то милод, ё соли 632, ё соли 614, ё 594 ва ё соли 588 то милод метавон донист. Ва агар умри Зардуштро 77 сол ҳақиқӣ фарз кунем, пас валодати Зардуштро ё дар солҳои 660-583 то милод, ё 632-555, ё ҳудудан дар солҳои 614 то 570, ё 594-517 ва ё 588-511 то милод донист. Ва дар ин миён се эҳтимоли аввалро боз ҳам ба ҳақиқат наздиктар медонем (660-583 то милод; 632-555 то милод; 614-570 то милод).

чаҳорум, ба ақидаи мо, Виштосп шоҳи – Бохтар бо Виштоспи падари Дорои I (522-486 то милод) – подшоҳи бузурги ҳахоманиш ҳеҷ рабту умумияте надорад ва Зардушт ба ҳеҷ ваҷҳ муосири Дорои I ва падари ӯ нест.

---

* Авраҳим (Avrahim) – сардори дабирони дарбори шоҳ Гуштосп; номи яҳудї буда, дар Иврит (Яҳудии бостон) Abraham, арабї Ibrahim, шакли позанд Abrahim – Д.С.).

панҷум, ба ин ақида, ки бар пояи пажӯҳишҳои забоншиносӣ ва муқоисаи гуйиши «Готҳо» бо забони санскритӣ, ки дар китоби «Ригведа» ёфт мешавад ва куҳантарин намуна аз забонҳои ҳиндӣ ва эронист, замони дақиқтари зуҳури Зардуштро ба ҳудуди ҳазору ҳаштсад соли пеш аз милоди Масеҳ (Мултон), ё ба асрҳои XVIII-XIV то милод (Ҷалолуддини Оштиёӣ), ё ба ҳудуди ҳазору дусад то ҳаштсад соли пеш аз милод (Виндишман, Гейгер, Тил, Олденберг) ва ё ба асри XI то милод (Мэри Бойс) нисбат медиҳанд, мувофиқ нестем. Нахуст, ин ки мо дар бораи забонҳои қадими эронӣ маълумоти бисёр кам дорем, чароки санадҳо ва навиштаҳо дар ин бора бисёр кам аст ва аввалин навиштаҳое, ки дорем (яъне дар Эрони ғарбӣ ва ҷанубӣ бар он бархурд мекунем), ба забони акадӣ ва шумерист ва ҳарду забонҳои бегона ҳастанд. Баъдан, забоншиносон аз забони иломии қадим (аз хонадони забонҳои эронӣ) ба мо хабар медиҳанд, ки он ҳам мухтаси ҷануби Эрон аст. Вале мо намедонем, ки дар тамоми Эронзамин ва ҳадди ақал, дар бораи ин ки дар замони Ҳахоманишиён (550-329) ва қабл аз он, бавижа, дар замони Каёниён (давлати Бохтар) ба чӣ забоне суҳбат мешудааст ва ё забони коргузорӣ ва хатту навишти онҳо чӣ забоне будааст. Аввалин осори хаттие, ки аз давраи бостон вуҷуд дорад, забони «Готҳо» ва забони Авесто мебошад, ки он мухтаси забонҳои шарқӣ ва шимолу шарқии Эрони бостон аст. Баъдан, забони форсии бостонро дорем, ки теъдоди маҳдуде аз он катиба барҷой мондааст (катибаҳои шоҳони ҳахоманиш) ва он мухтаси ҷанубу ғарбии Эрон аст. Аммо мушкил аст тавон гуфт, ки дар замони Зардушт дар шарқӣ эронзамин, ба вижа, дар шоҳигарии Бохтар бо чи забоне суҳбат мешудааст? Ба забони форсии бостон, ё ба забони «Готоҳо» (забони динии авестоӣ) ва ё ба забонҳои суғдӣ, тахорӣ, сакоӣ ва ё балхӣ?

Бо ин андешаҳо метавонем ба хулосае бирасем, ки, албатта, табиист, ки як забон метавонад беш аз ҳазорсолаҳо умр бубинад ва забони «Готҳо» низ аз ин чиз истисно нест. Яъне, забоне, ки «Готҳо» бар он офарида шудааст, метавонад аз ҳазору ҳашсад сол пеш аз милоди Масеҳ ва ё аз асри XVIII то милод, то инқирози давлати Ҳахоманишиён (аниқтараш то асри IV то милод) идома ёбад. Аммо савол ин аст, ки «Готҳо» дар кадом яке аз ин давраи таърихии мавҷудияти ин забон офарида шудааст? Ҳазору ҳаштсад сол пеш аз милоди Масеҳ; ё асри XVIII то милод; ё асри XIV то милод; ё XII то милод ва ё асри IX то милод?

Жолаи Омӯзгор ва Аҳмади Таваззулӣ ба ин савол чунин посух додаанд, ки замони таълифи «Готҳо», эҳтимолан, аз асри XII то X пеш аз милод оғоз мешавад ва то авохири аҳди ҳахоманишиён (асри IV то милод) поён мепазирад [11, с. 9].

Вале боз саволе ба миён меояд, ки оё ин забон (яъне, забоне, ки «Готҳо» бар он суруда шудааст) маҳз дар аҳди Зардушт барои китобати сурудаҳои динӣ овардаи ӯ ихтироъ карда шудааст (ё Зардушт худ муассиси ин забон аст)? ё қабл аз Зардушт ин забон дар шарқи Эронзамин роиҷ буд? Ва ё пас аз марги Зардушт ин хат ва забон барои ҳифзу нигаҳдории ин оини ростин (дини Беҳин) ихтироъ карда шудааст ва сурудаҳои «Готҳо», ки то ин вақт ба таври шифоҳӣ мавҷуд буданд ва сина ба сина ҳифз мешудан (яъне, мубадон онро ба таври шифоҳӣ аз бар буданд), пас аз даргузашти Зардушт бад-ин хат китобат гардидааст? саволест мубҳам.

Вале, агар ба принсипи динҳои тавҳидӣ назар кунем, чунин аст: мо ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар ин ки аз миёни қавми худ ва ҳеҷ китоберо нозил накардем, магар ба забони худи ҳамон қавм. Ва, агар мо Зардуштро паёмбари воқеӣ ва китоби ӯ («Готҳо»)-ро китоби осмонӣ ҳисоб кунем, пас аз рӯйи ин принсип, замони зиндагии Зардуштро аз рӯйи муқоисаи гуйиши «Готҳо» бо қадимтарин нусхаҳои аз забони санскритӣ, ки дар китоби «Ригведа» ёфт мешавад (ва баъзе муҳаққиқон (Ҷ.Оштиёӣ) бар онанд, ки, азбаски «Готҳо» ва «Ригведа» ҳамзамон тадвин гардидаанд, пас таърихи зуҳури Зардушт дар асрҳои XVIII ва XIV то милод сурат гирифтааст), муайян карда наметавонем. Зеро, ба ақидаи мо, забони «Готоҳо» қабл аз зуҳури Зардушт вуҷуд доштааст (забони маъмул будааст) ва «Готҳо» маҳз аз тарафи Зардушт дар фосилаи байни солҳои 660-583 то милод бо ҳамин забон офарида шудааст.

Мунтаҳо, мо аз замони Зардушт ягон сарчашмаи таърихӣ надорем. Авесто, ки то замони мо расидааст, китоби борҳои таҳрифшудаи замони Сосониён аст ва муҳол аст, ки аз он замони зиндагии Зардуштро дарёфт.

Мисоли аз ҳама сода. Забони Рӯдакӣ бо забони Айнӣ якест. Пас, оё Айнӣ муосири устод Рӯдакист?

Адабиёт

1.Авесто. – ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 784 с.

2. Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук / Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Иборат аз 16 ҷилд дар ҳашт китоб. – К.1. – Душанбе: 2014. – 756 с.

3. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон,1990. – 432 с.

4.Абу Райхан Беруни. Избранные произведения. – Т. V. – Ч.1. – кн.1-5. Конан Масъуда. – Ташкент: Фан, 1973.

5.Абдурраҳмон Ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун / Тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ.– Ҷ.1. – Душанбе,2019. – 688 с.

6.Бабаев, А.Д., Каримов Т.Д. Авеста – по следам древнейшей цивилизации таджиков. – Худжанд, 2001.

7.Бикерман, Э. Хронология древного мира. Ближний Восток и античность. – М.: Наука, 1975.

8. Кристенсен,А. Каёниён. – Теҳрон, 1381. – 150 с.

9.Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.– Душанбе, 2020. – 976 с.

10. Саймиддинов, Д. Адабиёти паҳлавӣ (Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ). – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2003. – 237 с.

11. Жолаи Омӯзгор, Аҳмади Тафаззулӣ. Устураи зиндагии Зардушт. – Теҳрон, 1380.; Жолаи Омӯзгор, Аҳмади Тафаззулӣ. Забони паҳлавӣ. Адабиёт ва дастури он. – Душанбе, 2011. – 140 с.

12.История таджикского народа. – Т.1. – Душанбе, 1998.

13.Муин, М. Маздаясно ва адаби порсӣ. – Теҳрон, 1338.

14.Мероси хаттии бостон. – Ҷ.1. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 460 с.

15.Мӯъминзода, Ҳ. Зардушт ва оини ӯ. (Бахши аввал). – Душанбе, 1993.

16.Мавлоно Абдулкаломи Озод. Куруши Кабир-Зулқарнайн / Тарҷумаи Бостони Поризӣ доткори илмҳои таърих, устоди собиқи Донишгоҳи Теҳрон. / Хатгардонӣ ва таҳияи Раҳмоналӣ Мирализода. – Душанбе: Адиб, 2019. – 240 с.

17. Мэри Бойс. Чакидаи таърихи кеши Зардушт. – Теҳрон, 1377.

18. Ғиёсуддин, М. Ғиёс-ул-луғот. – Ҷ.2. / Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров.– Душанбе: Адиб, 1998. – 417 с.

19 Маликушшуарро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. / Талхиси Саййидабутолиби Миробидинӣ; Баргардони Исрофилниён Ш.Р, Саркоров Н.– Душанбе, 2012. – 570 с.

20. Шаҳобиддинов, Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ (Тарҳрезии бунёдҳои фарҳанги навин). – Душанбе, 2015.

21.Пури Довуд. Ясно. – Ҷ.1. – Теҳрон, 1336.

22.Пьянков, И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон. – Душанбе, 1991. – 64 с.

23.Соколов С.Н. Авеста в русских переводах. – СПб., 1997.

24.Стаблин –Каменский, М.И. Авеста. – М., 1993.

25.Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 672 с.

26.Фрай, Р. Наследие Ирана. Серия культура народов Востока.– М: Наука, 1971., Фрай Р. Наследие Ирана. – М., 2002.

27.Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364 с.

ЗАМОНИ ЗИНДАГИИ ЗАРДУШТ ДАР МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ

Дар мақола зикр шудааст, ки Зардушти Спитамон андешаманди бузург ва паёмовари Эрони бостон ва нахустин бунёдгузори оини хирадварзӣ ва яктопарастӣ дар ҷаҳон аст. Ва ӯ аввалин касест, ки барои аввалин бор мардумони ҷаҳонро аз торикӣ ба рушаноӣ ва аз ҷаҳлу нодонӣ ба некандешӣ, некгуфторӣ, неккирдорӣ ва додгарӣ даъват намуда, баробарии миёни марду занро низ нахуст ӯ бунёд ниҳодааст. Зардушт андешаманди бузургест, ки дар оғози таърихи башар зуҳур карда, бо андешаи нек мардумони ҷаҳонро ба сӯйи озодӣ, ба сӯйи ростӣ, росткорию ростгароӣ ва ба сӯйи Худои доно, (яъне, ба дини Маздоясно – дини тавҳидӣ, ки мардумро аз ширк ва бутпарастӣ манъ мекард) даъват намудааст. Аммо то кунун дар илми таърих ва илми авестошиносӣ (забоншиносӣ) дар бораи шинохти

шахсияти Зардушт – ин андешаманди бузург, замони зиндагонии вай ва маҳалли таваллуди ӯ фикри ягона мавҷуд нест.

Мақола, ба ду нуктаи фавқуззикр башхида шудааст. Якум, перомуни шинохти шахсияти Зардушт; дуюм, дар бораи замони зиндагонии вай.

Муаллиф, бо такя бар сарчашмаҳои муътамади таърихӣ перомуни даврони зиндагии Зардушт – ин паёмбари ориёӣ ва андешаманди бузург, шахсияти воқеӣ, таърихӣ, фикру ақидаҳояшро илман иброз доштааст.

Калибвожаҳо: *Зардушт, Эронзамин, манобеи таърихӣ, «Готҳо», Авесто, ривоёти юнонӣ, осори паҳлавӣ, қуруни вусто, муҳаққиқони хориҷӣ, муаррихону муҳаққиқони тоҷику эронӣ.*

ПЕРИОД ЖИЗНИ ЗАРАТУСТРА В ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ

В статье отмечается, что Заратустра Спитамон — великий мыслитель и пророк древнего Ирана и первый в мире основатель просвещения и монотеизма. И он впервые призвал людей мира от тьмы к свету и от гнева и невежества к благожелательности, добрым словам, добрым делам и справедливости, и он первый установил равенство между мужчинами и женщинами. Заратустра — великий мыслитель, явившийся в начале человеческой истории и своими добрыми наставлениями поведший человечество к свободе, к истине, честности и прямоте и к мудрому Богу (то есть к религии Маздаясно — монотеистической религии, запрещавшая людям многобожие и идолопоклонство). Однако до сих пор в исторической науке и авестийской науке (лингвистике) нет единого мнения о личности Заратустры - этого великого мыслителя, времени его жизни и месте его рождения. Вот почему изучение этой темы имеет большое научное и духовное значение.Статья разделена на два важных пункта. Первое, про личность Заратустры; второе, о времени его жизни.

Автор, опираясь на достоверные исторические источники, научно изложил свои мысли и идеи из эпохи жизни Заратустры - этого арийского пророка и великого мыслителя, реальной, исторической личности.

Ключевые слова: *зороастризм, Иран, исторические источники, «готы», Авеста, греческие легенды, пехлевийские артефакты, век Авесты, зарубежные исследователи, таджикские и иранские историки и исследователи.*

ZARATHUSTRA'S LIFE PERIOD IN HISTORICAL SOURCES

The article says that Zarathustra Spitamon is a great thinker and prophet of ancient Iran and the world's first founder of enlightenment and monotheism. And he was the first to call the people of the world from darkness to light and from anger and ignorance to benevolence, kind words, good deeds and justice, and he was the first to establish equality between men and women. Zarathustra is a great thinker who appeared at the beginning of human history and with his good instructions led mankind to freedom, to truth, honesty and straight for wardness and to a wise God (that is, to the Mazdayasno religion - a monotheistic religion that forbade people polytheism and idolatry). However, there is still no consensus in historical science and Avestan science (linguistics) about the personality of Zarathustra - this great thinker, the time of his life and the place of his birth. That is why the study of this topic is of great scientific and spiritual importance. The article is divided into two important points. First, about the personality of Zarathustra; second, about the time of his life.

The author, relying on reliable historical sources, scientifically presented his thoughts and ideas from the era of the life of Zarathustra - this Aryan prophet and great thinker, a real, historical personality.

Keywords: *Zoroastrianism, Iran, historical sources, "goths", Avesta, Grecian legends, Pahlavi artifacts, Avesta age, foreign researchers, Tajik and Iranian historians and researchers.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Аслонов Ҳошимҷон Зиёмудинович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷи Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ. Нишонӣ:734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 918 34 66 40.*

Сведения об авторе: Аслонов Хошимджон Зиёмудинович *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и межкультурных отношений. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 918 34 66 40.*

Information about the author: Aslonov Hoshimjon Ziyomudinovich *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Ccandidate of historical sciences, associate professor of the department of history and intercultural relations. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street 17/6, tel.: (+992) 918 34 66 40*

ТДУ: 94(575.3)

ИНЪИКОСИ ЛАШКАРКАШИИ УЛУҒБЕК БА ХУРОСОН ДАР «МАТЛАЪ-УС-САЪДАЙН ВА МАҶМАЪ-УЛ-БАҲРАЙН»-и АБДУРАЗЗОҚИ САМАРҚАНДӢ

Муродзода Аҳмадхон

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

«Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ сарчашмаи арзишманди таърихиест, ки воқеаҳои таърихии нимаи аввали асри XIV ва асри XV Мовароуннаҳру Хуросонро инъикос менамояд. Асар аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввал тавсифи воқеоти таърихиро аз таваллуди Абусаиди Элхонӣ (1304-1305) то ба сари қудрат омадани набераи Темур Халил султон дар Самарқанд соли 807/1405, аз ҷумла, замони ҳукумронии ӯ тасвир ёфтааст. Қисми дувуми рисола воқеаҳои оғози ҳукмронии Шоҳрух то 14 рабеуаввали 875/10 сентябри соли 1470, яъне то солҳои аввали ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро, аз ҷумла, ғалабаи ӯ ба Ёдгор Муҳаммадро дар бар мегирад.

Барои инъикоси воқеаҳои солҳои 40-уми асри XV Хуросон ва маҳз ҳуҷуми Улуғбек ба ин сарзамин, таълифоти бунёдии Абдураззоқи Самарқандӣ «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн» аҳаммияти бузург дорад. Тавассути ин асар лашкаркашии Улуғбек ба Ҳирот, муноқишаи ӯ бо Алоуддавла барои ба даст овардани ҳокимият, зулму истибдоди Улуғбек бо мардуми Ҳирот, ихтилофи падару писар ва амсоли инҳо оварда шудаанд, ки тасвири ин рӯйдодҳо дар сарчашмаҳои дигар камтар дида мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки Абдураззоқи Самарқандӣ дар асари худ дар муқоиса ба дигар муаррихони дарбории аҳди Темурӣ лашкаркашии Улуғбекро ба Хуросон дар 6 фасл, аз ҷумла: «Зикри неҳзати мирзо Улуғбек Гуракон ба ҷониби Хуросон ва боз рафтан ба тарафи мамлакати Турон”, «Зикри муҳорибаи мирзо Улуғбеки Гуракон ва мирзо Алоуддавла дар Хуросон», «Зикри азимати мирзо Улуғбеки Курагон ба савби Машҳад ва соири билоди Хуросон», «Зикри маъовадати мирзо Улуғбек Курагон ба сабаби фитнаи амирзода Ёралӣ ва ғорат ёфтани беруни Ҳирот», «Зикри исёни мирзо Абдулатиф нисбат бо мирзо Улуғбеки Курагон ва асбоби он», «Зикри тулуи офтоб рояти султонӣ ва азми истиъло бар сарири салтанат ва ҷаҳонбонӣ» тавзеҳ додааст [2, с. 618-689].

Азбаски муаллиф шоҳиди бештари воқеаҳои таърихии асраш маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ, яъне солҳои 40-уми асри XV аст, бад-ин минвол низ ба он эътимоди бештар кардаанд. Инчунин, як идда муҳаққиқон, В.В.Бартолд [4, с. 25-178], .Б.А.Ахмедов [3, с. 5-66], О.Д.Чехович [15, с. 300-361], А.Ю.Якубовский [16, с. 380-383] ва дигарон дар таҳқиқоти худ зимни омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои даҳшатангези солҳои 40-уми асри XV-и Хуросон аз осори Абдураззоқи Самарқандӣ «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн» васеъ истифода намудаанд.

Бояд гуфт, ки ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Улуғбек диққати муҳаққиқони тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, доир ба баъзе паҳлӯҳои фаъолияти сиёсии Улуғбек пажӯҳишгар Ҳ. Камол [10, с. 457; 9, с. 17-20], фикру мулоҳизоти хешро баён намудааст. Аммо дар таърихнигории миллӣ бо сабабҳои номаълум то имрӯз паҳлуҳои гуногуни ин асари таърихӣ, бавижа, ҷаҳолатҳои даҳшатангези Улуғбек дар Хуросон, аз мадди назари муҳаққиқон дур мондааст.

Абдураззоқи Самарқандӣ рӯзи фавти Шоҳрухро чунин тасвир кардааст: “Ва ин воқеа субҳи якшанбе бисту панҷуми зулҳиҷҷа, мувофиқи аввали рӯзи фарвардин моҳи ҷалоли дар Рай 850/12 марти 1446-1447) вафот ёфт” [1, с. 597]. “Ҷасади Шоҳрухро аз Рай ба Ҳирот оварда, дар мадрасаи Гавҳаршодбегим, дар гунбази марқади Бойсунқар мирзо дафн намуданд.

Муаррих қайд мекунад, ки Шоҳрух барои ҷонишинии худ пеш аз фавташ васияте накард, аммо ӯ бисёр мехост, ки писараш Муҳаммад Ҷӯкӣ (1402-1444), ҳокими Балх, пас аз худ ҳокими сарзамини беканори Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон бошад. Аммо Муҳаммад Ҷӯкӣ се сол пеш аз падараш вафот кард, аз панҷ писари Шоҳрух танҳо Улуғбек зинда буд” [2, с. 618-619].

Гавҳаршод пас аз фавти Шоҳрух барои таскини Улуғбек ба Абдулатиф таклиф кард, ки роҳбарии неруҳои бесарпаноҳмондаи Шоҳрухро ба зимма гирад. Абдулатиф, пеш аз он ки ба ин иқдом даст занад, хабари фавти Шоҳрухро бо падари худ Улуғбек иттилоъ дод. Сипас, дар мансаби фармондеҳи кулл қарор гирифт.

Ҳамзамон, Гавҳаршод дар як вақт пинҳонӣ назди Алоуддавла қосид фиристод ва ӯро аз фавти Шоҳрух огаҳ кард. Гавҳаршод майли он дошт, ки пас аз фавти шавҳараш писари худ Алоуддавларо дар сари қудрати Хуросон бубинад. Вақте ки Улуғбек аз фавти падар иттилоъ ҳосил намуд, таъҷилан ба ҷониби Ҳирот раҳсипор шуд ва чун ягона фарзанди зиндаи Шоҳрух буд, худро вориси қонунии вай мепиндошт. Инчунин, Улуғбек ҳангоми дар соҳили рӯди Ҷайҳун будан, иттилоъ ёфт, ки Абубакр мирзо писари Муҳаммад Ҷӯкӣ, ки Хатлон, Арҳанг, Солисарой суюрғоли ӯ ба ҳисоб мерафт, лашкари зиёде ҷамъ оварда, Балх, Шибурғон, Қундуз, Бағлон то ҳудуди Бадахшонро ба зери тобеияти худ дароварда ва майли истиқлолхоҳӣ дорад. Улуғбек ӯро бо роҳи ҳилаву найранг ба худ ром сохта ва ваъдаи духтари худро ба занӣ додан шефта сохта, ӯро ба доми худ афтонд. Бояд гуфт, ки Абубакр то охири умр аз даъвии истиқлолхоҳӣ даст накашид ва Улуғбек аз ин ҳолат воқиф шуда, ӯро ба Самарқанд бурда ва дар Гуксаро зиндонӣ карданд ва сипас дар ҳамон зиндон куштанд [2, с. 618-619 ;7, с. 714].

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки пас аз фавти Шоҳрух барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни намояндагони хонадони Темурӣ: Гавҳаршод, Улуғбек, Абдулатиф ва Алоуддавла муноқиша оғоз гардид, ки ин то андозае сабаби заиф гардидани давлатдории онҳо дар оянда гардид.

Бояд тазаккур дод, ки Улуғбек пас аз фавти падараш як давраи кӯтоҳ ҷойгузини ӯ дар Хуросон гардид, аммо аз ҳифзи сарзаминҳои ӯ оҷиз монд. Аз ин вазъият истифода карда, писарони Бойсунқар, аз ҷумла, мирзо Алоуддавла дар Мозандарон, султон Муҳаммад дар Ироқ ва мирзо Бобур дар Ҳирот даъвогари тоҷу тахт шуданд. Улуғбекро мебоист барои ба сари қудрати Хуросон расидан, ин се танро аз сари роҳи худ дур созад.

Улуғбек аз Ҷайҳун убур намуда, вориди Балх гардид. Ва тасхири мамолики Эрон дар хаёлаш буд. Дар ин ҳолат воқеае рӯй дод, ки боиси ақибнишинии Улуғбек гардид. Абдулатиф дар 13 сафари соли 851/29 апрели соли 1447 ҳангоми дар Нишопур будан, дучори ҳамлаи ногаҳонии лашкариёни Алоуддавла шуд ва асир гардид. Ба фармони Алоуддавла, Абдулатиф дар қалъаи Ихтиёриддин зиндонӣ шуд. Улуғбек бо машварати мушовирини худ аз ҷангу ҷидол сарфи назар кард ва розӣ шуд, ки бо Алоуддавла роҳи музокираро интихоб намояд. Ва ҳамин тариқ, намояндаи худ мавлоно Низомуддин Мирак Маҳмудро ба ҷониби Алоуддавла роҳнамун сохт ва супоришҳои Улуғбекро, ки бештар сурати насиҳатомез дошт, ба ӯ ирсол намуд ва ҳамзамон, ёдовар шуд, ки Улуғбек ба ҳеҷ ваҷҳе қасди Алоуддавла ва мардуми Ҳирот надорад. Алоуддавла низ майли ҷанг кардан надошт, зеро ба ӯ хабар расида буд, ки Абулқосим Бобур дар ноҳияи Ҷом мудофини Ҳиротро маглуб кард ва Ҳиротро таҳдид мекунад. Алоуддавла пешниҳоди Улуғбекро қабул кард, паймони сулҳ баста шуд, бино бар он муоҳида, ҳудуди кишвари Алоуддавла минтақаи Чечекту таъйин гардид. Мирзо Алоуддавла рӯ ба Ҳирот оварда, Абдулатифро аз зиндон раҳо карда ва ҳар ду шоҳзода бо якдигар аҳду паймон бастанд, ки бо ҳам хилоф накунанд. Улуғбек бошад, вилояти Балхро ба расми суюрғол ба писараш Абдулатиф иноят фармуд ва худ аз Ҷайҳун убур намуда, вориди Самарқанд шуд [2, с. 662].

Алоуддавла тибқи шартномаи сулҳ мебоист он лашкариёни Абдулатифро, ки асир гардида буданд, раҳо месохт. Алоуддавла бошад, баръакс, онҳоро дар зиндон ба қатл расонда ва ба самти Балх лашкар кашида, харобиву валангории зиёд аз худ боқӣ гузошт. Пас аз ин ҳодиса Улуғбек азми ҷониби Хуросон кард ва бо лашкари зиёд Ҷайҳунро убур намуд.

Абдулатиф лашкарҳои Хатлон, Қундуз, Бағлон, Арҳанг, Солисарой, Бадахшон, Балх..., Андхуд, Шибурғон, Маймана, Форёб то навоҳии оби Мурғобро ҷамъ намуда, ба урдуи Улуғбек ҳамроҳ шуд [2, с. 645; 11, с. 137].

Алоуддавла аз омодагии Абдулатиф воқиф шуда, ба набард омода гардид ва ганҷҳои зиёде, ки Шоҳрух муддати панҷоҳ сол ҷамъ карда буд, ба лашкариёни худ тақсим намуд. Дар

саҳрои Тарноб, ки чаҳордаҳ фарсахи Ҳирот аст, задухӯрди шадид ба вуқуъ пайваст, ки бо шикасти Алоуддавла анҷом ёфт. Мавриди қайд аст, ки ин фатҳро Улуғбек на ба Абдулатиф, балки ба писари дигари худ Абдулазиз муносиб донист, ки ин боиси ранҷурии Абдулатиф шуд.

Алоуддавла пас аз шикаст рӯ ба гурез ниҳода, беист то Машҳад дар ягон манзил мақом ва дар ҳеҷ макон ором нанамуд, аз он ҷо ба қалъаи Имод рафта, дари хазинаи онро кушода ва амволи зиёде ба мардум дод. Аз он ҷо озими Астаробод гашт ва дар вилояти Хабушон бо Абулқосим Бобур бародари худ вохӯрд. Гавҳаршодоғо ва бародарони ӯ амир Муҳаммад Сӯфӣ тархон, Хоҷа Ғиёсуддин Пираҳмад ва амир Султон Абусаид доруға, ки дар Ҳирот буданд, чун хабари фирори мирзо Алоуддавларо шуниданд, равонаи Ироқ шуданд. Ҳангоми фирор султон Абусаид дар аснои роҳ гирифтор шуд ва дигарон ба саломат ба мамлакати Ироқ расиданд.

Бояд тазаккур дод, ки лашкариёни Самарқанд ҳангоми бозгашт аз мавзеи Тарноб ба Ҳирот дар мавзеи Чиҳилдухтарон манзили Шайхулислом Баҳоуддин Умар қудс сараҳро ғорати ом карданд. Ва ин ҳодиса бар Улуғбек ва аркони давлати ӯ муборак наёмад. Муаллиф шеъри Мавлонои Румиро хеле ба маврид тасвир кардааст:

То дили марди Худо н-омад ба дард,

Ҳеҷ қавмеро Худо расво накард.

Ҳамзамон, Абдураззоқи Самарқандӣ қайд мекунад, ки дар он замон, ки шайх аз ҷониби лашкариёни Улуғбек ғорати ом ёфта буд, дар ҳузури мардум мисли мавлоно Юсуф Аттор, мавлоно Ҳасан бинни Абдулқодир табиби Улуғбек фармуд, ки зуд бошад, ки Абдулатиф мирзо Улуғбекро ба қатл расонад [2, с. 651].

Сипас, Улуғбек бо писараш Абдулатиф озими Ҳирот шуд ва аз ҳисори Ихтиёриддин, ки хазинаи пурганҷе дар он ҷо маҳфуз буд, дидан намуданд.

Абдураззоқи Самарқандӣ меафзояд, ки: «ва аз мирзо Абдулатиф чанд ҳазор мисқол тилло ва дигар овони зару сим ва дувист туман нақд, ки дар замони азимати ҳазрати хоқон саид ба ҷониби Ироқ мирзо Абдулатиф дар он ҳисор махзун сохта буд, мирзо Улуғбек бо он ки аз футуҳоти Хуросон чизе ба фарзанд иноят нафармуд» [2, с. 653: 11, с. 141].

Ва чун хабари вохӯрии Алоуддавла бо бародараш Абулқосим Бобур ба Улуғбек расид, лашкари зиёде ҷамъ оварда, ба самти Машҳад раҳсипор шуд. Дар Родикон ӯро элчиёни Абулқосим Бобур бо ҳадяю туҳфаҳои зиёд пешвоз гирифтанд, ки Улуғбекро соҳибихтиёри худ эътироф намуда, номи ӯро дар хутба дохил намуд ва ба номи ӯ танга сикка зананд. Баъди рафтани элчиён, Улуғбек бо таъҷил аз қафои онҳо раҳсипор гардида, то Исфароин расид ва дар он ҷо бист рӯз таваққуф кард, аз ҳамин ҷо Абдулатиф ва Абдуллои Шерозиро бо лашкари зиёд ба ҷониби Бастом ва Астраобод фиристод. Ва Улуғбек то Пули Абрешим рафта, аз он ҷо баргашт. Абдулатиф аз чунин ҳолати падар огоҳ шуд, бозпас гашт. Бояд гуфт, ки падару писар аз якдигар бо шубҳа менигаристанд, зеро ҳар ду дар талоши мулки Хуросон буданд. Дар чунин вазъ ба Улуғбек хабар расид, ки Ёралии туркман ва султон Абусаид доруға, ки дар қалъаи Нарту маҳбус буданд, раҳо ёфтанд. Ва Ёралӣ лашкар ҷамъ оварда, азимати тасхири Ҳирот намуда ва чун ба навоҳии Карух расида, амир Ҷалолиддин Боязид, ки ҳокими Ҳирот буд, ҳукм кард, ки ҳар касе улоғе дошта бошад, бо Ёралӣ берун равад. Ёралӣ ҳабдаҳ шабонарӯз шаҳри Ҳиротро дар муҳосира мегирад. Ва дар ин асно Улуғбек аз ҷониби Машҳад бо лашкари гарон рӯ ба Ҳирот оварда, Ёралӣ ба ҷониби қалъаи Нарту рӯ ба гурез ниҳод ва лашкариёнаш ба ҳар тараф пароканда шуданд. Улуғбек вориди шаҳри Ҳирот шуд ва амир Ҷалолиддин Боязид гуфт мардуми беруни шаҳр бо Ёралӣ ҳамроҳ шуданд, вагарна ӯро ҷасорате набуд, ки даст ба чунин иқдом занад. Сипас, Улуғбек дар ғазаб шуда, ба лашкариёнаш фармон дод, ки даст ба ғорати Ҳирот зананд.

Улуғбек бо лашкаркашии худ Хуросонро харобу валангор кард ва то дер боз осораш боқӣ монд. Бояд гуфт, ки Абдураззоқи Самарқандӣ аз аввалин муаррихонест, ки бераҳмиҳои Улуғбек ва лашкариёни ӯро ҳангоми забти Ҳирот пурра тасвир кардааст: «Мирзо Улуғбек фармони ғорати шаҳри Ҳиротро медиҳад…гурӯҳи анбӯҳ…хунҳои мусулмонон ба ноҳақ рехта, ба қатл оварданд ва се шабонарӯз ғорати ом карданд…Қандилҳои масоҷид

мешикастанд ва имомон овехтанд ва обрӯйи азизон бар хоки хорӣ мерехтанд ва мадориси работ ба ҷойи дуо дуруду суруд мегуфтанд [2, с. 660-661; 11, с. 143; 10, с. 457]. Дар ҷойи дигар вай чунин овардааст: «…баъд аз се рӯз акобири шаҳр шафоат карданд ва мирзо Улуғбек ҳукм фармуд, ки лашкар даст аз ғорат боздоштанд ва мусулмононро дар хонаҳои холӣ гузоштанд. Ва дар он айём сармои қавӣ буд ва иди сиём қариб» [2, с. 661; 11, с. 143; 12, с. 753; 14, с. 29].

Муаррих Абдураззоқи Самарқандӣ дар ҷойи дигар чунин менависад: “Шахсе, ки тамоми ҷомаҳои ӯ ба тороҷ бурда буданд ва ба тойи нон муҳтоҷ сохта, рӯзи ид урён ба сони бед меларзид ва пеши аспи мирзо Улуғбек медавид ва ба зории зор менолид ва мегуфт: Подшоҳи одил! Хуш иде додӣ дарвешонро. Умр ва давлати ту афзун бод!” [2, с. 662; 14, с. 29].

Тибқи иттилои сарчашмаҳо, ваҳшониятҳои Улуғбек дар Ҳирот на камтар аз ваҳшониятҳои содиркардаи бобояш Темур дар вайрону валангор кардани масоҷид ва носипосӣ нисбати аҳли уламо буд.

Мавриди қайд аст, ки муаррихони дарбории Темуриён Мирхонд, Исфизорӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Хондамир дар асарҳои худ аз баёни ғоратгариҳо ва ваҳшониятҳои зоҳиркардаи Улуғбек дар Ҳирот, инчунин дар вайрону валангор сохтани масҷидҳо ва носипосӣ нисбат ба уламои дин худдорӣ намудаанд, бар замми ин, Улуғбек аз ҳад зиёд таърифу тавсиф шудааст, ки, албатта, сабаби он наздикӣ доштани онҳо ба аҳли дарбор буд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар рисолаи худ ҳуҷуми Улуғбекро ба Хуросон ва вайрону валангор кардани он чунин баён намудааст: «Улуғбек аз Мовароуннаҳр ба Хуросон лашкар кашид…ва тамоми Хуросонро мусаххар сохт. Ва навад ҳазор лашкаре дошт ва дар он ҳуҷуму издиҳом Хуросон харобу беоб шуд. Ва осори он харобӣ алявм зоҳир аст» [7, с. 649].

Бояд тазаккур дод, ки ягона муаррихе, ки теъдоди лашкариёни Улуғбекро ҳангоми ҳуҷум кардан ба Хуросон батафсил тасвир кардааст, Давлатшоҳи Самарқандӣ буд.

Дар охири моҳи ноябри 1448, вақте ки Улуғбек бо лашкариёнаш саргарми куштору ғорати мардуми бегуноҳи Ҳирот буд, лашкари узбак низ ба навоҳии Самарқанд омада, гирду атрофи шаҳрро ғоратида боғҳову манзилҳои Улуғбек ва чинихонаи ӯро низ вайрону валангор сохтанд. Улуғбек масъалаи Хуросонро ҳал накарда наъши Шоҳрух ва аз ҷумла, чанд завҷа, дарвозаи фулодие, ки Шоҳрух аз Табрез оварда буд ва бар мадрасаи Гавҳаршодоғо мансуб буд ва амволи зиёд ва хазоини фаровон гирифта, ба қасди Самарқанд тарки Ҳирот кард.

Бояд гуфт, ки Абдулатиф то ин дам дар Машҳад мақом дошт. Чун овозаи омадани мирзо Абулқосим Бобур ба Машҳад расид, шоҳзода мутаваҷҷеҳи Ҳирот гардид. Мирзо Улуғбек салтанати Ҳиротро ба мирзо Абдулатиф иноят фармуд ва ба суръати тамом азимат ҷониби Мовароуннаҳр намуд.

Вақте ки лашкариёни Улуғбек аз рӯдхонаи Ҷайҳун мегузаштанд, мавриди ҳамлаи ӯзбакон қарор гирифтанд, иддае асир гардиданд ва амволи зиёде ба ғорату тороҷ рафт ва лашкар бо машаққати зиёд вориди Бухоро гардид. Улуғбек бошад, фасли зимистонро дар Бухоро паси сар кард ва аз ҳамон ҷо ҷасади Шоҳрухро ба Самарқанд фиристод, то дар мақбараи Темур дафн шуд [2, с. 664; 14, с. 29; 5, с. 452-453].

Абулқосим Бобур дар ҳоле ки ба сӯйи Сарахс пешравӣ мекард, як қисме аз лашкариёни худро низ барои аз байн бурдани Абдулатиф ба Ҳирот фиристод. Абдулатиф баъд аз фирори Улуғбек, понздаҳ рӯз дар Ҳирот ҳукумронӣ кард. Чун овозаи омадани лашкари Абулқосим Бобур ва амирзода Ёралии туркмон аз ҷониби қалъаи Найрату бишнид, дигар маҷоли таваккуф намонд ва шабе аз Ҳирот берун рафт ва аз гузаргоҳи Андхӯд гузашта, ба Мовароуннаҳр расид ва қосид ҷониби Самарқанд фиристод. Улуғбек нишон фиристод, ки вилояти Балх суюрғоли ӯст ва он ҷо рафта, ба забти он талош намояд. Вақте ки Абдулатиф ба Балх омад, бар зидди падар исён бардошт. Ва қонуни молиёти тамғо «домғо»-ро, ки Улуғбек, махсусан, дар ноҳияи Балх, ки дар роҳи Мовароуннаҳр ва тиҷорати Ҳиндустон воқеъ шуда буд, бекор кард [2, с. 670; 16, с. 381].

Бояд гуфт, ки Улуғбек ҳангоми лашкаркашӣ ба Хуросон аз чанд ҷиҳат муносибати худро бо писараш Абдулатиф сард сохт. Якум, хазинаи ӯ, ки дар қалъаи Ихтиёриддин маҳфуз буд, ӯро аз он бенасиб гардонд. Дуюм, дар Ҳирот, ки солҳо ба азимат гузаронида буд, дар ҳолати фалокатбор нигоҳ медошт ва сеюм, ӯро дар сарҳади Бастом, Машҳад ва Ҳирот дар ҳолати ногувор гузошт. Чаҳорум, мавқеи бародари ӯ - мирзо Абдулазизро аз ҳар ҷиҳат аз Абдулатиф болотар гузошт.

Бояд ёдовар шуд, ки дар асари воқеаи соли 851/1447 обрӯ ва нуфузи Улуғбек дар байни лашкариёнаш, комилан, аз байн рафта буд. Бо ҳамин мақсад Улуғбек ба хулосае омад, ки дар баҳори соли 853/1449 Хуросонро ба ҳар тартибе бошад, ишғол намояд, лекин барои ӯ лозим буд, қабл аз иқдом бо ин кор бо фарзанди худ вориди ҷанг шавад.

Чун хабари бекор кардани андози "тамғо" аз ҷониби Абдулатиф ба Улуғбек расид, Абдулазизро дар Самарқанд қоиммақоми худ гузошта, бо лашкари зиёд ба канори Ҷайҳун шитофт ва мирзо Абдулатиф садди роҳи ворид шудани Улуғбек ба Хуросон шуд.

Лашкариёни Улуғбек ва Абдулатиф дар як вақт дар ду тарафи дарёи Ҷайҳун саф кашиданд ва тибқи ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ, онҳо се моҳ [7, с. 650] дар он вазъ монданд ва натавонистанд аз он убур кунанд. Талоши тарафайн барои гузаштан аз дарё бенатиҷа буд ва гоҳе Абдулатиф муваффақ мешуд. Дар яке аз амалиётҳои ҷангӣ Абдуллоҳ бини Иброҳим асир гардид. Улуғбек ғайр аз муқобилият бо неруҳои Абдулатиф маҷбур буд, вазъи ногувори дохилии лашкарро низ фурӯ нишонад. Ҳамзамон, аз Самарқанд пайваста ахборе бо Улуғбек мерасид, ки дар урдуи Абдулазиз низ вазъ чандон хуб нест. Ин ахбори такондиҳанда то андозае руҳияи лашкариёнро рӯҳафтода карда буд, ки тасмим гирифтанд, Улуғбекро даст баста, ба Абдулатиф таслим намоянд. Улуғбек маҷбур гардид, ки рӯ ба Самарқанд биёрад.

Абдулатиф аз вазъи ногувори дохили Самарқанд истифода бурда, аз дарёи Ҷайҳун гузашта, ба Шаҳрисабз омад ва чанд рӯз тарҳи иқомат андохт ва лашкарҳои он навоҳӣ ҷамъ сохт ва рӯ ба Самарқанд ниҳод. Байни падару писар дар наздикии Димишқ аз ҳаволии Самарқанд дар шаъбони 853/1449 [2, с. 683-684] ҷанги хунине даргирифт.

Лашкариёни Улуғбек пас аз задухӯрдҳои шадид дучори шикаст шуданд. Абдулатиф пас аз шикасти Улуғбек ба доруссалтанаи Самарқанд омада, соҳиби тоҷу тахти падар гардид. Улуғбек интизор дошт, ки дар қалъаи Самарқанд битавонад коре анҷом диҳад, лекин ба дастури Мироншоҳи қувчин дарвозаи шаҳрро ба рӯйи ӯ бастанд ва вориди шаҳр шудан намонданд. Улуғбек ночор бо Абдулазиз ва чанд навкари дигар ба ҷониби Шоҳрухия равона шуд. Доруғаи он ҷо Иброҳим валади Пӯлод хост, ки ӯро дастгир карда, ба Самарқанд, назди Абдулатиф фиристад. Улуғбек чун аз нияти он мард иттилоъ ёфт, аз қалъа берун шуд, барои таслим шудан роҳи Самарқандро пеш гирифт. Абдулатиф мувофиқат кард, ки падараш ба зиёрати Маккаи муаззама мушарраф шавад ва барои анҷоми ин кор низ яке аз ҳоҷиёнро бо номи ҳоҷӣ Амир ҳамроҳ таъйин кард. Мутаассифона, Абдураззоқи Самарқандӣ дар бораи ба ҳаҷ фиристодани Улуғбек аз ҷониби Абдулатиф ва кушта шудани ӯ аз ҷониби Аббос ном шахс маълумоте надодааст.

Улуғбек тавассути Аббос ном, ки фармони қатли вайро Абдулатиф содир карда буд, дар беруни шаҳри Самарқанд дар соҳили канали Суҷ ба таърихи ҳаштуми моҳи рамазон 853/27 октябри соли 1449 ба зарби шамшер ба қатл расид. Абдулатиф баъд аз куштани падари худ се рӯз қабл аз қатли падар, бародари худ Абдулазизро низ ба қатл расонид.

Ӯ, ҳатто, ба иддае аз амирон, ба мисли амир Маҳмудёнтуқ, султон Ҷунайд, султон Юсуф, амир Исмоил Сӯфӣ Тархонро, ки дар вақти мухолифати падару писар, ҷониби падарро гирифта буданд, бадгумон шуд ва ҳамаи онҳоро дар маҷлиси хос талабида, ба қатл овард [2, с. 685; 12, с. 762]. Абдулатиф дере нагузашта, бисту шашуми рабеулаввал 854/9 майи 1450 дар асари сӯйқасди мухолифин ба қатл расид [2, с. 696].

Бино ба иттилоӣ Абдураззоқи Самарқандӣ, Абдулатиф ҳангоми бозгашт, аз Боғи Чанор ба ҷониби Самарқанд мавриди ҳамла қарор гирифт. Атрофиёни ӯ бо мушоҳидаи ин ҳол пароканда шуданд ва он гурӯҳ худро ба ӯ расонида, сарашро аз тан ҷудо карда, аз пеши

тоқи мадрасаи Улуғбек овехтанд. Қотили аслии ӯро Бобо Ҳусайн муаррифӣ кардаанд [2, с. 696-697; 12, с. 772; 14, с. 382].

Бояд тазаккур дод, ки Улуғбек сарлашкари ноком буд [3, с. 36]. Воқеан, Улуғбек аз ухдаи идораи давлатдорӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон баромада натавонист. Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳукмронии Улуғбекро дар Хуросон ҳашт моҳ нишон додааст [7, с. 665], ки ин воқеият надорад. Тибқи иттилои сарчашмаҳо Улуғбек дар Хуросон ду солу ҳашт моҳ дар сари қудрат буд [6, с. 252; 10, с. 457]. Ҳамин тавр, ҳукумронии кутоҳмуддати Улуғбек дар Хуросон, ки саршор аз иштибоҳ ва сиёсати нодурусти сиёсӣ буд, ба зудӣ завол ёфт.

Мавриди қайд аст, ки муаррихони ӯзбек - Б.А.Ахмедов, О.Д.Чехович ва А.Ю.Якубовский доир ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Улуғбек тадқиқоте ба анҷом расонидаанд, ки дар кори худ доир ба ин давраи таърихӣ бештар ба «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ такя кардаанд, аммо онҳо маҳз аз баёни ғорату ваҳшониятҳои Улуғбек ва лашкариёни ӯ дар Ҳирот худдорӣ кардаанд. Бешубҳа, метавон гуфт, ки ин муаррихон ба хотири бадном насохтани «ин чеҳраи маъруф» дар саҳифаи таърих барои насли оянда ба ин иқдоми ноком даст задаанд.

Мутаассифона, муаррихи тоҷик Н.Турсунов низ дар мавзуи “Халқи тоҷик дар давлати Темур ва Темуриён” [13, с. 486-552] тадқиқоте анҷом додааст, ки он аз баёни ғорату ваҳшониятҳои Улуғбек дар Ҳирот сарфи назар кардааст.

Ҳамин тавр, дар баробари дигар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV асари «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ низ аз манобеи муҳимми таърихӣ буда, бавижа, дар равшан сохтани таърихи салтанати Темуру Темуриён, хусусан, аз ғорату ваҳшониятҳои Улуғбек дар Хуросон ҳамчун сарчашмаи хаттӣ маҳсуб ёфта, аз маъхазҳои нодир ба шумор меравад.

Адабиёт:

1. Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу баҳрайн. - Т.II. - Қисми 1.Теҳрон, 1383. – 597 с.
2. Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу баҳрайн.-Т.II.-Қисми 2. Ба эҳтимоми Абулҳусайни Навоӣ.-Теҳрон, 1383. - С.618-689.
3. Ахмедов, Б.А. Улугбек и политическая жизнь Мавераннахра первой половине XV в.// Из истории эпохи Улугбека.-Ташкент, 1965. - С.5-66.
4. Бартольд, В.В. Улугбек и его время // Соч.II.Ч.-2.-М.: Наука, 1964. - С.25-178.
5. Бартолд, В.В. О погребении Тимура // Соч.-Т.II.-Ч.2.-М.: Наука, 1964. -С.452-453.
6. Вамбери, Г. История Бухары или Трансаксонии с древнейших времен до настоящего / пер.А.И.Пословского.Т.1. - СПб., 1873. - 252 с.
7. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Муқаддима, тасҳеҳ ва тавзеҳи дуктур Фотима Алоқа. - Теҳрон, 1385.- 714 с.
8. История народов Узбекистана, т.I, Ташкент, Изд-во АН УзССР, 1950. -382 с.
9. Камол, Х. Некоторые взгляды о Мухаммаде Тарагайе, известного по имени Улугбека // Паёми ДМТ.- 2014.- №3/81 (150). – С.17-20.
10. Камол, Х. Таджикский народ во второй половини XIV-XV вв / Х.Камол // История таджикского народа. Том III. (Период развития феодального общества). - Душанбе: Дониш, 2013. – 457 с.
11. Муинуддин Муҳаммад Замчии Исфизорӣ. Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот. - Теҳрон, 1338 ҳ.ш.. - Ҷ.2. - С.137.
12. Мирхонд. Равзату-с-сафо. Ҷ. 6. Таҳзиб ва талхиси Аббоси Зарёб. - Теҳрон, 1339.- 753 с.
13. Турсунов ,Н.О. Таърихи тоҷикон. - Хуҷанд, 2001. - С.486-522.
14. Хондамир. Таърихи ҳабибу-с-сияр фӣ ахбори афроди башар. Ҷ.4. - Теҳрон, 1353. - С.29.
15. Чехович, О.Д. Из источников по истории Самарканда XV в. / В кн: Из истории эпохи Улугбека. – Ташкент, 1965. - С. 300-361.
16. Якубовский, А.Ю. Начало новых феодальных смут в тимуридском государстве. Конец жизни и смерть Улугбека / История народов Узбекистана. - Т.I. С древнейших времен до начала XVI в.-Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1950. - С.380-383.

ИНЪИКОСИ ЛАШКАРКАШИИ УЛУҒБЕК БА ХУРОСОН ДАР «МАТЛАЪ-УС-САЪДАЙН ВА МАҶМАЪ-УЛ-БАҲРАЙН»-И АБДУРАЗЗОҚИ САМАРҚАНДӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба сатҳи инъикоси вазъи сиёсии Хуросони солҳои 40-уми асри XV аҳди Улуғбек дар «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ сухан меравад. Муаллиф менависад, ки дар баробари дигар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ низ аз манобеи муҳимми таърихӣ, бавижа, дар равшан сохтани таърихи ҳукмронии Улуғбек дар Хуросон ҳамчун мадраки хаттӣ маҳсуб ёфтан, аз маъхазҳои нодир ба шумор меравад. Муаллиф таҳлили муқоисавии ахбори Абдураззоқи Самарқандиро бо маълумоти дигар муаллифони асримиёнагӣ низ анҷом додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи баррасишаванда маҳз пас аз фавти Шоҳрух барои ба сари қудрат омадан, байни намояндагони хонадони Темуриён Улуғбек, Алоуддавла, Абдулатиф, Абулқосим Бобур ҷангу ҷидолҳо шуруъ гардид.

Ба андешаи муаллиф, зимомдории Улуғбек, гарчаде ки як давраи хеле кӯтоҳи таърихиро фаро гирифта бошад ҳам, зиёни лашкаркашиҳои ӯ барои ба даст овардани ҳокимият ба амсоли дигар намояндагони хонадони Темуриён ба мардуми бумии Хуросон камтар набуд.

Калидвожа: *Абдураззоқи Самарқандӣ, Шоҳрух, Гавҳаршодоғо, Улуғбек, Алоуддавла, Абдулатиф, Абулқосим Бобур, Ҳирот, Балх, маъхаз, вазъи сиёсии Хуросон.*

ОТРАЖЕНИЕ ПОХОДА УЛУГБЕКА НА ХОРАСАН В «МАТЛА'-С-СА'ДАЙН ВА МАДЖМА'-АЛ-БАХРАЙН" АБДУРАРАЗЗАКА САМАРКАНДИ

В данной статье рассматривается вопросы отражения политической ситуации Хорасана во 40-х годах XV века при Улугбеке в «Матла'-с-садайн ва маджма'-ал-бахрайн» Абдурраззака Самарканди. Автор пишет, что, наряду с другими письменными источниками XIV-XV вв., «Матла'-с-садайн ва маджма'-ал-бахрайн» Абдурраззака Самарканди считается важным историческим источником, особенно в разъяснении истории правления в Хорасане Улугбека. Автор также провел сравнительный анализ сведений Абдурраззака Самарканди со сведениями других средневековых авторов. Автор отмечает, что в рассматриваемый период, после смерти Шахруха, начинается борьба за власть между представителями темурских родов – Улугбека, Алуддавла, Абдулатифа, Абулькасима Бабура.

Автор указывает, что, хотя правление Улугбека охватывало очень короткий исторический период, вред нанесенные в результате его походов за властью был не меньше, чем у других представителей Темуридов для коренного населения Хорасана.

Ключевые слова: *Абдураззак Самарканди, Шахрух, Гавхаршодога, Улугбек, Алуддавла, Абдулатиф, Абулькасим Бабур, Хирот, Балх, источник, политическая ситуация Хорасана.*

REFLECTION OF ULUGBEK'S CAMPAIGN TO KHORASAN IN "MATLA'-S-SA'DAYN VA MAJMA'-AL-BAHRAIN" by ABDURARAZZAK SAMARKANDI

This article discusses the reflection of the political situation of Khorasan in the 40s of the XV century under Ulugbek in "Matla'-s-sadayn va majma'-al-bahrain" by Abdurrazak Samarkandi. The author writes that, along with other written sources of the 14th-15th centuries, "Matla'-s-sadain va majma'-al-bahrain" by Abdurrazzak Samarkandi is also considered an important historical source, especially in explaining the history of Ulugbek's reign in Khorasan. The author also carried out a comparative analysis of the information of Abdurrazak Samarkandi with the information of other medieval authors. The author notes that in the period under review, after the death of Shahrukh, the struggle for vlatsi begins between representatives of the Temur clans - Ulugbek, Aluddavl, Abdulatif, Abulkasim Babur.

The author points out that although the reign of Ulugbek covered a very short historical period, the damage caused as a result of his campaigns for power was no less than that of other representatives of the Temurids for the indigenous population of Khorasan.

Keywords: *Abdurazzak Samarkandi, Shahrukh, Gavharshodoga, Ulugbek, Aluddavla, Abdulatif, Abulkasim Babur Hirot, Balkh, source, political situation in Khorasan.*

Маълумот оид ба муаллиф*: *Муродзода Аҳмадхон – *Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. Нишонӣ: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, тел.: (+992) 918818186*

Сведения об авторе*: *Муродзода Ахмадхон *– Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа.. Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121, тел.: (+992) 918818186*

Information about the author: Murodzoda Ahmadkhon - *Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Tajik people. Address: 734003, Dushanbe, 121 Rudaki Avenue. Phone.: (+992) 918818186*

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Гулназарзода Ж.Б., Юсупова Б.Ғ. Муқоисаи афкори забоншиносии русу тоҷик дар бахши наҳви забоншиносӣ.....5

Турсунов Ф.М., Иматова М. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои фразеологии дискурси сиёсӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ.....13

Косимов О.Х., Калонова М.Дж. Сложносочиненные имена существительные в поэзии Хафиза Шерази.....20

Абдуллоева М.М. Многозначность в заголовках таджикской и английской прессы.....27

Азимова С.Н. Тобишҳои маъноии вожаҳои соматикӣ дар “Анвори суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ.....34

Асоева Д.Х. Мубрамияти тарҷумаи ихтисораҳои сиёсӣ ба забони тоҷикӣ.....45

Баротов А.Т., Нагзибекова М.Б. Классификация реалий в таджикском языке.....50

Ғиёсова С. Ғ. Роҷеъ ба вазифаҳои наҳвии масдар дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....56

Ғуломалиева Р.Қ. Таҳлили этнолингвистии вожагони ороишоти занона (дар асоси маводи фарҳангҳо).....63

Гулямов Н.Х. Теоретико-методологические и лингвистические особенности сопоставительного изучения именования птиц в таджикском и английском языках.....69

Давлатов М. Корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ: умумият ва фарқият.....75

Кенджазода М.С. Об особенностях употребления простого вопросительного предложения в публицистическом стиле.....82

Наврасов А. Б. Калимасозӣ дар забони ҳозираи англис.....92

Насруллоев М.Н. Мутазодҳо ва вижагиҳои онҳо дар осори Убайди Зоконӣ.....99

Сохибова А.Н. Структура и классификация терминологии туризма в таджикском, русском и английском языках.....114

Турсунов Ф.М., Сабирова Ф.С. Средства передачи русских глаголов совершенного и несовершенного вида с приставкой от- в таджикском языке (на материале романа М. Горького «Мать»).....121

Тағоева Т.М. Метафорашавии зооморфизмҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....127

Шамсов Б. С. Аз таърихи ташаккулёбии истилоҳоти компютерӣ дар забони тоҷикӣ.....136

АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Сӯфизода Ш.З., Шарипов Ш.Р. Корбурди авзони шеърӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ.....141

Бобоалиева З. П. Заминаҳои ташаккули тарҷумаи бадеӣ дар Тоҷикистон.....151

Раджабова К.Х. Художественный перевод – сердцевинное звено взаимодействий литератур.....158

Қобилов Ф.Н., Турсунов Ғ.А. Симои зан-модар дар эҷодиёти шоирони классики тоҷику форс.....163

Раҳимӣ М.Р. Тасвири симои зан дар ашъори Фарзона.....171

Убайдзода А. Нақши Садриддин Айнӣ дар романи «Худоё, худро бишносам»-и Расул Ҳодизода.....180

ПЕДАГОГИКА

Каюмов А.Дж. Формирование познавательных интересов у студентов в педагогическом процессе.....185

Базарова Л.А. Основные требования к обучению произносительным навыкам студентов национальных групп на начальном этапе.....192

Гиёев А.Х. Формирование духовно-нравственного воспитания студентов высших профессиональных учебных заведений на занятиях по русскому языку.....198

Жанг Й.Й. Принципы преподавания грамматики иностранным учащимся.....208

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

Аслонов Ҳ.З. Замони зиндагии Зардушт дар манобеи таърихӣ.....214

Муродзода А. Инъикоси лашкаркашии Улуғбек ба Хуросон дар «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ.....230

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи забонҳо» пешниҳод мегарданд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Саидов С.А.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник университета языков»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times Nев Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Саидов С.А.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [6, с. 42]. То есть, литература №6 и страница 42;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

–авторы несут ответственность за содержание статей.

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)

Маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих» соли 2011 таъсис ёфтааст. Дар як сол 4 маротиба нашр мегардад. Шакли чопии маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зеринро барои чоп қабул менамояд:

Илмҳои филологӣ (10.00.00), педагогӣ (13.00.00) ва таърих (07.00.00).

Шакли пурраи электронии маҷалла дар сомонаи маҷалла (www.payom.ddzt.tj) дастрас аст.

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)

2023. № 1 (49)

Шумораро ҳайати зерин омода намуд:
Котиби масъул: Миракзода Ф.Ю.
Муҳаррири масъул: Шосаидзода С.Ҳ.
Мусаҳҳеҳи забони тоҷикӣ: Шарипов Ш.Р.
Мусаҳҳеҳи забони русӣ: Ҳоҷатов Б.Д.
Мусаҳҳеҳи забони англисӣ: Азизмуродов М.Р.

Паёми Донишгоҳи забонҳо
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих):
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Дар матбааи ҶДММ “Нушбод” ба табъ мерасад.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 148/1.
Ба чоп супорида шуд: 18.05.2023. Ба чоп имзо шуд: 25.05.2023.
Формати 60х841/8. Қоғази офсетӣ. Нашрӣ офсетӣ.
Теъдод 100 нусха.

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

Научный журнал «Вестник университета языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук» основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: филологические науки (10.00.00), педагогические науки (13.00.00) и исторические науки (07.00.00).

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте журнала (www.payom.ddzt.tj).

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

2023. № 1 (49)

Над номером работали:
Ответственный секретарь: Миракзода Ф.Ю.
Ответственный редактор: Шосаидзода С.Х.
Корректор таджикского языка: Шарипов Ш.Р.
Корректор русского языка: Ходжатов Б.Д.
Корректор английского языка: Азизмуродов М.Р.

Вестник университета языков
(серия филологических, педагогических и исторических наук):
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Отпечатано в типографии ООО “Нушбод”.
734003, г. Душанбе, ул. Н.Карабоева, 148/3.
Сдано в печать: 18.05.2023. Подписано к печати 25.05.2023.
Формат 60х841/8. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз.